ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ
САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

МЕЖДУНАРОДНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ТУРИЗМА И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА
ТАДЖИКИСТАНА

INTERNATIONAL UNIVERSITY OF TOURISM
AND ENTREPRENEURSHIP OF TAJIKISTAN

# МАСОИЛИ МУБРАМИ ДАВЛАТ, ҶОМЕА ВА ҲУҚУҚИ МУОСИР (МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ)

# АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ СОВРЕМЕННОГО ГОСУДАРСТВА, ОБЩЕСТВА И ПРАВА (НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ)

# CURRENT PROBLEMS OF THE MODERN STATE, SOCIETY AND LAW (SCIENTIFIC JOURNAL)

2024. №1(1)

**Хирад раҳнамову хирад дилкушой,**
**Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой…**
**Аз ӯ шодмонӣ в-аз ӯ хуррамист,**
**Аз ӯ ҳам фузунию ҳам з-ӯ камист…**
**Нахустофариниш хирадро шинос,**
**Нигаҳбони ҷон асту они сипос…**
**Ҳамеша хирадро ту дастур дор**
**Бад-ӯ ҷонат аз носазо дур дор.**

**А. Фирдавсӣ**

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

МЕЖДУНАРОДНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ТУРИЗМА И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ТАДЖИКИСТАНА

INTERNATIONAL UNIVERSITY OF TOURISM AND ENTREPRENEURSHIP OF TAJIKISTAN

# МАСОИЛИ МУБРАМИ ДАВЛАТ, ҶОМЕА ВА ҲУҚУҚИ МУОСИР (МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ)

# АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ СОВРЕМЕННОГО ГОСУДАРСТВА, ОБЩЕСТВА И ПРАВА (НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ)

# CURRENT PROBLEMS OF THE MODERN STATE, SOCIETY AND LAW (SCIENTIFIC JOURNAL)

2024. №1(1)

ДУШАНБЕ, 2024

**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ “МАСОИЛИ МУБРАМИ ДАВЛАТ, ҶОМЕА ВА ҲУҚУҚИ МУОСИР”**

**Муассиси маҷалла: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

**Маҷалла соли 2023 таъсис дода шудааст**

**Масъулият оид ба мухтаво ва саҳеҳияти иттилооти дар мақолаҳо истифодашударо дар маҷаллаи мазкур ба муаллиф вогузор карда мешавад.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.
Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.iutet.tj).
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №314/МҶ-97 аз 27.11.2023 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДБССТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад 48/5
Сомонаи маҷалла: (www.iutet.tj). E-mail: majala.dbsst@gmail.com Тел.: (+992 37) 234-88-02

**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ “АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ СОВРЕМЕННОГО ГОСУДАРСТВА, ОБЩЕСТВА И ПРАВА”**

**Учредитель журнала: Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана**

**Журнал основан в 2023 г.**

**Ответственность относительно содержания и достоверности использованной информации несет автор статьи в данном журнале.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.
Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.iutet.tj).
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство №314/МҶ-97 от 27.11.2023 г.
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре МУТПТ.
Адрес Издательского центра: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48/5.
Сайт журнала: (www.iutet.tj). E-mail: majala.dbsst@gmail.com Тел.: (+992 37) 234-88-02

**SCIENTIFIC JOURNAL “CURRENT PROBLEMS OF THE MODERN STATE, SOCIETY AND LAW”**

**Journal Founder: International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan**

**The journal was founded in 2023.**

**The author of the article in this journal is responsible for the content and reliability of the information used.**

The journal is included in the database of the Russian Science Citation Index (RSCI).
The journal is printed in Tajik, Russian and English.
Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.iutet.tj).
The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate №314/МҶ-97 of 27.11.2023
The journal is being prepared for publication at the IUTET Publishing Center.
Address of the Publishing Center: 48/5 Borbad Avenue, Dushanbe, Tajikistan, 734055
Journal website: (www.iutet.tj). E-mail: majala.dbsst@gmail.com Tel.: (+992 37) 234-88-02

**© Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**
**© Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана**
**© International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan**

| Сармухаррир | Главный редактор | Chief Editor |
|---|---|---|
| Ректори ДБССТ д.и.и., проессор Асрорзода У.С. | Ректор МУТПТ д.э.н., проессор Асрорзода У.С. | Rector of the IUTET d.e.s., Professor Asrorzoda U.S. |

**АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ / ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ / MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD**

| | | |
|---|---|---|
| ***Қудратов Н.А.*** - муовини сармуҳаррир, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Кудратов Н.А.*** - заместитель главного редактора, доктор юридических наук, профессор | ***Kudratov N.A.*** - deputy Chief Editor, Doctor of Law, Professor |
| ***Иброҳимов С.И.*** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Иброхимов С.И.*** - доктор юридических наук, профессор | ***Ibrahimov S.I.*** - Doctor of Law, Professor |
| ***Бобоҷонзода И.Ҳ.*** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Бободжонзода И.Х.*** - доктор юридических наук, профессор | ***Babajonzoda I.H.*** - Doctor of Law, Professor |
| ***Меликов У.А.*** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Меликов У.А.*** - доктор юридических наук, профессор | ***Melikov U.A.*** - Doctor of Law, Professor |
| ***Буризода Э.Б.*** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Буризода Э.Б.*** - доктор юридических наук, профессор | ***Burizoda E.B.*** - Doctor of Law, Professor |
| ***Нематов А.Р.*** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Нематов А.Р.*** - доктор юридических наук, профессор | ***Nematov A.R.*** - Doctor of Law, Professor |
| ***Раҷабов С.А.*** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Раджабов С.А.*** - доктор юридических наук, профессор | ***Rajabov S.A.*** - Doctor of Law, Professor |
| ***Зоир Ҷ.М.*** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Зоир Дж.М.*** - доктор юридических наук, профессор | ***Zoir J.M.*** - Doctor of Law, Professor |
| ***Исмоилов Ш.М.*** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор | ***Исмоилов Ш.М.*** - доктор юридических наук, профессор | ***Ismoilov Sh.M.*** - Doctor of Law, Professor |
| ***Кабиров Х.Ш.*** - доктори илмҳои филологӣ, профессор | ***Кабиров Х.Ш.*** - доктор филологических наук, профессор | ***Kabirov H.Sh.*** - Doctor of Philology, Professor |
| ***Рустамова Г.Р.*** - доктори илмҳои филологӣ, профессор | ***Рустамова Г.Р.*** - доктор филологических наук, профессор | ***Rustamova G.R.*** - Doctor of Philology, Professor |
| ***Ҳотамов Н.Б.*** - доктори илмҳои таърих, профессор | ***Хотамов Н.Б.*** - доктор исторических наук, профессор | ***Hotamov N.B.*** - Doctor of historical, Professor |
| ***Ҷононов С.*** - доктори илмҳои таърих, профессор | ***Джононов С.*** - доктор исторических наук, профессор | ***Jononov S.*** - Doctor of historical, Professor |
| ***Хоҷаев Қ.Т.*** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор | ***Ходжаев Қ.Т.*** - доктор педагогических наук, профессор | ***Khojaev K.T.*** - Doctor of Pedagogical Sciences, Professor |
| ***Мирзоев А.Р.*** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор | ***Мирзоев А.Р.*** - доктор педагогических наук, профессор | ***Mirzoev A.R.*** - Doctor of Pedagogical Sciences, Professor |
| ***Ҷабборов Ф.Н.*** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент | ***Джабборов Ф.Н.*** - кандидат юридических наук, доцент | ***Jabborov F.N.*** - Candidate of Law, Associate Professor |
| ***Бобоев Ҷ.*** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент | ***Бобоев Дж.*** - кандидат юридических наук, доцент | ***Babaev J.*** - Candidate of Law, Associate Professor |
| ***Мирзоев С.А.*** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент | ***Мирзоев С.А.*** - кандидат юридических наук, доцент | ***Mirzoev S.A.*** - Candidate of Law, Associate Professor |
| ***Алиев Ф.Ш.*** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент | ***Алиев Ф.Ш.*** - кандидат юридических наук, доцент | ***Aliyev F. Sh.*** - Candidate of Law, Associate Professor |
| ***Нодиров Ф.М.*** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент | ***Нодиров Ф.М.*** - кандидат юридических наук, доцент | ***Nodirov F.M.*** - Candidate of Law, Associate Professor |
| ***Наботов С.Х.*** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент | ***Наботов С.Х.*** - кандидат педагогических наук, доцент | ***Nabotov S.Kh.*** - Candidate of Law, Associate Professor |
| ***Назаров Х.Д.*** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент | ***Назаров Х.Д.*** - кандидат педагогических наук, доцент | ***Nazarov Kh.D.*** - Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor |
| ***Сангинова Р.И.*** - номзади илмҳои филологӣ, дотсент | ***Сангинова Р.И.*** - кандидат филологических наук, доцент | ***Sanginova R.I.*** - Candidate of Philological Sciences, Associate Professor |
| ***Мирсаидов Ф.А.*** - номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент | ***Мирсаидов Ф.А.*** - кандидат политических наук, доцент | ***Mirsaidov F.A.*** - Candidate of Philological Sciences, Associate Professor |

## МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| **ҲУҚУҚ** | | |
| 1. | **Қудратов Н.А.** Нақши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини амнияти миллӣ | 8 |
| 2. | **Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ., Шовалиев М.Т.** Мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» дар илми ҳуқуқшиносӣ | 15 |
| 3. | **Меликов У.А., Фирузи Т.** Таносуби шартномаи меҳнатӣ ва шартномаи муаллифӣ дар соҳаи воситаҳои ахбори омма | 30 |
| 4. | **Искандаров З.Ҳ.** Далелҳои ғайри қобили қабул ва тартиби мурофиавии хориҷ намудани он аз қатори далелҳои ҷамъоваришуда оид ба парвандаи ҷиноятӣ | 37 |
| 5. | **Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ., Шовалиев М.Т.** Фаҳмиши «маърифати ҳуқуқӣ» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | 46 |
| 6. | **Нодиров Ф.М.** Рузиназаров Шӯҳрат Нуралиевич — олими намоёни, намояндаи мактаби сивилистии Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 58 |
| 7. | **Наботов С.Х.** Мафҳуми товони зарари маънавӣ аз назари ҳуқуқи исломӣ | 64 |
| 8. | **Каримова М.М., Акмалзода А.Ҳ.** Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ | 68 |
| 9. | **Ширинҷонов Ф.И., Қурбонова А.А.** Юрисдиксияи ҷиноятии миллӣ ҳангоми татбиқи санадҳои байналмилалӣ | 75 |
| 10. | **Наботов С.Х.** Мафҳуми зарари маънавӣ, моҳияти он. Аҳамияти ҳуқуқии зарари маънавӣ | 86 |
| 11. | **Сатторзода Б.А., Мирзоев С.А., Эраҷи М.** Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими маърифати ҳуқуқии ҷомеа | 90 |
| 12. | **Дустов С.А.** Ташаккули маърифати ҳуқуқии донишҷӯён бо истифода аз усулҳои самарабахши таълим | 95 |
| **ПЕДАГОГИКА / ФИЛОЛОГИЯ / ТАЪРИХ** | | |
| 13. | **Олимшозода Ф.О.** Нақши профессор Ҷононов Саидамир дар рушди фалсафа ва ҷомеашиносии тоҷик | 102 |
| 14. | **Шарифзода А.А., Шарифзода Ф.А.** Муносибатҳои Тоҷикистон ва Эстония: фатҳи уфуқҳои нави ҳамкорӣ дар пеш | 107 |
| 15. | **Хоҷа Қ.Т.** Нерӯи ҳофиза ва тақвияти он дар тафаккури шогирдон | 117 |
| 16. | **Ҳайдаров А.А.** Омилҳои ташаккулёбии андешаҳои танқидии Аҳмади Дониш | 122 |
| 17. | **Илчибекова М.О., Абдуллоева Л.М.** Глобализатсия ва бухрони сиёсӣ - иҷтимоӣ ва маънавӣ дар асри -XXI | 134 |
| 18. | **Сафаров С.С., Примов М.М.** Вазифаи хонагӣ ҳамчун ҷузъи муҳими таълими фанни информатика дар мактаби миёна | 142 |
| 19. | **Зоғакова Г.И.** Хусусиятҳои фарқунандаи воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ дар асарҳои насрии С. Айнӣ | 148 |
| 20. | **Шарипов А.М.** Арзишҳои иҷтимоӣ асоси устувории ҷомеа: ҷанбаҳои назариявӣ | 152 |
| 21. | **Назаров Х.Д.** Таъсири тарбиявии эҷодиёти даҳонӣ дар ҳаёти маънавии инсон | 160 |
| 22. | **Тошева М.А.** Тарбияи арзишҳои ахлоқӣ дар оилаҳои тоҷик | 165 |
| 23. | **Разиков Б.Ҳ.** Таърихи кибертерроризм, мубориза ва пешгӯиҳо | 171 |
| **Маълумот барои муаллифон** | | 178 |

## СОДЕРЖАНИЕ


| | | |
|---|---|---|
| | **ПРАВО** | |
| **1.** | **Кудратов Н.А.** Роль Послания Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмана в обеспечении национальной безопасности | 8 |
| **2.** | **Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.Қ., Шовалиев М.Т.** Понятия «правовое просвещение» в юридической науки | 15 |
| **3.** | **Меликов У. А., Фирузи Т.** Соотношение трудового договора и авторского договора в сфере средств массовой информации | 30 |
| **4.** | **Искандаров З.Ҳ.** Недопустимые доказательства и процессуальный порядок их исключение из числа собранных доказательства по уголовному делу | 37 |
| **5.** | **Бободжонзода И.Х., Кодирзода Т.Қ., Шовалиев М.Т.** Познание «правовое просвещение» в нормативно- правовых актах | 46 |
| **6.** | **Нодиров Ф.М.** Рузиназаров Шухрат Нуралиевич – выдающийся ученый, представитель современной цивилистической школы Республики Узбекистан | 58 |
| **7.** | **Наботов С.Х.** Понятие возмещения морального вреда с точки зрения исламского права | 64 |
| **8.** | **Каримова М.М., Акмалзода А.Х.** Уголовно-правовой анализ публичного призыва к осуществлению экстремистской деятельности | 68 |
| **9.** | **Ширинчонов Ф.И., Курбонова А.А.** Национальная уголовная юрисдикция при реализация международных актов | 75 |
| **10.** | **Наботов С.Х.** Понятие морального вреда, его сущность. юридическое значение морального вреда | 86 |
| **11.** | **Сатторзода Б.А., Мирзоев С.А., Эраджи М.** Роль президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в укреплении правового просвещения общества | 90 |
| **12.** | **Дустов С.А.** Использование эффективных методов обучения – фактор формирования правовых знаний студентов | 95 |
| | **ПЕДАГОГИКА / ФИЛОЛОГИЯ / ИСТОРИЯ** | |
| **13.** | **Олимшозода Ф. О.** Роль профессора Джононова Сайдамира в развитии таджикской философии и социологии | 102 |
| **14.** | **Шарифзода А.А., Шарифзода Ф.А.** Взаимоотношения Таджикистана и Эстонии: открытие новых горизонтов сотрудничества еще впереди | 107 |
| **15.** | **Ходжа К.Т.** Значение памят и её восстановление в мышление молодёжи | 117 |
| **16.** | **Хайдаров А.А.** Факторы формирования критических взглядов Дониша | 122 |
| **17.** | **Ильчибекова М.О., Абдуллоева Л.М.** Глобализация и политико-социальный и духовный кризис в XXI веке | 134 |
| **18.** | **Сафаров С.С., Примов М.М.** Домашнее задание как важная составляющая преподавания информатики в средней школе | 142 |
| **19.** | **Зогакова Г.И.** Различные характеристики недиоматических фразеологических единиц в прозовые произведения С. Айни | 148 |
| **20.** | **Шарипов А.М.** Социальные ценности – основа устойчивости общества: теоретические аспекты | 152 |
| **21.** | **Назаров Х.Д.** Воспитательный эффект устного творчества в духовной жизни человека | 160 |
| **22.** | **Тошева М.А.** Воспитание нравственных ценностей в таджикских семьях......... | 165 |
| **23.** | **Разыков Б.Ҳ.** История кибертерроризма, противостояние и прогнозы……….. | 171 |
| **Памятка для авторов** | | 177 |

## CONTENT


| | | |
|---|---|---|
| **LAW** | | |
| 1. | **Kudratov N.A.** Role of the Address by the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomal Rahman, in ensuring national security | 8 |
| 2. | **Bobodzhonzoda I.H., Kadirzoda T.K., Shovaliev M.T.** The concepts of “legal education” in legal science | 15 |
| 3. | ***Melikov U.A., Firuzi T.*** Employment contract and copyright agreement in the field of media | 30 |
| 4. | ***Iskandarov Z.Kh.*** Inadmissible proofs and procedural order their exception of number collected proofs on criminal case | 37 |
| 5. | **Bobodzhonzoda I.H., Kadirzoda T.K., Shovaliev M.T.** Cognition “legal education” in regulatory and legal acts | 46 |
| 6. | **Nodirov F.M.** Ruzinazarov Shukhrat Nuralievich – outstanding scientist, representative of the modern civilistic school of the Republic of Uzbekistan | 58 |
| 7. | **Nabotov S.Кh.** The concept of compensation for moral damage from the point of view of Islamic law | 64 |
| 8. | **Karimova M.M.**, **Akmalzoda A.H.** Criminal law analysis of a public call to carry out extremist activities | 68 |
| 9. | **Shirinjonov F.I.**, **Kurbanova A.A.** National criminal jurisdiction in the implementation of international acts | 75 |
| 10. | **Nabotov S.Кh.** The concept of moral harm, its essence. Legal value of moral damage | 86 |
| 11. | **Sattorzoda B.A., Mirzoev S.A., Eraji M.** The role of the president of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, in strengthening the legal education of society | 90 |
| 12. | **Dustov S.A.** Using of effective methods of teaching - factor of forming of legal knowledge of students | 95 |
| **PEDAGOGY / PHILOLOGY / HISTORY** | | |
| 13. | **Olimshozoda F.O.** The role of professor Jononov Saidamir in the development of tajik philosophy and sociology | 102 |
| 14. | **Sharifzoda A.A.**, **Sharifzoda F.A.** Relations of Tajikistan and Estonia: opening up of new horizons of cooperation ahead | 107 |
| 15. | **Khoja К.T.** The significance of memory and its restoration in the thinking of youth | 117 |
| 16. | **Haidarov A.A.** Factors in the formation of Donish's critical views | 122 |
| 17. | **Ilchibekova M.O., Abdulloeva L.M.** Globalization and political-social and spiritual crisis in the XXI century | 134 |
| 18. | **Safarov S.S., Primov M.M.** Homework as a valuable component of teaching computer science and secondary school | 142 |
| 19. | **Zogakova G.I.** Various characteristics of non-diomatic phraseological units in S. Aini’s prose works | 148 |
| 20. | **Sharipov A.M.** Social values – the basis of society sustainability: theoretical aspects | 152 |
| 21. | **Kholnazar D.N.** Educational effect of oral creativity in the spiritual life of a person | 160 |
| 22. | **Tosheva M.A.** Education of moral values in Tajik families | 165 |
| 23. | **Razykov B.H.** History of cyberterrorism, confrontation and forecasts | 171 |
| **Note for the authors** | | 177 |

**УДК: 343.1**

# НАҚШИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

**Қудратов Некруз Абдунабиевич** – сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

# РОЛЬ ПОСЛАНИЯ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМАНА В ОБЕСПЕЧЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**Кудратов Некруз Абдунабиевич** – начальник управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор юридических наук, профессор.

# ROLE OF THE ADDRESS BY THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN, RESPECTED EMOMAL RAHMAN, IN ENSURING NATIONAL SECURITY

**Kudratov Nekruz Abdunabievich** – Head of the Department of Science and Innovation of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.

**E-MAIL:** kudratov.nek@gmail.com

**Ключевые слова:** безопасность; мир; терроризм; экстремизм; риски; состояние; общество; единство.

**Аннотация.** В данной статье рассматривается анализ послания Президента Республики Таджикистан, связанного с вопросами обеспечения национальной безопасности. В частности, проанализированы угрозы терроризма и экстремизма, обеспечения кибербезопасности, а также экономической, оборонной, общественной, продовольственной и экологической безопасности и сделаны соответствующие предложения по их обеспечению.

**Калидвожаҳо:** амният; сулҳ; терроризм; экстремизм; хатарҳо; давлат; ҷамъият; ваҳдат.

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур таҳлили Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ баррасӣ гардидааст. Бахусус, таҳдидҳои терроризму экстремизм, таъмини амнияти киберӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ, ҷамъиятӣ, озуқаворӣ ва экологӣ таҳлил гардида, пешниҳодҳои дахлдор ҷиҳати таъмини онҳо карда шудааст.

**Keywords:** security; peace; terrorism; extremism; risks; state; society; unity.

**Annotation.** In this article, the analysis of the message of the President of the Republic of Tajikistan related to the issues of ensuring national security is discussed. In particular, the threats of terrorism and extremism, the provision of cyber, economic, defense, public, food and environmental security have been analyzed, and relevant proposals have been made to ensure them.

Сулҳу субот, ваҳдат ва амнияти миллӣ неъмати бузург ва шарти аввалиндараҷаи зиндагии ҳар як инсон ва пойдории ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Зеро, зиндагии осуда, созандагиву ободӣ, умуман амалӣ шудани ҳама ҳадафҳои нек ба ҳамин неъмат, яъне таъмини амнияти миллӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Таъмини амният дар ҳар як кишвар – хоҳ амнияти шаҳрвандӣ (маданӣ), ҷамъиятӣ ва давлатӣ бошад, хоҳ амнияти равониву маънавӣ – яке аз пояҳо ва рукнҳои асосии рушди устувор ва босуръати кишвар аст. Рушд ва инкишофи тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайра) аз амният вобастагӣ дорад. Маҷмӯи эҳтиёҷоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз амалишавии онҳо қобилияти давлат дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, арзишҳои ҷамъият ва ниҳодҳои асосии давлатдорӣ вобаста мебошад, дар умум амнияти миллиро ифода менамоянд.

Ҳар як шахс, гурӯҳи шахсон ва ҷамъият бояд арзиши амниятро дарк намояд. Аслан, дар он ҷое, ки амният нест, арзиши он хубтар дарк мешавад, мисоли равшани ин гуфтаҳо вазъияти кунунии Афғонистон, Сирия, Украина, ироқ ва дигар давлатҳо шуда метавонанд. Шаҳрвандони ин давлатҳо орзу доранд, ки дар кишварашон амнияти комил дубора побарҷо гардад ва дар фазои сулҳу субот ба таври осоишта зиндагӣ кунанд. Бинобар ин, мо бояд арзиши амният, сулҳу суббот, ваҳдат, оромиву осоиштагии кишвари азизу маҳбубамонро саривақт дарк намоем ва дар таъмини ин неъматҳои бебаҳо саҳмгузор бошем.

Амният ниёзи асосии инсон, ҷамъият, давлат, миллат ва башарият мебошад. Бадтарин офате, ки ба сари як миллати рӯ ба инкишоф ва рушдёбанда расонида мешавад, маҳрумияти он аз амният мебошад. Таъмини амнияти миллӣ, зери таваҷҷӯҳи ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Таъмини амният, мувофиқан ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” ҳамчун - татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини амният ба воситаи низоми тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва дигар хусусиятҳо, ки ҷавобгӯи таҳдид ба манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат мебошанд, маънидод шудааст.

Дар Паёми имсолаи (соли 2023) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун ҳамеша таъкид карда шуд, ки “Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем”. Чунин хатарҳои муосир имрӯзҳо ба амнияти миллии Тоҷикистон дар умум ва амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҳарбӣ, экологӣ, иттилоотӣ ва ғайра дар алоҳидагӣ таҳдид мекунанд. Яъне, маҷмӯи шароит, раванд ва омилҳое, аз қабили терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ, ки барои амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа мешаванд ё ба онҳо хатар ба вуҷуд меоранд,

мушоҳида мегарданд. Ҳамин тавр, амнияти давлат ва шаҳрвандони он яке аз афзалиятҳои асосӣ, яъне меҳварӣ дар Паёми имсолаи (соли 2023) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои гуногуни таъмини амнияти миллӣ матраҳ гардиданд. Аз қабили:

1. Муқовимат ба терроризму экстремизм. Бояд қайд намуд, ки раванди ҷалби шаҳрвандони камтаҷрибаву ноогоҳ, дорои сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ дар сафи (қатори) гуруҳҳои террористиву экстремистӣ барои давлат нигаронкунанда мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳалномаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти гуруҳҳо ва ташкилотҳои террористиву экстремистии «Ал-Қоида», «Ҳаракати Туркистони шарқӣ», «Ҳизби Исломии Туркистон» (собиқ ҳаракати Исломии Узбекистон), «Ҳаракати Толибон», «Бародарони мусулмон», «Лашкари Тойиба», «Гурӯҳи исломӣ», «Ҷамъияти Исломии Покистон», «Ҷамоати таблиғ», ташкилоти динӣ-миссионерии «Созмони таблиғот» ва «Тоҷикистони озод», "Ҷамоати Ансоруллоҳ", "Гурӯҳи 24", "Давлати исломӣ", "Ҷабҳат ан Нусра", "Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон", Паймони миллии Тоҷикистон ва "Памир дейли нюс" ("Pamir Daily News") ё "Памир нюс" ("Pamir News") манъ карда шудаанд. Имрӯзҳо аксарияти онҳо фаъолияти худро берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ошкоро ва дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пинҳонӣ давом дода истодаанд ва хавфи ҷалби шаҳрвандон, бахусус шахсони камтаҷрибаву ноогоҳ дар сафи ин гуруҳҳо ва ташкилотҳо баланд боқӣ мемонад. Ғояҳои ин ташкилотҳо комилан бар хилофи муқаррароти моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлати соҳибистиқлолу мустақили Тоҷикистон хавфи ҷиддӣ дорад.

Имрӯз ҳам таҳдидҳои терроризму экстремизми байналмилалӣ проблемаи мубрам боқӣ мондааст ва ин зиракӣ, андешидани чораҳои саривақтӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои пайдоиши ғояҳои ифротгароиро барои саодати миллионҳо нафар тақозо менамояд. Дар баробари ин, ҳифзи ҳуқуқи инсон яке аз вазифаҳои муҳими мубориза бо терроризм ва экстремизм мебошад. Ҳарчанд решаҳои зуҳуроти зуҳурёбии экстремизм (ифротгароӣ) ва терроризм ба таърихи тӯлонӣ бармегардад, аммо онҳо ҳеҷ гоҳ ба суботу рушди ҷомеа мисли имрӯз таҳдид накардаанд. Зеро ҳоло экстремизм ва терроризм хусусияти умумиҷаҳонӣ (байналмилалӣ) дошта, барои тамоми кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон хатари баробар доранд. Аз ин рӯ, пешгирӣ ва муқовимат бо он ба масъалаи ояндаи башарият табдил ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза ву муқовимат бар зидди экстремизм ва терроризм дар арсаи байналмилалӣ мавқеи хос ва пешсафро дошта, дар сатҳи универсалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ якчанд снадҳои байналмилалиро эътироф кардааст ва бо давлатҳои алоҳида шартномаву созишномаҳои дуҷониба бастааст.

Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши муассир дошта, яке аз омилҳои калидии муқовимат бо терроризму экстремизм ва умуман ҷинояткорӣ мебошад. Инро ба назар гирифта, Пешвои муаззами миллат пешниҳод намуданд, ки соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.

2. Таъмини амнияти киберӣ - дар ҷаҳони имрӯза таҳдидҳои киберӣ торафт муҳимтар гардида истодаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аҳамияти таҳкими амнияти кибериии кишвар, дастрасии технологияҳои навро барои муҳофизат аз ҳамлаҳои киберӣ ва тақвияти чораҳои мубориза бо ҷиноятҳои кибериро таъкид намуданд. Бешубҳа, ҷиноятҳои киберӣ ба амнияти миллии аксари кишварҳо хатари ҷиддӣ эҷод намудаанд. Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва интернет, таҳдидҳои киберӣ мураккабтар, гуногунтар ва маъмултар шуданд. Баъзе ҷанбаҳоро мисол овардан мумкин аст, ки ҷиноятҳои киберӣ метавонанд ба амнияти миллӣ таҳдид кунанд:

а) Таъсир ба амнияти равонии шахс. Амнияти равонӣ чунин маъно дорад, ки

овоза, дурӯғ, сухани даҳшатовар, ақидаҳои иртиҷоӣ, бегонапарастӣ набояд дар майнаи (мағзи сар) шахс паҳн шавад, ҷой гирад. Дар фазои маҷозӣ ҳар рӯз як бор, гоҳе ҳар чанд соат як овоза, дурӯғ, тӯҳмат, иғво ва ҳарфе аз ҷониби як нафари шинос ё ношинос, террористу экстремист нашр мешавад, мардумро нигарон мекунад, зеҳни мардумро хароб ва тафаккури баъзе аз нафаронро дигар мекунад, ки сабаби пайдоиши ноамнии ақлонӣ (равонӣ) дар ҷомеа мегардад. Ҷиноятҳои иттилоотӣ, махсусан киберҷиноятҳо дар самти амнияти давлатӣ солҳои охир рӯ ба инкишоф доранд. Пешгирии онҳо дониши махсус ва чораҳои фавриро талаб менамояд. Дар бистсолаҳои охир рушди технологияҳои нави коммуникатсионӣ дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон тағйироти ҷиддиеро ба вуҷуд овардааст (ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ) ва таъсири он рӯз то рӯз меафзояд. Интернет ва шабакаҳои иҷтимоии виртуалӣ дар айни замон ҳамчун пояи технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ дар ташаккули ин раванди нав ва пайдоиши фазои нави иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва амниятӣ нақши муҳим доранд. Масъалаи нақши фазои маҷозӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ) дар таҳдиди амнияти давлатӣ мояи нигаронии ҷиддии аксари кишварҳо, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон шудааст. Шабакаҳои иҷтимоии маҷозӣ (facebook, Ok, YouTube, Telegramm, WhatsApp ва дигарҳо) шабеҳи шамшери дудама (дутарафа) ҳастанд, ки метавонанд дар фазои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила амалҳои мусбат ва манфиро эҷод кунанд.

Тарғиби ғояҳои экстремизм ва терроризм тавассути шабакаи интернет, ҷалбкунии ҷавонон ба сафи ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ, кӯшишҳои аз ҷониби ин ташкилотҳо тарҳрезӣ ва амалӣ намудани амалҳои террористӣ дар ҳудуди Тоҷикистон омили асосии таҳдид ба амнияти давлатӣ мебошад.

б) Зарари иқтисодӣ - киберҷинояткорон аксар вақт ҳамлаҳои худро ба системаҳои молиявӣ, ширкатҳо ва бонкҳо равона мекунанд. Дуздии маълумоти молиявӣ, амалиёти қаллобӣ ва тамаъҷӯӣ метавонад боиси талафоти ҷиддии иқтисодӣ гардад ва ба суботи кишвар таъсир расонад;

в) Ҳамлаҳо ба объектҳои стратегӣ - объектҳои муҳимми стратегӣ, аз қабили системаҳои энергетикӣ, шабакаҳои нақлиётӣ ва инфрасохтори коммуникатсионӣ метавонанд дар натиҷаи ҳамлаҳои киберӣ зери хатар қарор дгиранд. Ҳамла ба ин системаҳо метавонад боиси ба муҳлати тӯлонӣ аз кор мондан, садамаҳои ҷиддӣ гардад ва ба ҳаёти шаҳрвандон таъсир расонанд;

г) Ҷосусии киберӣ - давлатҳо метавонанд ҷиноятҳои кибериро барои ҷамъоварии иттилооти иктишофӣ истифода баранд. Ҷосусии киберӣ метавонад ба ҳадафҳои низомӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ равона карда шавад, ки амният ва соҳибихтиёрии давлатро халалдор кунад.

д) Кибертерроризм - киберҷинояткорон метавонанд бо истифода аз технология барои ҳамоҳангсозии ҳамлаҳои террористӣ, паҳн кардани таблиғот ё ҳамла ба инфрасохтори муҳим бо созмонҳои террористӣ робита дошта бошанд.

е) Ҳамлаҳои киберӣ ба системаҳои низомӣ - ҳамлаҳои киберӣ ба шабакаҳои низомӣ ва таҷҳизот метавонанд қобилияти мудофиавии кишварро, аз ҷумла коҳиш додани имкониятҳои алоқа, дахолат ба системаҳои идоракунӣ ва назоратро халалдор кунанд ва ҳатто қобилияти кории техникаи низомиро вайрон кунанд. Пешвои миллат дар ин самт таъкид намуданд, ки “ ... барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон бояд тадбирҳои иловагӣ андешем. Бо беҳтарин шароити зиндагиву хизмат таъмин намудани хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, омода кардани кадрҳои баландихтисос, такмил додани дониши тахассусӣ ва сатҳи касбияти ҳайати шахсии ҷузъу томҳо, боз ҳам баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозон аз қабили ин тадбирҳо мебошанд”. Тибқи маълумоти Хадамоти алоқа, ҳоло дар Тоҷикистон 8,3 миллион муштарии алоқаи мобилӣ фаъолият доранд, ки тақрибан 5,6 миллион нафари онҳо фаъол ҳисобида мешаванд. Шумораи умумии истифодабарандагони интернет (ва мобилӣ ва кабелӣ) 4,5 миллион нафарро

ташкил медиҳад. Омори мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки имконияти содиршавии киберҷиноятҳо тавассути шабакаи Интернет рӯ ба афзоиш дорад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзоёни Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон муроҷиат карда, таъкид намуданд, ки "... ҳамаи шуморо даъват менамоям, ки биёед, минбаъд низ якҷоя кору фаъолият намуда, кишвари худро ободу зебо созем, сатҳу сифати зиндагии халқамонро баланд бардорем ва обрӯи Ватани азизи худ – Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳкиму тақвият бахшем". Таъкиди пешвои миллат маънои онро дорад, ки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд сари вақт бо назардошти рушди босуръати муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ қонунҳои дахлдорро қабул намоянд, ки бо манфиатҳои миллии Тоҷикистон тавъам бошанд.

3. Ҳалли мусолиҳонаи низоъҳои байналмилалӣ - масъалаҳои амнияти байналмилалӣ, аз қабили ташаннуҷ бо кишварҳои ҳамсоя ё иштирок дар низоъҳои минтақавӣ дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид карда шуд. Пешвои миллат дар бораи талошҳои дипломатӣ барои ҳалли низоъҳо ва таҳкими сулҳ ибрози андеша намуда, изҳор доштан, ки "Мураккабшавии авзои сиёсии байналмилалӣ, шиддат гирифтани вазъи геосиёсиву низомӣ, таҳдидҳои амниятӣ, бухронҳои молиявию иқтисодӣ, инчунин, мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии ғизо ва оби ошомиданӣ дар ҷаҳону минтақа ва пайомадҳои онҳо зимни пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон моро ба андешидани тадбирҳои зарурӣ водор месозанд. ... Тоҷикистон дар робита ба равандҳои ҷорӣ дар Афғонистон ва Ховари Миёна, бахусус, Фаластин хеле нигарон аст. Кишвари мо аз ҷомеаи ҷаҳонӣ боз ҳам даъват ба амал меоварад, ки ҳамаи низоъҳо танҳо бо роҳи музокирот ва муколама ҳал карда шаванд". Ҳамчунин қайд гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати авлавияти сиёсати хориҷии худ минбаъд низ ба густариши муносибатҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷаворӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи эҳтирому эътимоди мутақобила таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад.

4. Таъмини амнияти иқтисодӣ - суботи иқтисодӣ низ як қисми амнияти миллӣ мебошад. Пешвои миллат дар Паёми худ вобаста ба тадбирҳои таъмини устувории иқтисодиёт, мубориза бо коррупсия, таъсири бемории сироятии КОВИД–19, низоъҳои тиҷоратӣ ва мунокишаҳои минтақавӣ ба иқтисодиёт, халалдор гардидани низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодиву молиявӣ, ҳамчунин фароҳам овардани шароит барои шукуфоии кишварро низ баррасӣ намуданд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки "Бо вуҷуди пешравиҳои назарраси солҳои охир, ҳанӯз баъзе ҷанбаҳои калидии соҳа, аз ҷумла баланд бардоштани сифати тарбияи кадрҳо, аз байн бурдани мушкилоти норасоии мутахассисон ва омилҳои коррупсионӣ аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаби соҳа мебошанд". Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси ҷойҳои корӣ, ки яке аз омилҳои таъминкунандаи амнияти иқтисодӣ мебошанд, таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода истодааст. Новобаста аз таъсири омилҳои манфии болозикр нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии мамлакат дар ин марҳалаи ҳассос таъмин гардида, дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид.

5. Таъмин намудани амнияти мудофиавии мамлакат – қисмати асосии Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ташкил дод. Таъмини амнияти мудофиавии мамлакат на танҳо вазифаи давлат, балки вазифаи конститутсионии ҳар як шаҳрванди масъулиятшинос, ватандӯсту ватанпарвар, худогоҳу худшинос мебошад. Зеро, дар м. 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита муқаррар гардидааст, ки ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Бинобар ин, аз мо ҳамчун ҷавонони шарифу хештаншинос, талаб карда мешавад, ки дар

иҷрои вазифаи мазкур масъулиятшинос ва баҳри ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он доимо, ҳамчун сипари боэътимоди Ватани азиз, омода бошем.

6. Таъмини амнияти экологӣ - масъалаи экология ва ҳифзи захираҳои табиӣ ҷанбаҳои муҳимми амнияти миллӣ буда, зери таваҷҷуҳи ҳамешагии Пешвои миллат мебошад. Амнияти экологӣ дар натиҷаи таъсири антропогенӣ ва дигар таъсиррасониҳо ба муҳити зист метавонад халалдор гардад. Бинобар ин, Пешвои миллат вобаста ба тадбирҳои мубориза бо тағйирёбии иқлим, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самаранокии табиат дар Паёми хеш диққати махсус доданд. Қайд гардид, ки “Бо дарназардошти тағйирёбии иқлим ва бо мақсади беҳтар кардани вазъи экологии кишвар, инчунин, муҳайё намудани шароити ҳарчи беҳтар ва мусоиди зист барои аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат, Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва тамоми сохтору мақомоти давлатӣ супориш дода мешавад, ки барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркунии кишварро барои давраи то соли 2040 қабул ва амалӣ намоянд”.

7. Маориф ва амнияти иттилоотӣ – ҳифзи низоми таълимӣ ва амнияти иттилоотӣ ба ҷанбаҳои муҳими амнияти миллӣ табдил ёфтаанд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳамияти таълими шаҳрвандон, саводнокии рақамии онҳо ва муҳофизат аз таҳдидҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳ намуда, қайд карданд, ки “... рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад”. Дар ҳақиқат маориф дар таъмини амнияти миллӣ мақоми аввалиндараҷаро дорад. Вазъияти зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро метавонад халалдор созад. Барои таҳкими низоми маорифи кишвар минбаъд ҳам баланд бардоштани сифати таълим, омода кардани кадрҳои баландихтисоси соҳавии ба талаботи замон ҷавобгӯ (дорои баланди салоҳияти забондонӣ, кор бо технологияҳои иттилоотӣ ва монанди инҳо) ва паст кардани шиддати коррупсия дар соҳаи маориф зарур мебошад. Дар ин раванд, чи тавре Пешвои миллат дуруст изҳор намуданд “бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад”.

8. Таъмини амнияти озуқаворӣ – яке аз ҳадафҳои афзалиятноки стратегии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар Паёми Пешвои миллат бевосита қайд гардид, ки “Дар баробари ин, тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқавории кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем. Соли 2023 таъминот бо маҳсулоти асосии озуқавории истеҳсоли ватанӣ дар кишвар ба 85 фоиз расонида шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 1991-ум 2,5 баробар зиёд мебошад”.

9. Амнияти ҷамъиятӣ - ин ҳифзи ҳуқуқӣ-сиёсӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёт, саломатӣ ва некӯаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзишҳои ҷамъият аз хатар ва таҳдидҳои имконпазире, ки ба онҳо зарар расонида метавонанд, иборат аст. Пешвои миллат дар Паёми худ масъалаҳои амнияти иҷтимоиро, аз қабили мубориза бо ҷинояткорӣ, таъмини суботи иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандонро баррасӣ намуданд. Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар соли 2023 қабул гардидани Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2040 ва Барномаи маҷмӯии давлатии тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030 ба ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҷойдошта мусоидат менамояд.

10. Таъмини амният дар соҳаи тандурустӣ - ҳодисаҳо ба монанди пандемия низ метавонанд амнияти миллиро таҳдид ва халалдор созанд. Пешвои миллат дар Паёми худ чораҳои бехатарии шаҳрвандонро дар соҳаи тандурустӣ ва омодагӣ ба таҳдидҳои эҳтимолии саломатӣ муҳокима намуданд. Соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъмин намудани солимии аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ҳамаи чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд. Пешвои миллат бевосита таъкид намуданд, ки "Бо вуҷуди пешравиҳои назарраси солҳои охир, ҳанӯз баъзе ҷанбаҳои калидии соҳа, аз ҷумла баланд бардоштани сифати тарбияи кадрҳо, аз байн бурдани мушкилоти норасоии мутахассисон ва омилҳои коррупсионӣ аз ҷумлаи масъалаҳои ҳалталаби соҳа мебошанд. Барқарорсозии қобилияти меҳнатии шахсони маъюб ва таъминоти онҳо бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ, тақвият бахшидани фаъолияти байнисоҳавии вазорату идораҳо дар самти ҳалли масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, бо дарназардошти беҳтар намудани иқтидори заминавию захиравии мақомоти маҳаллии ҳифзи иҷтимоӣ бозбинӣ намудани сохтори соҳа, ҳамчунин, андешидани чораҳои мушаххасро тақозо дорад".

Таъмини амнияти миллӣ муносибати ҳамаҷониба, аз ҷумла ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо, рушди захираҳои дохилӣ ва татбиқи сиёсатҳо ва технологияҳои муассирро талаб мекунад. Мо бояд дар рӯ ба рӯи ин омилҳо ноумед набошем, бо онҳо фаъолона мубориза барем, муқовимат нишон диҳем. Зеро, ноумедӣ ва ноамнии равонӣ омилҳое мебошанд, ки дар зеҳнияти (тафаккури) шахс фаннатизм, ноқисулақлӣ, сирригиро ба вуҷуд меоваранд. Ҳар як шаҳрванд ва ҷамъият бояд умед дошта бошад, умед ба фардои нек ва зиндагии шоиста, ба сулҳу ваҳдат ва бунёдкориву созандагӣ, умед ба зинадагии осоиштаи насли оянда Тоҷикистони азиз.

Умуман, таҳлили нуктаҳои асосии Паёми имсолаи (соли 2023) Пешвои миллат гувоҳи он аст, ки таъмини амнияти миллӣ доимо дар меҳвари асосии сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меистад. Моро зарур аст, ки дар ин сиёсати пешгирифтаро дастгирӣ намуда, дар ҳифз ва таъмини манфитаҳои миллӣ, бахусус, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, нигоҳдории ризоияти ҷомеа ва суботи сиёсӣ дар мамлакат, рушду устувории иқтисодиёти кишвар, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ягонагии халқ, пойдорӣ ва инкишофи арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият, тағйирнопазирии сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла истиқлолияти давлатӣ, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ва ҷудонашаванда будани ҳудуди он, фаъолияти устувори ниҳодҳои давлатдорӣ, таҳким ва самаранокии фаъолияти онҳо, иҷрои бечунучарои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси принсипи ҳамшарикӣ саҳмгузор бошем.

Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар охири Паёми хеш дуруст таъкид намуданд, ки "ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем". Мо бояд ба он эътимод ва боварие, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми шариф, соҳибтамаддун ва соҳибфарҳанги тоҷик доранд, содиқ бошем.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" аз 28 декабри соли 2023. Душанбе: Шарқи озод, 2023. 63 с.

2. Шарипов Т. Ш., Кудратов, Н.А., Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии нишонаҳои

объективии хиёнат ба давлат // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – №. 2(36). – Р. 344-352.

3. Кудратов, Н.А., Ширинджонов Ф.И. Государственный суверенитет Республики Таджикистан как объект уголовно-правовой охраны // Теоретические и прикладные вопросы комплексной безопасности: Материалы IV Международной научно-практической конференции, Санкт-Петербург, 30 марта 2021 года. Том 2. – Москва: Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение дополнительного профессионального образования «Институт развития дополнительного профессионального образования», 2021. – С. 165-167.

4. Кудратов Н.А. Роль образования в системе предупреждения экстремизма / Н.А. Кудратов // Расследование преступлений: проблемы и пути их решения. – 2021. – № 1(31). – С. 64-69.

**УДК: 340.1**

## МАФҲУМИ «МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ» ДАР ИЛМИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

## ПОНЯТИЯ «ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ» В ЮРИДИЧЕСКОЙ НАУКИ

## THE CONCEPTS OF “LEGAL EDUCATION” IN LEGAL SCIENCE

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** - мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
**Қодирзода Тоҳир Қамар** - ходими пешбари илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
**Шовалиев Музафар Тоҷиддин** - докторанти PhD Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Боболжонзода Исрофил Хусейн** - заведующий отделом теоретических проблем современного государства и права Института философии, политологии и права имени А.М. Баховаддинова Национальной Академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор.
**Кадирзода Тахир Камар** – ведущий научный сотрудник отдела теоретических проблем современного государства и права Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, кандидат юридических наук,
**Шовалиев Музафар Таджиддин** – аспирант Института философии, политологии и права им. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана

**Bobodzhonzoda Isrofil Hussein** - Head of the Department of Theoretical Problems of the Modern State and Law at the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.M. Bakhovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.
**Kadirzoda Tahir Kamar** – leading researcher at the Department of Theoretical Problems of Modern State and Law at the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences,
**Shovaliev Muzafar Tajiddin** – graduate student at the Institute of Philosophy, Political Science and Law. Bakhovaddinov National Academy of Sciences of Tajikistan

**E-MAIL:** Muzafar_46@bk.ru; bobojonov_i@mail.ru; t_ kodirzoda@mail.ru

**Ключевые слова:** Конституция, законы, правовое просвещение, юридическое образование, правовая информация, правовая пропаганда, патриотическое воспитание, правовая грамотность, правосознание, формирование правового профессионального сознания, понимание правового сознания, теория права, социальная деятельность человека, ценности демократического государства, правовое государство, светское, социальное, правовая культура, правовая политика, истина, справедливость.

**Аннотация.** В статье говорится о принятии мер по постоянному повышению правовых знаний, правовых знаний и умений граждан, ответственности граждан, совершенствованию процесса переподготовки граждан с учетом действующего законодательства, раскрытию понятия правовых знаний, подчеркивается, что что правовые знания являются частью юридического образования, дополняют его и являются формой выражения юридического образования. В статье отмечается, что государственная политика на уровне формирования и совершенствования юридического образования базируется на нескольких принципах, таких как приоритет прав и свобод человека; верховенство Конституции и закона; социальная справедливость; наука; доступность юридической информации; опирается на юридические знания. Отмечается, что формирование правовых знаний с точки зрения юриспруденции заключается в процессе отражения не только самого права, но и всей правовой реальности, включая действующую систему законодательства, правовые теории, концепции, идеологии и обеспечивается формирование позитивного правосознания, в том числе путем принятия регулярных мер по противодействию любым формам национального и религиозного экстремизма или поведения, нарушающего общественную мораль и правопорядок, общественный мир и стабильность, национальное согласие.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, қонунҳо, маърифати ҳуқуқӣ, таълими ҳуқуқӣ, иттилоотнокии ҳуқуқӣ, тарғиботи ҳуқуқӣ, тарбияи ватандустӣ, саводнокии ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, ташаккули шуури касбии ҳуқуқии, фаҳмиши шуури ҳуқуқӣ, назарияи ҳуқуқ, фаъолияти иҷтимоии инсон, арзишҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, ҳақиқат, адолат.

**Аннотатсия.** Дар мақола сухан дар бораи андешидани тадбирҳо ҷиҳати пайваста баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи, донишу малакаи ҳуқуқии шаҳрвандон, масъулияти шаҳрвандон, беҳдошти раванди бозомӯзии шаҳрвандон бо назардошти қонунҳои амалкунанда, кушода додани мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ, таъкид карда мешавад, ки маърифати ҳуқуқӣ як ҷузъи тарбияи ҳуқуқӣ буда, онро пурра мегардонад ва шакли ифодаи тарбияи ҳуқуқӣ мебошад. Дар мақола қайд карда мешавад, ки сиёсати давлатӣ дар сатҳи ташаккул ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ба якчанд принсипҳо ба монанди афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; волоияти Конститутсия ва қонун; адолати иҷтимоӣ; илм; мавҷудияти иттилооти ҳуқуқӣ; маърифати ҳуқуқӣ такя мекунад. Зикр карда мешавад, ки ташаккули маърифати ҳуқуқӣ аз нигоҳи илми

ҳуқуқшиносӣ аз ҷараёни инъикос додани на танҳо худи ҳуқуқ, балки тамоми ҳақиқати ҳуқуқӣ, аз ҷумла низоми амалкунандаи қонунгузорӣ, назарияҳои ҳуқуқӣ, консепсияҳо, идеологияҳо иборат аст ва ташаккули шуури мусбии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, тавассути андешидани тадбирҳои мунтазам оид ба муқовимат ба ҳама гуна шаклҳои ифротгароии миллӣ ва динӣ ё рафторе, ки ба ахлоқи ҷамъиятӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ, сулҳу суботи ҷомеа ва ризоияти миллӣ халал мерасонад, таъмин карда мешавад.

**Keywords:** Constitution, laws, legal education, legal education, legal information, legal propaganda, patriotic education, legal literacy, legal awareness, formation of legal professional consciousness, understanding of legal consciousness, theory of law, human social activity, values of a democratic state, rule of law, secular, social , legal culture, legal policy, truth, justice.

**Annotation. Annotation:** The article talks about taking measures to constantly improve legal knowledge, legal knowledge and skills of citizens, the responsibility of citizens, improving the process of retraining citizens taking into account current legislation, revealing the concept of legal knowledge, emphasizing that legal knowledge is part of legal education and complements it and are a form of expression of legal education. The article notes that state policy at the level of formation and improvement of legal education is based on several principles, such as the priority of human rights and freedoms; the supremacy of the Constitution and law; social justice; the science; availability of legal information; relies on legal knowledge. It is noted that the formation of legal knowledge from the point of view of jurisprudence consists in the process of reflecting not only the law itself, but also the entire legal reality, including the current system of legislation, legal theories, concepts, ideologies, and the formation of a positive legal consciousness is ensured, including by taking regular measures to countering any forms of national and religious extremism or behavior that violates public morality and law and order, public peace and stability, and national harmony.

Мо тасмим гирифтем, ки масъалаи муайяннамоии мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ»-ро аз мавқеи ақидаи олимон ва пеш аз ҳама ҳуқуқшиносон баррасӣ намоем. Вобаста ба ин мафҳум дар қонунгузорӣ ва адабиёти соҳавӣ мафҳумҳои ба ҳам ҳаммаъно ҷой доранд. Аксар вақт дар баробари мафҳуми омухташаванда ва баъзан ҳамчун синоними он ибораҳои «таълими ҳуқуқӣ», «иттилоотнокии ҳуқуқӣ», «тарғиботи ҳуқуқӣ», «тарбияи ватандустӣ», «тарбияи шаҳрвандӣ», «тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандӣ», «инкишофи саводнокии ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ» ва ғайраҳо истифода мешаванд. Албатта кушода додани ин мафҳумҳо бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад, аммо дар доираи ин таҳқиқот зарурати анҷом додани ин масъала ҷой надорад ва мо чунин ҳадаф ҳам надорем. Танҳо ҳамонро таъкид кардани ҳастем, ки маърифати ҳуқуқӣ як ҷузъи тарбияи ҳуқуқӣ буда, онро пурра мегардонад ва шакли ифодаи тарбияи ҳуқуқӣ мебошад. Истилоҳҳои зикргардида бошанд, ҳар кадом мазмуну мундариҷаи худро дошта, дар умум якдигарро пурра мегардонанд, аммо ҳар кадоме ба худ вазифа ва функсияҳои алоҳидаро доро мебошанд, ки барои иҷрои ҳадафҳои пешбинишуда хизмат менамоянд ва барои дарк намудани мазмуну моҳияти ҳуқуқ ва фаҳмиши он ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии қишрҳои гуногуни аҳолӣ шароити мусоид фароҳам меоранд.

Проблемаҳои арзишҳои ҳуқуқӣ агарчи тули даҳсолаҳо дар мадди назари бисёре аз олимони назарияшиноси ҳуқуқ буданд, то имрӯз аҳаммияти худро гум накардаанд. Ин падида комилан табиист, зеро ташаккули арзишҳои ҳуқуқӣ дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ вобаста ба сатҳи рушди иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ, ниҳодҳои демократии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд, инчунин ба муносибати оқилона ва таҳаммулпазирона нисбат ба арзишҳои нави ҳуқуқии демократӣ сурат гирифтааст [5].

Дар забони тоҷикӣ вожаҳои «ҳуқуқ», «ҳақиқат», «адолат» як реша дошта, бо ҳам пайвандии зич доранд. Мафҳуми «адолат» аз ҷиҳати маъно ва шакл бо мафҳуми «ҳуқуқ» наздик аст. Кодекси қонунгузории Юстиниан бо таърифи мафҳуми «ҳуқуқ» оғоз меёбад: «Таҳқиқгари ҳуқуқ бояд, пеш аз ҳама, дарк намояд, ки калимаи «ҳуқуқ» - (ius) аз куҷо пайдо шудааст. Ҳуқуқ номи худро аз "ҳақиқат, адолат" (iustitia) гирифтааст, зеро тибқи таърифи Селсус, ҳуқуқ илм оид ба некӣ ва одилӣ аст. Яке аз аввалин муҳаққиқони ҳуқуқ Улпиён, ки дар асрҳои II-III умр ба сар бурдааст, принсипҳои асосии ҳуқуқро дар се муқаррароти мухтасар муайян кардааст: поквиҷдонона зистан, ба каси дигар зарар нарасондан, ба ҳар кас чизеро, ки ба ӯ тааллуқ дорад, баргардонидан [5].

Мақсад аз маънидод намудани истилоҳи ҳуқуқ дар он аст, ки шахс то маънои ҳуқуқро дарк накунад, фаҳмиши амиқи онро тассавур насозад, ӯ ба ҳадафҳои маърифати ҳуқуқӣ расида наметавонад. Яке аз ҳадафҳои маърифати ҳуқуқӣ бошад, ин бо усулу равишҳои нав ба аҳолӣ расонидани донишҳои ҳуқуқӣ, мазмуну моҳияти он ва бо ин роҳ баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, ки ин пеш аз ҳама вазифаи олимон ва ҳуқуқшиносони касбӣ аст.

Барои ҳамин, олимон муътақиданд, ки қонун заминаи асосии фаъолияти касбии ҳуқуқӣ мебошад. Ба андешаи олимон, агар қонун барои шаҳрвандон чун амри давлат баромад кунад, пас, барои ҳуқуқшинос қонун воситаи иҷрои вазифаҳои касбӣ маҳсуб мешавад [12;13;16].

Ин ақида қобили дастгирист. Дар воқеъ, шаҳрвандон ва ҳуқуқшиносон қонунро, бо назардошти сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва дониши ҳуқуқӣ, гуногун дарк мекунанд. Дарки қонун аз тарафи шаҳрвандон дар доираи тасаввуроти ҳуқуқии оддии онҳо, бидуни дарки мафҳум, моҳият, нишонаҳои қонун, бо мақсади риояи қонун, қонеъ гардонидани манфиатҳои қонунӣ, риоя ва амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳо сурат мегирад.

Дар фаъолияти ҳуқуқшиносон бошад, қонун бо назардошти мафҳум, моҳият, предмети танзим, вазифаҳо, сохти таркибӣ, ифодаи техникӣ-ҳуқуқӣ дарк карда мешавад. Ҳуқуқшиносон қонунро бо мақсади татбиқ дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ, зимни ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ, тафтиши парвандаҳои ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дарк ва амалӣ мекунанд.

Вобаста ба ин, профессор Шарофзода Р.Ш. маърифати ҳуқуқиро бавоситаи мафҳуми «тарбияи ҳуқуқӣ» кушода додааст. Ӯ таърифи «тарбияи ҳуқуқӣ»-ро дода, дар як вақт хусусиятҳои онро низ номбар намудааст. Тарбияи ҳуқуқӣ - қайд менамояд Шарофзода Р.Ш. – ин ҷараёни муташаккил ва мақсадноки таъсиррасонӣ ба шуури одамон аст, ки мақсади ташаккули донишу арзишҳои ҳуқуқӣ, таъмини рафтори қонунии шахсро дорад [18].

Дар айни замон тарбияи ҳуқуқӣ як қатор хусусиятҳо дорад, ки бо онҳо аз тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ эстетикӣ ва ғайра фарқ мекунад.

1. Дар ҷараёни тарбияи ҳуқуқӣ нишондодҳои ҳуқуқии давлат, талаботҳои қонун вориди шуури одамон мегарданд, ки ҳисси эҳтироми қонунҳоро мепарваранд.

2. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳам нисбати ашхоси бовиҷдон ва ҳам вайронкорони ҳуқуқ, аз ҷумла ҷинояткорон истифода мешавад.

3. Дар тарбияи ҳуқуқӣ шаклу воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ истифода мешаванд.

4. Тарбияи ҳуқуқиро одатан ашхоси дорои донишҳои ҳуқуқӣ ва тайёрии махсуси

ҳуқуқӣ – тарбиякунӣ мегузаронанд (кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои иҷрои ҷазо, олимони соҳаи ҳуқуқ, ҳуқуқшиносони корхонаву ташкилотҳо, адвокатҳо ва ғ.).

Низоми тарбияи ҳуқуқӣ аз унсурҳое иборат аст, ки таркиби (сохти) дохилии ҷараёни тарбияи ҳуқуқиро муайян мекунанд. Унсурҳои низоми тарбияи ҳуқуқӣ инҳоянд: 1) субекти тарбияи ҳуқуқӣ (мақомотҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо, ашхоси мансабдор, ки шуғли тарбияи ҳуқуқӣ мебошанд), 2) обектҳои тарбияи ҳуқуқӣ (фардҳо ё гурӯҳҳои иҷтимоии тарбияшаванда), 3) амалиётҳои тарбиявӣ-ҳуқуқӣ (мазмуни тарбияи ҳуқуқӣ) [18].

Механизми тарбияи ҳуқуқӣ – аз унсурҳое иборат аст, ки мазмуни фаъолияти тарбиявӣ – ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, аз қабили шаклҳо ва воситаҳои тарбияи ҳуқуқӣ.

Шарофзода Р.Ш. шаклҳои зерини тарбияи ҳуқуқиро ҷудо менамояд:

1) таълими махсуси (касбии) ҳуқуқӣ;

2) тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ;

3) тарбияи ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунандагон аз ҷониби мақомотҳои ҳуқуқтатбиққкунанда ва ҳифзи ҳуқуқ [18].

Коротков В.В. қайд мекунад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ҳангоми ташаккул ва рушди низоми маориф, мақсаду вазифаҳои дар он муайяншудааст ва ба таври назаррас вобаста аст, нигаронида шудааст. Ӯ маърифати ҳуқуқиро ҳамчун таълим муайян кардааст, ки сатҳи салоҳиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимтарини соҳаи ҳуқуқро ташкил медиҳад, ки бо маълумот дар бораи меъёрҳо, мафҳумҳо ва падидаҳои ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад [11].

Долинина И.Г. дар асари «Таълими ҳуқуқӣ: асосҳои консептуалӣ» «маърифати ҳуқуқӣ»-ро ҳамчун раванди ҳамгирошудаи намудҳои фаъолияти мутақобила - таълимӣ ва тарбиявӣ, ки ба асоси он низоми тарбия ва таълими дар соҳаи ҳуқуқ гузошта шуда, ба халли масъалахое нигаронида шудааст, ки дар натиҷа донишҷуён дониш, малака ва маҳорати фаъолияти азхуд намудани фанро пайдо намуда, сифатҳои шахсии худ ва қобилияти худомузиро инкишоф медиҳанд, баррасӣ карда мешавад [7].

Ҳангоми омузиши ин масъала мо ба хулосае омадем, ки барои фаҳмиши мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» равиши ягона вуҷуд надорад ва мо тасмим гирифтем, ки масъаларо васеътар баррасӣ намуда, мазмуни онро муайян кунем. Аксари муаллифон дар ин мафҳум маънои васеъ ва тангро фарқ мекунанд. Ба гуфтаи Каландаришвили З.Н., дар асари «Тағйирёбии шуури ҳуқуқии ҷавонон ва роҳҳои ҳуқуқии рафъи он», ба маънои васеъ, маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқиро раванди бисёрҷанбаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шахс таҳти таъсири омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра мебошад, маънидод мекунад. Муаллиф ба маънои танг пешниҳод менамояд, ки тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун раванди мақсаднок ва идорашавандаи омузиши бо низоми возеҳи таъсиррасонӣ ба шуури одамон бо мақсади ташаккули ақидаҳои амиқ ва устувори ҳуқуқӣ, дониш ва эътиқоди ҳуқуқӣ дар онҳо баррасӣ карда шавад [10].

Снегирева М.В. бошад, дар таълими ҳуқуқӣ мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ»-ро ҳамчун интиқол ва расонидани донишҳои ҳуқуқӣ, мероси фарҳангӣ, муттасилӣ ва таъсири мутақобилаи арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ, ғояҳои ҳуқуқӣ, шиносоии шахс бо мероси таърихию фарҳангии гузаштагон, ки захираҳои ҷамъиятии раванди азхудкунии дониш, малака ва маҳоратро пурра мегардонанд, маънидод менамояд [38]. Полханов А.А. маърифати ҳуқуқии аҳолиро ҳамчун раванди паҳнкунии донишҳои ҳуқуқӣ, ғояҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ, ки ба афзоиши фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат мекунанд, баррасӣ менамояд [30].

Ҳангоми таҳқиқии ақидаҳо ва бархурдҳои гуногун мо ба хулосае омадем, ки «маърифати ҳуқуқӣ»-ро метавон ҳамчун раванди мунтазами мақсадноки давлат ва ҷомеа муайян кард, ки ба ташаккули саводнокии ҳуқуқӣ ва ғояҳои устувори ҳуқуқӣ, дониш ва эътиқоди ҳуқуқӣ бо мақсади аз байн бурдани нигилизми ҳуқуқӣ дар байни

шахсони ҳуқуқӣ ва аҳолӣ нигаронида шудааст.

Раҷабзода Р.М. қайд менамояд, ки шуури ҳуқуқӣ функсияҳои ташаккули ҳуқуқ, маърифатӣ, танзимӣ, баҳогузорӣ, идеологӣ, иттилоотӣ, коммуникативӣ, пешгӯиро иҷро мекунад. Ба андешаи ӯ функсияи маърифатӣ дар он зоҳир мешавад, ки шуури ҳуқуқӣ барои дарки воқеият, падидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ, дигар падидаҳои бо онҳо алоқаманд мусоидат менамояд. Мафҳумҳо, ақидаҳо, тасаввурот, иттилоот оид ба воқеияти ҳуқуқӣ ва давлатӣ барои такомули шуури шахс замина мегузорад. Сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ заминаи такмили ҷаҳонбинии ҳуқуқии шахс аст [31].

Стреляева В.В. мушкилоти тарбияи ҳуқуқиро дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд баррасӣ намуда, маърифати ҳуқуқиро яке аз ҷанбаҳои тарбияи ҳуқуқӣ зикр менамояд. Муаллиф дуруст кайд кардааст, ки ин категорияхои ҳуқуқӣ бояд як чиз фаҳмида нашаванд, яъне як мафҳум нестанд, аммо доираи вазифахоеро, ки дар назди маърифати ҳуқуқӣ истодаанд, ӯ беасос танг карда, ба он нисбат ба тарбияи ҳуқуқӣ нақши дуюмдараҷаро мегузорад [39].

Профессор Миронов О.О. бошад, маърифати ҳуқуқиро «танҳо марҳилаи ибтидоии дарки категорияҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ» мефаҳмад ва ҳамчун қадамҳои минбаъдаи «омӯзиш, тарбияи фарҳанги ҳуқуқи инсон, таълим дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ» таъкид мекунад (бо зикри он, ки ин категорияҳо ба ҳам наздиканд, вале якхела нест) [17]. Ба ақидаи Дотсенко А.С., ин равиш беасос танг буда, муносибатҳои пешниҳодшудаи байни категорияҳои додашуда, ба мазмуни маънои истилоҳот мувофиқат намекунанд [8].

Профессор Рибаков О.Ю. маърифати ҳуқуқиро яке аз шаклҳои муҳими татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ муайян мекунад, ки бо ёрии маърифати ҳуқуқӣ мумкин аст ба шуур таъсир расонида, тарзи муайяни тафаккур, фарҳанги ҳуқуқиро ташаккул дод [33]. Муаллиф ба он диққати махсус медиҳад, ки ин соҳаро мақомотҳои давлатӣ бояд фаро гиранд, зеро маҳз мақомотҳо барои иҷрои вазифаҳои муайяншуда захираҳои калон доранд.

Барикина М.В. мафҳуми зеринро медиҳад: «Маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа паҳн кардани донишҳо дар бораи ҳуқуқ ва тавзеҳи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, инчунин амалияи татбиқи онҳо бо мақсади ба вуҷуд овардани боварӣ ба зарурати риояи қонунҳо ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад.» [4].

Дар адабиёти таълимӣ муаллифон ҳангоми баррасии проблемаҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар бораи маърифати ҳуқуқӣ кам ёдовар мешаванд, вале аксаран маърифати ҳуқуқиро яке аз ҷанбаҳои тарбияи ҳуқуқӣ арзёбӣ менамоянд.

Ҳамин тавр, Иванников И.А. маърифати ҳуқуқиро яке аз усулҳои тарбияи ҳуқуқӣ мефаҳмад ва онро ба таври зайл муайян мекунад: «Маърифати ҳуқуқӣ ин раванди паҳн кардани донишҳои ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ мебошад, ки ба афзоиши фарҳанги ҳуқуқии онҳо, эҳтиром ба қонун, адолат ва қонуният мусоидат мекунад.» [9].

Кулапов В.Л. бошад, маърифати ҳуқуқиро (бидуни ифшои мазмуни он) ба яке аз шаклҳои ташкилии таълими ҳуқуқӣ (дар баробари таълими ҳуқуқшиносӣ, ки онро «шакли ибтидоӣ» ва таблиғи ҳуқуқӣ меномад) тасниф мекунад [14].

Андешаҳои консептуалии равишҳои дар боло зикршуда таваҷҷуҳи илмӣ доранд, вале равшан кардани моҳият ва доираи робитаи маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ, таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ва иттилооти ҳуқуқиро талаб мекунанд, ки мо дар боло муфассал истода гузаштем ва танҳо онро таъкид карданием, ки маърифати ҳуқуқӣ маънои аҳамияти мустақилро дорост. Он бо тарбияи ҳуқуқӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ алоқаманд аст, аммо комилан мувофиқат намекунад, ҳеҷ яке аз истилоҳҳои дар боло зикршуда дигарашро ба таври назаррас дарбар намегирад. Тарбияи ҳуқуқӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ ба маърифати ҳуқуқӣ ба ҳамон андоза дохил мешаванд, ки маърифати ҳуқуқӣ ба онҳо дохил карда шудааст, дар ҳоле ки маърифати ҳуқуқӣ мазмунан категорияи хеле васеътар аст.

Инъикоси мукаммали мазмуни падидаи ҳуқуқии таҳқиқшаванда бо нишон додани аломатҳои маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад:

- якум, маърифати ҳуқуқӣ имрӯз на танҳо фаъолияти махсус ташкилшудаи давлат ва ҷомеа, балки ҳамчун самти мустақили сиёсати давлат амал мекунад.

Сиёсати давлатиро дар ин самт Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2019 таҳти №599 тасдиқ гардида, ки аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат аз 26 декабри соли 2018 бармеояд, инчунин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ гардидааст, муайян мекунанд.

Илова бар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки онҳо низ мазмун ва моҳияти ин падидаро ба таври возеҳу равшан кушода медиҳанд. Аз ҷумла, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 "Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 "Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 № 636 тасдиқ шудааст, Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ шудааст, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 тасдиқ шудааст, Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2023, № 357 тасдиқ шудааст, Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, № 565 тасдиқ шудааст ва ғайраҳо мебошанд.

Дар ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида, қайд мегардад, ки баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби воситаҳои ахбори омма амалӣ мегардад. Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд, масъулият дошта бошанд ва ба имкониятҳои баробар, аз ҷумла имкониятҳои ҳуқуқӣ тавассути волоияти қонун дастрасӣ дошта бошанд, ки ҷиҳати расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳои ворид шудан ба қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мусоидат намояд. Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва намудҳои дигари тарбияи инсон бояд анҷом дода шавад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин раванд, диққати махсус ба интихоби мушаххаси гурӯҳҳои аҳолӣ, ки бо сабаби дар сатҳи паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ ё надоштани имконияти гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд, бояд равона гардад.

Инчунин, дар бораи сифати нокифоя ва истифодаи ғайрисамараноки неруи инсонӣ низ қайд карда шудааст, ки: бо назардошти афзоиши фарогирии аҳолӣ бо таҳсилоти миёнаи умумӣ, норасоии мутахассисони соҳибкасби ихтисосҳои техникӣ ба назар мерасад, сатҳи дониши забонҳои хориҷӣ ғайриқаноатбахш боқӣ мемонад, шуғли барзиёд дар хоҷагии қишлоқ, буҷет ва дигар соҳаҳо дар сатҳи баланд қарор дорад,

қисми зиѐди кормандони соҳибихтисос маҷбуранд, ки корро берун аз кишвар ҷустуҷӯ намоянд; - алоқамандии нокифояи бозори меҳнат бо низоми маориф ва паст будани ҳавасмандгардонии ҷавонон ба фаъолияти касбӣ. Вазифаи асосӣ дар давраи дарозмуҳлат барои ҷумҳурӣ дар бахши меҳнат ин шуғли пурмаҳсул ва баланд гаштани салоҳият мебошад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ мушкилоти таъмини хатмкунандагони низоми таҳсилоти касбӣ бо шуғл ба назар мерасад – фоизи нисбатан пасти хатмкунандагон мувофиқи ихтисоси гирифташуда ба кор таъмин мегарданд. Дар бозори меҳнат корфармоён норасоии малакаҳои касбӣ ва сифати пасти таҳсилоти довталабони ҷои корро қайд мекунанд. Дар баробари рушди иқтисодӣ ва зиёдшавии фаъоли сармоягузорӣ, новобаста аз мавҷудияти қувваи кории озод, ки дорои ихтисоси лозима нестанд, метавонад мушкилоти норасоии қувваи кории баландихтисос барои соҳаҳои пешбурди иқтисодиёт ва соҳибкории хурд зиёд намояд. Ин боиси рушди нобаробарии иқтисодии дар минтақаҳо ва оқибат ба нобаробарии имкониятҳо мегардад, ки барои ҷалби мардум ба шуғли истеҳсолӣ халал мерасонад; ҷалби нокифояи ҷавонон, занон, бахусус мардуми деҳот ва шахсони маъюб дар ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ; нокифоя будани самаранокии низоми тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сатҳи дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои базавии иҷтимоиро, бахусус барои гурӯҳҳои осебпазири иҷтимоӣ паст мекунад. Ҳукумат ҷиҳати мутобиқгардонии низоми ҳифзи иҷтимоӣ ба шароитҳои тағйирёбандаи кишвар ва имкониятҳои молиявӣ тадбирҳои муҳим меандешад. Новобаста аз ин, ҳануз мушкилиҳои бунёди низоми комплексии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ мавҷуданд, ки ба расонидани кумаки ҳаматарафа ба шахсони маъюб ва пиронсолон, кӯдакони оилаҳои камбизоат, модарон барои нигоҳубини кӯдакони маъюб, нафақахӯрон ва оилаҳои камбизоат ниёз доранд. Идома додани ислоҳоти ҷиддии сохторӣ дар марҳилаи нави рушд метавонад ба некуаҳволии мардум, имконияти интихоб ва татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоии ҳар як инсон таъсири назаррас расонад. Натиҷаи он тадриҷан тағйирѐбии талабот ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ мегардад, ки ин тағйирдиҳии дахлдори муносибатро ба ҳифзи иҷтимоӣ талаб мекунад;

- дуюм, рафтори фаъоли қонунӣ бояд хусусияти ҳатмии шахси маърифатпарвар гардад.

Таҳқиқоти пурсамари фарҳанги ҳуқуқӣ, аз он ҷумла, унсурҳои миллии он бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон дар диссертатсияи докторӣ ва асарҳои профессор Насриддинзода Э.С. (Насурдинов Э.С.) гузаронида шудааст[19;20;21;22;23;24;25;26;27]. Солҳои охир профессор Насриддинзода Э.С. фарҳанги ҳуқуқиро дар доираи маърифати нави ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон, озодии иқтисодӣ, эҷодӣ, илмӣ ва намуди дигари фаъолият, ҳуқуқ ва адолат таҳқиқ мекунад [19;20;21;22;23;24;25;26;27]. Насриддинзода Э.С. фарҳанги (маданияти) ҳуқуқиро ҳамчун ғояҳое, ки фикру эҳсосотро амалӣ мекунад, эътиқоди ҳуқуқӣ, дастурҳоро, ки ба фаҳмиши дурусти низоми ҳуқуқии ҷомеа нигаронида шудаанд, муайян месозад, маънидод кардааст. [19;20;21;22;23;24;25;26;27].

Унсурҳои ҷудогонаи маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар робита бо масъалаҳои дигари илмӣ дар асарҳои Тоҳиров Ф.Т., Маҳмудзода М.А., Нематов А.Р., Азиззода У.А. ва дигарон таҳлил карда мешавад. Масъалаҳои шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар робита бо рушди илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон, инкишофи низоми ҳуқуқӣ ва таҳкими соҳибистиқлолии давлати Тоҷикистон дар асарҳои академик Тоҳиров Ф.Т. таҳқиқ карда шудаанд [40;41;42;43;44;45;46;47].

Паҳлуҳои ҷудогонаи маърифати ҳуқуқӣ дар асарҳои олимони дигари Тоҷикистон – Азизқулова Г.С., Буризода Э.Б., Зоир Ҷ.М., Сафаров Б.А., Тоҳиров Ф.Т., Раҳимзода Р.Ҳ., Холиқзода А.Ғ. ва дигарон низ таҳқиқ мешаванд [1;2;3;6;35;36;32;45;40;42;48].

Ба андешаи профессор Насриддинзода Э.С. дар доираи гуногунии фаҳмиши ҳуқуқ, ки хосси даврони муосири таърихӣ мебошад, фарҳанги ҳуқуқӣ дар доираи

маърифати нави ҳуқуқӣ, дар асоси шинохти ҳуқуқҳои ҷудоинопазири инсон, озодии иқтисодӣ, эҷодӣ, илмӣ ва намуди дигари фаъолиятҳо, консепсияи ҳуқуқҳои табиии инсон шакл мегираду рушд менамояд. Аз ин лиҳоз, фарҳанги ҳуқуқӣ комёбиҳои мавҷударо дар заминаи ҳуқуқ (маълумоти ҳуқуқӣ, парламенти касбӣ, ҳифзи судии ҳуқуқҳои инсон ва ғайра) инъикос менамояд. Фарҳанги ҳуқуқӣ танҳо бо дарки ҳуқуқ ҳамчун шеваи озодӣ ва адолат тасаввурпазир аст [21;22].

Тавре мушоҳида мешавад, дар адабиёти илмӣ намудҳои гуногуни функсияҳои фарҳанги ҳуқуқӣ тасниф мегарданд.

Профессор Раҷабзода Р.М. функсияҳои фарҳанги ҳуқуқиро чунин муайян намудааст [31].

1. Функсияи танзимкунӣ, ки дар ҷараёни танзими фаъолияти одамон тавассути арзишҳои ҳуқуқӣ, одату анъанаҳои ҳуқуқӣ, мероси фарҳангӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқ амалӣ мешавад. Функсияи мазкур бо мақсади танзими ҳаёти фаъолияти одамон тавассути тадбирҳои фарҳангӣ-ҳуқуқӣ (тарбиявӣ, таҳсилотӣ ва ғайра) равона шудааст.

2. Функсияи иттилоотӣ-коммуникативӣ. Ин функсия бо мақсади паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, иттилоотонии раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, робитаи иттилоотии байни давлат ва шаҳрвандон ва байни шаҳрвандон амалӣ мешавад.

3. Функсияи тарбиявӣ-таҳсилотӣ. Функсияи мазкур дар ҷараёни тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ, бозомӯзии кадрҳои ҳуқуқшинос, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ истифода мешавад.

4. Функсияи маърифатӣ. Фарҳанги ҳуқуқӣ аз маҷмӯи донишҳо, мафҳумҳо, ақидаҳо, тасаввуроти ҳуқуқӣ иборат буда, дар раванди омӯзиши воқеияти ҳуқуқӣ ташаккул мeёбад. Функсияи маърифатӣ бо мақсади дарки падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ амалӣ мешавад.

5. Функсияи арзишӣ бо мақсади дарку таҳлил, паҳн намудан ва амалисозии арзишҳои ҳуқуқӣ амалӣ мешавад. Функсияи мазкур бо назардошти робитаи айни арзишҳои ҳуқуқии умумиинсонӣ ва миллӣ амалӣ мешавад.

6. Функсияи ҳифзи мероси фарҳанги ҳуқуқии миллӣ. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ ҳимояи манфиатҳои миллӣ, аз ҷумла, фарҳанги ҳуқуқии миллӣ (осори ҳуқуқии таърихӣ, анъанаҳои ҳуқуқи миллӣ, арзишҳои ҳуқуқии миллӣ) аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Петручак Л.А. бошад, ба муомилоти илмӣ категорияи «фаъолияти ҳуқуқии субъектҳо»-ро ворид намудааст. Фаъолияти ҳуқуқӣ зуҳуроти олии рафтори ҳуқуқии шахс буда, ба шуури ҳуқуқӣ асос ёфта, ба он вобаста буда, ҳаракати бошууронаи шахсро ба сӯи ҳуқуқ пешбинӣ менамояд [29]. «Рафтори фаъоли ҳуқуқӣ шуурнокии амиқ, мақсаднок, ташаббускор буда, ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, қонуният, ҳифзи манфиатҳои давлат, ҷомеа ва дигар шаҳрвандон нигаронида шудааст. Қоидаҳои ҳуқуқро шахс ҳамчун объективӣ зарурӣ, бамаврид қабул мекунад, ки нуқтаи назар, ниёзҳо ва орзуҳои шахсии худро ифода мекунад» [29]. Дар ин замина алоқаи зичи ҳуқуқро ҳамчун институти иҷтимоӣ бо падидаи дигари иҷтимоӣ – ахлоқ қайд кардан зарур аст.

Шапиева О.Г. бошад, мушкилоти иҷтимоии ахлоқӣ ва ҳуқуқии шахсиятро таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки ҳуқуқ ва ахлоқ, ки дар доираи фарҳанги ахлоқию ҳуқуқӣ бо ҳам алоқаманданд, ба соҳаи озодӣ таъсири танзимкунанда доранд, ки асоси ташаккули инкишофи маънавии шахс ва тамоми ҷамъият буда, ба таври объективӣ ба хавасмандгардонии фаъолияти ҳуқуқии субъектхо нигаронида шудааст [49].

3. Тарбияи ҳуқуқӣ ба таъмини иҷтимоии пурраи ҳуқуқии шахс нигаронида шудааст.

Конун ва ахлок барои ичтимоии шахе заминахои зарурй ба вучуд меоваранд. Ба фикри мо, махз ичтимоии комил шарти зарурй ва муайянкунандаи рафтори фаъоли конунии субъектхо мебошад.

Шапиева О.Г. дарки сохтори ичтимоишавиро хамчун ягонагии таълим, тарбия ва худомузии шахсият пешниход мекунад [49]. Дарвоқеъ, ҷомеашиносии фард як раванди дуҷониба аст, ки дар он ҳам ҷомеа ва ҳам худи шахс бояд баробар шомил шаванд. Иҷтимоикунонии ҳуқуқӣ на танҳо ҳадаф, балки натиҷаи интизории таъсири маърифати ҳуқуқӣ мебошад. Тарбия ва таълими ҳуқуқӣ ҳам шакл ва ҳам воситаи таъсиррасонӣ буда, ба раванди худтарбиякунии шахсият ҳавасмандӣ ва таҳкурсӣ мегузорад, ки ба таъмини иҷтимоии пурраи ӯ мусоидат намуда, пайвастагии ин равандро таъмин менамояд.

4. Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ягонаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ тавассути таъсиррасонӣ ба шуури ҳуқуқӣ баромад мекунад, ки дар навбати худ рафтори ҳуқуқиро (аз ҷумла дар шакли бештар инкишофёфтаи он - фаъолияти ҳуқуқии шахси воқеӣ) муайян мекунад.

Певсова Е.А. моҳияти маърифати ҳуқуқиро дар шароити муосирро баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, ки ба ҳадафҳои таълими ҳуқуқӣ мувофиқ аст, «мавҷудияти таълими ҳуқуқӣ ва низоми эътиқодро пешбинӣ мекунад, ки бо эътирофи ҳуқуқ, дарки зарурати риояи талаботи он, доштани маҳорат ва малакаи татбики конунро дар назар дорад. Донише, ки дар рафти таълими ҳуқуқӣ гирифта шудааст, бояд ба эътиқоди шахсӣ, ба муносибати қатъӣ ба риояи ҳатмии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва баъдан ба талаботи ботинӣ ва одати риояи қонун, нишон додани фаъолияти ҳуқуқию сиёсӣ табдил ёбад» [28].

5. Натиҷаи ниҳоии интизории татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ ташаккули фарҳанги баланди ҳуқуқии ҷомеа мебошад.

Профессор Синюков В.Н. мушкилоти муосири илми ҳуқуқшиносӣ ва ҳуқуқро баррасӣ намуда, дархости ҷомеаро барои ташаккули фарҳанги пешрафтаи ҳуқуқӣ, ки имкон медиҳад, сари вакт ва самаранок бо онҳо мубориза барад, таъкид менамояд. Дар давлати ҳуқуқии иҷтимоӣ, ки ба он талош мекунанд, фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун муҳити табиии рушди инсон ва муҳимтарин соҳаҳои ҳаёти ӯ амал мекунад [37].

Дар фалсафа шуури ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, дар ҳуқуқшиносӣ ҳамчун маҷмӯи ғояҳо, ҳиссиёт, эҳсосоти одамон нисбат ба ҳуқуқи мавҷуда ва гузашта, дар педагогика бошад ҳамчун асоси тарбияи ҳуқуқӣ мешуморанд. Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки шуури ҳуқуқӣ ва ҳуқуқ дар қиёс вуҷуд дошта, аз ҳамдигар вобастаанд. Чӣ қадар сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бошад, ҳамон қадар одамон бештар рафтори қонунӣ интихоб мекунанд ва ҳамон қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мустаҳкамтар мешавад [15].

Дараҷаи мувофиқи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги мутараққии ҳуқуқӣ ва иҷтимосозии кофии ҳуқуқии аъзои ҷомеа замина ва шарти дарк кардани дараҷаи баланди масъулияти шахсии худро барои некӯаҳволии худ дар ҳама соҳаҳо, аз як тараф, ва уҳдадории мутақобилан ҳамеша дар назар нигоҳ доштани манфиатҳои дигаре, ки аз ҷиҳати ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсонӣ баробар аст, аз тарафи дигар. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои асосии маърифати ҳуқуқӣ баланд бардоштани ҳиссаи раванди мақсадноки ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва ба ин васила таъмин намудани сатҳу сифати зарурии иҷтимоии ҳуқуқии субъектҳо мебошад.

Ҳамин тавр, омузиш ва таҳлил ба мо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои зерини маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ муайян карда шаванд:

1. Таълими ҳуқуқӣ самти сиёсати давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби доираи васеи мақомоти ваколатдор бо фарогирии фаъолонаи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ карда мешавад.

2. Фаъолиятҳое, ки дар системаи маорифи ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд,
рафтори қонунии шахсони алоҳида.

3. Тарбияи ҳуқуқӣ тавассути таъсиррасонӣ ба шуури ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи ягонаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шахс, гурӯҳи иҷтимоӣ ва умуман ҷомеа амал мекунад.

4. Мақсади тарбияи ҳуқуқӣ таъмини иҷтимоии пурраи ҳуқуқии шахс мебошад.

5. Натиҷаи ниҳоии фаъолият дар соҳаи тарбияи ҳуқуқӣ ташаккули фарҳанги баланди ҳуқуқии ҷомеа мебошад.

Бинобар ин асосҳо ва таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки сиёсати давлатиро дар ин самт муайян кардаанд, аз инҳо иборат мебошад:

1. Рушди волояти қонун, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, сулҳу субот ва таҳкими ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фарҳанги баланди ҳуқуқиро талаб мекунад, ки бидуни он арзишҳо ва принсипҳои асосии ҷомеа, ба мисли волояти қонун, афзалияти инсон , хукуку озодихои чудонашавандаи вай, таъмини хифзи боэътимоди манфиатхои чамъиятӣ пурра амалӣ гардонида намешаванд.

2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ принципхо, максадхо, самтхои асосӣ ва мазмуни сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сохаи инкишофи саводнокии хукуки ва шуури хукукии шахрвандон муайян мекунад.

3. Ташаккули фарҳанги баланди ҳуқуқии аҳолӣ, анъанаи эҳтиром ва риояи бечунучарои қонун, тартибот ва суд, хушрафторӣ ва поквиҷдонӣ ҳамчун намунаи ибрати рафтори иҷтимоӣ, инчунин рафъи нигилизми ҳуқуқӣ дар чамъият, ки ба инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон хамчун давлати мутамаддини муосир халал мерасонад.

4. Сиёсати давлатӣ нисбат ба ҳамаи халки Ҷумҳурии Тоҷикистон, гуруҳҳои алохидаи ичтимой ва хар як шахрванди он ба амал бароварда мешавад. Ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва саводи ҳуқуқии насли наврас таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

5. Сиёсати давлатӣ дар ҳамкории зич бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ карда мешавад. Давлат фаъолияти ташкилотҳои ғайриҳукуматиро, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати давлатӣ мусоидат мекунанд, дар шакли шарикии иҷтимоӣ дастгирӣ менамояд.

6. Давлат шароитеро фароҳам меорад, ки рушди саводнокии ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон, огоҳии онҳо аз моҳият, усул ва ҳудуди амалӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳо, манфиатҳои аз ҷониби қонун ҳифзшаванда дар мурофиаи маъмурӣ ва судӣ, инчунин дастрасии онҳо ба шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқии ихтисоснок. Инчунин тарғиб ва фаҳмонидани зарурати риояи уҳдадориҳои худ, қоидаҳои зиндагӣ, эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигарон, сарфи назар аз нажод, миллат, забон, муносибат ба дин, эътиқод ва дигар ҳолатҳо аз ҷониби шаҳрвандон муҳимтарин вазифаи давлат мебошад.

7. Сиёсати давлатӣ меъёрҳои ахлоқии таърихан муқарраршуда ва арзишҳои ахлоқии аз ҷониби умум эътирофшудаи мардуми сермиллати Тоҷикистонро ба роҳбарӣ мегирад, ки ба таъмини рафтори қонунӣ ва эҳтироми шаҳрвандон нигаронида шудааст. Ташаккули шуури мусбии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, тавассути андешидани тадбирҳои мунтазам оид ба муқовимат ба ҳама гуна шаклҳои ифротгароии миллӣ ва динӣ ё рафторе, ки ба ахлоқи ҷамъиятӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ, сулҳу суботи ҷомеа ва ризоияти миллӣ халал мерасонад, таъмин карда мешавад.

8. Сиёсати давлатӣ ҳамзамон бо маҷмӯи тадбирҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи татбиқи он, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, муқовимат бо коррупсия ва мақсаду вазифаҳоеро, ки ҷомеаи демократӣ муайян мекунад, амалӣ карда мешавад.

## АДАБИЁТ

1. Азизкулова Г.С. Некоторые мысли о проекте Кодекса поведения судьи в Республике Таджикистан // Правовая жизнь. – Душанбе, 2014. – № 2 (60). – С. 5-13.

2. Азизкулова Г.С. Правовое воспитание в Таджикистане (история вопроса) // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему:

«Ответственность родителей в обучении и воспитании детей». – Душанбе, 2012. – С. 62-65.

3. Азизкулова Г.С. Правовые ценности в условиях углубления культурно-цивилизационных различий // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему: «Развитие государственно-правовой системы независимого Таджикистана в условиях новых глобальных вызовов и угроз. Душанбе, 15 мая 2019 г. – Душанбе, 2019. – С. 42-45.

4. Барикина М. В. Взаимодействие органов прокуратуры с Уполномоченным по правам человека в рамках правового просвещения и правовой пропаганды // Экономика и право. XXI век. 2013. № 1. С. 58.

5. Бобоҷонзода И.Ҳ. Ҳуқуқ ҳамчун арзиш ва арзишҳо дар ҳуқуқ: ҷанбаи назарӣ ва ҳуқуқӣ. Асосҳои назариявӣ-меъёрии татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (монография) / Коллективи муаллифон: зери таҳрири д.и.ҳ. профессор И.Ҳ. Бобоҷонзода ва д.и.ҳ. профессор А.Р. Нематов. Душанбе: МН «Дониш», 2023. – 240с. – С. 76-91.

6. Буриев И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе, 2000. – Қ.1. – 114 с.

7. Долинина И.Г. Шокирова Е.А. Маърифати ҳуқуқӣ: асосҳои консептуалӣ // Таҳсилоти олии имрӯза. – 2013. – № 3. – С.49–52.

8. Дотсенко А. С. О понятии правового просвещения // Актуальные проблемы российского права. — 2020. — Т. 15. — № 1. — С. 179—188. — DOI: 10.17803/1994-1471.2020.110.1.179-188.

9. Иванников И. А. Теория государства и права: учебник. М.: РИОР; Инфра-М: Академцентр, 2012. С. 280.

10. Каландаришвили З.Н. Деформация правового сознания молодежи и юридические способы ее преодоления: дис. канд. юрид. наук. Ростов на Дону. 2003. С. 136.

11. Коротков В.В. Формирование правовой среды общеобразовательного учреждения: автореферат дис. кандидата педагогических наук: 13.00.01 / Волж. гос. инж. -пед. акад. - Нижний Новгород, 2003. – С. 144- 169.

12. Кожевников В.В. Профессиональная правовая культура в правоприменительном процессе органов внутренних дел. – Омск, 1994. – С. 36.

13. Кудрявтсев В.Н. Правосознание юриста // Советская юстиция. – 1974. – № 10. – С. 30.

14. Кулапов В. Л. Теория государства и права: учебник. — М.: Кнорус, 2014. — 384 с.

15. Қодирзода Т.Қ. Шуури ҳуқуқии судяҳо. Монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2023. – 338 с.

16. Лазарев В.В. Противоречия между общественными и профессиональными началами в поддержании общественного порядка // Политическая реформа: цели, противоречия, этапы. – М., 1990. – С. 93.

17. Миронов О. О. Правовое просвещение — функция омбудсманов // Право и образование. 2009. № 5. С. 15.

18. Назарияи ҳуқуқ ва давлат: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод. / Исмоилов Ш.М. Сотиволдиев Р.Ш. - Душанбе.: Деваштич, 2008. -295с. - С. 283-284.

19. Насриддинзода Э.С. Конституционная культура и конституционное правосознание как научные категории и явления общественной жизни // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет). – 2017. – Т.1. – № 4 (60). – С. 21-27.

20. Насриддинзода Э.С. Сохтори фарҳанги ҳуқуқӣ // Давлатшиносӣ. – 2017. – №

2. – С. 5-18; Насриддинзода Э.С. Баъзе аз ақидаҳои назариявӣ оид ба фарҳанги ҳуқуқӣ // Давлатшиносӣ. – 2017. – № 3. – С. 18-32.

21. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр - граф, 2016. – 313 с.

22. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр - граф, 2016. – С. 44.

23. Насриддинзода Э.С. Роль государства в реализации правовой политики в сфере правового воспитания и образования // Права человека в международном и национальном праве: сб. науч. ст. / под ред. канд. юрид. наук Е.М. Павленко. – М., 2015. – С. 215-227.

24. Насриддинзода Э.С. Правовая культура в общекультурном контексте // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. – 2015. – № 2. – С. 13-19.

25. Насриддинзода Э.С. Правовая культура. Монография. М.: Норма. 2014. 352с.

26. Насриддинзода Э.С. Правовое воспитание как одно из направлений правовой политики и некоторые его теоретические аспекты // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. Ч. 1. – Душанбе, 2015. – № 3/5 (173). – С. 120-123.

27. Насриддинзода Э.С. Предпосылки становления и перспективы развития правовоспитательной политики в Таджикистане // Правовая жизнь. – 2015. – № 2 (10). – С. 20-30.

28. Певтсова Е. А., Соколов Н. Я. Правовое просвещение в России: состояние и проблемы: монография. — Ярославль — Москва: Канцлер, 2013. — 240 с. –С. 41.

29. Петручак Л.А. Правовая культура как детерминанта современного российского общества. С. 90—91.

30. Полханов А.А. Технология вузовского обучения будущего социального работника правовому просвещению населения: дис. кандидата педагогических наук. Тамбов, 2011. С. 24-26.

**31.** Раҷабзода Р.М. Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ ва методологӣ. Дисс... док. илм. ҳуқуқ. Душанбе, 2022. – С. 161-162.

**32.** Раҷабзода Р.М. Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ ва методологӣ. Дисс... док. илм. ҳуқуқ. Душанбе, 2022. – С. 61-62.

33. Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳадафҳои стратегии миллӣ – асоси амнияти иқтисодӣ: монография. – Душанбе: ЭР – граф, 2020. – 176 с..

34. Рибаков О. Ю. Формы реализации правовой политики // Правовая политика и правовая жизнь. 2003. № 2. С. 14.

35. Сабо И. Основы теории права. – М., 1974. – С. 212.

36. Сафаров Б.А. Роль либертарной концепции права в развитии прав человека // Вестник Университета (РТСУ): Научный журнал. – 2014. – № 1 (44). – С. 37-43.

37. Сафаров Б.А. Формирование идей о правах человека в правовой истории Таджикистана (древный период) // Правовая политика и правовая жизнь: Международный академический и вузовский научный юридический журнал. – Саратов – Москва, 2015. – № 1 (58). – С. 31-36.

38. Синюков В. Н. Юридическое образование в контексте российской правовой культуры // Журнал российского права. 2009. № 7. С. 34.

39. Снегирёва М.В. Общественные ресурсы в педагогических технологиях правового просвещения: дис. кандидата педагогических наук. Екатеринбург, 2009. С. 28-30.

40. Стреляева В. В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дис. ... канд. юр. наук. М., 2006. С. 11, 71.

41. Тахиров Ф.Т. Демократизация и проблемы формирования правовой культуры // Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – *Душанбе:*

*Дониш, 2009. – С. 94-97.*
42. Тахиров Ф.Т. Особенности формирования и основные тенденции развития правовой системы Таджикистана // Академический юридический журнал. – Душанбе, 2012. – № 3. – С. 3-17.
43. *Тахиров Ф.Т. Правовая культура и формирование правового государства //* Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – *Душанбе: Дониш, 2009. – С. 86-87* ва диг.
44. *Тахиров Ф.Т. Правовая культура и формирование правового государства //* Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – *Душанбе: Дониш, 2009. – С. 86-87.*
45. Тахиров Ф.Т. Современное национальное государство таджикского народа и проблемы его развития // Академический юридический журнал. – Душанбе, 2014. – № 3. – С. 25-37.
46. Тахиров Ф.Т., Халиков А.Г. Декларация Великого Кира как исторический источник о правах и свободах человека // Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2009. – С. 235-247.
47. Тоҳиров Ф.Т. Илми ҳуқуқ бояд пешқадам бошад // Масоили мубрами инкишофи ҳуқуқ, давлат ва омода намудани мутахассисони соҳаи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – С. 5-15. Тоҳиров Ф.Т. Давлати соҳибистиқлол ва рушди қонунгузории миллӣ // Истиқлолият ва ташаккули давлати ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2011. – С. 8-12.
48. Тоҳиров Ф.Т. Мустаҳкам намудани илми академии ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // 60-солагии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмӯи мақолаҳо. – Душанбе, 2011. – С. 34-47.
49. Холиқов, А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе: ЭР - граф, 2013. – 684 с.
50. Шапиева О.Г. Нравственно-правовая социализация личности: дис. ... д. ю. н. СПб., 1997. С. 20.

**УДК: 347.44**

# СООТНОШЕНИЕ ТРУДОВОГО ДОГОВОРА И АВТОРСКОГО ДОГОВОРА В СФЕРЕ СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ

**Меликов Умрилло Асадуллоевич,** профессор кафедры права Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор юридических наук, доцент

**Фирузи Талбак,** старший преподаватель кафедры права Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

# ТАНОСУБИ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ ВА ШАРТНОМАИ МУАЛЛИФӢ ДАР СОҲАИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА

**Меликов Умрилло Асадуллоевич,** профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

**Фирузи Талбак,** омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

# EMPLOYMENT CONTRACT AND COPYRIGHT AGREEMENT IN THE FIELD OF MEDIA

**Melikov Umrillo Asadulloevich,** Professor of the Department of Law of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Law, Associate Professor

**Firuzi Talbak,** teacher the Department of Law of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

**Ключевые слова:** автор, договор, труд, права, закон, творчество, новость, информация, редакция, сотрудник, журналист, вознаграждение, зарплата, обязанность, ответственность.

**Аннотация.** В статье авторы проанализировали правовые вопросы, связанные с использованием трудового договора и авторского договора в процессе создания СМИ. Установлено, что авторы, работающие на условиях полной занятости, работают на основании трудового договора, однако вопросы авторского права не всегда упоминаются в трудовом договоре. По этой причине предлагается упоминать вопросы авторского права в трудовых договорах работников, деятельность которых носит творческий характер. Нештатные работники редакций СМИ работают на основе авторского договора.

**Калидвожаҳо:** муаллиф, шартнома, меҳнат, ҳуқуқ, қонун, эҷод, ахбор, иттилоот, редаксия, корманд, журналист, подошпулӣ, музд, уҳдадорӣ, ҷавобгарӣ.

**Аннотатсия.** Дар мақола муаллифон масъалаҳои ҳуқуқии марбут ба истифодаи шартномаи меҳнатӣ ва шартномаи муаллифиро дар раванди эҷоди ВАО таҳлил намудаанд. Муайян карда шудааст, ки эҷодкороне, ки ҳамчун корманди штатӣ фаъолият менамоянд дар асоси шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд, аммо на ҳамеша дар шартномаи меҳнатӣ масъалаҳои ҳуқуқи муаллиф зикр карда мешаванд. Аз ҳамин сабаб пешниҳод мегардад, ки дар шартномаҳои меҳнатии кормандоне, ки фаъолияташон хусусияти эҷодӣ дорад, масъалаҳои ҳуқуқи муаллиф зикр карда шавад. Кормандони ғайриштатии редаксияҳои ВАО дар асоси шартномаи муаллифӣ кор мекунанд.

**Keywords:** author, contract, labor, rights, law, creation, news, information, editorial, employee, journalist, remuneration, salary, obligation, responsibility.

**Annotation.** Authors analyzed in the article legal issues related to the use of the employment contract and the author's contract in the process of media creation. It has been determined that creators who work as full-time employees work on the basis of an employment contract, but copyright issues are not always mentioned in the employment contract. For this reason, it is suggested that copyright issues should be mentioned in the employment contracts of employees whose activities are of a creative nature. Freelancers of media editorial offices work on the basis of an author's contract.

Если исключительное право служит для обеспечения монополии СМИ как результата интеллектуальной деятельности в первую очередь в интересах правообладателя, то договоры содействуют внедрению этого результата в гражданский оборот. Договор является одной из правовых конструкций, которая широко используется на практике при гражданских оборотах. Поэтому в теории она исследована с разных точек зрения: «как основание возникновения правоотношения, как само правоотношение, возникшее из этого основания, и, наконец, как форма, которую соответствующее правоотношение принимает» [1, с.14: 20, с 31-32]. Также договор рассматривается как разновидность сделки [2, с 18], как средство достижения конечного результата предпринимательской деятельности [3, 72-85] и т.п.

Когда о понятии договора говорят как о юридическом факте или правоотношении, то «речь идет не о разных функциях одного явления, а о разных явлениях. Они объединены одним термином – «договор», но отличаются содержанием» [1, с 16]. В данном случае следует обратить внимание на анализ сущности договора с разных сторон, в рамках разных теорий – теории правоотношения, теории о юридических фактах, о сделках.

В юридической науке не сложилось устойчивого понимания договора, адекватно отражающего его юридическую природу [4, с 90-102]. Не будем подробно останавливаться на вопросах о понятии договора, а рассмотрим особенности соотношения трудового договора и авторского договора в сфере СМИ.

Создание и распространение СМИ являются отдельными и в то же время взаимосвязанными видами деятельности, поэтому при создании СМИ и их распространении возникают разные и в то же время взаимосвязанные договорные отношения.

При создании СМИ широко используются трудовой договор, авторский договор о передаче исключительных прав и авторский договор заказа. Данные договоры используются как правовое средство для приобретения материалов с целью создания СМИ. Эти виды договоров на данном этапе не могут привести к конечному результату, благодаря им достигается промежуточный результат. Конечный же результат достигается на втором этапе (распространение СМИ) при помощи договоров об оказании услуги, купли-продажи тиража печатных СМИ, авторского договора о передаче исключительных прав, договора об оказании возмездных услуг и т. п. Подробное их рассмотрение мы не будем в данной статье. Мы же ограничимся лишь некоторыми спорными моментами, относящимися к этим видам договоров.

При создании СМИ достаточно широко используются трудовые договоры. В юридической литературе часто поднимается вопрос о соотношении трудового и гражданского договоров. Некоторые ученые предлагают воссоединение в будущем трудового договора с гражданским [1, с 32]. Другие же авторы, считают, оправданным сохранить в будущем трудовой договор вне рамок гражданского права [5, с 81-93]. Среди юристов нет единой позиции по вопросам объединения в одном договоре условий, вытекающих из трудовых и из гражданских прав. Законодательство тоже не предусматривает и не запрещает такого подхода. Поэтому следует согласиться с Е.Э. Чуковской, по мнение которой иногда «договор должен представлять собой некий конгломерат из норм авторского и трудового права, не порождая при этом в интересах творца для результата его деятельности режима служебного произведения» [6, с 166].

Работников организации СМИ, исходя из их функциональных обязанностей, можно разделить на три группы: на руководящий состав, творческий и технический персонал. В создание СМИ все они вкладывают свои усилия, но определяющую роль здесь все же играют журналисты и другие творческие работники.

Здесь необходимо отметить, что значение трудового договора для установления прав и обязанностей журналистов и работодателя при создании СМИ важно и неоспоримо.

Работа штатного журналиста в редакции основана на трудовом правоотношении. Объектом трудового правоотношения между штатным журналистом и редакцией является авторский труд по созданию результата творчества на основании заранее конкретизированного служебного задания [7, с 92].

На основе трудового договора (и трудового отношения) создается произведение, которое называется служебным произведением. В случае отсутствия трудового договора произведение не подпадает под правовой режим «служебного произведения».

Таким образом, трудовой договор как средство приобретения имущественного права на созданное служебное произведение весьма важен для предпринимателя – именно на основании этого договора он может включить это произведение в состав СМИ.

Другая категория договоров, которые регулируют отношения между авторами и организацией СМИ, - это авторские договоры. На авторский договор как разновидность гражданско-правовых договоров, распространяются положения Гражданского кодекса, особенно главы ГК РТ, посвященные сделкам, и Закона РТ «Об авторском праве и смежных правах».

Сторонами авторского договора обычно называются автор (правообладатель) и пользователь (приобретатель права на использование произведение). При создании СМИ организация СМИ выступает в качестве пользователя, а при распространении СМИ может выступать как правообладатель. Однако в отношении субъектного состава авторского договора в юридической литературе нет единых позиций. По мнению некоторых авторов, в авторском договоре только автор как первоначальный

правообладатель может быть одной из сторон договора. Другие ученые считают, что авторский договор может быть заключен не только с автором, но и с обладателем прав на использование произведения [8, с 116-117]. Весьма убедительна М.А. Астахова, в своих аргументациях которая пишет о том, что при решении вопроса о субъектном составе авторского договора, следует отталкиваться от его предмета… его стороной могут быть не только авторы [8, с 117].

Договор считается заключенным, если между сторонами в требуемой для надлежащих случаев форме достигнуто соглашение по всем существенным условиям договора. В качестве такового называется предмет договора . Другие существенные условия договора, возможно, предусматриваются специальными нормами, регулирующими отдельные группы гражданско-правовых договоров, или признаны в качестве таковых сторонами по своему усмотрению. В ст. 26 Закона РТ «Об авторском праве и смежных правах», установлены существенные условия авторского договора, в том числе способы использования произведения (конкретные права, передаваемые по данному договору); срок и территорию, на которые передается право; размер вознаграждения и (или) порядок определения размера вознаграждения за каждый способ использования произведения, порядок и сроки его выплаты.

Условия авторского договора о сроке и территории, на которую передаются исключительные права, не вызывают разногласий, по сравнению с такими условиями, как предмет и возмездности авторского договора. В юридической литературе активно обсуждается вопрос о том, что является предметом авторского договора - само произведение или права на него? [6, с 149: 9, с 195: 10, с 229-230]. Из смысла ст. 26 Закона РТ «Об авторском праве и смежных правах» следует, что в качестве предмета авторского договора называются имущественные права автора, а в ст. 28, посвященной авторскому договору заказа, речь идет о передаче самого произведения.

Проанализировав законодательные нормы и научную литературу, мы пришли к выводу, что в последнее время больше всего внимания уделяется исключительным правам как предмету авторского договора. В юридической литературе существует мнение о том, что объектами гражданского оборота выступают не сами результаты интеллектуальной деятельности, а права на такие результаты интеллектуальной деятельности[11, с 20-21: 12, с 136: 13, с 20-21]. В то же время результат интеллектуальной деятельности и права на нее связаны между собой. Например, на основе договора о передаче имущественных прав на произведение субъект получил права на опубликование и распространение произведения и не успел этого сделать, случайно был уничтожен (например, сгорел) единственный оригинал произведения. Тогда его имущественные права, которые он имел на это произведение, равняются нулю, не имеют никакой ценности. Далее, в самом договоре о передаче имущественных прав на произведение должны быть отражены не только объем и срок передачи имущественных прав, но и само конкретное произведение для идентификации объекта.

Убедительно выглядит позиция С. А. Барышева, который отмечает, что «предмет авторского договора необходимо рассматривать в единстве самого произведения, зафиксированного на конкретном материальном носителе и авторских прав на его использование, так как передача по авторскому договору указанных составляющих отдельно друг от друга практически невозможна»[14, с 104]. В данном случае возникает такой вопрос: можно ли отделить один от другого? Очевидно, что они существуют отдельно (но во взаимосвязи), иначе не было бы необходимости в ст. 136 ГК РТ называть в качестве объектов гражданских прав имущественные права и результат интеллектуальных деятельности. В. А. Дозорцев отмечает, что «существенная особенность рынка интеллектуального продукта заключается в том, что на нем выступает, строго говоря, не сам продукт, а права на него. Вне прав

такой продукт, являющийся нематериальным, выступать на рынке не может, допустимо его вполне свободное использование – без чьего-либо разрешения и без выплаты вознаграждения» [15, с 56]. Таким образом, исключительные права имеют надстроечный характер по отношению к своей основе – результату интеллектуальной деятельности. То есть исключительные права выступают как правовое средство внедрения результата интеллектуальной деятельности в гражданский оборот.

Для организаций СМИ важным является приобретение не только исключительного права на произведение, но и само произведение, отвечающее редакционным требованиям.

Другой вопрос, связанный с авторским договором, это условие о вознаграждении. Некоторые авторы считают, что авторский договор должен быть возмездным [16, с 146-147]. Другие ученые поддерживают иную точку зрения, в том числе Э. П. Гаврилов, который отмечает, что «автор или иной продавец может отказаться от авторского вознаграждения и уступить имущественные права безвозмездно. Следует, однако, учитывать, что авторский договор как и любой гражданский договор, по общему правилу, предполагается возмездным. Поэтому, безвозмездный характер заключенного авторского договора в случае спора должен доказать пользователь» [17, с 203]. Последняя точка зрения соответствует общим принципам гражданского права - «все, что не запрещено, разрешено» и принципам свободы договора. Безвозмездность передачи исключительных прав, которая предусматривается в договоре, - это субъективное право правообладателя.

Форма авторского договора в сфере СМИ имеет особенности. В сфере создания периодического издания допускается устная форма заключения авторского договора. Такой подход законодательства объясняется тем, что в сфере периодических изданий иногда необходимо оперативное опубликование произведений. Однако работа на радио, в информационных агентствах и на телевидении имеет более оперативный характер, чем периодическое издание, но законодатель этого не предусматривает в сфере электронных СМИ. Примечательно, что ученые-юристы рекомендовали при использовании произведений в сфере периодических изданий заключать письменные авторские договора [9, с 190: 7, с 102-103].

В сфере периодических изданий авторский договор иногда заключается путем конклюдентных действий. Обычно авторы по почте отправляют материалы для опубликования. В данном случае их действия считаются офертой, при этом акцептом считается факт опубликования данного материала или извещение автора со стороны редакции о принятии его материала для опубликования.

При заключении устного авторского договора (или путем конклюдентных действий) возникает вопрос об объеме передачи авторских прав. Авторские права в данном случае передаются на неисключительной основе для разового использования. При этом автор сохраняет возможность использовать произведение любым способом, а также уступить свои авторские права другим субъектам.

Содержание авторского договора как разновидности гражданско-правового договора состоит из прав и обязанностей сторон. Права и обязанности сторон корреспондируют друг другу и имеют взаимный характер. В авторских договорах объем прав и обязанностей сторон в зависимости от цели сторон будет различными. С. А. Барышев и А. Ю. Алтудов [18, с 34-48: 14, с 165 - 186] в своих диссертационных исследованиях также обратили внимание на содержание авторского договора. Ученые отмечают, что права и обязанности сторон по авторскому договору не регламентируются законодательством и решение данного вопроса оставляется на усмотрение сторон. Более подробный анализ прав и обязанностей автора и пользователя приведен в работе А.П. Сергеева. В качестве обязанностей автора он называет следующие: создание и передача организации-заказчику своего произведения; личное выполнение заказанной работы;

представление заказанного ему произведения в определенный договором срок; доработка произведения по требованию организации-заказчика; в зависимости от вида произведений участие в подготовке произведения к использованию; не передавать третьим лицам указанное в договоре произведение или часть его для использования тем же способом и в установленных договором пределах в течение всего срока действия авторского договора о передаче исключительных прав без согласия другой стороны.

Обязанности же пользователя таковы: принять и рассмотреть представленное автором произведение; обеспечить соблюдение всех личных неимущественных прав автора; обязанность привлечь автора к работе по подготовке произведения к использованию; использовать произведение, если эта обязанность предусмотрена в авторском договоре; использовать работу автора именно тем способом, который предусмотрен договором; в авторском договоре заказа заказчик обязан в счет обусловленного договором вознаграждения выплатить автору аванс, размер, порядок и сроки выплаты которого устанавливаются в договоре по соглашению сторон, предоставить в собственность автора определенное число бесплатных экземпляров произведения, если это предусмотрено договором [19].

Таким образом, авторские договоры наряду с трудовыми договорами являются одним из основных правовых средств приобретения имущественных прав на произведение, на основе которых создаются СМИ.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Брагинский М.И. Договорное право/ М.И.Брагинский, В. В. Витрянский. Кн.1-я. Общие положения. Изд. допол. исправленное. М. 2002. 848 с.
2. Мережко А.А. Договор в частном праве. Киев : Юстиниан, 2003. 176 с.
3. Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. Душанбе : Деваштич, 2007. 294 с.
4. Казанцев М. Ф. Гражданско-правовое договорное регулирование: Исходные положения концепции // Правоведение. 2003. № 2 (247). С. 90 – 102.
5. Басалаева С. П. К вопросу о правовой природе трудового договора // Правоведение. 2003, № 4. С. 81 – 93.
6. Чуковская Е.Э. Правовые аспекты предпринимательской деятельности в кинематографии: дис. … канд. юрид. наук. М., 1999. 200 с.
7. Чертков В. Л. Авторское право в периодической печати. М.: Юр. лит., 1989. 144 с.
8. Астахова М. А. Оборот прав на результат интеллектуальной деятельности: дис. … канд. юрид. наук. Тюмень, 2007. 182 с.
9. Ермакова Е.Р. Современные вопросы права интеллектуальной собственности в сфере периодической печати: дис. … канд. юрид. наук. СПб, 2002. 244 с.
10. Рузакова О.А. Система договоров о создании результатов интеллектуальной деятельности и распоряжении исключительными правами: дис. … д-ра юрид. наук. М. 2007. 497 с.
11. Карлявин И.Ю. Интеллектуальная собственность в системе объектов гражданских прав // Вестник Ивановского Государственного Университета. Сер.: Право. Социология. Международные отношения. 2008. №3. С. 20-29;
12. Туктаров Ю.Е. Оборотоспособные права (сравнительное исследование) // Объекты гражданского оборота: сб. ст. М., 2007. С. 113- 142.
13. Симонович Л.Н. Необходимость оценки и правовой охраны объектов интеллектуальной собственности // Вестник Екатерининского института. М., 2008. №4. С. 20-21.

14. Барышев С. А. Авторский договор в гражданском праве России, Франции и Швейцарии: сравнительно - правовой анализ: дис. … канд. юрид. наук. Казань, 2002. 212 с.

15. Дозорцев В.А. Интеллектуальные права: Понятие. Система. Задачи кодификации; Исслед. центр частного права. М.: Статут, 2003. 416 с.

16. Каминский В.В. Передача авторских прав по договору: дис. … канд. юрид. наук. М., 2006. 187 с.

17. Гаврилов Э.П. Комментарий к закону РФ "Об авторском праве и смежных правах". Судебная практика. М.: Экзамен, 2002. 352 с.

18. Альтудов А.Ю. Договорные и внедоговорные правоотношения в авторском праве: дис. … канд. юрид. наук / М., 2005. 175 с.

19. Сергеев А.П. Право интеллектуальной собственности в Российской Федерации [Электрон. ресурс] / М., 2001. URL: http://www.easyschool.ru/books/10/75/. (дата обращения: 02. 02. 2024).

20. Нодиров Ф. М. Регулирующая роль договора в современных условиях // Государство и право. Душанбе, 2007. №2. С. 31-32.

УДК: 343.3/.7

# ДАЛЕЛҲОИ ҒАЙРИ ҚОБИЛИ ҚАБУЛ ВА ТАРТИБИ МУРОФИАВИИ ХОРИҶ НАМУДАНИ ОН АЗ ҚАТОРИ ДАЛЕЛҲОИ ҶАМЪОВАРИШУДА ОИД БА ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ

# НЕДОПУСТИМЫЕ ДОКАЗАТЕЛЬСТВА И ПРОЦЕССУАЛЬНЫЙ ПОРЯДОК ИХ ИСКЛЮЧЕНИЕ ИЗ ЧИСЛА СОБРАННЫХ ДОКАЗАТЕЛЬСТВА ПО УГОЛОВНОМУ ДЕЛУ

# INADMISSIBLE PROOFS AND PROCEDURAL ORDER THEIR EXCEPTION OF NUMBER COLLECTED PROOFS ON CRIMINAL CASE

**Искандаров Зайниддин Ҳамдивоч** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Искандаров Зайниддин Хамидович** – доктор юридических наук, профессор кафедры права Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

**Iskandarov Zainiddin Khamidovich** – Doctor of Law, Professor of the Department of Law of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

**E- MAIL.** – ziskan@mail.ru

**Ключевые слова:** доказателство, доказывание, доказательное право, допустимые доказателство, недопустимые доказательство, состязательный уголовный процесс, нарушени процеессуальный порядок собирание доказательства, порядок сбора доказательства, применение пыток и т.д.

**Аннотация.** Автор статьи анализирует одно из важнейших вопросов теории и практики уголовного процесса – правило признание недопустимым доказательства, без достаточного уяснение, понимание и реализации, которого невозможно обеспечивать главной черты уголовного процесса, - надлежащей правовой процедуры. Автор отмечает, что хотя теория доказательства давно знал о допустимости доказательства как юридическое свойство источника доказательства, оно нормативно не было закреплено в законе.

**Калидвожаҳо:** далел, исботкунӣ, ҳуқуқи исботкунӣ, далелҳои қобили қабул, далелҳои ғайриқобили қабул, мурофиаи ҷиноятии мубоҳисавӣ, вайрон кардани тартиби мурофиавии ҷамъоварии далелҳо, тартиби ҷамъоварии далелҳо, истифодаи шиканҷа ва ғ.

**Аннотатсия.** Муаллифи мақола яке аз масъалаҳои муҳими назария ва амалияи мурофиаи ҷиноятӣ - тартиби ғайри қобили қабул донистани далелҳоро бидуни тавзеҳи кофӣ, фаҳмиш ва татбиқи он, ки хусусияти асосии мурофиаи ҷиноятиро таъмин кардан ғайриимкон аст, таҳлил кардааст. Муаллиф қайд мекунад, ки гарчанде назарияи далелҳо кайҳо боз дар бораи қобили қабул будани далелҳо ҳамчун моҳияти ҳуқуқии манбаи далелҳо огоҳ аст, аммо он ба таври меъёрӣ дар қонун муқаррар карда нашудааст.

**Keywords:** proof, proof, evidential right, admissible proof, inadmissible proof, competitive criminal proceedings, violation protseessualny

Annotation. The author of the article analyzes one of the most important issues in the theory and practice of criminal proceedings - the rule of declaring evidence inadmissible, without sufficient

order collecting of the proof, order of collecting proof, application of tortures, etc.

understanding, understanding and implementation, which is impossible to ensure the main feature of the criminal process - due process. The author notes that although the theory of evidence has long known about the admissibility of evidence as a legal property of the source of evidence, it has not been normatively enshrined in the law.

Қобили қабул ё ҷоизии далел ҳам мегӯянд, хусусияти далелҳо буда, риоя намудани он зимни исбот намудани ҳақиқати воқеӣ муҳим аст. Мақсад аз делеловариву исбот муайян намудани ҳақиқат аст. Ҳақиқат барои ҳаёти осудаву мӯътадил, барқарор намудани адлу инсоф, барои рушду нумӯи инсон, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд арзишмандтарин ғояи раҳнамо аст. Ҳамаи мо аз паи исбот намудани ҳақиқати ҳоламон умр ба сар мебарем. Ҳақиқати фаъолияти омузгории устодон ҳамин аст, ки 1000-ҳо шогирдро аз дарси адлу инсоф, мурофиаи одилона дарси сабақ гуфта, онҳоро ба вояи касбӣ расонидаанд, ки имруз дар тамоми рукнҳои ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таълимиву илмӣ хидмати шоён менамоянд. Ба ҳамин монанд хулоса, ки даъвои ҳақиқатро дорад, яъне «қоидаи ғайри қобили қабул эътироф намудани далел муҳокимаи судиро имруз одилона намуд» бо роҳу воситаҳои гуногуни тадқиқоти илмӣ исбот карда мешавад. Аммо ҳақиқат нисбат ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ки чӣ гунае, ки устод Н.А. Абдуллоев дар китоби худ таъкид намуданд: «ҳақиқат - хулосаҳое мебошад, ки ба воқеият пурра мувофиқат дошта, дар амалия ва таҷриба санҷида шудаанд» [1, С. 104.], хулосаҳоенд, ки маҳз бо далелҳо ва тартиби муқаррарнамудаи КМҶ аз ҷониби субъектони босалоҳият исбот карда мешаванд. Мурофиаи ҷиноятӣ худ чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқ ба мавриде пазиро аст, ки қоидаҳои муқаррарнамудаи он дақиқ, пурра ва бечунучаро риоя ва иҷро гардад. Вагарна мурофиаи ҷиноятӣ таъиноти худро аз даст медиҳад.

Ва ҳамин қоидаи қабулияти далел, ки солҳои пеш танҳо андешаву ормонҳои олимон буд, дар замони истиқлолият ҳамчун кафолати риояи тартиботи дахлдори ҳуқуқӣ ва ҳуқуқу манфиати тарафи ҳимоя дар Кодекси нави мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо азму ирода ва ташаббуси қонунгузории Президенти Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия ва ҷой карда шуда (аввал бо истилоҳи – имконпазирӣ, соли 2009) [13, М. 88] ба парлумони кишвар пешниҳод шуда буд, марҳилаи дуюми мавриди истифода ва татбиқ гардидани худро аз сар мегузаронад (аз соли 2016), ки бемушкилот ҳам нест.

Марҳилаи якуми барқарории ҳуқуқӣ ва мавриди истифода қарор гирифтани он бо қабул намудани Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии соли 2009, ки дар моддаи 88-и он бо истилоҳи «имконпазирӣ» ифода шуда буд, яъне ҳар як далел аз нигоҳи имконпазирӣ бояд баҳо дода шавад, шурӯъ шуда, дар амалияи тафтишотию судӣ маъруф нагардид. Чунки, агар аз як тараф, якум мафҳуми далелҳои имконпазир дар Кодекс нишон дода нашуда бошанд, дуюм, тартиби мурофиавии эътироф намудани далелҳои ғайриимконпазир низ бевосита муқаррар нашуда буд, сеюм судяҳо дар руҳияи меъёрияти ҳуқуқӣ фаъолият намуда, бо баҳонаи муқаррар нашудани тартиби мурофиавии эътироф намудани маълумотҳо чун далели ғайри қобили қабул, аз тавсифи меъёрҳои ҳуқуқии мавҷуда худдорӣ ҳам намуданд. Ҳол он ки қоидаи маъмул аст, ки ҳамагуна масъалаи марбут ба пешбурди муҳокимаи судӣ аз ҷониби суд (судя) тавассути таъинот (қарор) ҳал карда мешавад. Аз ҷониби дигар, дар марҳилаи дуввум, ҳарчанд парлумони кишвар бо дарки баланди масъулияти намояндагии қишрҳои гуногуни ҷомеаъ, саъю талошҳои Раёсати иттифоқи адвокатҳои ҷумҳурӣ, таклифҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва олимонро ба инобат гирифта, зарурияти мубоҳисавӣ намудани мурофиаи ҷиноятиро дарку эҳсос намуда, ба КМҶ ҶТ м. нави 88[13, М. 88] – ро бо номи «Далелҳои ғайри қобили қабул» ворид намуда, камбудиҳои дар боло

номбаршударо ислоҳ карданд, асос, шарт, тартиби мурофиавии ҳал намудани масъалаи ғайри қобили қабул эътироф намудани далелро пешбинӣ ҳам намуданд, дар зеҳни судяву адвокатҳо танҳо як нав такони назариро ба вуҷуд оварду ба амалияи судманд ҳануз мубаддал нагаштааст. Омилҳои чунин ваъзро мо дар низоми мураккаби типпи омехтаи мурофиаи ҷиноятӣ ва камбудиҳои техникаи юридикии таҳияи меъёри мазкур мебинем. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии мо аз модели ҷустуҷӯӣ рӯ ба мубоҳисавӣ оварда, нишонаҳои зиёди онро аз қабили такя ба асос ва кафолатҳои конститутсионӣ намудан, дар сатҳи Конститутсия мустаҳкам намудани принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ (бахусус ғояи таъмини озодии шаҳрванд) [6, С. 25-28], ҷудо намудани мақоми хосу мустақкил барои рукни ҳокимияти судӣ, эътироф ва ҷудо намудани функсияхои мурофиавӣ, дар ҳамин замина мубоҳисавӣ эълон намудани мурофиа, эътирофи тарафҳои баробарҳуқуқ, ба ҳамаи иштирокчиёни мурофиа паҳн шудани тартиботи дахлдори ҳуқуқӣ, мукаммал намудани таъиноти мурофиаи ҷиноятӣ, инкишоф ёфтани асосҳои хусусӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, созиши тарафҳо, ҷорӣ шудани контроли судӣ, кафолати судии ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа, назарияи баҳои озоди далелҳо дар асоси боварӣ ва эътимоди ботинӣ (сабти пинҳонӣ, ҳуҷҷатҳои дигар) ва даҳҳо дигар қоидаҳои мурофиаи мубоҳисавиро қабул намуд. Вале низоми ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳуқуқӣ мураккабгаштаи модели омехтаи мурофиаи ҷиноятӣ, ба мисли мавҷудияти тафтишоти пурра, ҳаматарафа ва беғаразона аз ҷониби мақомоти таъқиботӣ (доктринаи ex officio - бинобар қарзи хизматӣ) ва эътирофи тараф дар мурофиаи ҷиноятӣ, андешаи барқарор намудани ҳақиқат ҳамчун мақсади мурофиаи ҷиноятӣ ягонагии тамоюли фаъолияти мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва судро таъмин намуда, мафҳуми тараф, мубоҳиса ва бетарафии судро коста, амали шудани асосҳои хусусиро аз иродаи шахсони мансабдор вобаста мекунад (м. 24, 310 КМҶ), қоидаи ғайри қобили қабул эътироф намудани далелро пешбинӣ намуда, татбиқи онро аз салоҳдиди мақомоти муваззафи далеловар вобаста мекунад. Гузашта аз ин, вазъи маърифат ва танзимгароии ҳуқуқии назарияи далелҳо дар асоси КМҶ ҶТ омехтагии зиёдро дошта, нишонаҳои назарияҳои гуногун, ба мисли назарияи расмии далелҳо, назарияи озодии баҳо дар асоси эътимоди ботинӣ, орӣ аз шубҳаҳои оқилона тавассути меъёрҳои муайян ҷойгир карда шуда, татбиқи он аз масъулин дониши казоӣ ва ҷуръату ҷасоратро талаб мекунад.

Дар мурофиаи ҷиноятии тамоюли рӯ ба мубоҳисавиятдошта нақши давраи муҳокимаи судӣ ва суд воло рафта, дар иртибот бо он масоили далел ва исбот низ такмилталаб хоҳад шуд. Чунки дар мурофиаҳои мубоҳисавӣ, ба мисли мурофиаи ҷиноятии Англия, ШМА дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ далелҳои айбдоркунанда ва сафедкунанда аз ҷониби тарафҳо ҷамоварӣ шуда, онҳо бори аввал ҳангоми ба назди судяи созиш (magistrate) овардани айбдоршаванда, баъдтар дар маҷлиси аввали судӣ, ки «шунидани пешакӣ» (preliminary hearing) ном дорад ва минбаъд дафъи сеюм дар суди округӣ мавриди муҳокимаи судӣ қарор мегирад ва маҳз суд аз лиҳози талаботи қобили қабул будани онҳоро муайян хоҳад намуд. [12, С. 63-64] Дар мурофиаи ҷиноятии мо, ба хусус дар масъалаи ҷамоварии далелҳо нақши давраи тафтишоти пешакӣ калон буда, маҳз дар ҳамин давра парвандаи ҷиноятӣ дар асоси далелҳои ҷамъоваришуда таҳия карда мешавад. Аммо қонунгузори мо низ кӯшиш намудааст, ки ҳолатҳои содир намудани ҷиноят тавассути далелҳои мансубу саҳеҳ ва боэътимоду қобили қабул исбот карда шаванд. Бинобар ҳамин, моддаи 88 ба КМҶ бо номи «**Далелҳои ғайриқобили қабул**» ворид карда шуд, ки мафҳум, мазмун, шарти мурофиавии ба сифати далели ғайри қобили қабул эътироф шудани он, роҳ ва ҳолатҳои ҷамъоварии чунин маълумот, тартиби қобили қабул эътироф нашудани он, субъектони ҳавасманд ва босалоҳияти ин кор, оқибати мурофиавии ғайри қобили қабул эътироф шудани чунин маълумотҳоро пешбинӣ намуд.

Мувофиқи қисми 1 моддаи мазкур далелҳо ғайри қобили қабул ҳисобида мешаванд, агар онҳо бо вайрон кардани талаботи Кодекси мазкур бо роҳи маҳрум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қонун кафолат дода шудаанд, вайрон кардани тартиби ҷамъоварии далелҳо ё дигар қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди тосудӣ ё муҳокимаи судии парванда ба даст оварда шуда, ба саҳеҳияти маълумотҳои воқеии бадастовардашуда таъсир расонида бошанд ё имкони таъсиррасонӣ дошта бошанд, аз ҷумла бо:

- истифодаи шиканҷа, муносибати бераҳмона, зӯроварӣ, таҳдид, фиреб ё дигар кирдори ғайриқонунӣ;

- истифодаи гумроҳшавӣ, ки дар натиҷаи нафаҳмонидан, нопурра ё нодуруст фаҳмонидани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадааст;

- гузаронидани амали мурофиавӣ аз ҷониби шахсе, ки ҳуқуқи анҷом додани пешбурдро бо парвандаи ҷиноятии мазкур надошт;

- гузаронидани амали мурофиавӣ бо иштироки шахсе, ки бояд рад карда мешуд;

- ба таври ҷиддӣ вайрон кардани тартиби гузаронидани амали мурофиавӣ;

- ба даст овардани маълумот аз сарчашмаи номаълум ё сарчашмаи дигаре, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян кардани он ғайриимкон аст;

- истифода бурдани усулҳои хилофи донишҳои муосири илмӣ ҳангоми исботкунӣ.

Қ. 1 м. 88[1] КМҶ муқаррароти қ. 3. м. 88 –и Кодекси мазкурро бо нишон додани мазмун, шарти мурофиавии ба сифати далели ғайри қобили қабул эътироф шудани он, роҳ ва ҳолатҳои ҷамъоварии чунин маълумот як андоза маҳдуд намудааст. Чунин муносибати қонунгузор аз он бармеояд, ки гӯё на ҳамагуна вайрон кардани тартиби ҷамъоварии далелҳо ё дигар қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар амалия ба саҳеҳияти маълумотҳои воқеии бадастовардашуда таъсир мерасонида бошанд ё имкони таъсиррасонӣ дошта бошанд. Бинобар ҳамин, эътироф намудани далелҳои ғайри қобили қабулро қонунгузор бо мазмуни вайронкуниҳои қонун, шарт, роҳ ва оқибатҳои муайяни он вобаста намудааст, ки гӯё мувофиқ ба талаботи мақсаднокии фаъолияти мурофиавӣ аст. Дар ин ҷода баҳсҳое - гуногун ҳастанд, ки мӯъҷиби диққат ва омӯзиши алоҳидаи чуқуртаре мебошанд. [11, С. 151-169 ]

Биноан ба муқаррароти қ. 1 м. 88[1] КМҶ далелҳо ғайри қобили қабул ҳисобида мешаванд, агар:

-якум, онҳо бо вайрон кардани талаботи Кодекси мазкур бо роҳи маҳрум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қонун кафолат дода шудаанд, ҷамъоварӣ шуда бошанд;

- дуввум, онҳо бо вайрон кардани тартиби ҷамъоварии далелҳо ё дигар қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди тосудӣ ё муҳокимаи судии парванда ба даст оварда шуда бошанд;

- сеюм, агар ҳолатҳои дар боло зикршуда мавҷуд бошанд, танҳо ба шарте, далелҳо қобили қабул ҳисоб намешаванд, ки ба саҳеҳияти маълумотҳои воқеии бадастовардашуда таъсир расонида бошанд ё имкони таъсиррасонӣ дошта бошанд.

Аз рӯи қ.1 моддаи мазкур ду асоси ба ҳам монанди ғайри қобили қабул эътироф намудани далел мавҷуд аст, вале ба шарте, ки агар онҳо ба саҳеҳияти маълумотҳои воқеии бадастовардашуда таъсир расонида бошанд ё имкони таъсиррасонӣ дошта бошанд. Яъне ин шарти мурофиавӣ – мазмуни меъёри мазкурро гӯё мукаммал намудааст, вале дар асл амали намудани қоидаи мазкурро аз иродаи шахсони мансабдори мақомоти таъқиботӣ пурра вобаста намудааст. Чунки маҳз онҳо салоҳияти баҳодиҳӣ ва қабул намудани қарори дахлдорро оид ба ғайри қобили қабул эътироф намудани далел ва аз қатори далелҳо хориҷ намудани онро доранд. Аз ин рӯ, пешбини намудани қоидаи ғайри қобили қабул эътироф намудани далел ва амали онро аз шарти таъсир расонидан ба баҳои саҳеҳияти маълумотҳои воқеии бадастовардашуда алоқаманд намудан, ба мисли он ки қоидаи «бозии футбол»-ро муайян мекунӣ ва

зимоми риоя ва татбиқи онро бо шарти ризоият ва иродаи як тараф алоқаманд менамоӣ, монандӣ дорад!

Ҳоло ҳамин аст – асос ва шартҳои қоидаи умумии ғайри қобили қабул эътироф намудани далел, ки моддаи мазкур пешбинӣ намудааст. [11, С. 146]

Вале амали ин қоидаи умумиро 7 сархати қ. 1 моддаи мазкур мушаххас ва маҳдуд гардонидааст. Ҳарчанд татбиқи қоидаи мазкур дар амалияи судию тафтишотӣ ниҳоят кам ба назар расанд ҳам, бояд дар назар дошт, ки меъёри қисми 1 моддаи мазкур бидуни 7 сархати он метавонад худмухтор амал намояд.

7 сархати қ.1 м. $88^1$ КМҶ низ дар навбати худ ҳолатҳоеро номбар намудааст, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо бармало хатари маҳрум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қонун кафолат дода шудаанд, вайрон кардани тартиби ҷамъоварии далелҳо ё дигар қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки метавонанд ба саҳеҳияти маълумотҳои воқеии бадастовардашаванда таъсир расонанд, таҳдид менамояд.

Мо, баъзе аз онҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳем:

Якум, ҳолати истифодаи шиканҷа, муносибати бераҳмона, зӯроварӣ, таҳдид, фиреб ё дигар кирдори ғайриқонунӣ (сархати 1 қ. 1 м. $88^1$ КМҶ) асос барои истифодаи қоидаи ғайри қобили қабул эътироф намудани далел мешавад. Аз лиҳози ҳуқуқӣ муаммое нест, чунки мақсад, вазифа ва принсипу қоидаҳои дигари мурофиаи ҷиноятӣ, аз он ҷумла далелу исбот тақозо менамоянд, ки далеловарӣ нисбат ба парвандаҳои ҷиноятӣ бояд тибқи тартиботи муқаррарнамудаи қонун, бидуни шиканҷа, зӯроварӣ, таҳдид, фиреб сурат гирад, вагарна натиҷаи ба дастоварда қобили қабул нест. Вале аз нигоҳи амалӣ, татбиқи ин қоида мушкилоти худро дорад. Чунки ин қоидаи мурофиавӣ аз ҷониби қонунгузор пеш аз ҳама чун кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои тарафи ҳимоя пешбинӣ карда шуда, шиканҷа, муносибати бераҳмона, зӯроварӣ, таҳдид, фиреб ё дигар кирдори ғайриқонунӣ дар аксари маврид аз ҷониби тарафи исботкунандаи айб сурат мегирад. Гузашта аз ин, тарафи мазкур саъй менамояд, ки чунин кирдори номатлуб ифшо ва собит нагардад. Пас дар чунин шароит боз аз тарафи худи онҳо бо муайян намудани шарти мурофиавӣ (ба саҳеҳияти маълумотҳои воқеии бадастовардашаванда таъсир мерасонанд ё не) ҳал намудани масъалаи ғайри қобили қабул эътироф намудани далел амри муҳол аст. Кургиреҳи дигари муаммои зарурияти аз ҷониби суд оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ низ дар ҳамин бархурди манфиат баста шудааст.

Сархати 5-ум, қоидаи умумии қисми 1 моддаи $88^1$ КМҶ-ро бо муайян намудани ҳолати «ба таври ҷиддӣ вайрон кардани тартиби гузаронидани амали мурофиавӣ» мушаххас ва маҳдуд намудааст. Яъне, сухан дар бораи зимни гирифтани далел ба таври ҷиддӣ вайрон кардани тартиби гузаронидани амали мурофиавӣ-ҷиноятӣ меравад. Азбаски далел бо роҳи гузаронидани амали тафтишотӣ ба даст оварда мешавад, бинобар ин, тартиби гузаронидани он муҳим буда, маҳз бо Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ карда мешавад (на бо дигар қонунҳо) ва набояд вайрон карда шавад. Дар сурати вайрон намудани он, далелҳое, ки гирифта мешаванд, қобили қабул нестанд. Зиёда аз ин, Кодекс пешбинӣ менамояд, ки «вайрон кардани тартиби гузаронидани амали мурофиавӣ, ба шарте, ки агар ҷиддӣ бошад». Ба таври ҷиддӣ вайрон кардани тартиби гузаронидани амали мурофиавӣ такя бар қоидаи умумии қ.1 м. $88^1$ , қ.1 м. 375 КМҶ чунин вайронкуниҳои принсипҳо ва дигар муқаррароти Кодекси мазкур ҳангоми пешбурди парванда эътироф карда мешавад, ки бо роҳи маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуҳуқҳои ба шахсони дар парванда иштироккунанда кафолатдодаи қонун, *вайрон кардани тартиби ҷамъоварии далелҳо ё дигар қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ба даст оварда шудаанд.* Чунин вайронкуниҳои қонун зиёд ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, онҳоро шартан ба якчанд гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст:

❖ Вайронкунихое, ки бо риояи нопурра ва нодурусти талаботи меъёрҳои КМҶ алоқаманд аст:

– тафтиши пешакӣ бидуни оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гузаронида шудааст (м. 163 КМҶ);

– амалҳои тафтишӣ баъд аз қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, боздоштани пешбурди он ё равон намудани парванда бо фикри айбдоркунӣ ба прокурор гузаронида шудааст (м.236, қ.3 м.231 КМҶ );

– мавҷуд набудани ҳолатҳои таъхирнопазир, ки ба мақомот имконият медиҳанд, ки бе ризоияти прокурор ва иҷозати суд амалҳои тафтишӣ гузаронанд (қ. 3 м. 192 КМҶ);

❖ Вайронкунихое, ки бо барасмиятдарории далел алоқаманд аст:

– дар протоколи амали тафтишӣ набудани имзои иштирокчиён ё таҳиякунандаи он (172 КМҶ);

– нишон надодани вақт ва макони баргузории амали тафтишӣ (м.162, 164, 171, 172 КМҶ);

– надодани нусхаи протоколи кофтуков, ёфта гирифтан, ҳабси амвол (м. 194 КМҶ);

– протоколҳои амалҳои мурофиавӣ бо дигар ном ва шакл ба расмият даровард шудааст, ки асос барои ғайри қобили қабул эътироф намудан мешавад: ба ҷои протоколи амали кофтуков, протоколи гирифтани шаъй (изъятие) ё ба ҷои протоколи амали ёфта гирифтан протоколи бо ихтиёри худ баровард додан тартиб дода шудааст (м. 194 КМҶ);

– бар ивази протоколи азназаргузаронии гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ҷабрдида ва шоҳид, маълумотномаи тиббӣ замима карда шудааст (м.187 КМҶ);

– ба ҷои хулосаи экспертизаи фоноскопӣ, тавсифи муфаттиш оид ба муайян намудани мансубияти овоз аз рӯи сабти аудиоӣ замима карда шудааст ва ғайра.

Дигар ҳолати шашуми ғайри қобили қабул донистани далел ин муқаррароти сархати 6 қ.1 м. $88^1$ КМҶ мебошад, ки бо чунин матн ифода шудааст: «- ба даст овардани маълумот аз сарчашмаи номаълум ё сарчашмаи дигаре, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян кардани он ғайриимкон аст». То ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба КМҶ ҶТ, ба хусус ба боби 10 - ми он «Исбот» ( то 14.05. 2016 с.) ин ҳолати дар боло номбаршуда дар адабиёти махсус чун «гирифтани далел аз сарчашмаҳое, ки қонун пешбинӣ накардааст» ифода ва муаррифӣ карда мешуд, ки аз лиҳози мазмун аз матни имрузаи сархати 6 қ.1 м. $88^1$ КМҶ маҳдудтар мебошад. Чунки мафҳуми далел, ки дар м. 72 КМҶ муқаррар шуда буд, пешбинӣ менамуд, ки танҳо ҳамон маълумотҳои воқеие далел шуда метавонанд, ки аз сарчашмаҳои дар қонун нишондодашуда гирифта шуда бошанд. Ин сарчашмаҳо бо номи далел бо 13 сархати қ. 2 м. 72 КМҶ муайян карда шуда, номгуи онҳо қатъӣ мебошанд. Бояд зикр намуд, ки таҷрибаи мақомоти тафтишотию судӣ зимни истифодаи ин сарчашмаҳо тамоюли ба маънои васеъ маънидод намудани онҳоро пеша намуда, ба сифати далели парвандаи ҷиноятӣ зери ибораи «ҳуҷҷатҳои дигар» ҳар гуна маводи қоғазиву электрониро пазироӣ намуд (ба мисли, номаи пеш аз вуқӯӣ худкушӣ, баёноти аз ҷониби адвокат гирифтаи пешниҳодшуда, нусхаи мактуби электронӣ ва диг.). Дар ин росто, қонунгузор низ ваҷҳи ғайри қобили қабул эътироф намудани далелро бинобар сабаби «гирифтани далел аз сарчашмаҳое, ки қонун пешбинӣ накардааст» хеле васеъ маънидод намуда, чунин муқаррароти меъёрӣ таҳия намуд: «- ба даст овардани маълумот аз сарчашмаи номаълум ё сарчашмаи дигаре, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян кардани он ғайриимкон аст». Бо ин матн, яъне бо ибораи «ба даст овардани маълумот аз сарчашмаи номаълум ё сарчашмаи дигаре, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян кардани он ғайриимкон аст» қонунгузор асоси ғайри қобили қабул ҳисоб намудани далелро ниҳоят маҳдуд намуда, вале доираи маълумотҳое, ки нисбат ба парвандаи ҷиноятӣ метавонанд далел бошанд, васеъ намудааст. Чунки сарчашмаи номаълум гуфта,

қонунгузор на танҳо сарчашмаҳое, ки дар қ. 2 м. 72 КМҶ пешбинӣ шудааст, дар назар дорад. Балки дигар сарчашмаҳое, ки дорои маълумоти барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта мебошанду дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян намудани он имконпазир аст, бавосита чун далели қобили қабул ҳисоб карда мешаванд, гӯён муайян намудааст.

Ҳамин тариқ, сархати 6 м. 88[1] КМҶ қоидаи умумии истифодаи қисми якуми моддаи мазкурро мушкил ва маҳдуд намуда, бавосита маълумотҳое, ки бидуни тартиботи мурофиавии ҷиноятӣ аз сарчашмаҳои ғайримурофиавӣ гирифта шуда, вале гӯё бо тарзи мурофиавӣ санҷидан ва муайян намудани он имконпазир аст, далели қобили қабул ҳисоб менамояд. Бо чунин муносибат ҳуқуқи далеловарӣ дар мурофиаи ҷиноятии мо ба ҳуқуқи далеловарии давлатҳои низоми ҳуқуқиашон англосаксонӣ наздик шуда истодааст. Баҳри иҷрои дурусти ин кор дар ин мавзӯъ тадқиқоти чуқуртаре бояд ба анҷом расонида шавад.

Дар ҳамин асос, зарурияти ҷиддии тавзеҳоти сархати мазкур аз ҷониби Пленуми Суди Олии ҶТ ва таҳияи варианти нави ин меъёр мавҷуд мебошад.

Чӣ хеле болотар қайд намуда будем, қонунгузор ҳалли масъалаи татбиқи қоидаи мазкурро ба салоҳияти шахсони мансабдори мақомоти таъқиботӣ ва суд мансуб донистааст. Тибқи қ. 2 м. 88[1] КМҶ *қобили қабул набудани далелҳо, инчунин маҳдуд кардани истифодаи онҳо* дар мурофиаи ҷиноятӣ, аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя бо ташаббуси худи онҳо ё бо дархости тарафҳо муайян карда мешаванд. Бояд зикр намуд, ки дар худи ҳамин модда мазмуни қ. 2 ба номи модда мувофиқат намекунад: *«Далелҳои ғайри қобили қабул – аз нигоҳи тарафи ҳимоя ва қобили қабул набудани далелҳо, инчунин маҳдуд кардани истифодаи онҳо- аз нигохи далеловар».* Мусаллам аст, ки вазифаи исбот намудани ҳолатҳои содир намудани ҷиноят ба зиммаи мақомоти таъқиботӣ буда (м. 15, 21, 26 КМҶ), онҳо манфиатдори ҳарҷӣ зудтар исбот намудани ҳодисаи ҷиноят, гунаҳгории айбдоршаванда ва ба анҷом расонидани тафтишоти пешакӣ бо таҳия намудани фикри айбдоркунӣ (м. 26, 163, 164, 239, 244 КМҶ) мебошанд. Бинобар ин, онҳо бо ташаббуси худ баҳри ғайри қобили қабул эътироф намудани далел кореро ба анҷом намерасонанд, баръакс ҳамаи имкониятҳои худро истифода менамоянд, то ки далели ҷамъоварӣ намудаашон эътибори ҳуқуқии худро гум накунанд. Аз ин рӯ, аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ қоидаи ғайри қобили қабул эътироф намудани далел асосан чун кафолати риояи тартиботи дахлдори ҳуқуқӣ ва механизми амали намудни ҳуқуқи иштирокчиёни тарафи ҳимоя баромад менамояд, ҳарчанд аз лиҳози ҳуқуқӣ қоидаи мазкур ба ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ паҳн мешавад.

Дар асоси андешаву ваҷҳои дар боло зикршда, ҳангоми мавҷуд будани асос ва шартҳои ғайри қобили қабул эътироф намудани далел субъекти ҳавасманд ба мақсад мувофиқ аст, ки кадом сарчашмаи далел, чӣ гуна далел, ба манфиати кӣ ғайри қобили қабул эътироф карда шуданашро ба эътибор гирифта, субъекти соҳибваколати ҳалкунандаи масъалаи мазкурро бояд дуруст интихоб намояд. Агар аз болои далелҳои айбдоркунандагии аз ҷониби мақомоти таъқиботӣ ҷамъоваришуда зарурияти дархост пешниҳод намудан мавҷуд бошад, пас ба худи он мақомот ва шахси мансабдор (таҳқиққунанда, сардори воҳиди таҳқиқ ё муфаттиш, сардори воҳиди тафтишот) муроҷиат намудан судманд нест. Дар чунин ҳолат, зимни тафтишоти пешакӣ ба прокурори назоратгар муроҷиат намудан аз варианти дар боло қайлшуда самараноктар ҳисоб меёбад. Ҳамчунин тарафи ҳимоя бо назардошти тактикаи ҳимоявӣ метавонад масъалаи пешниҳод намудани дархост дар бораи ғайри қобили қабул эътироф намудани далелро то марҳилаи муҳокимаи судӣ мавқуф гузошта, аммо баъд ба суд муроҷиат намояд. Дар миёни субъектони соҳибваколати ҳал намудани пешниҳоди дархост дар бораи ғайри қобили қабул эътироф намудани далел суд мақоми хоса дорад. Чунки вай мақоми беғараз ва ба амал баровардани адолати судӣ мебошад. Агар қонун чунин тартиботи ғайри қобили қабул эътироф намудани далелро муқаррар намуда

бошад, вале суд дар ин масъала мустаққилу беғараз ва фаъол набошад, ин қоида судманд нест. Қонуни мукаммал бидуни адолати судӣ қатъӣ нест. Қонун бо сипар ва шамшери адолати судӣ таъмин карда мешавад. Суд, судя, агар эътироф намоянд, ки баъзе аз далелҳо бо вайрон кардани қонун ба даст оварда шудаанд, бояд қарори худро дар бораи аз маҷмӯи далелҳо хориҷ намудани онҳо асоснок карда, дар чӣ ифода ёфтани вайронкунии қонунро нишон диҳанд (Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ № 33 аз 24 декабри соли 2010 «Дар бораи ҳукми судӣ»).

Хулоса, маълумотҳо бояд аз сарчашмаҳо ва бо роҳҳои дар қонуни мурофиавӣ пешбинишуда бояд ҷамоварӣ карда шавад, вагарна онҳо ғайри қобили қабул маҳсуб меёбанд. Мутаасифона на ҳамеша ин қоидаҳо риоя мешавад ва мурофиаи мубоҳисавӣ аз чунин мушкилот ҳануз ба осонӣ халос намешавад, маданияти мурофиаи ҷиноятӣ бояд ташаккул ёбад.

Масъалаи пешниҳод намудани дархост оид ба ғайри қобили қабул эътироф намудани далел мумкин аст, ки ҳам дар давраи омодагӣ ба муҳокимаи судӣ ва ҳам дар давраи муҳокимаи судӣ то ба мариди ба хонаи машваратӣ ворид шудани суд матраҳ карда шавад. Суд нисбат ба масъалаҳои марбут ба ҷараён ва тартиботи мурофиавии муҳокимаи судӣ таъинот, судя қарор қабул намуда, дар он масъалаи дархостшудаи мурофиавиро тибқи қонун ҳаллу фасл менамояд.

Дархост таҳияву ба суд пешниҳод карда мешавад. Дархост бояд аз ҷониби суд мавриди муҳокима қарор дода шуда, бо назардошти шунидани мавқеи тарафҳо, дар сурати қонеъ намудани дархост таъинот дар бораи ғайри қобили қабул эътироф намудани далели мушахас, қабул намоянд. Вале дар таҷрибаи судӣ оид ба ин масъала судяҳо аз ҳад зиёд эҳтиёткорӣ намуда, нисбат ба дархости пешниҳодшуда аз рӯи моҳияти он қарор қабул накарда, вайро то ба хонаи машваратӣ саркушод (бе баррасӣ) боқӣ нигоҳ медоранд. Оид ба ин масъала ҳаминро бояд қайд намоем, ки агар сухан нисбат ба хислати саҳеҳият ва кифоягии далел равад, онро зуд ҳал накарда, то хонаи машваратӣ шояд кушода мондан раво бошад. Вале аз рӯи қоидаи маъмул дар ҳолати талаб намудани тарафҳо, ки мехоҳанд мансубият ва қабулиятӣ далелҳо муайян карда шавад, суд бояд ба ин мусоидат намояд, вагарна дар хонаи машваратӣ баҳо додан ба ҳамагуна сарчашмаҳои баҳододанашуда, хеле мушкил, то ҳатто имконнопазир мегардад. Дар мизи мудаввар оид ба муаррифии тағйироту иловаҳо ба КМҶ аз ҷониби намояндаи низоми судӣ андешае баён шуд, ки гӯё бе тафтиши судӣ - суд наметавонад масъалаи ғайри қобили қабул эътироф намудани далелро баррасӣ кунад ва қарори дахлдор қабул намояд. Чунки маҳз дар тафтиши судӣ далелҳо тадқиқ карда мешаванд. Бо чунин фикр мо розӣ буда наметавонем. Чунки, якум суд мақомоти таъқиботӣ нест ва ӯ манфиатдори маҳкумияти судшаванда набояд бошад, дуюм, м.88[1] КМҶ бо нишон додани асос ва шарт далелҳои ғайри қобили қабулро муайян намуда, эътирофи онро дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ раво донистааст, сеюм, далелҳои бараллo ғайри қобили қабул чӣ сон мавриди тадқиқ ва шунидан қарор дода мешавад, чорум, вазифаи давраи тафтиши судӣ асосан тафтиш ё санҷиши далелҳо аз лиҳози сифат ва хислатҳои далелӣ набуда, балки тадқиқи сарчашмаҳо бо роҳи шунидан, дидан ва гӯш кардани иштирокчиён мебошад, ки барои муайян намудани ҳодисаи ҷиноят равона шудааст. Гузашта аз ин, бояд қайд намуд, ки суд ҳангоми тафтиши судӣ қоидаи ғайри қобили қабул намудани далелҳоро дар вақти лозим бояд истифода кунад, то ки аз як тараф ҳақиқат барқарор карда шуда, аз ҷониби дигар, амалкард ва завқи тарафҳоро дар риоя намудани қоидаҳои далеловарӣ ва мубоҳисавият раҳнамо шуда, адолатро нисбат ба парвандаҳои ҷиноятӣ мутантан намояд.

## АДАБИЁТ


1. Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ. Васоити таълимӣ. Қисми умумӣ. –Душанбе. -1979. –С. 104.

2. Бояд зикр намуд, ки дар назарияи муосири далелҳо ибораи «сарчашмаи далел» хуб қабулкарда намешаванд.

3. Вале дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳое мавҷуданд, ки «асосҳои беэътибор донистани далелро» чун: а) моҳиятан вайрон намудани меъёрҳои қонун; б) вайрон намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки Конститутсия кафолат додааст, муаррифӣ намуданд, ки мувофиқ будани он ба муқаррароти қ. 1 м. 88[1] КМҶ шубҳаангез аст. Ниг.: Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ. –Душанбе: «Эр-граф», 2019. –С. 146.

4. Защита по уголовному делу: Пособие для адвокатов / Под ред. Е.Ю. Львовой. – М. 1999. -С.44-55.

5. Ибораи «гирифтани далел аз сарчашмаҳое, ки қонун пешбинӣ накардааст» натиҷаи афкори олимон буда, аз мафҳуми далел манша гирифтааст. Ниг.:Абдуллоев Н.А. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ./ Васоити таълимӣ. Қисми умумӣ. –Душанбе. - 1979. –С. 100.

6. Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ /Васоити таълимӣ ва нишондоди услубӣ оид ба омӯзиши фанни адвокатураи судӣ дар ихтисоси ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ ва тафтишотии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. –Душанбе: «Эр-граф», 2016. –С.202-205.

7. Искандаров З.Х. Оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ: муаммои ҳуқуқӣ, мушкилоти татбиқ ва роҳҳои ҳал намудани он. / Маводи конференсияи ҷумхуриявии илми-амалӣ дар мавзӯи: "Нақши криминалистика дар ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо" (Душанбе, 25 сентябри 2015 с.) // Осори Академия. № 3 (27). Нашри махсус. –С. 76-86.

8. Лазерева В.А. Доказывание в уголовном процессе: учеб.-практич. пособие. -2-еизд., перераб. и доп. – М.: Изд. Юрайт, 2010. –С. 151-169.

9. Муфассал ниг.: Искандаров З.Х. Коституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008. -184 с.

10. Муфассал ниг.: Юлдошев Р.Р. Регулирование Уголовно-процессуальным кодексом Республики Таджикистан полномочий суда по возбуждению уголовного дела: научно-аналитический обзор. –душанбе, 2014. -40с;

11. Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. –С. 145-148.

12. Лорена Бахмайер Винтер. Основные черты этапа предварительного расследования в уголовном процессе США. / Das strafprozessuale Vorverfahren in Zentralasien zwischen inquisitorischem und adversatorischem Modell. Peter Lang. Regensburg. 2012. –S.63-64/

13. КМҶ ҶТ соли 2009 таҳрири то 14 майи соли 2016.

14. Олимони англис ва амрикоӣ яке аз се нишонаи фарққунандаи системаи мурофиаи ҷиноятии ШМА-ро аз дигар низоми континенталиву аврупоӣ дар он мебинанд, ки ба системаи мурофиаи ҷиноятии амрико ҳуқуқи конститутсионии вай таъсироти фавқуллодда ҷиддӣ доштааст. Муфассал ниг.: J. Dressler and A.C Mishaels? Understanding Criminal Procedure, vol. 1: Investigion , Newark, NY, 2006, S. 516-533.

**УДК:340.1**

## ФАҲМИШИ «МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ» ДАР САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** - мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.
**Қодирзода Тоҳир Қамар** - ходими пешбари илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
**Шовалиев Музафар Тоҷиддин** - докторанти PhD Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

## ПОЗНАНИЕ «ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ» В НОРМАТИВНО- ПРАВОВЫХ АКТАХ

**Бободжонзода Исрофил Хусейн** - заведующий отделом теоретических проблем современного государства и права Института философии, политологии и права имени А.М. Баховаддинова Национальной Академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор.
**Кадирзода Тахир Камар** – ведущий научный сотрудник отдела теоретических проблем современного государства и права Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, кандидат юридических наук,
**Шовалиев Музафар Таджиддин** – аспирант Института философии, политологии и права им. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана

## COGNITION “LEGAL EDUCATION” IN REGULATORY AND LEGAL ACTS

**Bobodzhonzoda Isrofil Hussein** - Head of the Department of Theoretical Problems of the Modern State and Law at the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.M. Bakhovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.
**Kadirzoda Tahir Kamar** – leading researcher at the Department of Theoretical Problems of Modern State and Law at the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences,
**Shovaliev Muzafar Tajiddin** – graduate student at the Institute of Philosophy, Political Science and Law. Bakhovaddinov National Academy of

Sciences of Tajikistan

**E-MAIL:** Muzafar_46@bk.ru; bobojonov_i@mail.ru; t_ kodirzoda@mail.ru

**Ключевые слова:** Конституция, кодекс, законы, нормативно-правовые акты, правовое просвещение, мораль, истина, добро, учение, родственники, юридическое образование, правовая информация, правовая пропаганда, патриотическое воспитание, правосознание, теория права, правовое государство, светское, социальное, правовая культура, правовая политика.

**Аннотация.** В статье говорится о проблемах определения понятия правового знания с точки зрения нормативных правовых актов Республики Таджикистан по раскрытию понятия правового знания. С одной стороны, это очень хороший опыт, но с другой стороны, он вызывает противоречия между понятиями в законодательстве и отсутствие определения понятия «юридическое образование», которое не встречается в законе и также не наукой не доказано существование различных трактовок этого термина. В статье отмечается, что очень важно рассмотреть существующие подходы к пониманию изучаемого явления с целью выяснения всей совокупности его признаков как юридической категории, а также проанализировать понятие «правовое образование» и его реализацию. В нормативных правовых документах, определяющих государственную политику в этой области, считается одной из важнейших целей государства.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, кодекс, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ахлоқ, ҳақиқат, некӣ, таълимот, хешовандон, таълими ҳуқуқӣ, иттилоотнокии ҳуқуқӣ, тарғиботи ҳуқуқӣ, тарбияи ватандустӣ, шуури ҳуқуқӣ, назарияи ҳуқуқ, давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқӣ.

**Аннотатсия.** Дар мақола сухан дар бораи пробдемаҳои муаяннамоии мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ аз нигоҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба кушода додани мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ буда, қайд карда мешавад, ки вақтҳои охир анъана шудааст, ки дар қонунҳо меъёри махсус ба мафҳумҳои асосӣ бахшида мешавад. Ин аз як тараф таҷрибаи хеле хуб мебошад, аммо аз тарафи дигар бошад, мухолифатҳоро байни мафҳумҳо дар қонунгузорӣ ба миён меоранд ва набудани таърифи мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ», ки дар қонун ҷой надорад ва инчунин дар илм низ собит нашудааст, мавҷудияти тафсирҳои гуногуни ин истилоҳро муайян мекунад. Дар мақола қайд гардидааст, ки баррасӣ намудани равишҳои мавҷудаи дарки падидаи таҳқиқшаванда барои равшан кардани маҷмуи пурраи аломатҳои он ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ хеле муҳим мебошад ва таҳлили мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» ва амалишавии он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки сиёсати давлатиро дар ин самт муайян намуда, аз ҷумлаи ҳадафҳои муҳимтарини давлат ба ҳисоб меравад.

**Keywords:** Constitution, code, laws, regulations, legal education, morality, truth, goodness, teaching, relatives, legal education, legal information, legal propaganda, patriotic education, legal consciousness, legal theory, rule of law, secular, social, legal culture , legal policy.

**Annotation.** The article talks about the problems of defining the concept of legal knowledge from the point of view of regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan on the disclosure of the concept of legal knowledge. On the one hand, this is a very good experience, but on the other hand, it causes contradictions between concepts in the legislation and the lack of a definition of the concept of "legal education", which is not found in the law and also the existence of different interpretations of this term has not been proven by science. The article notes that it is very important to consider existing approaches to understanding the phenomenon under study in order to clarify the totality of its features as a legal category, as well as to analyze the concept of "legal education" and its implementation. In regulatory legal documents that determine state policy in this area, it is considered one of the most important goals of the state.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва илми ҳуқуқшиносӣ яке аз масъалаҳои мушкил, аммо хеле муҳим, муайян намудан мафҳумҳо, мазмун ва моҳияти онҳо мебошад. Бинобар ин, олимон дар таҳқиқотҳои илмӣ аз додани мафҳумҳо дар бисёр ҳолатҳо даст мекашанд. Дар таҷрибаи қонунгузорӣ ҳам, ҳамин ҳолат ба назар мерасад. Аммо вақтҳои охир анъана шудааст, ки дар қонунҳо меъёри махсус ба мафҳумҳои асосӣ бахшида мешавад. Ин аз як тараф тачрибаи хеле хуб мебошад, аммо аз тарафи дигар бошад, мухолифатҳоро байни мафҳумҳо дар қонунгузорӣ ба миён меоранд. Масалан, мафҳуми хешовандон дар моддаи 6 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «хешовандони наздик - падару модар, фарзандон, фарзандхондагон, фарзандхондашудагон, бародарон ва хоҳарон, бобо, бибӣ (модаркалон), набера, инчунин ҳамсар» муайян карда шудааст[3], дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» бошад, «хешовандон – зан, шавҳар, фарзанд, падару модар, бародар, хоҳар, инчунин падару модар, бародар, хоҳар ва фарзандони зан ё шавҳар, амак, тағо, хола, амма, қудо, келин, домод, бародарзода, хоҳарзода, фарзандхондагон, фарзандхондшудагон, инчунин шахси дигаре, ки бо шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумӣ мебаранд» муайян шудааст[19]. Оё аз ин ду мафҳум мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда кадомашро бояд истифода намояд. Аз ин рӯ, то имрӯз дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми аъзои оила вуҷуд надорад, ки ин аз як ҷиҳат ба андешаи мо дуруст мебошад. Агар мо мафҳуми хешовандонро муаяйян кардани шавем, бояд ба муқарраротҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем. Аз ҷумла, тибқи муқаррароти моддаи 226 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[10] «тахти мафҳуми хешовандони наздик падару модар, ҳамсар, фарзандон, бародару хоҳар, бобою бибӣ ва набераҳо фаҳмида мешавад». Бинед, дар се санади меъёрии ҳуқуқӣ**,** се шакли муайяннамоии мафҳум ҷой дорад. Вобаста ба ин, мо кушиш мекунем, мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ»-ро аз нигоҳи илмӣ кушода диҳем.

Набудани таърифи мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ», ки дар қонун ҷой надорад ва инчунин дар илм низ собит нашудааст, мавҷудияти тафсирҳои гуногуни ин истилоҳро муайян мекунад. Баррасӣ намудани равишҳои мавҷудаи дарки падидаи таҳқиқшаванда барои равшан кардани маҷмуи пурраи аломатҳои он ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ хеле муҳим мебошад.

Пеш аз он ки ба кушодан мазмун ва моҳияти ин мафҳум даст занем, ҳамонро бояд таъкид кард, ки мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» аз ду истилоҳ иборат мебошад: «маърифат» ва « ҳуқуқ». Аввал мафҳуми ҳар як истилоҳ дар алоҳидагӣ ва пас дар якҷоягӣ муайян карда мешавад.

Фарҳанги забони тоҷикӣ мафҳуми «маърифат»-ро бо панҷ маъно маънидод менамояд [15]: - илму дониш; - шинохтан, донистан; - биниш, тамиз, фаҳм; - шиносоӣ, ошноӣ; - маълумот доир ба тассавур.

Дар сарчашмаи дигар бошад, мафҳуми «маърифат» - илмдӯст; тарафдори пешрафти илму маърифат; маорифпарвар, фарҳангпарвар, маълумот доир ба тасаввуф, ҷаҳоншиносӣ, яке аз чор дараҷаи ирфони суфия: шариъат, тариқат, маърифат, ҳақиқат мебошад [19]. Маърифат аз нигоҳи фалсафа ин раванди фаъолонаю мақсадноки инъикоси воқеият дар майнаи инсон буда, таъиноташ дастрас кардани донишҳои мувофиқ дар бораи олам мебошад. Маърифат раванди иҷтимоӣ-таърихии фаъолияти эҷодии одамон аст. Дар ҷараёни он қишрҳои мухталифи ҳастӣ, тарафу ҷиҳатҳои дохилӣ ва берунаи зуҳуроту предметҳо маълум карда мешаванд, инчунин худи субъекти ҳамин фаъолият, яъне инсон ва ҷомеа аз ҷониби инсон омухта мешавад [19].

Луғати калони академии забони русӣ бошад, «маърифат»-ро ҳамчун «паҳн кардани дониш, маориф, фарҳанг; маҷмуи таълиму тарбия, руйдодҳо; ба даст овардан, ба даст овардани дониш; маориф» муайян кардааст [7]. Мафҳумҳое, ки аз «маърифат» бармеоянд, Луғати калони академӣ чунин таъриф мекунад: «маърифат кардан» - «интиқоли дониш, паҳн кардани маориф, фарҳанг»; «маърифатдор» - «маърифат, дорои маданияти баланд, дониш (дар бораи шахс); бо инкишофи баланд ва васеъ паҳн шудани маданияту маориф (дар бораи давру замон, давлат) хос аст» [7].

Тибқи «Луғати тафсирии Дал В.И.» бошад, мафҳуми маърифат - «маърифат кардан, мунаввар кардан» ба маънои «нури ақлӣ, илмӣ ва ахлоқӣ ато кардан, ҳақиқат ва некиро таълим додан; ақлу дилро тарбия кардан, мебошад. Шахси маърифатнок, шахси замонавии таҳсилотдошта аст; китобхон, мутолиакунанда, бо мафҳумҳои ҳақиқат, шуҷоат ва вазифа мебошад» [8].

Таҳлили адабиёти илмии ҳуқуқии муосир мавҷудияти чанд нуқтаи назарро оид ба муҳтавои истилоҳи «маърифати ҳуқуқӣ» ошкор намудааст, ки баъзан онҳо аз ҷиҳати назариявӣ ба ҳам мухолифанд. Маърифати ҳуқуқӣ дар аксари мавридҳо дар муносибатҳои гуногун бо чунин категорияҳои ҳуқуқӣ, ба монанди фарҳанги ҳуқуқӣ (аз ҷумла унсурҳои алоҳидаи он, ба монанди шуури ҳуқуқӣ), таҳсилоти ҳуқуқӣ, омузиши ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, иттилооти ҳуқуқӣ якҷоя карда мешаванд, ки ин ҳолат мазмуни ин мафҳумро духура мегардонад.

Фарҳанги забони тоҷикӣ мафҳуми «ҳуқуқ»-ро бошад, ҳамчун маҷмуи ҳақ муайян нмудааст[16]. Мафҳуми «ҳуқуқ»-ин қоидаҳои рафтори ба ҳама ҳатмӣ мебошад. Онҳо аз тарафи давлат қабул, муқаррар ва тасдиқ карда мешаванд. Яъне ҳуқуқ низоми қоидаҳои ба ҳама ҳатмии рафтор буда, аз тарафи давлат қабул, муқаррар ва тасдиқ карда мешавад ва муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро ба танзим медарорад.

Ҳуқуқ - бо як қатор нишонаву аломатҳояш аз дигар меъёрҳои иҷтимоӣ (масалан меъёрҳои ахлоқ, одатҳо ва ғайра) фарқ мекунад.

Якум, ҳуқуқ маҷмуи қоидаҳои ҳатмии рафтори одамон мебошад. Он аз меъёрҳои одоб ва ахлоқ, одатҳо, ки ихтиёран иҷро карда мешаванд, фарқ дорад. Ҳар гуна қоидаҳои рафтор, меъёрҳои ҳуқуқӣ буда наметавонанд. Меъёрхои ҳуқуқӣ аз тарафи давлат муқаррар карда мешаванд ва иҷрои онҳо барои ҳама ҳатмӣ мебошад.

Дуюм, ҳуқуқ низоми меъёрҳои барои ҳама баробар мебошад. Вай ба ҳама шахс, сарфи назар аз миллат, нажод, синну сол, мансабу вазифа ва мансубияти синфиашон баробар тааллуқ дорад.

Сеюм, иҷрои талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ бо маҷбуркунии давлатӣ таъмин карда шудааст. Ҳангоми иҷро накардани талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, давлат ба вайронкунандагони меъёрҳои ҳуқуқ таъсир мерасонад ва иҷрои онҳоро ба воситаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ё суд маҷбуран таъмин менамояд.

Масъалаҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, ташаккули фарҳанги баланди ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди нигилизми ҳуқуқӣ, рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими принсипҳои волоияти қонун ҳамеша аҳамияти бузург доранд. Имрӯз ба шарофати суръати азими дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ, рушди муносибатҳои иқтисодӣ, равандҳои афзояндаи иттилоот ва рақамикунонӣ, проблемаҳои маърифатнокӣ, тарбия ва таълими ҳуқуқӣ на танҳо муҳим боқӣ мондаанд, балки мазмуни нав пайдо мекунанд. Самти умедбахши рушди Тоҷикистон дар ин ҷода ташаккул ва рушди низоми пешрафтаи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мебошад, ки ба мушкилоти замони муосир ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, масъалаи муайян намудани мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ»-ро бо назардошти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон ва асарҳои олимони соҳа дида мебароем.

Мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ», гарчанде дар матни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита оварда нашуда бошад ҳам, аммо дар Конститутсия арзишҳое дарҷ гардидаанд, ки мазмун ва моҳияти «маърифати ҳуқуқӣ»-ро ифода менамоянд. Вобаста ба моҳияти Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастоварди миллӣ буда, муқаддасоти миллӣ, андешаи давлатдории миллӣ, истифодаи васеи анъанаҳо ва осори таърихии миллиро эълон ва таъмин мекунад.» [17,8].

Аз ҷумла, дар моддаи 1 Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон гардидаст ва дар як вақт Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Дар моддаи 5 Конститутсия**и** Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардидаанд. Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд (м. 10). Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд (м.14). Ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад (40). Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад (м.41) ва ғайра. мебошанд. Ҳамаи ин арзишҳо дар маҷмӯъ ба мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» вобастагии ногусатанӣ дошта, мазмуну моҳияти онро бевосита ифода менамоянд [12].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми апрели соли 2017 таҳти №731 «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»[5] фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда мешавад: - мутобиқат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; - афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; - қонуният; - бартарияти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, нисбат ба қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ; - адолатнокӣ; - ошкорбаёнӣ ва шаффофият; - илмият; - касбият; - ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади эътироф, риоя ва

ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба роҳ монда мешавад. Ҳуқуку озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақсаду мазмуни қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии ҳамаи субъектони ҳуқуқэҷодкунандаро ташкил медиҳанд. Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, тавассути қонун танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо роҳҳои зерин таъмин карда мешавад:

- пешниҳоди маълумот ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор оид ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ;

- интишори санади меъёрии ҳуқуқии қабулгардида дар нашрияҳои расмӣ, воситаҳои дигари ахбори омма ё бо тарзу воситаҳои дигар расонидани ин санад ба маълумоти омма, аз ҷумла бо воситаҳои электронӣ;

- муҳайё намудани имконият ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор барои шиносоӣ бо мазмуни санади меъёрии ҳуқуқии қабулгардида.

Лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ барои муҳокимаи умум тавассути воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла дар сомонаҳои расмии субъектони ваколатдори ҳуқуқэҷодкунанда мумкин аст интишор карда шавад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор ҳуқуқ доранд бо мазмуни чунин лоиҳа шинос шаванд. Таклифу пешниҳодҳои воридшуда ҳангоми такмили лоиҳа бояд аз ҷониби субъекти ваколатдори ҳуқуқэҷодкунанда баррасӣ гарданд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-уми июли соли 2013 №1004 «Дар бораи маориф» [4] бошад, мафҳумҳои маориф - раванди таълиму тарбия ба манфиати шахс, ҷамъият ва давлат, ки соҳиби дараҷаи муайяни таҳсилот гардидани таълимгирандагонро таъмин мекунад; таҳсилот – раванди муттасили таълиму тарбия, ки ба инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, ҷисмонӣ ва салоҳияти касбии шахс равона карда шудааст, ифода гардидааст.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф бошад, ба принсипҳои зерин асос ёфтаанд, ки мазмуни «маърифати ҳуқуқӣ»-ро дарбар мегиранд, аз ҷумла:

– баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат;

– қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– бартарии соҳаи маориф дар ҳама сатҳҳои идоракунии давлатӣ;

– ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;

– дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;

– бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;

– муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;

– ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;

– ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;

– ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;

– мустақилияти муассисаҳои таълимӣ;

– раванди муттасили таҳсил;

– мувофиқати соҳаи маориф ба талабот ва вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– рушди соҳаи маориф бо назардошти стандартҳои байналмилалии сифати таълим ва меъёрҳои байналмилалии таҳсилот;

– ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;

– пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки алоқамандии зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;

– ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-уми августи соли 2011 №762 «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [2] бошад, омадааст, ки мақсади Қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми июли соли 2007 №272 «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [6] бо тақозои рушди ҷомеа анъана ва ҷашну маросимро танзим намуда, ба ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Дар Қонуни мазкур мафҳумҳое истифода шудаанд, ки бевосита ба мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» иртибот доранд, аз ҷумла**:** – анъана - маҷмӯи арзишҳои моддӣ ва маънавии мероси иҷтимоию фарҳангии ҷомеа ва ё гурӯҳҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ буда, аз насл ба насл мегузарад; – маросим - маҷмӯи амалҳои рамзие мебошад, ки муносибати шахсон ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ба падидаҳои муҳими ҳаёти фарҳангии ҷомеа муқаррар менамояд; – ҷашн - таҷлили рӯйдодҳо ва ё санаҳои таърихию фарҳангӣ, ҷамъиятӣ, касбӣ ва оилавӣ мебошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми декабри соли 2022 №1920 «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»[20] мафҳумҳое маънидод шудаанд, ки бевосита мазмуни мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ»-ро ифода менамоянд, аз ҷумла: Ватан - Тоҷикистон, кишвари азизу маҳбуб барои шахс, ҷомеаи иҷтимоӣ ё миллии одамон, ки онҳо мансубияташонро ба он ҳамчун шароити зарурии некуаҳволии худ медонанд; ватандӯстӣ - муҳаббати шахс ба Ватан, сарзамин ва халқ, ҳифз намудан аз душман ва ба манфиати онҳо содиқона хизмат кардан; тарбия - падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ, ки ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани ӯ ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона гашта, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷомеа хизмат менамояд; тарбияи ватандӯстӣ - фаъолияти мураттаб ва мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ, оила ва шаҳрвандон, ки барои ташаккули дарки баланди ватандӯстӣ дар тафаккури шаҳрвандон, ҳисси садоқат ба Ватан, омода будан ба адои қарзи шаҳрвандию уҳдадориҳои конститутсионӣ барои ҳимояи манфиатҳои Ватан нигаронда шудааст; тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ - маҷмуи тадбирҳое, ки барои аз ҷониби шахс дарк намудани арзишҳои олӣ, ормонҳо, ҳадафҳо, раванд ва падидаҳои муҳими иҷтимоӣ дар ҳаѐти воқеӣ, қобилияти ба роҳбарӣ гирифтани онҳо ҳамчун принсипҳои муайянкунанда ва мавқеъ дар фаъолияти амалию рафтор, ки ба хизмати сазовор ба Ватан равон карда шудааст; тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ - маҷмуи тадбирҳое, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон тарбия намудани дарки зарурати бошууронаи хизмати фидокоронаю беҷаразона ба Ватан зимни иҷрои вазифаҳои хизматӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ, муҳаббат ба кишвари маҳбуб, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, риояи қонун, ахлоқи ҳамида, фарҳанги умумӣ, мавқеи амиқи шаҳрвандӣ, омодагии доимӣ барои адои қарзи конститутсионӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандӣ, ифтихор аз дастовард ва анъанаҳои ниѐгон равон карда шудааст; - тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ - маҷмуи тадбирҳо, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон ташаккул додани дарки бошууронаи ҳимояи Ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, тарбияи ҳисси ифтихор аз мансубият ба халқи худ, дастовардҳои он ва

Қувваҳои мусаллаҳи кишвар, эҳтиром ба таърихи меҳан, хизмати ҳарбӣ, либоси низомӣ, ташаккули ҳисси ҳифзу ҷанигардонии анъанаҳои пуршарафи ҳарбии ниёгон, абадигардонии хотираи муборизони дар роҳи ҳифзи Ватан ҳалокшуда нигаронда шудааст ва ғайраҳо мебошанд.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими меъёрии ҳуқуқие, ки дар он мафҳуми мазкурро метавон дарёфт кард, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми феврали соли 2018 №1005 тасдиқ карда шудааст[11], мебошад. Дар банди 12-и Консепсияи зикргардида истилоҳи «маърифати ҳуқуқӣ» чунин пешбинӣ карда шудааст, «...танзими самаранокии низоми устувори сиёсии демократӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мамлакат, таъмини ҳуқуқии ҷараёни рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, баланд бардоштани шуурнокӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла шахсони мансабдор» мебошад.

Банди 31-и Консепсияи зикргардида ба такмили қонунгузории экологӣ бахшида шудааст, махсусан дар самти ҳифзи муҳити зист ва таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ мебошад. Бинобар ин, зарур аст, ки ҷиҳати болоравии маърифати ҳуқуқӣ ва экологии шаҳрвандон чорабиниҳои фаҳмондадиҳиву тарғиботӣ ба таври васеъ амалӣ гардида, дар мавриди зарурат ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ин самт пурзӯр карда шавад.

Боби 5-уми Консепсия бошад, бевосита ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Аз ҷумла, қайд гардидааст, ки баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад ва ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, шаҳрвандон оид ба муайян намудани мақсадҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, воситаҳо, шаклҳои тарбияи ҳуқуқӣ баромад намуда, тавассути таъмини сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ, тарғиби ҳуқуқӣ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносони касбӣ амалӣ мешавад.

Вобаста ба ин, сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушд ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ҳадафҳои зеринро пешбинӣ менамояд: тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносӣ касбии баландихтисос, ки барои фаъолияти ҳуқуқӣ дар шароити вусъати равобити байналмилалӣ омода мебошанд, такмили сиёсати таҳсилот дар соҳаи тарбияи кадрҳои ҳуқуқшинос, баланд намудани сатҳи донишомузии ҳуқуқи байналмилалӣ бо дар назар доштани дурнамои ҳалли бахсҳои ҳуқуқӣ дар судҳои байналмилалӣ, такмили тахассус пас аз гирифтани таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ, омода намудани кадрҳои дорои донишҳои махсуси иттилоотӣ дар шароити васеъ шудани иттилои ҳуқуқӣ, таҳдидҳо ба амнияти иттилоотии ҷумҳурӣ, тарбияи кадрҳои нави ҳуқуқшиносон, ки барои кор дар шароити роҳандозии ҳукумати электронӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи ҳуқуқшиносӣ омодаанд, мустаҳкам намудани унсурҳои иттилоотӣ ва технологии сиёсати таҳсилот бо дар назар доштани ворид шудани технологияҳои иттилоотӣ дар амалияи ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани махзани иттилоотии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, иттилоъгардонии фаъолияти судӣ, тафтишотӣ, мурофиавӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, иттилои ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ.

Дар Консепсия дар бораи дастрасӣ ба иттилооти ҳуқуқӣ диққати махсус дода мешавад. Қайд мегардад, ки сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрванд, ки бевосита аз сифат ва дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ вобаста мебошад, метавонад ба боло рафтани эҳтиром нисбат ба қонун ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи асосӣ ва калидии батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, паст шудани сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ, инчунин дар ботини шахс ба вуҷуд овардани эътиқод ба рафтори ҳуқуқӣ, ташаккули масъулият оид ба итоат кардан ба муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

мусоидат намояд ва шаҳрванд худро дар ҷомеа комилан озод ва бехатар эҳсос намояд [11].

Барои амалӣ гардидани ҳадафҳои дар Консепсия пешбинигардида, ва бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷуҳурии Тоҷикистон андешидани чораҳои зеринро мувофиқи мақсад медонад: [11]

– ҷоннок кардани корҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ дар асоси ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;

– таъмини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо нашрияи расмии иттилоотӣ-ҳуқуқӣ;

– ба таври васеъ ба аҳолӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба онҳо;

– таъсис додани сомонаи ягонаи миллӣ бо ҷойгир кардани тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– такмил додани механизми коркарди муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳими баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар асоси ворид кардани дастовардҳои нави илму технология, пурзӯр кардани назорати ҷамъиятӣ.

Яке аз омилҳои босамар амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқии давлат ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ин инкишоф додани илми ҳуқуқшиносӣ дар давлат мебошад. Пояи қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқии кишварро тадқиқотҳои илмӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо масоили гуногуни доғи рӯз ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ мешаванд, ҷанбаҳои гуногуни он, аз ҷумла қонуниятҳои рушди онҳо ошкор гардида, таҷрибаи давлатҳои дигар, таҷрибаи таърихию ҳуқуқии давлатдории тоҷикон омӯхта мешаванд.

Дар ин ҷода таъсиси институти илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба давлат ва ҳуқуқ дар сохтори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бамаврид буда, барои рушди соҳаи ҳуқуқ имконият фароҳам оварда, метавонад такягоҳи бузурги илмии сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият гашта, ба боло рафтани обрӯю эътибори кишвар, такмили қонунҳо, рушди таҷрибаи илмию амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намуда, барои омода намудани кадрҳои илмии баландихтисоси кишвар дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ саҳми арзанда гузорад.

Илова бар ин, Консепсияи мазкур ба мо мафҳуми дақиқи «маърифати ҳуқуқӣ»-ро дар дигар бахшҳояш надиҳад ҳам, аммо чунин ҳадафу вазифаҳоеро муайян мекунад, ки аз мазмун ва моҳияти онҳо мо имкон пайдо мекунем, ки унсурҳо, мақсад ва ҳадафҳои «маърифати ҳуқуқӣ»-ро муайян намоем, аз ҷумла: баланд бардоштани устувории некуаҳволии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амнияти миллӣ; рушди босуръати иқтисодиёти беруна ва дохилӣ; таҳкими мавқеъ, ҷой ва нақши Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонии сиёсӣ ва иқтисодӣ; диккат додан ба тарбияи гражданӣ ва тарбияи ватандустии насли наврас; фаъолона тарғиб, ташаккул ва рушди арзишҳои ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ; таъмин, риоя ва хифзи хукукхои асосии шахрвандон; мустақилияти судӣ; озодӣ ва дастрасии воситаҳои ахбори омма; инкишоф додани харакати волонтёрӣ ва ихтиёрӣ дар байни чавонон; фароҳам овардани шароит барои фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ; ташкили чорабиниҳои мақсаднок оид ба мубориза бар зидди нигилизми ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сифат ва возеҳи меъёрҳои қонунгузорӣ ва таъмини ҳадди аксар татбиқи онҳо, инчунин бартараф намудани фарқияти назарраси байни меъёрҳои қонунҳо ва ғайраҳо, ки дар асоси онҳо мо метавонем маърифати ҳуқуқиро ҳамчун фаъолияти давлат ва ҷамъият оид ба рафъи нигилизми ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути таъсиси институтҳои нави ҷамъиятӣ ва мустаҳкам намудани арзишҳои асосӣ муайян намоем.

Дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми сентябри соли 2020, № 526 тасдиқ шудааст, робитаи байни таҳсил ва тарбия, аз ҷумла, тарбияи ҷавонони ҷавобгӯйи талаботи замона дар ҷараёни таҳсилот таъкид мегардад [14].

Инчунин, сиёсати давлатиро дар ин самт Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2019 таҳти №599 тасдиқ гардида, аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат аз 26 декабри соли 2018 бармеояд, инчунин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ гардидааст, қабул гардидаанд, муайян мекунанд.

Илова бар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки онҳо низ мазмун ва моҳияти ин падидаро ба таври возеҳу равшан кушода медиҳанд. Аз ҷумла, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 "Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 "Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 "Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 № 636 тасдиқ шудааст, Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ шудааст, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 тасдиқ шудааст, Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2023, № 357 тасдиқ шудааст, Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, № 565 тасдиқ шудааст ва ғайраҳо мебошанд.

Дар Эъломияи СММ дар бораи таҳсил ва омодагӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон, ки бо Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ 19-уми декабри соли 2011, № 66/137 қабул шудааст, таъкид мегардад, ки таҳсил дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон ҳамаи намудҳои фаъолияти тарбиявӣ, таҳсилотии касбӣ, иттилоотӣ, маърифатӣ ва таълимиро фаро мегирад [18].

Дар ҳуҷҷатҳои Шӯрои Аврупо консепсияи таҳсилоти шаҳрвандӣ таҳия шудааст. Дар он мафҳуми «таҳсилоти шаҳрвандӣ» чунин шарҳ дода мешавад: «Фаъолият оид ба тарбия, таълим ва маърифат бо мақсади ташаккули донишҳо, қобилият, истеъдод ва арзишҳои инсон, ки барои ӯ чун шаҳрванди кишвари худ заруранд» [9].

Дар Кодекси намунавии таҳсилотии давлатҳои аъзои ИДМ аз 16-уми ноябри соли 2006, мафҳуми «таҳсилот» чун «ҷараёни тарбия ва таълим ба манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат» шарҳ дода мешавад.

Ҳадафҳои маърифати ҳуқуқӣ танҳо бо ташаккули шуури ҳуқуқӣ маҳдуд намешаванд. Дар ҷараёни тарбияи ҳуқуқӣ ҳамаи унсурҳои таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ, аз ҷумла, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, татбиқ ва тафсири ҳуқуқ, амали ҳуқуқӣ ва дигар дарку эҳсос карда мешаванд. Барои ҳамин, дар илм ақида оид ба нақши ҳалкунандаи маърифат ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ истифода мешавад [1].

Дар воқеъ, маърифати ҳуқуқӣ барои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Дар ҷараёни маърифати ҳуқуқӣ шуури ҳуқуқӣ, ки унсури марказии фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад, ташаккул меёбад. Арзишҳои ҳуқуқӣ, аз қабили қонун, қонуният, Конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амали ҳуқуқӣ, шаклҳои амали ҳуқуқии фаъол, ҳисси масъулияти ҳуқуқӣ, ҳисси эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, моҳияти амалисозӣ, татбиқ ва тафсири ҳуқуқ, ки дар ҷараёни тарбияи ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд, барои болоравии

сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва инсон, аҳаммияти аввалиндараҷа доранд.

Дар ин санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида, қайд мегардад, ки баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби воситаҳои ахбори омма амалӣ мегардад. Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд, масъулият дошта бошанд ва ба имкониятҳои баробар, аз ҷумла имкониятҳои ҳуқуқӣ тавассути волоияти қонун дастрасӣ дошта бошанд, ки ҷиҳати расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳои ворид шудан ба қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мусоидат намояд. Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва намудҳои дигари тарбияи инсон бояд анҷом дода шавад. маърифати ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин раванд, диққати махсус ба интихоби мушаххаси гурӯҳҳои аҳолӣ, ки бо сабаби дар сатҳи паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ ё надоштани имконияти гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд, бояд равона гардад.

Ҳамин тавр, таҳлили мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» ва амалишавии он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки сиёсати давлатиро дар ин самт муайян намуда, аз ҷумлаи ҳадафҳои муҳимтарини давлат ба ҳисоб меравад, чунин хулосабарориҳоро пешкаш кардан мумкин аст:

1) ташаккули муносибати эҳтиромона ба қонунҳои давлат ва рафъи нигилизми ҳуқуқӣ;

2) ташаккул ва рушди фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, аз ҷумла маърифати ҳуқуқӣ ва саводнокии ҳуқуқӣ;

3) ташкили низоми ҳавасмандгардонии рафтори қонун;

4) дар шуури ҷамъият, аз ҷумла ҳар як фарди ҷомеа ҷой додани ақидаи софдилона иҷро намудани вазифа ва риояи меъёрҳои санадҳои ҳуқуқӣ;

5) огоҳии ҳуқуқии шаҳрвандон, рушди таълиму тарбияи ҳуқуқии насли наврас дар муассисаҳои таълимии сатҳҳои гуногун тавассути ҷорӣ намудани курсҳои таълимӣ, барномаҳо дар раванди таълим мебошад ва фанҳои интихобӣ, ки дар соҳаи ҳуқуқ дониш медиҳанд;

6) такмил додани низоми таълими ҳуқуқӣ дар асоси тайёр кардани ҳуқуқшиносони соҳибихтисос, омӯзгорони ҳуқуқ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандони ҳамаи сатҳҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ;

7) зарурати гузаронидани ислоҳот дар соҳаҳои фарҳанг, иттилооти оммавӣ, таблиғ ва нашриёт, ки ба ташаккули сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон нигаронида шудааст;

8) ҷоннок ва беҳтар намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати таъмини тартиботи ҳуқуқӣ;

9) бо идома додани раванди ислоҳоти судӣ- ҳуқуқӣ таъмин намудани мустақилияти судҳо, дастрасӣ ба адолати судӣ, иттилоотикунонии фаъолияти судҳо дар ба амал баровардани адолати судӣ ва такмил бахшидан ба тахассуси касбии судяҳо;

10) рушд додан ва муҳайё намудани шароити фароҳам оид ба фаъолият дар соҳаи расонидани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ, аз ҷумла ташкили низоми самараноки ёрии ҳуқуқии ройгон.

Дар натиҷаи таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ, ки аз асосҳо, мақсаду ҳадафҳои онро муайян менамоянд, чунин бармеояд, ки «маърифати ҳуқуқӣ» - ин фаъолияти мунтазами мақсадноки давлат ва ҷомеа оид ба ташаккул ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ бо мақсади муқовимат ба нигилизми ҳуқуқӣ ва таъмини раванди

ташаккули маънавии шахс мебошад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки сиёсати давлатӣ, рушди маърифати ҳуқуқиро дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳот, дар тамоми табақаҳои аҳолӣ ва дар ҳамкории фаъолона бо мақомоти давлатӣ, фарҳанг ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар назар дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Александров В.А. Формирование законопослушного гражданина – приоритетное направление правовой политики современной России // Правоведение. – 1998 – № 1. – С. 39.
2. Ахбор Маджлиси Оли Республики Таджикистан, с. 2011, №7–8, мод. 616.
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816;
4. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 532; с. 2014, №3, мод. 156, №7, қ. 2, мод. 422; с. 2016, №3, мод. 1148, №7, мод. 624; Қонуни ҶТ аз 28.08.2017 с., №1462.
5. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 271.
6. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №6, мод. 428; с. 2008, №6, мод. 448; с. 2010, №7, мод. 568; Қонунҳои ҶТ аз 30.05.2017 с., №1428; аз 28.08.2017 с., №1461.
7. Большой академический словарь русского языка / гл. ред. А. С. Герд. М. — СПб.: Наука, 2012. Т. 21. С. 237.
8. Даль В. И. Толковый словарь живого великорусского языка. М.: Прогресс, Универс, 1994. Т. 3: П — Р. С. 1328.
9. Карастелев В. Заметки о гражданском образовании // Государство и человек. – 2014. – № 1 (64): [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://otetrad.ru/article-592.html; (санаи муроҷиат: 15.02.2021).
10. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2023, -501с.
11. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. Душанбе, 2018. - 60с.
12. Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). Душанбе, -126с.
13. Саакян М.В. Правовое воспитание и обучение как средство формирования правовой культуры // Вестник Адыгейского гос. ун-та. – Вып. 1: Регионоведение: философия, история, социология, юриспруденция, политология, культурология. – 2009. – № 3.
14. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми сентябри соли 2020, № 526 тасдиқ шудааст // [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/base/ (санаи мурочиат: 15.02.2021).
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Душанбе, 1969. 951с. – С. 666.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. Душанбе, 1969. 949с. – С. 761.
17. Эмомалӣ Раҳмон. Ҳар як халқу миллат ҳамон Конститутсияеро дорад, ки ба он сазовор аст. Тафсири илмию оммавии Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, Шарқи озод. 2009, -520с. – С. 8.
18. Эъломияи СММ дар бораи таҳсил ва омодагӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон, ки бо Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ 19-уми декабри соли 2011, № 66/137 қабул шудааст: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ:http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/hr_education.shtml (санаи мурочиат: 15.02.2021).
19. https://www.google.com/search?q (санаи мурочиат: 20.01.2024).
20. https://www.google.com/search?q (санаи мурочиат: 20.01.2024).
21. https://www.google.com/search?q (санаи мурочиат 25.01.2024).
22. https://donishju.net/marifat-amchun-mavz-i-ta-lili-falsaf (санаи мурочиат: 20.01.2024).

УДК:340

# РУЗИНАЗАРОВ ШУХРАТ НУРАЛИЕВИЧ – ВЫДАЮЩИЙСЯ УЧЕНЫЙ, ПРЕДСТАВИТЕЛЬ СОВРЕМЕННОЙ ЦИВИЛИСТИЧЕСКОЙ ШКОЛЫ РЕСПУБЛИКИ УЗБЕКИСТАН

**Нодиров Фозилбек Мирзошарифович** – заведующий кафедрой права Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат юридических наук

# РУЗИНАЗАРОВ ШӮҲРАТ НУРАЛИЕВИЧ — ОЛИМИ НАМОЁНИ, НАМОЯНДАИ МАКТАБИ СИВИЛИСТИИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

**Нодиров Фозилбек Мирзошарифович** - мудири кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

# RUZINAZAROV SHUKHRAT NURALIEVICH – OUTSTANDING SCIENTIST, REPRESENTATIVE OF THE MODERN CIVILISTIC SCHOOL OF THE REPUBLIC OF UZBEKISTAN

**Nodirov Fozilbek Mirzosharifovich** – Head of the Department of Law at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Legal Sciences

Рузиназаров Шухрат Нуралиевич - профессор кафедры «Бизнес право» Ташкентского государственного юридического университета Республики Узбекистан

Рузиназаров Шухрат Нуралиевич – доктор юридических наук, профессор, с профессиональной точки зрения критически мыслящий ученый- цивилист, является ведущим специалистом в области гражданско-правовых наук. Научно-теоретический диапазон правовых мышлений Ш. Рузиназарова обширен – это глубокие научные фундаментальные и прикладные исследования, это современные правовые исследования, направленные на углубление научных подходов в изучении правовых дисциплин, на формирование законодательной базы демократического, суверенного, правового, социального государства, высшего юридического образования и правоприменительной практики.

Плодотворный научный исследователь, внес значительный вклад в развитие цивилистической науки, признанный педагог и практический деятель, всегда являлся и будет являться примером для подражания для многих поколений юристов, ученых-цивилистов.

Ш.Н.Рузиназаров как признанный ученый-специалист по гражданскому праву, международному частному праву, предпринимательскому праву, сельскохозяйственному праву, цифровому праву является автором и соавтором более 800 научных работ, в том числе 15 монографий, 8 научных и научно-популярных брошюр. В научных исследованиях Ш.Рузиназарова находят свое отражение современные проблемы цифровизации, диалектика национального законодательства, концептуальные разработки развития международного частного права, теории и методологии организации специальных юридических исследований, правовое обеспечение государственно-частного партнерства, правовое регулирование социального предпринимательства, совершенствование коммерциализации научных достижений, цифровое образование интеллектуальной собственности, цифровое право, правовое регулирование инвестиционной и внешнеэкономической деятельности в сфере предпринимательства, правовое обеспечение отношений, связанные с сельским предпринимателем, правовое регулирование договорных отношений в

сфере строительного подряда, унификации, систематизации и кодификации национальной правовой системы, направленные на обеспечение их методологической и прочной законодательной основы.

Помимо этого, его научные интересы касаются также развития и совершенствования правовой базы, повышения эффективности механизмов возмездного оказания услуг, правового предпринимательской деятельности в сфере сельского хозяйства, гражданско-правового обеспечения государственных закупок, либерализации юридической ответственности, юридических услуг, эффективной реализации национальных ценностей и правовых традиций в законодательном процессе. Кроме того, в научном творчестве достойное место занимают актуальные проблемы становления и развития права в условиях трансформации цифрового гражданского оборота Нового Узбекистана.

В 1990 году в Специализированном совете Института государства и права Академии наук (бывшего Союза ССР) по теме «Правовое регулирование капитального строительства в сельском хозяйстве» он успешно защитил кандидатскую диссертацию. В 1995 году Рузиназаров Шухрат Нуралиевич успешно защитил диссертацию на соискание ученой степени доктора юридических наук при Специализированном совете Института философии и права Академии наук Узбекистана, посвященную теме: «Гражданско-правовой статус сельскохозяйственных производственных структурных образований в условиях рынка» .

Кандидатская и докторская диссертации Ш.Н. Рузиназарова были высоко оценены научным сообществом, зарубежными и национальными учеными юристами-цивилистами: Академиком Академии наук России, доктором юридических наук, профессором В.В. Лаптевым, д.ю.н, проф. С.Н. Братусем, д.ю.н., проф. Р.О. Халфиной, д.ю.н., проф., З.С. Беляевой, д.ю.н. З.М. Заменгоф, д.ю.н. М.И. Брагинским, д.ю.н., И.А. Танчук, д.ю.н., С.С. Занковским, д.ю.н., проф И.Ф. Панкратовым, д.ю.н., проф. Н.Н. Ведениным, д.ю.н., проф.Т.М. Гандиловым, д.ю.н., проф. М.Г. Масевичем, д.ю.н., проф. М.И. Козырем, д.ю.н., проф. Е.И. Голынкер, украинским ученым-цивилистом В.В. Сунцовым, Эстонским ученым-цивилистом Э.Л.Плоом, Башкирским ученым-цивилистом, д.ю.н., проф. Ф.М. Раяновым, Казахстанским ученым-цивилистом, д.ю.н. проф. Ю.Г. Басиным, д.ю.н. проф. А.Г. Диденко, к.ю.н. доц. А.И. Худяковым, д.ю.н., К.С. Мауленовым, к.ю.н., О.И. Ченцовой, учеными Таджикистана: д.ю.н., проф. В.А. Ойгензихт, д.ю. н. проф. Ш. Менглиев и др.

27 июня 2002 года Высшей аттестационной комиссией Республики Узбекистан Ш.Н. Рузиназаров был удостоен звания профессора.

В своих научных работах он заложил основы новой теоретической школы в области цивильного права вообще, и в цифровом праве как будущей науки цифровой юриспруденции. Результаты и достижения научно- исследовательских работ Ш.Н.Рузиназарова могут быть использованы в качестве научно-теоретического источника для диссертационных и монографических исследований, а также при разработке новых концепции законотворчества и современных нормативно-правовых актов в условиях цифровой реальности.

Он принимает активное участие в подготовки текстов законопроектов, в частности Гражданского кодекса( 1995-1996 гг.) Творческой опыт и научное предвидение ученого положительно сказались в его научно-исследовательской и педагогический работе. После принятия государственных стратегических нормативно-правовых актов ему импонировало изучение цифрового алгоритма и цифровой технологии в праве. В настоящее время, он как руководитель научной школы активно ведет научно-исследовательскую работу, исходя из научного наследия Ал- Хоразмий, исследуя национальный генезис (алгоритм) цифрового реформирования и перспективы развития цифрового права как комплексной отрасли права в новом

Узбекистане. Заслуга Ш.Н. Рузиназарова как организатора науки заключается о том, что играет достойную роль в научном и профессиональном развитии каждого исследователя по гражданскому и предпринимательскому и других смежных отраслей правовых наук.

Значительное число научных трудов Ш.Н. Рузиназарова посвящено вопросам гражданской правосубъектности. Начав с исследования вопросов правосубъектности применительно к отдельным видам субъектов предпринимательского права, Ш.Н.Рузиназаров в своих работах освещает теоретические вопросы гражданской правосубъектности, рассматривая ее как составной элемент гражданско-правовых отношений. Ш. Н. Рузиназаров - автор 10 учебников, 7 учебников (в соавторстве), 3 учебных пособий (в соавторстве). Он соавтор ряда учебников по гражданскому праву, предпринимательскому праву, международному частному праву, инвестиционному праву, сельскохозяйственному праву, информационному праву и правовому регулированию электронной коммерции.

Ш.Рузиназаров внес огромный вклад в создание нового и перспективного направления частно-правовой науки «Право электронной коммерции” и активно работает относительно создания фундаментальной, теоретической, законодательной и учебно-методический основы ”Цифрового права нового Узбекистана”. В настоящее время ученый занимается фундаментальным исследованиями по актуальным вопросам цифрового гражданского оборота вообще, права электронной коммерции, в частности. Он активно участвует в качестве члена рабочей группы при разработке нового Гражданского кодекса Республики Узбекистан.

Ш.Н.Рузиназаров активно участвовал и в подготовке Комментариев к ГК РУз (Комментарий Гражданскому кодексу Республики Узбекистан, Профессиональный комментарий. т.2. Министерства юстиции Республики Узбекистан SMI - ASIA,2011.896с. комментарий к Закону “О собственности (Мулкчилик тўғрисидаги қонунга шарҳлар – Т.: «Адолат» -1994. 4,7 б.т. Шарҳлар. в соавторстве), он принимал участие в подготовке Комментариев к Закону “О предпринимательстве” (Тадбиркорлик тўғрисидаги қонунга шарҳлар – Т.: «Адолат» -1994. 6,3 б.т. Шарҳлар.”) ХПК РУз (Комментарий к хозяйственному процессуальному кодексу - Т.: -2001. Шарҳлар в соавторстве), научных сборников, Комментариев к 6 кодексам и законам, а также экспертных заключений более чем к 600 законопроектам. Ученый, опираясь на результаты научных, международных и национальных грантовых исследований, эффективного мониторинга действующего законодательства и экспертной деятельности по законопроектам, занимается разработкой нормативно-правовой системы нашей страны с первых лет независимости и по сей день.

Научные труды Ш.Н.Рузиназарова публикуются в национальных, международных и зарубежных юридических изданиях на узбекском, русском, немецком и английском языках. Кроме того, им опубликованы научные статьи в 53 электронных изданиях. Научные труды Ш.Н.Рузиназарова публикуются в национальных, международных и зарубежных юридических изданиях на узбекском, русском, немецком и английском языках. Кроме того, он опубликовал статьи в 53 электронных изданиях. В частности, “Судебное решение как юридический факт // Юридический факты как основания возникновения, изменения и прекращения гражданских право отношение: материалы междунар. Науч.-практ. конф. В рамках ежегодных цивилистических чтений, посвященные 20-летию НИИ частного право и 10-летию КМА Алматы, 21-22 май 2015 г / отв. Ред. М.К Сулейменов – Алматы: «Dayip-Kiтaп», 2016 с. 337-344. And development of personnel training in the field of intellectual property in the republic of Uzbekistan. // American Journal of research, 2017. Collective of authors C. 5-27.(в соавторстве) Современные механизмы реализации правотворчества в Республике Узбекистан.// Материалы XXXIII Международной научно-практический интернет конференции «Тенденции и перспективы развития науки и образования условиях

глобализации»: 724с. Науч.трудов –Переялов–Хмелницкий, 2018– Выпуск.33.С.148-150. Scientific and innovative methodological problems of entrepreneurship education: Realism modern orientation. World science Scientific educational centre Warsaw, Poland № 4 (32) Vol, 7, April 2018. http:// conference.com. Legal regulation of innovation entrepreneurship: problems and solutions. Сборник материалов Международного круглого стола «Новая глобальная реальность и проблемы модернизации исторического сознания» в рамках реализации идей, изложенных в Послании Первого Президента Республики Казахстаи Н.А.Назарбаева народу Казахстан «Третья модернизация Казахстан: глобальная конкурентоспособность» и в статье «Взгляд в будущее: модернизация общественного сознания». Алматы-Институт философии, политологии и религиоведения КН МОН РК, 2019г. С. 360-366. Неимущественные права пользователей Интернета и участников цифровой экономики// Неимущественные права: Материалы междун. науч.- практ. конф. (в рамках ежегодных цивилистических чтений), посвященной 25-летию Гражданского кодекса Республики Казахстан (Алматы, 19-20 сентября 2019 г.) / Отв. ред. М.К. Сулейменов. – Алматы, 2020. – С. 174-181.; Problems of Systematization and Improvement of Legislation in the Sphere of Entrepreneurial Activity of Agriculture International Journal of Advanced Science and Technology, 29(11s), 2020 p. 65-77. Retrieved from http://sersc.org/journals/index.php/IJAST/article/view/19949 Some questions of organizational and legal aspects of hotel services in the term of covid-19 Palarch’s Journal Archaeology of Egypt/Egyptology 2020.P. 1938-1947https://archives.palarch.nl/index.php/jae/issue/view/105 (coauthors);

Trends and development of legal regulation of foreign investment in the Republic of Uzbekistan Scientific research results in pandemic conditions (COVID-19) Proceedings of International Multidisciplinary Conference June, 2020. P. 906-910; Features of the approval of the world agreement by the economic court: practice and theory// International journal of Professional Science ISSN 2542-1085 №5-2021, P. 90-90; Problems of Fundamental Scientific and Methodological Support of Digital Civil Turnover has been accepted and considered for publication in our Journal of Education for Business in Vol. 96, Issue 6-7, 2021; Перспективы цифровой трансформации юридического образования в Узбекистане//Научные труды ЮКГУ имени М. Ауэзова Шымкент-2021 №3-4(59-60) С.131-140.;General provisions on invalidity of transactions in bankruptcy procedure Norwegian Journal of development of the International Science No 68/2021/P 18-21 ;Научное стратегическое прогнозирование законотворчества в частноправовой сфере Республики Узбекистан// Проблемы укрепления законности и правопорядка: наука, практика, тенденции: сб. науч. тр., специальное тематическое издание ГУ «Науч.-практ. центр проблем укрепления законности и правопорядка Генеральный прокуратуры Республика Беларусь» ; редкол.: В. В. Марчук (гл. ред.) [и др.]. – Минск: Изд. центр БГУ, 2021. – Вып. 14. –413 с 331-337;Legal Regulation of E-Commerce Guarantees Digital Economic Development in Uzbekistan Shukhrat Nuralievich Ruzinazarov Professor at Business law department of Tashkent state university of law, DSC in Law, Tashkent, Uzbekistan (In co-authorship) // Spanish Journal of Innovation and IntegrityVolume: 06, 2022 http://sjii.indexedresearch.org C.340-341.;Legal issues of conclusion of agreement on ensuring the obligations of the debtor in judicial sanation Sciences of Europe # 83, (2021) P. 22-26; The nature of judicial decisions in the conditions of the digital transformation of the judicial power of Uzbekistan Sciences of Europe # 79, (2021) .P. 10-13; Civil Legal Regulation of the Information Intermediary in the Sphere of Electronic Commerce of the Republic of Uzbekistan //Journal of intellectual prperty and human rights December – 2022 ISSN: 2720-6882 P. 32-50;Need for reforms is a natural phenomenon International Conference on Advance Research in Humanities, Applied Sciences and Education Hosted from New York, USA https://conferencea.org May 28th 2022 C. 487-490;ODR as a new way

of resolving online disputes in E-commerce Tashkent, Uzbekistan. ORCID: 0000-0001-8550-9276 e-mail: ruzinazarov123@gmail.com In (co-authorship) April, 2022 ISSN: 2795-7365 Eurasian Scientific Herald www.geniusjournals.org.P.323-327.;Community Education, Psychology And Social Studies Procedia of Social Values and Community Ethics Proceedings of the 1st International Conference on ISSN: 2795-5508 Available: https://procedia.online/index.php/value52; Contemporary Development Trends of the Constitutional Foundations of Social Partnership in Uzbekistan: Contractual-Legal Mechanisms of the Dialectical Unity and Connection of the People-Loving State and Civil Society Ruzinazarov Sh. N. Professor at Business Law department of Tashkent State University of Law Doctor of legal sciences (DSc); Modern Trends in Improving the Civil Legislation of the Republic of Uzbekistan Journal of intellectual prperty and human rights Volume: 01 Issue: 08 | August – 2022 ISSN: 2720-6882 http://journals.academiczone.net/index.php/jiphr 1 Published under an exclusive license by open access journals Shukhrat Nuralievich Ruzinazarov Professor at Business law department of Tashkent state university of law, DSc in Law, Tashkent, Uzbekistan; Shukhrat Ruzinazarov, (In co-authorship) Classification of types (business models) of electronic commerce and subjects-participants (050006) Problems in the Textile and Light Industry in the Context of Integration of Science and Industry and Ways to Solve Them(PTLICISIWS-2022)Namangan, Uzbekistan 5–6 May 2022;Legislative Bases of Digital Education in the Sphere of Intellectual Property of Uzbekistan Impacts of AI in Higher Education "Legal tech, education and digital transformation of law" International Conference 2023.(20-21 february, 2023); Правовая система Узбекистана: история и современность: сборник статей / под ред. С.В. Землюкова, А.А. Васильева, В.В. Сорокина ; Министерство науки и высшего образования РФ, Алтайский государственный университет. Барнаул: Изд-во Алт. ун-та, 2023. 241 с. (Проект славяно-тюркского единства) и др.

Для ученого-юриста одним из главных вопросов государственной стратегической политики стали важные события политической, экономической и правовой жизни нового Узбекистана, в частности, принятие обновленной Конституции, скорейшая реализация правовых реформ, направленных на создание Нового Узбекистана, основы Третьего Ренессанса, Возрождения. Будучи руководителем и членом 20 государственных грантов (фундаментальных, прикладных, инновационных), он провел исследования по актуальным и перспективным темам юридической науки вообще, гражданско-правовой науки, в частности.

Ш.Н.Рузиназаров является признанным ученым-юристом цивилистом не только в пределах Республики Узбекистан, но и за рубежом. Он принимал активное участие в более чем 100 международных и национальных конференциях и симпозиумах, научных конференциях, организуемых университетом, а также в мероприятиях с участием соответствующих государственных органов и институтов гражданского общества. Ш.Н.Рузиназаров принял участие в обучающей программе «Роль судов в рыночной экономике» в Чешской Республике в 2002 году. Он также участвовал в 2004 году на 3-м Международном симпозиуме судей в Оттаве, Канада, где он был награжден специальным сертификатом за активное участие. Кроме того, он участвовал в Высшем арбитражном суде в Москве, Россия, в 2003 году. В 2018 году он был награжден дипломом за участие в 4-й Международной научно-практической конференции по современной методологии в Объединенных Арабских Эмиратах (Дубай). В 2019 году принимал участие в онлайн-научных семинарах по подготовке научно-практических обзоров Закона «Об административных процедурах Республики Узбекистан» совместно с Нагойским университетом Японии. В 2023 году прошёл обучение по программе научно-практического семинара-тренинга "Статегия действий-стратегия развития" в Севере-Кавказском институте –филиале Российской академии народного хозяйстве и государственной службы при Президенте Российской Федерации и где был награжден специальным сертификатом за активное участие.

Кроме того, принял участие в международной конференции, посвященной «Актуальные проблемы права электронной коммерции» с научным докладом на тему «Предмет и метод науки права электронной коммерции», которое было опубликовано в печати. По инициативе ученого-юриста Ш.Н. Рузиназарова 13 декабря 2021 года в Южном университете имени Авезова Республики Казахстан организован международно-научный семинар на тему «Аспекты правового регулирования электронной коммерции в Узбекистане и Республике Казахстан». В настоящее время результаты используются при проведении занятий для бакалавров и магистров.

Ш.Н. Рузиназаров в соответствии с Концепцией совершенствования Гражданского законодательства активно участвует в разработке не только нового проекта Гражданского кодекса Республики Узбекистан, но и нового Предпринимательского кодекса Республики Узбекистан. В своей научно-экспертной деятельности он предоставил экспертные заключения по более 500 законопроектам. Он принимает активное участие в научных международных, республиканских конференциях, семинарах, круглых столах, а также в различных мероприятиях с участием предпринимательских субъектов, сотрудников органов местного самоуправления граждан, а также избирателей. Он также осуществляет рецензионную деятельность на монографии, брошюры, учебники, учебные пособия, диссертации и другие публикации в области частного права в выбранной им области исследований. Им опубликованы ряд научно-популярных статей в средствах массовых изданий, для разъяснения сути новых законов и по актуальном вопросам государственно-правовой политики. Ш.Н. Рузиназаров также является членом Специализированного совета Ташкентского государственного юридического университета и участвует на заседаниях Межгосударственного специализированного совета по защите диссертации в Кыргызской Республике. Сотрудничает с Институтом государства и права Академии наук Российской Федерации, Исследовательским Центром частного права имени С.С. Алексеева при Президенте Российской Федерации, Каспийским университетом Республики Казахстан, юридическим факультетом Таджикского государственного университета и другими юридическими образовательными учреждениями. Он активно участвуют в подготовке научно-педогогических кадров для Казахстана, Кыргызстана, Таджикистана. Ш.Рузиназаров также активно участвует в проблемных советах, научных семинарах, в работе научных советов по защите диссертаций и вносит значительный вклад в подготовку высококвалифицированных юридических кадров.

Хочется отметить, что цивилистическое сообщество высоко ценит значительный вклад талантливого, потенциального и правдивого оратора, автора страстной и содержательной речи, видного и яркого представителя школы цивилистики, опытного преподавателя, наставника студентов и магистров, доктора юридических наук, профессора Ш.Н. Рузиназарова. Мы ценим его роль как теоретика частноправовой науки, опытного ученого в области правоприменения и желаем ему больших творческих успехов в подготовке высококвалифицированных научных кадров в сфере гражданско-правовой науки в условиях цифровой трансформации нового Узбекистана.

**УДК:347.1**

# МАФҲУМИ ТОВОНИ ЗАРАРИ МАЪНАВӢ АЗ НАЗАРИ ҲУҚУҚИ ИСЛОМӢ

**Наботов Сиёвуш Холмуродович** - Дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори ҳуқуқ (PhD)

# ПОНЯТИЕ ВОЗМЕЩЕНИЯ МОРАЛЬНОГО ВРЕДА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИСЛАМСКОГО ПРАВА

**Наботов Сиёвуш Холмуродович** - Доцент кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции, доктор права

# THE CONCEPT OF COMPENSATION FOR MORAL DAMAGE FROM THE POINT OF VIEW OF ISLAMIC LAW

**Nabotov Siyovush Kholmurodovich** - Associate Professor of the Department of Com- mercial and Anticorruption Law of the Tajik State University of Commerce, PhD in Law

**Калидвожаҳо:** зарар, зарари моддӣ, зарари маънавӣ, товон, қонун, кафолат, ислом.

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур мафҳуми товони зарари маънавӣ аз назари ҳуқуқи исломи бо дарназардошти шароити имрӯза мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамчун доир ба баъзе мушкилоти товони зарари маънавӣ дар муқоиса бо соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва маданӣ низ, таҳлил гардидааст. Ҳамзамон доир ба баъзе меъёрҳои исломи бо назардошти арзишҳои исломӣ таҳлил гардидааст.

**Ключевые слова:** ущерб, материальный ущерб, моральный ущерб, компенсация, закон, компенсация, гарантия, ислам.

**Аннотация.** В данной статье анализируется и обсуждается понятие возмещения морального вреда с точки зрения исламского права с учетом современных условий. А также проанализированы некоторые проблемы возмещения морального вреда в сравнении со сферой уголовного и гражданского права. В то же время некоторые исламские стандарты были проанализированы с учетом исламских ценностей.

**Key words:** damage, material damage, moral damage, compensation, law, compensation, guarantee, Islam.

**Annotation.** This article analyzes and discusses the concept of compensation for moral harm from the point of view of Islamic law, taking into account modern conditions. And also analyzed some problems of compensation for moral harm in comparison with the sphere of criminal and civil law. At the same time, some Islamic standards were analyzed in terms of Islamic values.

Дар ислом қоидаи маъруфе вуҷуд дорад ки ба қоидаи “Ло зарар” шуҳрат дорад. Маъмулан ин қоидаро қоидаи “Ло зарар” мегуянд. Ин қоида баргирифта аз ҳадисҳои муътабаре аст. Дар ин ҳадис дар як ҷумлаи кутоҳ ин қоидаро ба ин сурат баён фармуда аст ки “Ло зарара ва ло зирора фил ислом” [11 санаи мурочиат: 23.05.2023]. Тарҷумаи ин ҳадис чунин аст, ки “Зарар марасон ва зарар мабин” Бар асоси ин қоида ҳар ҳукме,

ки зарар ва зиёнеро мутаваҷҷеҳи афроди ҷомеа кунад аз назари ислом он ҳукм бардошта шуда аст ва эътиборе надорад, ки аз ин тариқ роҳе барои ҷуброни хисорат ва дафъи зарар барои шахси мутазаррир дуруст шавад. Маҳз тахти консепсияи ҳамин ҳадис тамоми сарчашмаҳои диннӣ товони зараро пешбинӣ менамояд.

Дар қонунгузории муосири Тоҷикистон, хусусан Конститусия таъкид мегардад, ки ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад[1]. Ин асос ба он мегардад, ки дилхоҳ шахс ҳангоми поймол гардидани манфиатҳои шахсиаш ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намояд. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад қайд мегардад, ки агар ба шахси воқеӣ дар натиҷаи амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиаш ё амалҳои суиқасдкунанда ба неъматҳои дигари ғайримолумулкиаш, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун зарари маънавӣ (азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ) расонда шуда бошад, суд метавонад шахси вайронкардаро ба товони зарар уҳдадор кунад (моддаи 16 КМҶТ). Тҳлили мазмуни моддаи болозикр гувоҳи он аст, ки объекти товони зарари маънавӣ аслан арзишҳои ҳуқуқ манфиат ва арзишҳои фитрии инсон мебошанд.

Масалан, аз нигоҳи ҳуқуқи исломӣ низ, ҷони инсон, молу мулк, покдоманӣ, сарватҳои моддӣ ва маънавии инсон тахти ҳимоя қарор доранд. Чун зарар расонидан ба онҳо мамнӯъ аст, дар сурати расонидани зарар ба беҳтарин тарз товонпулӣ пардохта мешавад. Дар ҳуқуқи муосир зарар ба ду, яъне ҳамчун зарари моддӣ ва зарари маънавӣ ҷудо мешавад ва ин тақсимот аз ҷиҳати ҷубронпазирӣ ва товонпазирӣ бандубаст гардидааст. Ҳарчанд дар осори ҳуқуқи исломии классикӣ чунин номгузорӣ дучор вуҷуд надорад, аммо дида мешавад, ки ҳангоми баррасии мавзӯъҳо чунин тақсимот аз лиҳози ҳуқуқи исломӣ имконпазир аст. Тавре маълум аст, муайян кардан ва ҷуброни зарари моддӣ осонтар аст, вале дар усули муайян кардани товони зарари маънавӣ мушкилот вуҷуд дорад. Ба далели хислатҳои хисороти маънавӣ доштан мушкилоти товони он боиси ихтилофи иҷтиҳод шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар қонунгузори ду истилоҳ истифода мегарданд, ки аксари ҳолатҳо ҳангоми баёни мавзуъ дар як маъно истифода мегарданд, ки чунин тарзи корбурд мувофиқи мақсад нест. Масалан, калимаи ҷуброн ва калимаи товон вуҷуд доранд. Тибқи муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн ҳангоми расонидани зарари моддӣ истифода мегардад, аммо товон ҳангоми расонидани зарари маънавӣ (моддаҳои 14,15,16 КМ ҶТ).

Тавре маълум аст, ислом ҷон, мол, номус, сарватҳои моддӣ ва ғайримоддии инсонро ҳифз мекунад. Зарар расонидан ба онҳо ҳаром аст ва дар мавриди зарар дар ислом ҷуброн пешбинӣ шудааст. Ҳамин тариқ, ҷуброни моддӣ ва ғайримоддӣ дар қонунгузории муосир гурӯҳбандӣ карда мешавад, гарчанде чунин гурӯҳбандӣ дар осори шариати исломии ибтидоӣ дида намешавад. Дар муқоиса муайян кардани зарари маънавӣ нисбат ба зарари моддӣ мушкилтар аст. Мушкилоти хоси муайян ва товони он боиси рушди иҷтиҳодҳои гуногун гардид.

Яке аз масъалаҳое, ки дар ҳуқуқи ислом таъкид шудааст, риояи ҳуқуқи инсон аст.Тибқи муқаррароти ҳам қонуни ҷиноятӣ ва ҳам дар қонуни маданӣ бартараф намудани зарари ба дигарон расонидашуда пеш аз фаро расидани зиён пешгирии онро тавсия намудааст. Агар он барои муддати кӯтоҳе бошад, ки ба ҳаёт ё молу мулк зарар расонад, бартарии парҳез муқарраротест, ки ба иҷрои ин шаъну шараф нигаронида шудааст. Зарари ба шахси дигар расонидашуда вобаста ба намуди зарар бо муқаррароти гуногун танзим карда мешавад.

Бояд таъкид кард, ки баъзан товонпулӣ мавзӯи қонуни ҷиноятӣ ва баъзан мавзӯи ҳуқуқи шаҳрвандӣ мебошад. Баъзан он хусусияти омехта дорад, ки ба ҳарду соҳаи ҳуқуқ якҷоя дахл дорад. Агар зарар бо кирдоре, ки ба ҳаёти инсон нигаронида шудааст, расонида шуда бошад, он ҷинояти марбут ба қонуни ҷиноятӣ ҳисобида мешавад, вале агар он ба шаъну шарафи инсон расонида шуда бошад, ин марбути қонунгузории

маданӣ ҳисобида мешавад. Аз инрӯ дар инҷо зарур аст, мо пеш аз ҳама моҳияти масъаларо дарк намоем, ки мазмуни зарар ба кадом соҳаи ҳуқуқ дахл дорад ва аз рӯи тобеият онро тибқи муқаррароти қонунгузории он соҳа ҳаллу фасл намоем.

Масалан, барои он ки ҳуқуқвайронкунӣ мавзӯи товон бошад, зарур аст, ки кирдори ғайриқонунӣ содир шуда бошад ва дар натиҷаи ин кирдори содиршуда зарар расонида шуда бошад. Барои бавуҷуд омадани товон бояд дар байни ин амал ва зиён робитаи сабабӣ вуҷуд дошта бошад. Аз ин рӯ, айб, кирдори ғайриқонунӣ, робитаи сабабӣ ва зарар унсури асосии кирдори ғайриқонунӣ ба ҳисоб меравад, ки асоси бавуҷуд омадани ҷуброн мегардад [5]. Муҳаққиқиони турк барон ақидаанд, ки он чизе, ки товонро пеш аз ҳама зарур мегардонад, зарари расонидашуда мебошад[4].

Масалан, агар зарар дар натиҷаи амали ғайриқонунӣ расонида нашуда бошад, масъулият барои товон низ вуҷуд надорад. Ё инкӣ агар кирдоре барои зарар расонидан ба моли каси дигар сурат гирад ва зарар расонида нашавад, ба мисоли агар шахс девори ҳамсояро вайрон карданӣ шавад, вале онро вайрон кардан ғайриимкон бошад, дар ин ҳолат ба пардохт ва ё товон зарурат ба миён намеояд. Дар чунин мавридҳо товонро талаб кардан ғайриимкон аст, чунки асос барои ҳаҷм ва андозаи товон мавҷуд нест. Муҳаққиқон низ, дар чунин андешаанд, ки ҳадафи товон бартараф кардани зарари расонидашуда мебошад[3]. Зарар мафҳумест, ки доираи васеъ дорад. Аз инрӯ, мо аввал мафҳуми зарарро дида мебароем ва дар бораи навъҳои он истода мегузарем ва сипас таваҷҷуҳ ба он мекунем, ки чӣ гуна ин зарар товон пардохта мешавад.

Ҳоло мафҳум ва моҳияти маънои калимаи зарар дар луғатҳо ба таври якранг маънидод гардидааст. Масалан, қайд мегардад, ки зарар решаи арбаӣ дошта, ҳамчун зидмаънои калимаи таваҷҷӯҳ истифода мешавад[6]. Дар луғати дигар зарар маънои вазъи бад, камбизоатӣ, мушкилот ва зӯровариро маънидод гардидааст. Инчунин дар Қуръон[7] ва ҳадисҳо[8] бо маънoҳои шабеҳ маъмул аст. Тибқи андеша ва мавқеи инҷониб, зарар вазъиятест, ки барои поймолӣ ҳуқуқи шахс, молу мулк шароит эҷод мекунад. Решаи калимаи зарар талафоти моддӣ ё маънавӣ, фақр, сахтӣ, беморӣ, хатар, ниёз ва ғайраро ифода мекунанд. Аз ин рӯ, хисороти ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё молиявӣ ё зараре, ки баъдан ба шахс расонида мешавад, зарар ҳисобида мешавад. Дар ҳуқуқи муосир зарар ҳамчун «камшавии молу мулки шахс бе ризоияти ӯ» ё «фарқи байни ҳолати кунунии дороии ҷабрдида ва вазъи пеш аз амали ғайриқонунӣ» фаҳмида мешавад. Тавре муҳаққиқони турк таъкид менамоянд дар таърифе, ки ба сифати «камшавии арзиши дороие, ки бар хилофи иродаи шахси соҳиби ин дороиҳо ба амал меояд», истилоҳи «дорои» ҳамчун сарватҳои моддӣ ва маънавӣ шарҳ дода, доираи зарар васеъ карда мешавад. Аз инрӯ, зарар кам гаштани молу мулки шахс (шахси воқеӣ) бе иродаи шахс (дар арзишҳои ҳуқуқӣ ба ғайр аз дороиҳо) мебошад. Дар ин замина, зарар ҳамчун фарқияти байни ҳолати дороиҳои моддӣ ва маънавии бо қонун ҳифзшаванда, пас аз вайрон кардани онҳо, бар хилофи иродаи шахс муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, ҷанбаи умумӣ дар расонидани зарари моддӣ ва маънавӣ дар он аст, ки ҳарду дар натиҷаи вайрон кардани дороиҳои бо қонун ҳифзшаванда бавуҷуд меоянд[9].

Мавриди қайд аст, ки дар ҳуқуқи муосир мафҳуми зарар ҳамчун зарари моддӣ ва маънавӣ ба ду тақсим мешавад. Ҳарчанд ин тафовуте, ки дар ҳуқуқи римӣ ба вуҷуд омадааст, дар маъхазҳои ҳуқуқи исломӣ ба ин тариқ ба назар намерасад, аммо маълумоти сарчашмаҳо дар пажӯҳишҳои муосир ҷамъоварӣ шуда, ба хулосае омадааст, ки чунин тафовут дар ҳуқуқи ислом низ манфиатҳои амалӣ дорад. Дар ҳуқуқи исломӣ, вақте ҷиноят содир мешавад, чизи асосӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ аст ва шарти асосӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ аст. Аммо дар сурати поймол кардани ҳуқуқи шахс ва расонидани зарари моддӣ боиси ҷавобгарии маданӣ мегардад. Товони зарари ҷабрдидагон, махсусан дар кирдорҳои ғайриқонунӣ, аз қабили дуздӣ ва тамаъҷӯӣ, ки хисороти моддӣ мерасонад, ҷуброн карда мешаванд[10].

Ҳамин тариқ, дар ҳуқуқи исломӣ ва сарчашмаҳои исломӣ зарар шарти асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Зеро товони зарар дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки

воқеан ба шахс зарар расида бошад. Зарар вазъиятест, ки бояд бо назардошти вазъи шахс ё молу мулк пеш аз расонидани зарар ва баъд аз он муайян карда шавад. Аммо муайян кардан ва пурра баргардонидани зарари расонидашуда як ҳолати хеле мушкил арзёбӣ мешавад. Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки масъалаи товони зарари маънавӣ ва ҳамчунин аз даст додани фоиз ё фоидаи эҳтимолӣ мавриди баҳси фақеҳони (ҳуқуқшиносони) исломӣ гардидааст.

**Адабиёт**


1.Конститиитутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе -2016

2.Кодекси Мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2023

3.Юлдуз Кемаль, Исламский закон об ответственности, внедоговорная ответственность, IFAV, Стамбул, 2013 г., стр. 128.

4.Velidedeoğlu, Hıfzı Veldet, “Umumi Bakımdan Zarar ve Tazminat”, Ebül-Ula Mardin’e Armağan, İstanbul Üniversitesi Hukuk Fakültesi, İstanbul 1944, s. 743.

5. Köse, Saffet, İslam Hukukunda Hakkın Kötüye Kullanılması, İFAV, İstanbul 1997, s. 73.

6. İbn Manzûr, Ebü'l-Fazl Muhammed b. Mükerrem b. Ali el-Ensârî (711/1311), Lisânul Arap, Dâru Sadır, Beyrut ty., IV. s.482; Fîrûzâbâdî, Ebü't-Tahir Mecdüddîn Muhammed b. Yakûb b. Muhammed (817/1415), el-Kâmûsü'l- muhît (8. Baskı), Müessesetü'r-Risâle, Beyrut, 2005, s. 428; Heyet, Mevsu- ati’l-Fıkhiyye I-XLV, Vizaretü’l-Evkaf ve'ş-Şuuni’l-İslâmiyye, Kuveyt 1993, XXVIII. s. 179.

7.Баккара: 2/102, 214, 231; Олӣ Имрон: 3/120, 134; Моида: 5/105; Юнус: 10/12, 106; Ҳаҷ: 22/12-13.

8.Муслим,: 24; Ибни Маҷа, Ахмад:17; Аҳмад ибни Ханбал, Муснед, XXXVII. s. 438.

9. Karahasan, Mustafa Reşit, Tazminat Hukuku, Beta Basım Yayım Dağıtım A.Ş., İstanbul 1996, s. 53; Velidedeoğlu, “Umumi Bakımdan Zarar ve Taz- minat”, s. 743; Akıntürk-Karaman, Borçlar Hukuku, s. 90.

10.Mardin’e Armağan, İstanbul Üniversitesi Hukuk Fakültesi, İstanbul 1944, s. 743.

11. Реҷаи дастрасӣ: https://tojikon.org/%D1%82%D0%B0%D0%BC%D0%BE%D1%81-%D0%B1%D0%BE-%D0%BC%D0%BE (санаи муроҷиат 23.05.2023)

**УДК: 343.31**

# ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ДАЪВАТИ ОММАВӢ ОИД БА АМАЛ БАРОВАРДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ

# УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ПУБЛИЧНОГО ПРИЗЫВА К ОСУЩЕСТВЛЕНИЮ ЭКСТРЕМИСТСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

# CRIMINAL LAW ANALYSIS OF A PUBLIC CALL TO CARRY OUT EXTREMIST ACTIVITIES

**Каримова Муаззама Мирзокаримовна** — довталаби Донишгоҳи давлатии ҳуқуқи соҳибкорӣ ва сиёсати Тоҷикистон.
**Акмалзода Амирхон Ҳасан** – довталаби Донишгоҳи давлатии ҳуқуқи соҳибкорӣ ва сиёсати Тоҷикистон.

**Каримова Муаззама Мирзокаримовна** – соискатель Таджикского государственного университета права бизнеса и политики.
**Акмалзода Амирхон Хасан** – соискатель Таджикского государственного университета права бизнеса и политики.

**Karimova Muazzama Mirzokarimovna** – applicant at the Tajik State University of Business Law and Politics.
**Akmalzoda Amirkhon Hasan** – applicant at the Tajik State University of Business Law and Politics.

**E-MAIL:** amirkhon.h@mail.ru

**Калидвожаҳо:** экстремизм; даъват; сулҳ; амният; муқовимат; фаъолияти экстремистӣ; ҷиноят; омма; давлат;

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки мафҳумҳои “даъвати оммавӣ”, “фаъолияти экстремистӣ”-ро илман асоснок намуда, намудҳои даъвати оммавӣ ва оқибатҳои манфии даъвати оммавиро муайян намоянд.

**Ключевые слова:** экстремизм; вызов; мир; безопасность; сопротивление; экстремистская деятельность; преступление; публика; государство;

**Аннотация.** В данной статье рассматриваются вопросы уголовно-правовой анализ публичного призыва к осуществлению экстремистской деятельности. Авторы пытались научно обосновать понятия “публичнҷй вызов”, “экстремистская деятельность”, определить виды публичного призыва и его негативного последствия.

**Keywords:** extremism; challenge; peace; security; resistance; extremist activity; crime; public; state;

**Annotation.** This article examines the issues of legal and criminal analysis of the mass appeal to carry out extremist activities. The authors tried to scientifically substantiate the concepts of “mass call”, “extremist activity”, to determine the types of mass conscription and the negative consequences of mass conscription.

Барои муайян намудани моҳияти кирдор дар шакли даъвати оммавӣ оид ба амал

баровардани фаъолияти экстремистӣ, пеш аз ҳама мафҳуми фаъолияти экстремистӣ аз нигоҳи қонунгузорӣ ва илмӣ бояд шарҳ дода шавад. Таърихи қонунгузории ҶТ мафҳумҳои дигари фаъолияти (амали) экстремистиро низ медонад. Масалан, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» (аз 8 декабри соли 2003), ки то соли 2 январи соли 2020 амал мекард, амали экстремистиро ҳамчун "фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ вобаста ба банақшагирӣ, ташкилкунӣ, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое (кирдорҳое) мебошанд, ки барои иҷрои мақсадҳои зерин равона карда шудаанд: а) ба тарзи маҷбурӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва халалдор сохтани ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон; б) зарар расонидан ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон; в) ғасб ё тасарруфи салоҳияти ваколатҳои ҳокимият; г) ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ; д) амалӣ гардонидани фаъолияти террористӣ; е) ангезонидани муноқишаҳои нажодӣ, миллӣ ё динӣ, инчунин муноқишаҳои иҷтимоӣ, ки ба зӯроварӣ ё даъват ба зӯроварӣ алоқаманд аст; ж) паст задани шаъни миллӣ; з) ба амал овардани бетартибиҳои оммавӣ, авбошӣ ва харобкорӣ бо сабабҳои душманӣ ё бадбинии идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ ва ё бо сабабҳои бадбинӣ ё душманӣ нисбати ягон гурӯҳи иҷтимоӣ; и) ташвиқоти ягона будан, бартарӣ доштан ё номукаммалии шаҳрвандон бо хусусиятҳои муносибати онҳо ба дин, тамоюли иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва ё забонии онҳо; к) даъватҳои оммавӣ барои амалӣ гардонидани фаъолияти мазкур ё иҷрои амалҳои номбаршуда; л) маблағгузорӣ ба фаъолияти мазкур ё расонидани кӯмак барои амалӣ гаштани он, ҷудо кардани манзил, базаҳои таълимӣ, полиграфӣ, моддӣ-техникӣ, алоқаҳои телефонӣ, факсӣ, хизматрасонии иттилоотӣ, дигар воситаҳои моддӣ-техникӣ барои амалӣ шудани ин фаъолият" [7].

Муҳаққиқи ватанӣ М.П. Ҳайдарзода дуруст менависад, ки мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ» (амали экстремистӣ), ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8-уми декабри соли 2003, таҳти № 69 пешниҳод гардида буд [7], мазмуни моддаҳои 157 (Монеъ шудан ба фаъолияти иттиҳодияи динӣ), 158 (Монеъ шудан ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ), 160 (Вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳпаймоӣ ва пикетгузорӣ), 242 (Нест ва нобуд кардани ёдгориҳои таърих ва фарҳанг), 243 (Таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо), ки дар доираи диспозитсияи моддаи $307^2$ КҶ ҶТ ҳамчун ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта эътироф шудаанд, дар бар намегирифт. Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ихтилофоти мазкурро дар таносуб ба мазмуни моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ қисман бартараф намуда, дар моддаи 3 қонуни мазкур мазмуни моддаҳои 157, 158, КҶ ҶТ-ро ҳамчун падидаҳои экстремистӣ эътироф карда, дар баробари ин, боз мазмуни моддаҳои 150, 309, 328 ва 329 КҶ ҶТ-ро ба фаъолияти экстремистӣ мутааллиқ донистааст, ки баъзеашон (м. 309 КҶ ҶТ) хусусияти экстремистӣ надоранд. Аммо моддаҳои 160, 237, $237^1$, 242, 243 КҶ ҶТ-ро, ки маъмулан падидаҳои экстремистӣ мебошанд, ҳамчун кирдори экстремистӣ эътироф накардааст. Ҳоло он ки дар моддаи $307^1$ КҶ ҶТ ин моддаҳо ба ҳайси кирдорҳои хусусияти экстремистидошта пазируфта шудаанд [13, с. 97-98].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба экстремизм" дар моддаи 1, ки мафҳумҳои асосӣ ном гирифтааст "фаъолияти экстремистиро ҳамчун фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ, воситаҳои ахбори омма ё ташкилотҳои дигар, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое, ки ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ, ноустувор сохтани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, инчунин даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона шудаанд", маънидод менамояд.

Мувофиқан ба м. 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба

экстремизм” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти экстремистӣ манъ мебошад. Фаъолияте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экстремистӣ ҳисобида мешавад: - бо зӯрӣ сарнагун кардан ва ё тағйир додани сохтори конститутсионӣ, вайрон ва халалдор кардани соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мусоидат кардан ба чунин кирдорҳо; - барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ (мазҳабӣ) ва мунокишаҳои иҷтимоӣ, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубияти онҳо ба миллат, нажод ё маҳал ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё содир кардани ин ҳаракатҳо бо роҳи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он; - амалҳое, ки ба ноустувор сохтани амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд; - амалҳое, ки ба ғасб ё аз худ кардани ваколатҳои ҳокимият равона шудаанд; - ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ё иштирок дар онҳо; - паст задани шаъну эътибори миллӣ; - вайрон кардани ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд вобаста ба мансубияташ ба гурӯҳи иҷтимоӣ, нажод, миллат, қавм, маҳал, дин (мазҳаб) ва забон ё муносибати ӯ ба дин; - ҷалб намудан барои иштирок дар амалҳои экстремистӣ, инчунин омӯзондани мафкураи экстремистӣ; - монеъ шудан ё маҷбур кардан ба тағйир додани хусусияти фаъолияти қонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ, комиссияҳои интихоботӣ, ташкилот, иттиҳодияҳои дигар ва шахсони мансабдори онҳо; - истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё ташкилоти дигари давлатӣ ва наздикони онҳо бо мақсади қасос гирифтан барои он амалҳое, ки бо иҷрои фаъолияти хизматӣ вобаста бошад ё ин ки хатари истифодаи зӯроварӣ вобаста ба ин асосҳо; - ташвиқот ва ба намоиши оммавӣ гузоштани нишон, парчам ё рамзи дигари ташкилотҳои аз ҷониби суд экстремистӣ эътирофшуда; - даъвати оммавӣ барои иҷро намудани амалҳои экстремистӣ ё интишори маводи экстремистӣ, инчунин тайёр кардан ва нигоҳ доштани онҳо бо мақсади паҳн намудан; - нашр ва (ё) паҳн кардани маводи чопӣ, аудиоӣ, видеоӣ ва маводи дигари дорои хусусияти экстремистӣ дар воситаи ахбори омма, шабакаи интернет, воситаи алоқаи барқӣ [6].

Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, сиёсатшиносӣ ва дигар илмҳо мафҳуми фаъолияти экстремистӣ ба таври гуногун дода шудааст.

С.В. Борисов таҳти мафҳуми «фаъолияти экстремистӣ» намудҳои фаъолияти зиддиҳуқуқиеро эътироф менамояд, ки асосҳои сохти конститутсиониро инкор намуда, дар содир гардидани кирдорҳои ҷиноятӣ аз қабили бо роҳи зуроварӣ тағйир додани асосҳои сохти констиутсионӣ, ғасби ҳокимият, барангехтани кина ва ё адоват дар ҷамъият аз рӯйи аломатҳои нажодӣ, миллатгароӣ, ё муносибат ба дин зуҳур меёбанд [1, с. 16].

Фаъолияти экстремистӣ падидаест, ки ба ҷомеа таҳдиди воқеӣ дорад. Он шаклҳо ва зуҳуроти гуногунро дар бар мегирад, ки доираи васеи ғояҳо ва идеологияҳоро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, новобаста аз гуногунии ташкил ва ангезаҳои экстремистҳо, фаъолияти онҳо ҳамеша бо оқибатҳои манфӣ алоқаманд аст. Яке аз ҷанбаҳои асосии фаъолияти экстремистӣ таблиғот мебошад. Тавассути платформаҳои гуногуни ВАО, ба монанди шабакаҳои иҷтимоӣ, форумҳои интернетӣ ва видеохостингҳо, экстремистҳо идеологияи худро фаъолона паҳн мекунанд, ки ба дарк ва тафаккури ҷомеа таъсир мерасонанд. Бо роҳи таҳрир ва маълумоти нодуруст, онҳо кӯшиш мекунанд, ки эътиқоди худро ва муносибати худро ба оммаи васеъ, таъсиррасонӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ таҳмил кунанд. Дар баробари таблиғот, фаъолияти экстремистӣ инчунин ҷузъи фаъоли ҷисмонӣ ва зӯровариро дар бар мегирад. Амалҳои террористӣ, ҳамлаҳо ва дигар шаклҳои зӯроварӣ воситаи қобили қабул барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва ғоявии чунин гурӯҳҳо мегарданд. Ин на танҳо ба одамони бегуноҳ мушкилот ва осеб мерасонад, балки муҳити тарсу ҳарос ва шиддати бехатариро низ ба вуҷуд меорад.

Фаъолияти экстремистӣ метавонад хусусияти байналмилалӣ дошта бошад, ки бо ҳамкорӣ ва дастгирии байни гурӯҳҳо ва ташкилотҳои гуногуни экстремистӣ дастгирӣ карда шавад. Чунин шохаи фаъолият метавонад бо низоъҳои сиёсии байналмилалӣ,

ихтилофоти динӣ ё зиддиятҳои идеологӣ алоқаманд бошад. Ин мушкилоти экстремизмро мустаҳкам ва афзоиш менамояд, ба садҳо ва ҳазорҳо одамон таъсир мерасонад ва ба ҷомеа зарари ҷиддӣ мерасонад. Барои мубориза бо фаъолияти экстремистӣ на танҳо қабули қонунҳои сахт ва чораҳои амниятӣ, балки татбиқи стратегияи системавӣ ва ҳамаҷониба зарур аст. Маърифат ва маориф, ки дар синни хурдсолӣ муносибати таҳаммулпазириро ба ғояҳо ва фарҳангҳои гуногун ташаккул медиҳанд, муҳим аст. Ҳамкории сатҳи байналмилалӣ, мубодилаи иттилоот ва таҷриба дар мубориза бо экстремизм низ муҳим аст.

Фаъолияти экстремистӣ мушкилоти ҷиддии ҷомеаи муосир мебошад. Он талаб мекунад, ки кӯшишҳои ҳамаи субъектҳо (давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон) барои боз доштан ва пешгирии чунин зуҳурот муттаҳид карда шаванд. Танҳо тавассути амалҳои муштарак ва ҳамкории пурзӯр мо метавонем ин таҳдидро тавассути таъмини амният ва некӯаҳволии наслҳои оянда ҳал кунем.

Даъвати оммавӣ ин даъватест, ки ошкоро, яъне оммавӣ анҷом дода мешавад ва ба диққати омма ва иштироки одамон равона карда шудааст. Ин метавонад даъват ба амал, тағйир додани мавқеъ ё вазъияти муайян, ҳамкорӣ, қабули ӯҳдадориҳо аз ҷониби тарафҳо, дастгирии идея ё ҳадафи муайян ва ғайра бошад. Даъватҳои оммавӣ аксар вақт дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ барои сафарбаркунӣ ва фаъолсозии ҷомеа истифода мешаванд. Чунин даъватҳои оммавӣ аксар вақт хусусияти мусбат доранд. Лекин, дар м. 307[1] КҶ ҶТ намуди манфии даъвати оммавӣ, яъне даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ ҳамчун ҷиноят муқаррар гардидааст.

Н.А. Қудратов даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистиро таҳлил намуда, мафҳуми даъват шаклҳои баамал баровании онро чунин менависад: "Даъват – ин ба шуур ва иродаи одамон таъсири фаъолона расонидан бо мақсади онҳоро ҷалб намудан ба ҳарактҳое, ки мақсади экстремизм дар он ифода ёфтааст, ба монандӣ зӯроварӣ оид ба ғасби ҳокимият, бо роҳи зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият ё тағйир додани сохти конститутсионӣ ва ғайра мебошад. Шаклҳои даъваткунӣ гуногунанд – шифоҳӣ, хаттӣ, бо воситаи таҷҳизоти техникӣ ва ғайра. Даъват бояд хусусияти оммавиро дошта бошад, яъне он дар баромадҳои шифоҳӣ назди шумораи муайяни шунавандагон низ ҷой дошта бошад (ҳангоми митингҳо, ҷамъомадҳо, консертҳо ва ғ.) сурат гирифта бошад. Ошкор будани чунин ҷиноят дар он зоҳир мегардад, ки ташвиқу тарғиб ва даъват ба ҷудоиандозӣ ба доираи васеи аҳолӣ ва табақаҳои ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Теъдоди одамон дар муайян кардани ошкоро ва оммавӣ будани ҷиноят ба эътибор гирифта намешавад. Дар ҳар як ҳодисаи рухдода ҳолатҳои мавҷуда чун макон, замон, шароит ва мавқеи амали содиршуда бояд собит созад, ки даъвати онҳо ба атрофиён равона карда шудааст"[9, с. 55. 10, с.218].

Якчанд равишҳоро барои муайян кардани истилоҳи "даъват", ки дар таркиби м. 307[1] КҶ ҶТ категорияи марказӣ мебошад, дида мебароем. Мувофиқи нуқтаи назари И.Я. Козаченко даъватҳо бояд "...муроҷиати ошкоро ё исрор ба издиҳом дар митинг, дар маҷлис бо муроҷиатҳои иғвоангез, ки нафрат ба сохти конститутсионии мавҷударо ба вуҷуд меоранд, ва оммаро ба исён даъват мекунанд, исёни бетартибиҳои оммавӣ, ки ба нофармонии ошкоро ба талаботи қонунии мақомот оварда мерасонанд", фаҳмида шаванд [5, с.538]. С.В. Борисов даъватро ҳамчун "муроҷиати субъект ба доираи васеи шахсон бо ёрии воситаҳои гуногуни коммуникатсия, ки дорои маълумотест, ки ин одамонро ба амалҳои фаъоли хусусияти экстремистӣ водор мекунад" тафсир мекунад [2, с. 135]. Таърифи даъватҳои оммавӣ, ки аз ҷониби А.В. Бриллиантов дода шудааст, ба назари мо муваффақтарин аст, он чунин падидаро пурратар тавсиф мекунад. Муҳаққиқ даъватро ҳамчун "шакли таъсири психологӣ ба шуур ва иродаи одамон бо мақсади ҳавасманд кардани онҳо баро содир намудани амалҳои муайян тавсиф медиҳад [3, с. 955].

Аксар вақт дар амалия саволе ба миён меояд, ки кадом шаклҳои даъватро бо м. 307[1] КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Аз рӯи шакл намудҳои зерини даъват ҷудо карда мешаванд: шифоҳӣ (суханронӣ дар митинг, хаттӣ (нашри рӯзномаҳо, часпидани плакатҳо), бо истифода аз воситаҳои электронӣ тавассути шабакаи Интернет [11, с. 120]. Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ инчунин даъватҳои мустақим ва пинҳонӣ ҷудо карда мешаванд. Даъвати мустақим шакли кушодаи таъсири шифоҳӣ ба рафтори инсон аст. Чунин даъват, чун қоида, бояд феълро дар шакли фармоишӣ дошта бошад, ба монанди биравед, занед, вайрон кунед ва ғайра. Дар шакли пинҳонӣ даъвати ҳатмӣ вуҷуд надорад, чунин шакл аз сохтори калимавӣ ифода меебад, ки ба таври мустақим ба ягон амал водор намекунад, аммо ба таври ғайримустақим хоҳиши шахси дигарро барои содир кардани амали ғайриқонунӣ ташаккул медиҳад.

Намудҳои даъвати оммавӣ метавонанд гуногун бошанд, аз қабили:

1. Мурочиатҳо ё суханрониҳои оммавӣ - ин метавонад суханронии роҳбари сиёсӣ (раиси ҳизб), фаъол ё созмондиҳанда бошад, ки ба мардум мурочиат мекунад ва ба амал ё тағйироти муайян даъват мекунад. Бояд қайд намуд, ки чунин намуди мурочиат яке аз шаклҳои маъмули даъвати оммавӣ ба экстремизм мебошад.

2. Митингҳо ё намоишҳои оммавӣ - инҳо чорабиниҳои оммавӣ мебошанд, ки дар онҳо иштирокчиён дар фазои кушод ҷамъ меоянд, то талабот ё эътирози худро нисбати мушкилоти муайян баён кунанд.

3. Петитсия (Дархостҳо) - ин мактубҳо ё ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки дар онҳо як гурӯҳи одамон имзоҳоро аз одамони дигар, ки талабот ё даъвати муайянро дастгирӣ мекунанд, ҷамъ мекунанд.

4. Маъракаҳои иҷтимоӣ - инҳо даъватҳо ё талаботе мебошанд, ки тавассути платформаҳои гуногуни ВАО-и иҷтимоӣ, ба монанди Facebook, Twitter ва Instagram, бо ёрии хештегҳо (hashtags), мурочиат ба шахсиятҳои мушаххас ё интишори мундариҷа барои ҷалби таваҷҷӯҳ ба мушкилоти муайян паҳн карда мешаванд. "Созмонҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ ба Интернет рӯ овардaнд, чунки Интернет барои ҳама дастрас буда, ҳар нафари хоҳишдошта дар ҳар ҷо ва дар ҳама ҳолатҳо метавонад аз он истифода намояд, омӯзад, омӯзонад, нависад, тиҷорат намояд, ба таблиғоту ташвиқот машғул гардад ва ба таври онлайниву ғайрионлайнӣ, видеоиву аудиоӣ ва навишториву аксӣ анҷом диҳад. Ба истилоҳ, Интернет дунёест бузург, ки иртиботи ногусастанӣ бо ҷаҳони мо дорад. Олами интернетро метавон дар навбати худ ба се қисмати асосӣ ҷудо намуд: сомонаву блокҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳо. Аз қисматҳои мазкур барои ба аҳдофашон расидан террористону экстремистон бештар аз шабакаҳои иҷтимоӣ (Одноклассники, Facebook, В контакте, Twitter ва ғ.) ва мессенҷерҳо (WhatsApp, Viber, Telegram, Facebook Messenger, Skype, ICQ, Google Hangouts ва ғ.) истифода менамоянд" [12, с. 315].

5. Даъвоҳо ё парвандаҳои гражданӣ - инҳо расмиёти қонуние мебошанд, ки метавонанд барои даъват ба адолат ё тағйирот дар қонун истифода шаванд. Ҳарчанд созмону гурӯҳҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстримистие, ки ҳадафҳою ғаразҳои палидашонро зери ниқоби ислом пӯшиш медиҳанд, то андозае фаъолияти хешро дар миқёси ҷумҳурӣ ба роҳ монданӣ шуда бошанд ҳам, хушбахтона, талошу заҳматҳои шабонарӯзии мақомоти қудратии кишвар (ВКД ҶТ ва КДАМ ҶТ) буд, ки созмону гурӯҳ ва ҳизбу ҳаракатҳои мазкур дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, аз ҷониби Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти онҳо манъ карда шуданд. Созмону гурӯҳ ва ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнуъ дар шумори зеранд: ҲНИТ («Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон»), ДИИШ («Давлати исломии Ироқу Шом»), ҲИТШ («Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ»), «Ҳизбу-т-таҳрир», «Алқоида», ҲИТ ё ҲИӮ («Ҳизби исломии Туркистон» ё «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон»), «Ҳаракати толибон», «Ихвон-ул-муслимин», «Лашкари тайиба», ҶИП («Ҷамоъати исломии Покистон»), «Ҷамъияти таблиғ», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Созмони таблиғот» («Даъват ба Ислом»), «Тоҷикистони озод», «Гурӯҳи 24», «Салафия»,

«Ҷабҳату-н-нусра» [4] ва ғайра.

Бояд гуфт, ки инҳо танҳо баъзе аз намудҳои маъмули даъвати оммавӣ мебошанд, ки метавонанд барои ҷалби таваҷҷӯҳ ва таъсир расонидан ба мушкилот ё рӯйдодҳои муайян истифода шаванд.

Азбаски ҷанбаи оммавӣ баҳододашаванда аст, пас дар ҳар як ҳолат бояд ҳамаи ҳолатҳои воқеии амали ба ҷомеа хатарнокро ба назар гирифт. Зарурати муқаррар кардани меъёри миқдорӣ бо истифодаи истилоҳи даъват, ки муроҷиат ба доираи номуайяни шахсонро дар назар дорад, асоснок мебошад. Маҳаки миқдорӣ дар доираи таркиби м. $307^1$ КҶ ҶТ бояд ҳамчун аломати ҳатмӣ баромад кунад. Ин муқаррарот бояд дар Қарори дахлдори Пленуми Суди Олии ҶТ муқаррар карда шавад, ки шумораи ҳадди ақали шахсоне, ки ба онҳо даъват равона карда шудааст, бояд на камтар аз ду нафар бошад. Бояд қайд кард, ки ин категорияи ҷиноятҳо ва дар маҷмӯъ идеологияи экстремистӣ ба асосҳои сохти конститутсионӣ халал мерасонад, ба амнияти давлат таҳдид мекунад, аммо дар вазъияти мушаххас байни экстремизм ва ба тbabри қатъӣ баён кардани ақидаи худ сарҳад гузоштан душвор низ буда метавонад. Ин зарурати рушди минбаъдаи механизми ҳуқуқии ҷиноятиро ба миён меорад, ки аз як тараф ба муқовимат ба экстремизм, аз тарафи дигар, ба бандубасти бесаҳви ҷиноятҳои экстремистӣ равона карда шудааст.

Оқибатҳои манфии даъвати оммавӣ метавонанд гуногун бошанд ва ҷанбаҳои зеринро дар бар гиранд:

1. Паҳншавии нафрат ва зӯроварӣ: агар даъвати оммавӣ манфӣ бошад ва ба зӯроварӣ, табъиз е нафрат даъват кунад, он метавонад боиси афзоиши низоъ ва зӯроварӣ дар ҷомеа гардад.

2. Оқибатҳои психологӣ: даъватҳои оммавӣ метавонанд ба ҳолати равонии одамон таъсири манфӣ расонанд, хусусан агар онҳо ба таҳқир, паст задани шаъну шараф ё иръоб (шантаж) нигаронида шуда бошанд.

3. Паҳн кардани маълумоти бардурӯғ: даъватҳои оммавӣ метавонанд ба маълумоти бардурӯғ ё дониши нокифоя дар бораи вазъ асос ёбанд. Паҳншавии чунин даъватҳо метавонад боиси маълумоти бардурӯғ ва тасаввуроти ғалат дар бораи ҷомеа гардад.

4. Вайрон кардани қонун: вобаста аз мундариҷаи даъват, он метавонад ғайриқонунӣ бошад ва хилофи қоидаҳо ва қонунҳои ҷомеа бошад. Ин метавонад ба оқибатҳои ҳуқуқӣ барои муаллиф ва дигарон, ки дар паҳн кардани даъват иштирок мекунанд, оварда расонад.

5. Паҳн кардани арзишҳои номатлуб: даъвати оммавӣ метавонад арзишҳои номатлубро паҳн кунад, ки метавонад боиси таназзули ахлоқ ва рафтор дар ҷомеа гардад.

6. Номувофиқӣ ва тақсимоти ҷомеа: даъватҳои манфии ҷамъиятӣ метавонанд боиси ҷудоиандозӣ ва номувофиқатӣ дар ҷомеа шаванд. Онҳо метавонанд ба гурӯҳҳо тақсим шаванд ва муҳити душманона эҷод кунанд, ки метавонанд ба муноқишаҳои иҷтимоӣ оварда расонанд.

Ҳамин тавр, таҳти мафҳуми даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ чунин ҳаракате фаҳмида мешавад, ки он ба шуур ва иродаи (психология) одамон таъсири фаъолона (мақсаднок) расонидан бо тафаккури онҳо содир намудани ҳарактҳоеро бавуҷуд меоварад, ки ҳамчун фаъолияти экстремистӣ бандубаст мегарданд, ба монандӣ бо зӯрӣ сарнагун кардан ва ё тағйир додани сохтори конститутсионӣ, вайрон ва халалдор кардани соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии ҶТ, амалҳое, ки ба ноустувор сохтани амнияти ҶТ равона шудаанд; амалҳое, ки ба ғасб ё аз худ кардани ваколатҳои ҳокимият равона шудаанд, ва дигар ҳаркатҳое, ки бо фаъолияти экстремистӣ алоқамандананд, мебошад. Шакли даъват (шифоҳӣ (суханронӣ дар митинг, хаттӣ (нашри рӯзномаҳо, часпидани плакатҳо), бо истифода аз воситаҳои электронӣ) барои бандубасти ҷиноят аҳамият надорад, ба истиснои қ. 2 м. $307^1$ КҶ ҶТ, ки содир намудани ин ҷиноятро

бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ё шабакаи интернет талаб мекунад.

**Адабиёт**


1. Борисов С.В. Преступления экстремистской направленности: проблемы законодательства и правоприменения: дис. … д-ра юрид. наук. М., 2012. С.16.
2. Борисов С.В. Преступления экстремистской направленности: проблемы законодательства, теории и практики: Монография. М.: Издательство МЮИ, 2010. 256 с.
3. Бриллиантов А.В. Уголовное право России. Части Общая и Особенная. 2-е издание. Учебник: учебник / Под ред. А.В. Бриллиантова. Москва: Проспект, 2015. 1184 с.
4. Истифодаи интернет бо мақсади амалиётҳои террористӣ ва экстремистӣ http://shuroiulamo.tj/tj/articles/ids/582
5. Козаченко И.Я. Уголовное право. Общая часть: Учебник для вузов / Ковалев М.И., Козаченко И.Я., Кондрашова Т.В., Незнамова З.А., и др.; Отв. ред.: Козаченко И.Я., Незнамова З.А. - М.: Норма, Инфра-М, 2013. С. 538 592 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм”. Аз 2 январи соли 2020, № 1655
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» // Ахбори Махлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №12, мод. 697; соли 2007, № 3, мод.158, соли 2014,№11,мод.655
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8-уми декабри соли 2003, таҳти № 69 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №12, м. 697; 2007 с., №3, м.158 (аз эътибор соқит дониста шуд).
9. Кудратов Н.А. Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат. Нашри дуввум. Бо тағйиру иловаҳо. Душанбе: Баҳманрӯд, 2020. 240 с.
10. Кудратов Н.А. Публичные призывы к осуществлению экстремистской деятельности и публичное оправдание экстремизма с использованием сети «Интернет» (на примере Республики Таджикистан) // Вестник Владимирского юридического института. 2020. № 1(54). С. 217-222.
11. Кудратов Н.А., Курбонова А.А. Глобализация как фактор развития транснациональной организованной преступности // Законодательство. 2022. № 1(45). С. 118-125.
12. Кудратов Н.А. Некоторые вопросы влияние образования в предупреждении экстремизма // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. 2022. № 3(42). С. 313-325.
13. Ҳайдарзода М.П. Проблемаҳои муқаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис.. ном. илм. ҳуқуқ. Душанбе, 2020. 221 с.

УДК:343.1

# НАЦИОНАЛЬНАЯ УГОЛОВНАЯ ЮРИСДИКЦИЯ ПРИ РЕАЛИЗАЦИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ АКТОВ

**Ширинҷонов Фирдавс Иззатуллоевич** – докторанти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи Давлатии Тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
**Қурбонова Афзуна Азимбоевна** – декани факултети педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.

# ЮРИСДИКСИЯИ ҶИНОЯТИИ МИЛЛӢ ҲАНГОМИ ТАТБИҚИ САНАДҲОИ БАЙНАЛЛМИЛАЛӢ

**Ширинджонов Фирдавс Иззатуллоевич** – докторант кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции, кандидат юридических наук.
**Курбанова Афзуна Азимбоевна** – декан факультета педагогики и психологии Педагогического института Таджикистана в Пенджикенте.

# NATIONAL CRIMINAL JURISDICTION IN THE IMPLEMENTATION OF INTERNATIONAL ACTS

**Shirinjonov Firdavs Izzatulloevich** – doctoral student of the Department of Commercial and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Legal Sciences.
**Kurbanova Afzuna Azimboevna** - the dean of the faculty of pedagogy and psychology at the Pedagogical Institute of Tajikistan in Penjikent.

**E-MAIL:** *firdavsshr@mail.ru* *afzuna.kurbonova@bk.ru*

**Ключевые слова:** юрисдикция, транснациональная организованная преступность, международная уголовная юрисдикция, национальная уголовная юрисдикция, конвенции.

**Аннотация.** Статья посвящена анализу национальной уголовно-правовой юрисдикции при реализации конвенций о транснациональной организованной преступности. Целью исследования является рассмотрение «Национальной уголовной юстиции» в контексте «Международных конвенций». Одно из самых актуальных тем является определение пределов национальной уголовной юрисдикции при применении международных конвенций направленных против транснациональной организованной преступности. Анализируются наиболее распространенные подходы к принципам уголовно-правовой юрисдикции: территориальный принцип, личностный принцип, принцип защиты, универсальный принцип, принцип флага, представительский принцип или принцип разделения компетенций, а также принцип действия. Применение национальной уголовной юрисдикций требует регулирования коллизий и развития действенности международного сотрудничества государств по оказанию правовой помощи по уголовным делам.

**Калидвожаҳо:** юрисдиксия, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, юрисдиксияи ҷиноятии байналмилалӣ, юрисдиксияи ҷиноятии миллӣ, конвенсияҳо.

**Аннотатсия.** Мақола ба таҳлили юрисдиксияи миллии ҷиноятӣ дар татбиқи конвенсияҳо оид ба ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ бахшида шудааст. Мақсади тадқиқот баррасии «Адолати ҷиноятии миллӣ» дар заминаи «Конвенсияҳои байналмилалӣ» мебошад. Яке аз мавзӯҳои мубрам ин муайян кардани ҳудуди юрисдиксияи ҷиноятии миллӣ дар татбиқи конвенсияҳои байналмилалӣ алайҳи ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ мебошад. Равишҳои маъмултарин вобаста ба принсипҳои юрисдиксияи ҳуқуқии ҷиноятӣ таҳлил карда мешаванд: принципи ҳудудӣ, принципи шахси, принципи мухофизат, принципи универсалӣ, принципи парчам, принципи намояндагӣ ё принципи тақсимоти салоҳиятҳо, инчунин принципи амал.Истифодаи юрисдиксияи миллии ҷиноятӣ танзими низоъҳо ва рушди самаранокии ҳамкории байналмилалии давлатҳоро дар расонидани ёрии ҳуқуқӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ талаб мекунад.

**Keywords:** jurisdiction, transnational organized crime, international criminal jurisdiction, national criminal jurisdiction, conventions.

**Annotation.** The article is devoted to the analysis of national criminal jurisdiction in the implementation of conventions on transnational organized crime. The purpose of the study is to examine the “National Criminal Justice” in the context of “International Conventions”. One of the most pressing topics is determining the limits of national criminal jurisdiction in the application of international conventions against transnational organized crime. The most common approaches to the principles of criminal legal jurisdiction are analyzed: the territorial principle, the personal principle, the principle of protection, the universal principle, the flag principle, the representative principle or the principle of separation of competencies, as well as the principle of action. The use of national criminal jurisdictions requires the regulation of conflicts and the development of the effectiveness of international cooperation between states in providing legal assistance in criminal cases.

Выяснения сущности национальной уголовной юрисдикции крайне важно для становления, реально действующей системы современного международного уголовного права. Во всех конвенциях направленных на противодействие транснациональной организованной преступности (далее ТОП), не исключена возможность осуществления государством-участником любого вида уголовной юрисдикции, установленной в соответствии со своим внутренним законодательством.

Инчунин дар заминаи моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди устувори иқтисодии кишварамон таъмин гардида ва дар асоси моддаи 1 қонуни асосии давлат (Конститутсия) барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона фароҳам оварда шуд [1, М. 1, 12].

Аз ин лиҳоз, бо мақсади арҷу эҳтиром гузоштан ба меъёрҳои қонуни асосии давлат ва ба ифтихори сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа дар шароити муосир соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардид.

*Дар ин замина бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бармеоянд, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668,* ба имзо расид.

Мақсад аз ба тавсиб расидани фармони мазкур, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад [7, санаи мурочиат: 16.01.2024].

Қобили қайд аст, ки ду истилоҳи ҳуқуқӣ: яке фарҳанги ҳуқуқӣ дигаре маърифати ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ ҷой дорад.

Фарҳанги умумии ҷомеа васеъ буда, тамоми намудҳои фарҳанг ба он дохил мешаванд. Фарҳанги ҳуқуқӣ як навъи фарҳанги умумии ҷомеа мебошад, ки дар навбати худ ба зернамудҳо ҷудо мешавад. Яке аз зернамудҳои он фарҳанги ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ дар давлатҳои ҳуқуқбунёд сатҳи дониши ҳуқуқӣ, дарки қонунҳо, риоя, иҷро ва истифодаи онҳоро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт инъикос менамояд.

Бояд қайд намуд, ки фарҳанги ҳуқуқӣ бо сатҳи бадастовардаи рушд дар ташкили ҳуқуқии ҳаёти одамон, ки бо сохти иҷтимоӣ, маънавӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ вобаста аст, ифода меёбад ва он дар навбати худ, аз сатҳи рушди фаъолияти ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва рушди ҳуқуқии субъект, инчунин дараҷаи кафолати давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд гувоҳӣ медиҳад [5, с. 65, 3, с. 19].

Ба маънои дигар фарҳанги ҳуқуқӣ ташаккул ва мутобиқати шахсро дар соҳаи ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, сиёсат, иқтисодиёт (аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ), иҷтимоиёт, фарҳанг, муносибатҳои корӣ ва ба инҳо монандро дар асоси қонунҳо ва принсипҳо фаҳмидан мумкин аст [4, с. 48-54].

Дар натиҷаи ба таври бояду шояд доштани фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҳама ҷабҳаҳо (аз ҷумла дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ, сиёсат, иқтисодиёт (аз ҷумла дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ), иҷтимоиёт (аз ҷумла соҳаи маориф), фарҳанг, муносибатҳои корӣ ва ба инҳо монанд) маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ, малакаҳо, қобилияти дар амал

истифода намудани онҳо, таъмини волоияти қонун ва дар ин замина маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ баланд бардошта мешавад. Яъне дар натиҷаи доштани фарҳанги ҳуқуқӣ (ақл, адаб, дониш, илм, муносибати хуб) маърифати ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд.

Тибқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон маҳсуб мешавад.

Маърифати ҳуқуқи инсонро бо назардошти синну сол чунин гуруҳбандӣ кардан мумкин аст [6, с. 82., 3, с. 23]:

1) Маърифати ҳуқуқии хонандагон (то синни 14-сола);

2) Маърифати ҳуқуқии ҷавонон (аз 14 то 35-сола);

3) Маърифати ҳуқуқии намояндагони синну соли миёна (аз 35 то 60-сола);

4) Маърифати ҳуқуқии калонсолон (аз 60- сола боло).

Чуноне, ки дар Паём ироа шуд дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

Аз ин лиҳоз дар натиҷаи таҳлилҳои мушаххаси болозикр ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

**Якум.** Нақши маърифати ҳуқуқӣ дар пешгирии содиршавии ҷиноятҳо ва дигар намуди ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидаткунанда мебошад. Маърифати ҳуқуқӣ ин чунин шакли маҳдудкунандаи рафтор мебошад, ки дар он рафтори зиддиҳуқуқӣ қатъ, маҳдуд ва нест мегардад. Аз ин лиҳоз, барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа дар шароити муосир, пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ *ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,* ки соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад, мувофиқи мақсад ва саривақтӣ мебошад.

**Дуюм.** Ҷалби бештари шаҳрвандон ба дарки моҳияти меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа ва азбар намудани онҳо.

**Сеюм.** Дар асоси таҳлилҳои зикршуда ба мафҳуми умумии маърифати ҳуқуқӣ чунин таъриф додан мумкин аст: Маърифати ҳуқуқӣ қисми таркибии фарҳанги ҳуқуқии инсон буда аз маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ, малакаҳо, қобилияти дар амал истифода намудани онҳо, таъмини волоияти қонун ва дар ин замина маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ иборат мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016. М. 1, 12.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 [Манбаи электронӣ] – URL: http://www.president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат: 10.01.2024).
3. Алиев Ф.Ш. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис…. барои дарёфти номзади илми ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. / – Душанбе, 2021. – С.19.
4. Маҷидзода Дж.З., Кравченко О.В., Насков Д.С. Нақши тарбияи ҳуқуқӣ дар иҷтимоишавии ноболиғон // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №3 (35). – С. 48-54.
5. Раҷабзода Р.М. Аҳамияти фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – №2 (46). – 2020. – С. 65.
6. Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12. 00.01. – Душанбе, 2018. – С. 82.

7. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668 // Ҷумҳурият [Манбаи электронӣ] – URL: https: // jumhuriyat.tj/uato/2334-tavzeot-ba-farmoni-prezidenti-umurii-toikiston-dar-borai-soli-marifati-uu-jelon-namudani-soli-2024-az-30-dekabri-soli-2023-668.html (санаи муроҷиат: 16.01.2024).

**УДК:340.1**

# ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ДОНИШҶӮЁН БО ИСТИФОДА АЗ УСУЛҲОИ САМАРАБАХШИ ТАЪЛИМ

**Дустов Сулаймон Абдуллоевич,** ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

# ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЭФФЕКТИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ – ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ПРАВОВЫХ ЗНАНИЙ СТУДЕНТОВ

**Дустов Сулаймон Абдуллоевич,** ассистент кафедры антикоррупции и экономическо финансового права Государственный финансово-экономический университет Таджикскистана

# USING OF EFFECTIVE METHODS OF TEACHING - FACTOR OF FORMING OF LEGAL KNOWLEDGE OF STUDENTS

**Dustov Sulaimon Abdulloevich,** assistant of the department of anti-corruption and economic financial law of Tajikistan State University of Finance and Economics

**E-MAIL:** Slaimon.86@bk.ru

**Калидвожаҳо:** санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунҳо, қонунгузории иқтисодӣ, фаъолияти маърифатии донишҷӯён, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, тарбияи шаҳрвандӣ, таҳсилоти шаҳрвандӣ, шуури ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ.

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба истифодаи усулҳои самарабахши таълим ҳамчун омили ташаккули маърифати ҳуқуқии донишҷӯён сухан меравад. Муаллиф чунин мешуморанд, ки агарчӣ тадриси фанни ҳуқуқшиносӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайри ҳуқуқӣ вақти муайянро тақозо дорад, аммо истифодаи усулҳои самарабахши таълим омили асосии ташаккули маърифати ҳуқуқии мутахассисони оянда ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон муаллифон пешниҳод менамоянд, ки ҳангоми таҳияи барномаи таълимии фаннӣ ҳуқуқшиносӣ хуб мешуд устодони фаннӣ вобаста ба ихтисоси муайян мавзуҳои соҳавиро бо назардошти талаботи санадҳои меъёри-ҳуқуқии соҳавӣ дар мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ҷой диҳанд. Дар мақола ичунин қайд гардидааст, ки новобаста аз ихтисос ё касби муайян, қонун муносибатҳои муҳимми ҷомеаро танзим менамояд ва мутахассисониояндаи ин ва ё он соҳа мувazзафанд, ки қонунҳои соҳавиеро, ки ба ихтисосашон наздикӣ доранд, ба таври пурра аз худ намуда, барои дар амал татбиқ намудани маданияти ҳуқуқии соҳавии худ тамоми тадбирҳои асосиро андешанд. Аз ҷумла зикр гардидааст, ки зарур аст дар ин самт ба шаклҳои гуногуни самарабахши таълим ва педагогикаи ҳамкорӣ таваҷҷуҳ кард ва мақсади боло бурдани сатҳ ва сифати таълим, бахусус таълими фанни ҳуқуқшиносӣ аз усулҳои фаъоли таълим ҳамаҷониба истифода бурдан тақозои замон аст.

**Ключевые слова:** нормативно-правовые акты, законы, экономическое законодательство, познавательная деятельность студентов, регулирование общественных отношений, гражданское воспитание, гражданское образование, правовое сознание, правовое познание, правовая культура.

**Аннотация.** В статье рассматриваются вопросы использования эффективных методов обучения как факторов формирования правового сознания студентов. Автор считают, что хотя преподавание юридических дисциплин студентам неюридических специальностей требует определенного количества времени, тем не менее, использование эффективных методов обучения является главным фактором формирования правовых знаний будущих специалистов. Также авторы предлагают преподавателям включить в учебные программы отраслевые темы с учетом требований отраслевых нормативно-правовых актов. В статье также отмечается, что независимо от специальности или определенной специализации, закон регулирует наиболее важные общественные отношения, и будущим специалистам следует в полном объеме усвоить отраслевые законы, касающиеся сферы их специальности, и принимать меры по повышению своей правовой культуры. Отмечается, что в данном напрвлении необходимо использование различных форм обучения, средств и достижений педагогической науки с целью повышения уровня и качества обучения, в чатности, правовых дисциплин, необходимо всестороннее использование активных методов обучения.

**Keywords:** stenderd legal acts, laws, economic legilation, cognitire activity of students, legislation of social attitude, civil training, civil education, legal conscience, legal culture.

**Annotation.** In this article the authors considers problems of using effective methods of teaching as factors of forming legal conciense of students. The avthor thinks that tiching of juridical dicipline to students non- juridical specialitis cleims difinite number of time, so using effective methods of teaching is the main factor of foming legal knowledge cor the future specialist. The avthor also offers the teachers to include braches themes in the educalional programmes as demands brenches student legal acts. In this article also notes thatits not depends on specialists or definite specializing law regutate the main social attitude and the future specialists must learn in full volume branches of lows, conserning sphare their specialitis and to accept measures for raising culture of legal. Its necessary using of different forms of teaching means and pedagogical scientific achievement in purposes of reising level and guality of teaching of legal discipline, comprehensive using of active methods of teaching in this direction.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз солҳои аввали ба сари ҳокимият омадан то ба имрӯз мунтазам ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон

тавачҷуҳи хос зоҳир менамоянд. Ҳанӯз дар соли 90-ум Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони ҶТ» (аз 9-уми апрели соли 1997, №961) ва дар асоси он Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» (аз 22-юми августи соли 1997, №383) гардида буд.

Эълон гардидани соли 2024 ҳамчун соли “Маърифати ҳуқуқӣ” дар Паёми имсола аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 28-уми декабри соли 2023 иқдоми наҷиб ҷиҳати рушд ва таҳкими савияи дониши ҳуқуқии донишҷӯёни кишвар ба ҳисоб мервад, зеро дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи меъёрҳои ҳуқуқ ниҳоят муҳим ва асосӣ арзёбӣ гардида, надонистани меъёрҳои ҳуқуқӣ боиси нобаробарӣ дар ҷамъият, вайрон гардидани қоидаҳои рафтори ҳуқуқӣ, халалдор кардани тартиботи давлатӣ ва ҷамъиятӣ, суистифода аз ваколатҳои хизматӣ, даст задан ба ришваситонӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳое мегардад, ки норозигии оммаро ба вуҷуд меорад.

Дар заминаи сандҳои болозикр ҳамзамон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 30-юми декабри соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон кардани соли 2024 № 668 қабул гардид, ки баҳри ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони ҷумҳурӣ накши муҳим дорад.

Бояд зикр кард, ки дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи меъёрҳои ҳуқуқ ва қонун ниҳоят муҳим ва асосӣ маҳсуб меёбанд. Зеро надонистани меъёрҳои ҳуқуқ ва қонун боиси нобаробарӣ дар ҷамъият, вайронкуниҳои қоидаҳои рафтори ҳуқуқӣ, халалдор кардани тартиботи давлатӣ ва ҷамъиятӣ, суистифода аз ваколатҳои хизматӣ, даст задан ба ришваситонӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳое мегардад, ки норозигии оммаро ба вуҷуд меорад.

Шаҳрвандон бояд хуб дарк намоянд, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд». Зеро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи 42 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Надонистани қонун ҷавобгарии ҷиноятиро истисно намекунад» [2, 10-42 ].

Бинобар ин шаҳрвандон тибқи муқаррароти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадоранд, ки новобаста аз касбу кор, вазифа ва ихтисос, машғул шудан ба ин ё он навъи фаъолият воқеияти меъёрҳои ҳуқуқ ва қонунро дарк намуда, нишондодҳои меъёрӣ- ҳуқуқиро риоя кунанд ва онҳоро дар амал татбиқ намоянд. Албатта, амалишавии меъёрҳои ҳуқуқ дар натиҷаи омӯзиши амиқ ба вуҷуд меоянд. Ва моро лозим меояд, ки ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муҳассилинро дар рӯҳияи эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон, рамзҳои давлатии Тоҷикистон ва риояи дурусти тарзи ҳаёти солим тайёр карда, шароити мусоидро барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо фароҳам орем.

Дар ин баробар дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, мактабҳои миёна ва макотиби олии ҷумҳурӣ бо роҳи фаҳмондадиҳии сода ва мисолҳои мушаххаси ҳаётӣ маърифати ҳуқуқии онҳоро баланд бардоштан мувофиқи мақсад аст.

Мусаллам аст, ки яке аз роҳҳои самарабахши васеъ намудани маърифати ҳуқуқии донишҷӯён ин ба шуури онҳо расонидани таъсир тавассути донишҳои ҳуқуқии илман исботшудае мебошад, ки дар ҷараёни омӯзиши амиқ пайдо мегардад. Аз ин рӯ, барои муваффақ шудан ба ин мақсад моро лозим меояд, ки аз усулҳои самарабахши таълим истифода бурда, дар ҷараёни гузариши дарс ҳисси эҳтироми муҳассилинро нисбат ба инсон, табиат, ҷамъият ва дигар манбаъҳои арзишноки олами ҳастӣ бедор намоем.

Гуфтан мумкин аст, ки дарс бояд ба ҳадаф ва вазифаҳое вобаста бошад, ки ҳалли онҳо дар назар дошта шудааст. Вале на ҳар як навъи дарс барои маърифати ҳуқуқӣ ва шаҳрвандии донишҷӯён имконияти васеъ медиҳад. «Баъзе шакли дарсҳо вазифаи алоҳидаро ҳал намуда, навъи дигарашон вазифаҳои бештареро оид ба сифатҳои шаҳрвандӣ дар бар мегиранд. Ин гуфтаҳо гувоҳи онанд, ки дар ҳар як дарс ва мавзӯъҳое, ки ба фанни ҳуқуқшиносӣ бахшида мешаванд, дар як вақт ташаккули ҳамаи ҷузъҳои таркибии маърифати ҳуқуқӣ амалӣ намегарданд. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд донад, ки дар дарси муайян мушаххасан кадом масъалаҳои маърифати ҳуқуқиро ҳал хоҳад кард. Ва барои ин кадом навъи дарсро интихоб кардан зарур аст» [5, 122]. Маҳз ба ин восита мо метавонем шуурнокии ҳуқуқии донишҷӯёнро барои дарк намудани маърифати ҳуқуқӣ то андозае баланд бардорем. Барои он ки маърифати ҳуқуқӣ дар ҷамъият таъмин гардад, донишҷӯён уҳдадоранд зарурати ҷой доштани меъёрҳои ҳуқукро дуруст дарк кунанд ва ба ин васила рафтори қонунии худро дар амал татбиқ созанд.

Мақсади асосии тадриси фанни ҳуқуқшиносӣ, пеш аз ҳама, ин дар ниҳоди донишҷӯён ба вуҷуд овардани майли омӯзиши фан ё дигар хислатҳоест, ки бояд инсон дар ҷомеаи шаҳрвандӣ доро бошад. Нутқи омӯзгор, муносибат ва ҳамкории педагогӣ миёни субъектҳои ҷараёни таълим, пурдонию фазилат ва мавқеи шаҳрвандии вай воситаҳои асосии комёбии дарсҳои фанни ҳуқуқшиносӣ маҳсуб меёбад. Аз ҳама муҳим донистани психологияи омӯзгорӣ ва дар ин баробар, истифодаи усулҳои самарабахши таълим омилҳоеанд, ки дар ташаккули маърифати ҳуқуқии донишҷӯён таъсири мусбат мерасонанд.

Дигар роҳҳои афзун гардонидани маърифати ҳуқуқии донишҷӯён ин ташкили маҳфилҳои илмии фанни ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ҷараёни баргузории онҳо, пеш аз ҳама, фаъолнокии худи муҳассилин мушоҳида мегардад. Ишора бояд кард, ки хушсифату самарманд доир кардани чунин чорабиниҳои зеҳниву маърифатӣ аз устод меҳнат ва маҳорати баланди педагогиро талаб менамояд.

Айни замон дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари гузаронидани дарсҳои умумии фанни ҳуқуқшиносӣ, ҳамчунин дигар шаклҳои ташкили таълим: семинару конфронсҳо, мизҳои мудаввар, маҳфилҳои фаннӣ ва суҳбату воҳӯриҳои кормандони сохторҳои қудратӣ ҷиҳати муқаррароти қонунгузорӣ бо донишҷӯён роҳандозӣ шуда истодаанд, ки ин шакли корбарӣ то андозае метавонад маърифати ҳуқуқии донишҷӯёнро баланд бардорад. Аммо, ба ақидаи мо, барои зиёд кардани шуурнокии ҳуқуқии соҳавии донишҷӯёни макотиби олии ҷумҳурӣ, устодони фанниро зарур аст, ки мавзӯъҳоеро интихоб намоянд, ки барои ихтисоси донишҷӯён мувофиқ бошад. Яъне, барои ихтисосҳои риштаи иқтисод мебояд мавзӯъҳоеро мавриди баррасӣ қарор дод, ки фарогири қонунгузории соҳаи иқтисодӣ (мисли соҳаҳои бонкӣ, омор, андоз ва ғ.) бошанд.

Муҳассилин бояд дарк намоянд, ки новобаста аз ихтисос ё касби муайян, қонун муносибатҳои муҳимми ҷомеаро танзим менамояд ва онҳо муваззафанд, ки қонунҳои соҳавиеро, ки ба ихтисосашон наздикӣ доранд, ба таври пурра аз худ намуда, барои дар амал татбиқ намудани маданияти ҳуқуқии соҳавии худ тамоми тадбирҳои асосиро андешанд.

Қобили қайд аст, ки ҳангоми таҳия ва бандубасти нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои кории таълимӣ ихтисос ва соҳаро ба назар гирифта, дар такя ба ҳамон ихтисосе, ки донишҷӯён таҳсил доранд, мавзӯъҳоро интихоб ва роҳандозӣ намудан айни муддаост.

Бояд гуфт, ки чунин таҷрибаро мо дар ихтисоси суғуртаи факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон як муддати муайян истифода намудем ва таҳлилҳои мунтазам нишон дод, ки ин усул метавонад маърифати ҳуқуқии муҳассилинро вобаста ба ихтисоси интихобкардаашон то андозае такмилу инкишоф диҳад. Мушоҳидаҳо бар он далолат медиҳанд, ки шавқу рағбати

маърифатҷӯии мутахассисони оянда як навъ боло рафта, роҷеъ ба азбарнамоии мафҳуму истилоҳоти соҳаи ҳуқуқ талош меварзанд. Бо ҳамин тарз мо метавонем дар дигар ихтисосҳои ғайриҳуқуқӣ мувофиқ ба ихтисос мавзӯъҳоро интихоб намуда, маърифати ҳуқуқии мутахассисони ояндаро баланд бардорем.

Мавриди зикр аст, ки муаллим уҳдадор аст, барои интихоби мавзӯъҳо дар соҳаи ихтисоси дахлдор масъулияти бештарро ҳис карда, дар амалӣ сохтани мақсаду вазифаҳои дарс бо нияти беҳтар кардани маърифати ҳуқуқии мутахассиси оянда ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гаштанро яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи худ донад. Чунин масъулият ҳангоми таълими фанни ҳуқуқшиносӣ чун воситаи муҳимми педагогии тақвият бахшидан ба фаъолияти маърифати ҳуқуқии донишҷӯён, ки мақсади он ташаккули сифатҳои шаҳрвандии онҳост, қобили истифода мебошад [ 5, 107].

Таъкид менамоем, ки дарсҳои фанни ҳуқуқшиносӣ донишҷӯёнро бо мақсаду вазифаҳои фан ошно сохта, ба омӯзиши он ҳидоят менамоянд. Бояд гуфт, ки донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти оли касбӣ, ки қабл аз ин дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ “аз дарсҳои ҳуқуқи инсон асосҳои илми ҳуқуқшиносӣ, равандҳои муҳимтарини ҷомеа, мӯҳтавои асноди ҳуқуқию меъёрӣ, ҳуқуқи инсон ва мавқеи он дар ҷамъият ва амсоли инҳо” [5, 5] то андозае огоҳии комил пайдо кардаанд. Аз бар кардани истилоҳоту мафҳумҳои илмии соҳа дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ ва ҷаҳонибинии муҳассилин нақши муассир дорад.

Аз ин сабаб дарсҳои муқаддимавӣ оид ба омӯзиши фанни ҳуқуқшиносӣ бояд тарзе омӯзонида шаванд, ки ҳарчи бештар ҳисси хештаншиносӣ, худогоҳӣ ва ватандӯстии донишҷӯёнро бедор карда, барои дар ниҳоди онҳо бедор намудани маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ заминаи воқеӣ гузошта тавонанд.

Маврид ба зикр аст, ки вазифаи тарбияи ҳуқуқи донистани ҳуқуқ, вазифаҳои муқарраршуда ва риояи онҳо мебошад. Риояи Конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳо ва шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намудан, ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он, ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳанги, супоридани андозҳо ва пардохтҳо ва ғайра сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва ахлоқи шаҳрвандро баланд намуда, мавқеи ҷамъиятии ӯро устувор мегардонанд [1, 8].

Дар байни олимон роҷеъ ба он ки омӯзгори муосири фанни ҳуқуқ бояд чӣ гуна бошад ва чӣ тарз раванди ташаккули сифатҳои муҳиму касбии ӯро ба роҳ мондан лозим аст, баҳсҳо кам нестанд. Ҷамъбасти тамоми ақидаҳоро метавон аз нуқтаи назари В.А. Сухомлинский ва А.С. Макаренко нишон дод, ки якумӣ қайд мекунад: «педагог бояд таваллуд шуд», дуюмӣ бошад иброз менамояд: «Он – ҳар нафарест, ки таҷриба дорад ва танбалӣ намекунад» [7, 1].

Дар оғози дарсҳои муқаддимавии фанни ҳуқуқшиносӣ устоди дарсдиҳандаро зарур аст, ки пеш аз ҳама, моҳияти омӯзонидани фанни мазкурро аз нигоҳи таърихӣ шарҳ дода, вобаста ба навъҳои таърихии давлатдорӣ ва инкишофи фаҳмиши ҳуқуқӣ, инчунин мавқеи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мисолҳои мушаххаси ҳаётиро пеш орад. Инчунин хулосабароҳиҳои илмию тадқиқотии олимони соҳаро вобаста ба зарурати ҷой доштани меъёрҳои ҳуқуқӣ ба донишҷӯён фаҳмонад. Дар ин баробар омӯзгорро зарур аст, ки дар шуури донишҷӯён ҳисси эҳтиром ва хушбиниро вобаста ба қоидаҳои рафторе, ки дар асоси риояи онҳо тартиботи воқеии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, бедор намояд. Чунин тарзи корбарӣ то андозае метавонад сатҳи маърифати ҳуқуқии мутахассисони ояндаро боло бурда, дар ин замина доираи ҷаҳонбинии илмии онҳоро васеъ намояд. Ва ин василаест бахри афзун намудани нуфуз ва эътибори мутахассисони соҳа ва маърифатнок гардонидани шаҳрвандони ҷомеа.

Таҷрибаи солҳои охир нишон дод, ки шумораи зиёди кормандону мутахассисони муассисаю идораҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ бо сабаби дарк накардани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва надонистани қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зиёд ба қонуншиканиҳои соҳавии фаъолияташон даст задаанд, ки чунин ҳолати кор аз паст будани

маърифати ҳуқуқии ин ашхос шаҳодат дода, нобоварии халқро нисбат ба мақомоти давлатӣ тақвият мебахшад. Аз ҷумла, масъалаи аз ҳама ташвишовар ва нангин ин даст задан ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва суиистифода аз ваколатҳои хизматӣ мебошад, ки аз надонистани донишҳои касбии фаъолияти чунин афрод шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон ҳамин тарзи амалашон далолат низ медиҳад, ки аз тарбияи интизоми истеҳсолӣ ва вазифашиносӣ дур мондаанд.

Аз ҳамин сабаб устодони фаннӣ бояд дар баробари дар мавзӯъҳои лексионӣ ва амалии худ ҷойгир кардани қонунгузории ихтисоси тадрисшаванда, пеш аз ҳама, барои дарк кардан ва афзун гардонидани маърифати ҳуқуқии донишҷӯён ҷавобгариҳои ҳуқуқиро, (мисли ҷавобгарии гражданӣ, интизомӣ маъмурӣ ва ҷиноятӣ) дуруст фаҳмонда тавонанд ва барои риояи дақиқи қонунгузорӣ ва пешгирии ҷиноятҳо онҳоро вобаста ба ҷавобгариҳое, ки дар соҳаҳои муайяни хоҷагии халқ, аз ҷумла (дар соҳаи андоз, фаъолияти бонкӣ, дар бахши иқтисодӣ, гумрукӣ, моликият ва ғайра) дар қонунгузории ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ ва интизомии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд ва хусусан ҷазоҳои вазнинеро, ки вобаста ба кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ гунаҳгорон дар қонунгузории ҷиноятӣ ҷой доранд, бо мисолҳои мушаххас фаҳмонанд.

Хулоса, дар самти пешгирии омилҳои номатлуб дар баробари мақомоти қудратии мамлакат, саҳми муассисаҳои соҳаи маориф ва илми, аз ҷумла факултет ва кафедраҳои ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ хеле калон аст. Зеро дар шуури инсон ҷойгир кардани нишондодҳои меъёрҳои ҳуқуқ ва қонун танҳо ба воситаи омӯзиш ва фаҳмондадиҳии амиқ ва дақиқ имконпазир мегардад. Гузаронидани дарсҳои фанни ҳуқуқшиносӣ дар макотиби олӣ низ бояд тарзе сурат гирад, ки мутахассисони оянда вобаста ба ихтисосҳои интихобкардаи худ аз қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар соҳаи дахлдор қабул шудаанд, дар сатҳи пурра воқиф гарданд ва тавонанд дар оянда фарди солимфикр ва риоякунандаи тамоми меъёрҳои ҳуқуқии қоидаи рафтори ҷомеа бошанд.

Ҳамчунин таъкид бояд кард, ки муаллимони фанни ҳуқуқшиносиро зарур аст, ки шогирдонро на танҳо бо донишҳои ҳуқуқшиносӣ мусаллаҳ созанд, балки моҳияти мафҳумҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба онҳо дуруст фаҳмонанд.

Вобаста ба андешаҳои зикршуда таъкид менамоем, ки дарс ва истифодаи усулҳои самараовар дар раванди таълим, пеш аз ҳама, бояд ба беҳгардонии фаъолияти маърифатии донишҷӯён нигаронида шавад. Дар ин самт бояд ба воситаҳои гуногуни дидактикӣ, аз он ҷумла шаклҳои гуногуни самарабахши таълим ва педагогикаи ҳамкорӣ таваҷҷуҳ кард. Бо мақсади боло бурдани сатҳ ва сифати таълим, бахусус таълими фанни ҳуқуқшиносӣ аз усулҳои фаъоли таълим ҳамаҷониба истифода бурдан тақозои замон аст.

Пазируфтан ва амалӣ намудани чунин пешниҳодҳо баҳри болобурди сифати таълими фанни ҳуқуқшиносӣ ва маърифати ҳуқуқии донишҷӯён ва ба ҳамин васила барои ба ҳаёти мустақилона беҳтар омода намудани мутахассисони оянда мусоидат хоҳад кард.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2016.- 64с.
2. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66).
3. Методика правового воспитания учащихся: Учеб. пособ. для студ. пед. ин-тов /Под ред. А. В. Мицкевич, В. М. Обухова. – М.: Просвещение, 1982. –174 с.
4. Методика преподавания основ Советского государства и права: Пособ. для учит. / Г. П. Давыдов, И. Я. Лернер, Л. С. Бахмутова и др. – М: Просвещение, 1984. – 160 с.
5. Носиров С.Ш. Тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни Ҳуқуқи инсон. - Душанбе: «Ирфон», 2007. -192 с.
6. Расулов Ф.М., Холов А.И. Дарси муосир аз фанни ҳуқуқ ва талаботи асосӣ нисбат ба он / Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. №3 (23). 2018. С. 35-38.
7. Расулов Ф.М., Холов А.И. Нақши омӯзгори фанни ҳуқуқ дар рушди салоҳиятнокии ҳуқуқии хонандагон. /Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. №2 (22).

2018. С. 28-30.
8. Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2009. С. 401

## НАҚШИ ПРОФЕССОР ҶОНОНОВ САИДАМИР ДАР РУШДИ ФАЛСАФА ВА ҶОМЕАШИНОСИИ ТОҶИК

**Олимшозода Фарҳодшо Олимшо** - сармуаллими кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

## РОЛЬ ПРОФЕССОРА ДЖОНОНОВА САЙДАМИРА В РАЗВИТИИ ТАДЖИКСКОЙ ФИЛОСОФИИ И СОЦИОЛОГИИ

**Олимшозода Фарходшо Олимшо** – старший преподаватель кафедры физической подготовки и военно-оборонительной подготовки Педагогического института Таджикистана Раштского района.

## THE ROLE OF PROFESSOR JONONOV SAIDAMIR IN THE DEVELOPMENT OF TAJIK PHILOSOPHY AND SOCIOLOGY

**Olimshozoda Farkhodsho Olimsho** - senior lecturer at the Department of Physical Training and Military Defense Training at the Pedagogical Institute of Tajikistan, Rasht region.

***Қадри устод аз падар беш аст,***
***В-аз падар устод дар пеш аст.***

Доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов Саидамир Ҷононович бо амри қисмат дар чанд вазифаҳои масъул, ҳамчун муҳаққиқ-таҳқиқотчии Институти фалсафаи Академияи илмҳои СССР, муҳаррири калони илмӣ, мудири шуъбаи фалсафа, иқтисод ва ҳуқуқи Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Советии Тоҷик, сардори Раёсати таълими фанҳои ҷомеашиносӣ ва корҳои тарбиявии Вазорати маориф ва илм, сардори Раёсати илм ва сохторҳои иҷтимоии Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ кору фаъолият намуда, дар ташаккули маънавии наслҳои наврасу ҷавонон ва тарбияи чанд насли олимони ҷавон саҳми калон бозидаанд.

Устод Ҷононов Саидамир (15.03.1948) дар деҳаи Қазноқи ноҳияи Рашт таваллуд шудаанд. Соли 1966 мактаби таҳсилоти миёнаи рақами 3-и ҳамин деҳаро бо баҳои аъло хатм намуда, дар Донишкадаи педагогии Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко таҳсилро идома додаанд. Гирандаи стипендияи ба номи Карл Маркс буданд. Соли 1970 донишкадаро бо дипломи аъло ба итмом расониданд ва дар Институти фалсафаи Академияи илмҳои Итиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ ба ҳайси коромӯз-муҳаққиқ ба такмили савияи дониши касбии худ пардохтанд. Солҳои 1971-1972 дар сафҳои Артиши Шуравӣ хизмат кардаанд. Баъди ду соли донишомузӣ қобилият ва кордонии он шахсро ба назар гирифта, муҳаррири калони илмӣ ва муддати зиёд нагузашта сифатҳои воло ва беҳтарини роҳбарӣ карда тавонистани устодро ба назар гирифта, ба он кас мудири Шуъбаи фалсафаю иқтисод ва ҳуқуқи Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Советии Тоҷик, 1984-1989 муаллими калон вуа баъдан дотсенти кафедраи коммунизми илмии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин шуда кор кардаанд. Солҳои 1989-1991 вазифаи сардори Раёсати илм ва информатикаи Госплани Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1991-1993сардори Раёсати таълими фанҳои ҷомеашиносӣ ва корҳои тарбиявии Вазорати маорифи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 19993-2009 сардори Раёсати илм ва сохторҳои иҷтимоии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ӯҳда доштанд.

Дар ин муддат устод Ҷононов Саидамир рисолаи номзадиро дар мавзӯи "Ташаккули ҳувияти миллӣ дар шароити сохти давлатӣ дар Тоҷикистон"-ро дифоъ кард ва дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти кориашро идома намуд.

Солҳои 2009-2011 муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба корҳои илмӣ таъйин гардиданд. Муддати тулоние нагузашта рисолаи докториро дифоъ намуда, сазовори унвони илмии доктори илмҳои фалсафа, професор мегарданд. Кӯшишу ғайрат, дониш ва маҳорати ташкилотчигии олим буд, ки аз моҳи апрели соли 2011-2013 директори Филиали ДДОТ ба номи С. Айнӣ дар ноҳияи Рашт ва баъдан солҳои 2013-2015 ректори (аввалин ректор - Олимшозода Ф.О.) донишкадаи мазкурро ба ӯҳдаашон вогузошта шуд. Солҳои 1990-1995 узви Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд ва ба ин вазифа дар иҷдлосияи 4 Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидаанд.

Профессор Ҷононов С. Ҷ. дар конференсияҳои илмию назариявии умумиттифоқию байналмилалӣ дар шаҳрҳои Москва, Киев, Молдова, Бишкек ва Алмаато бо маърӯзаҳо баромад карда,влатҳои Ҷумҳурии Мисри Араб, Туркия, Эрон, Шветсария, Ҳолландия, Фаронса, Чехословакия, Ҷопон, Тайиланд, Хитой ва дигар кишварҳои хориҷи дур аз курсҳои такмили ихтисоси хизмати давлатӣ гузаштаанд.

Устод Ҷононов Саидамир муаллифи 5 асар,130 мақолаи илмӣ ва илмиву оммавӣ, ҳаммуаллифи 15 китоб, муҳаррири масъул ва тарҷумони 12 китобҳои илмиву дарсӣ ва илмиву методӣ мебошанд. Дар таълифоти худ масъалаҳои муносибатҳои миллӣ, ташаккули шуури худшиносии миллӣ, демократикунонии ҷомеа ва таҳкими истиқлоли давлатии ҷомеаи тоҷик дар шароити муосирро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додаанд.

Олими ҷавон соли 2010 дар мавзуи «Ташаккули ҳувияти миллӣ дар шароити сохти давлатӣ дар Тоҷикистон » рисолаи номзадии худро ҳимоя намуда, ба унвони номзади фанҳои фалсафа ноил мешаванд. Илова бар ин худашон ҳам барои ноил шудан ба унвони доктори илмҳои фалсафа рисолаи докториро навишта, соли 2011 бо сарбаландӣ ҳимоя менамоянд.

Дар ин давраи фаъолияти меҳнатиашон, ғайр аз он ки фаъолияти илмию ҷамъиятии кормандони шуъбаро зери назорат мегирифтанд, дар муҳокима, такмил додан ва ҳимояи даҳҳо рисолаҳои номзадӣ холисона мусоидат ҳам менамуданд.

Аз моҳи августи соли 2015 то моҳи августи соли 2018 Ҷононов С.Ҷ. роҳбарии шуъбаи магистратураи Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро ба ба ӯҳда доштанд. Ин давра яке аз даврони пурсамари фаъолияти илмию омӯзгории устод ба ҳисоб меравад. Устод дар ин муддат барои беҳбудии сифати таълиму тарбия дар донишгоҳ, тарбияи кадрҳои ҷавон ва ба корҳои илмию тадқиқотӣ ҷалб намудани онҳо кӯшиши зиёд ба харҷ додаанд. Иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ яке аз бахшҳо ва самтҳои фаъолияти ин шахс ба ҳисоб меравад, ки тамоми давраҳои фаъолияти кориашонро фаро мегирад..

Аз моҳи сентябри соли 2018 то имрӯз устод Ҷононов С.Ҷ. профессори кафедраи ҷомеашиносии ДБССТ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва ҳамзамон Раиси Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-О30 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2021-2022) ва аз соли 2023 то ҳоло дар ҳайси муовини раиси Шурои диссертатсионии номбурда фаъолият мекунанд.

Дар ин давра масъулияти зиёдеро бар душ гирифта, пайваста ба омузиш ва таҳқиқи масъалаҳои рӯзмарраи фалсафа, сиёсатшиносӣ, ахлоқ ва дигар улуми инсоншиносии тоҷик ва ба тарбияи унвонҷӯёну докторантон низ ҳиссагузорї намуда истодаанд.

Дар ҳақиқат, профессор Ҷононов С.Ҷ. олими пурмаҳсул, яке аз чеҳраҳои шинохта ва пешоҳанги илмҳои фалсафа ва ҷомеашиносии тоҷик ҳам дар марҳилаи сохтмони сотсиализм дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва ҳам дар замони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Ҳамин тавр, фаъолияти илмии файласуфи тоҷик Саидамир Ҷононов ба ду давра ҷудо мешавад: даврони сохтмони сотсиализму коммунизм ва давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Профессор Ҷононов С.Ҷ. аз зумраи файласуфони асил ва пешоҳанги зиёиёни миллати тоҷик

маҳсуб мешаванд, ки аз истиқлолияти давлатӣ касб намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон руҳу илҳоми тоза гирифта истода, на танҳо худ масъалаҳои рӯзмарраи ташаккули давлат ва миллати тоҷикро хаста нашуда мавриди таҳқиқ карор доданд, балки раҳнамои насли нави олимони тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии давлатӣ низ мебошанд.

Аз ҷониби ин устоди соҳибкасб ва соҳибзавқ як силсила асарҳо бо забони русӣ, ба мисли «Общее и особенное формировании и развитии социалистических национальных отношений» (Душанбе, 1987), «Характерные особенности получения высшего образования в условиях инновационной деятельности вуза» бо муаллифӣ (Душанбе, 2007), «Концепция гражданского образования в Республике Таджикистан» бо ҳаммуаллифӣ (Душанбе, 2008), «Проблемы формирования национального самосознания в условиях государственного строительства» (Душанбе, 2009), «Вопросы дальнейшего повышения интернационалистической сознательности трудящихся».// В кн:»Пролетарский интернационализм: вопросы идеологии и культуры» (Москва, 1979), «К вопросу об изучении диалектики расцвета и сближения социалистических национальных общностей».// В кн: «Советский народ – строитель коммунизма», (Москва, 1982), «Кризис культуры и науки: пути преодоления».// В кн: «Проблемы выживания и устойчивого развития Таджикистана» (Душанбе, 1996), ва зиёда аз сад мақолаҳои илмӣ, илмию методӣ, илмию оммавӣ ва илмию таълимӣ навишта шудаанд, ки ҳар кадоми онҳо як тадқиқоти мустақил буда, на танҳо дар даврони шуравӣ дорои аҳамияти калони илмию амалӣ буданд, балки имрӯз ҳам барои нигоҳ доштани хотираи таърихӣ ва тамизи масъалаҳои вобаста ба ташаккули ниҳодҳои масъалаҳои муносибатҳои миллӣ, ташаккули шуури худшиносии миллӣ, демократикунонии ҷомеа ва таҳкими истиқлоли давлатии ҷомеаи тоҷик дар шароити муосир, таносуби манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи он дорои аҳамияти калони илмию методологӣ ва ахлоќию сиёсӣ мебошанд.

Гап дар сари он аст, ки китоби «Ташаккули ҳувияти миллӣ дар шароити сохти давлатӣ дар Тоҷикистон» дар илми фалсафаи иҷтимоии даврони истиқлолияти тоҷик яке аз тадқиқоти нодире ба ҳисоб меравад, ки дар он асосҳои ташаккули ҳувияти миллӣ ва ташаккули шуури худшиносии миллӣ дар Тоҷикистон мавҷуда, пайдоиши ниҳодҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар марҳалаи аз даврони шуравӣ ба даврони истиқлолияти миллӣ ворид шудани ҷумҳуриамон аз ҷиҳати илмию назариявӣ ҳаматарафа мавриди таҳлилу омузиш қарор дода мешаванд.

Агар ба қувват додани сухан доир ба аҳамияти имрузаи асарҳои номбурда ва дигар тадқиқоти пурарзиши Ҷононов С.Ҷ. зарурат бошад, пас, даҳҳо рисолаҳоеро номбар карда метавонем, ки дар ҳошияи асарҳои устод навишта шудаанд. Аз ҷумла, рисолаи «Ташаккули сиёсати ҳарбӣ дар шароити ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ» (Душанбе, 2024) то андозае бо таъсири ҳамин ва дигар асарҳои файласуфи тоҷик Ҷононов С.Ҷ. баромадааст. Аммо тадқиқоти охир аз лиҳози назариявӣ, методологӣ ва услуби баён ва фарогирии масъалаҳо маҷолӣ бо асарҳои устод муқоиса шудан надорад.

Дар марҳалаи нави истиқлолияти давлатӣ бошад, профессор Ҷононов С.Ҷ. масъалаҳои рузмарраи амнияту ташаккули миллати қадимиву давлати тозаистиқлоли тоҷикро мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд. Дар ин маврид як силсила мақолаҳояшон амсоли “Становление государственности в Таджикистане”// В кн: ”Гражданственность и участие в управлении”, учебное пособие, часть 1(Душанбе, 2002), “Исторический опыт решения проблем национальных меньшинств и его значение для государственного строительства”.// В кн: “Национальные меньшинства Таджикистана: проблемы и перспективы”, (Душанбе, 2002), “Суверенитет и проблемы совершенствования политической власти в Таджикистане”// В кн: “Проблемы укрепления национальной независимости Республики Таджикистан”, (Душанбе, 2006) ба ҳайси муште аз хирвор ба масъалаҳои доғи руз ба нашр мерасанд.

Дар навиштаҳои файласуфи маъруфи тоҷик Ҷононов С.Ҷ. масъалаҳои ташаккули

шуури худшиносии миллӣ, демократикунонии ҷомеа ва таҳкими истиқлоли давлатии ҷомеаи тоҷик дар шароити муосир мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Ба назари мутафаккири тоҷик масъалаи ниҳоят муҳими ҳаёту мамоти халқи тоҷик дар ҳамаи давраҳои мураккаб ва ҳассос эҳёи давлати соҳибихтиёри миллӣ буд ва мебошад. Ба андешаи олим, ба дарди мо - тоҷикон чунин давлатдорие бармехурад, ки қобилияти фоҷеаҳои гузаштаро ба ҳайси меъёри баҳодиҳӣ қарор додан дошта бошад ва аз онҳо хулосаҳои зарурӣ бароварда тавонад. Омилҳои ташаккул ва инкишофи давлатдории тоҷикон, ба андешаи амиқи файласуф, дар ноил шудан ба эътирофи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон аз ҷониби тамоми тоҷикон, ҳифзи якпорчагӣ ва тақсимнопазирии марзи он, таъмини инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ва барқарор кардани робитаи устувор ва доимӣ миёни минтақаҳои мухталифи мамлакат маҳфуз мебошад.

Чунин роҳбаре ба мисли профессор Ҷононов С.Ҷ. барои ҳамаи шогирдонашон дар дил ҷой ҷудо намуда тавонад ва бо ҳамаашон муносибати якхела дошта бошад, дар даврони шуравӣ ҳам кам буданд ва ҳоло бошад ба тухми анқо табдил ёфтааст. Агар роҳбари муассисаи олӣ дар атрофаш шигирдони худро ҷамъ намуда, фаъолияти муассисаро пеш барад, бешубҳа, як усули пешбурди кору фаъолият фаҳмида ва маънидод карда мешавад. Аммо, ба гумонам, роҳбарӣ ба муассисааи олӣ, аҳамият додан ба тарбияи мутахассисони ҷавон, ватандустию миллатдустӣ ва дар руҳияи ватандустию хештаншиносӣ тарбия намудани ҷавонон чунин будааст, ки камина дар шахсияти профессор Ҷононов С.Ҷ. дида будам.

Қадамҳои нахустини фаъолияти кориамро дар соҳаи маориф зери назорати ғамхоронаи ҳамин олими пурмаҳсул ва инсони оддию хоксор гузоштаам. Бо устод аз соли 2013 то ҳол ҳамкорӣ дорам. Он вақтҳо устод директори филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар ноҳияи Раштро дар ӯҳда доштанд ва ман бошам, ассистенти кафедраи забон ва адабиёти рус будам. Дар тӯли ҳамин давра ҳамаи фаъолияти омӯзгорию илмии ман ва дигар ҷавонон таҳти назорати ҷиддии устод қарор доштанд. Басе аҷиб аст, ки устод дар зарфи ҳамин давра, ки роҳбари ин донишкада буданд, боре ҳам ба тарафи мо ҷавонон ё ягон муаллими муассисаи мазкур сухани сахт ё бо руйи турш нигоҳ накардаанд. Барои ман ин бисёр ҷолиб ва хотирмон аст, чунки аз худи давраи мактабхонӣ, донишҷуйӣ, хизмати аскарӣ ва кору фаъолиятам чунин роҳбари серталабу поквиҷдон ва солору ғамхорро қариб ки надидаам.

Ёд дорам, вақте ки соли 2013 бо амри дил барои кор ба донишкадаи филиали Донишгоҳи омӯзории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар ноҳияи Рашт омадам, муҳлати зиёде бо оилаам иҷоранишинӣ кардем. Маҳз бо дастгириву ғамхории падаронаи устод Ҷононов Саидамир мо дар хобгоҳи динишҷӯён ҷой гирифтем ва се сол дар он ҷой зиндагиву фаъолияти омӯзгорӣ кардем. Чуноне, ки шоир фармудааст:

*Мардӣ набвад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!*

Рисолаи номзадиамро таҳти роҳбарии доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С.Ҷ., ки ректори ДОТ дар ноҳияи Раштро ба уҳда доштанд, оғоз карда будам. Ҷараёни корҳои илмии аспирантону унвонҷуёни донишкада ва дараҷаи ҳаллу фасли масъалаҳои мавриди омӯзиш аз назорати роҳбари донишкада Саидамир Ҷононов берун набуданд. Боре устод ҳуҷҷатҳоямро, ки барои аттестатсия омода намуда будам, пешакӣ аз назар гузарониданду гуфтанд, ки домулло, коратон хуб, лекин Шумо ҳимоя мекунеду меравед. Аз ин як ҷумлаи кутоҳи устод чунин маънӣ бардоштам, ки одамон барои ҳимоя меомада будаанд ва ҳимоя намуда ба ҷойҳои гарм мерафтанд. Ҳамон вақт аз сар гузаронидам, ки барои ман аз гармии муносибати ин кас (устод Ҷононов С.Ҷ.) ҷои гармтаре нест.

Дар ҳақиқат ман хато накардам ва имруз ҳам дар чунин ақидаам, ки устод Ҷононов С.Ҷ. дар тарбияи мутахассисони ҷавон ва муносибат ба кори роҳбарӣ аз ҷумлаи олимони камшуморанд.

Албатта, дар як мақола тазаккур додани ҳамаи хизматҳои доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С.Ҷ., ки дар рушди фалсафаи тоҷик, тарбияи чанд насли мутахассисони ҷавон кардаанд ва таҳлили паҳлуҳои мухталифи асарҳои пурқиммати эшон, ки ба масъалаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, сиёсӣ, то ҷое ба масъалаҳои иқтисодӣ ва психологӣ низ бахшида шудаанд, ғайри имкон аст.

Доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С.Ҷ. дар рушди фалсафаи тоҷик дар асри ХХ ва ибтидои асри ХХI, ободии дирӯзу имрӯз ва фардои маорифи тоҷик, тарбияи якчанд насли файласуфону сиёсатшиносони тоҷик саҳми калон дошта, дар пешрафту шукуфоии давлати Тоҷикистон ҳиссаи арзанда гузоштаанд. Албатта, Ҳукумату Давлати Тоҷикистон хизматҳои устодро ба назар гирифта бо медалу ифтихорномаҳо, аз ҷумла, «Корманди шоистаи Тоҷикистон» (аз 14.09.1998, №1059), “Мушовири давлатии дараҷаи 2-юм (аз 01.04.2005 № 1542), «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (аз соли 2002), “Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз соли 2013) ва “Медали тиллоии Институти байналмилалии тарҷумаҳолии ИМА” мукофотонида шуд.

Устод Ҷононов С. Ҷ. дар даврони Шуравӣ авалин муҳаққиқе буд, ки ҳангоми тадқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии мафҳумҳои “интернатсионаликунонӣ”, “ба ҳам наздикшавӣ”, “шукуфоӣ”, “рушд”, яктарафа ва ғайривоқеӣ будани нуқтаи назари як қатор олимони шинохтаи шуравиро доир ба ин масъала мавриди танқид қарор дода, нуқсони онҳоро дар мавқеи шинос набуданашон ба хусусияти рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва таърихию сиёсии халқҳое, ки сохти капиталистии тараққиётро аз сар нагузаронидаанд, мебинад. Олимони амрикоӣ ва олмонӣ ба тадқиқоти мазкури профессор Ҷононов С. Ҷ. баҳои баланд дода, аз ҷула яке аз профессорҳои донишгоҳи Ҳарвард аз ҷумла гуфтааст: “... яке аз олимони ҷавони Осиёи Марказӣ дар тадқиқи масъалаи миллӣ қадами боҷуръате берун аз таълимоти марксизм-ленинизм ба сӯи ҳақиқат гузоштааст”.

Бо устоди гиромиқадр ҳамкориҳои мо ҳоло ҳам идома доранд. Мо дар ҷавоб ба лутфу меҳрубоние, ки дар давраи роҳбариашон дар ДОТ дар ноҳияи Рашт ба мо мутахассисони ҷавон доштанд ва ҳоло ҳам доранд, сидқан миннатдории хешро баён менамоям. Ин  ҷо чанд андешаи худро роҷеъ ба баъзе паҳлуҳои таҳқиқоти устод ва чанд лаҳзаи ҳамкориҳои хешро бо устод ба сифати як даста гул аз боғи меҳри шогирд ба устоди гиромиқадр баён намудам. Ҳаёту фаъолияти устод Ҷононов С.Ҷ., ки худ як мактаби бузурги илму маърифатомӯзӣ ва хизмати содиқона ба мардум аст, воқеан омӯзанда ва намунаи ибрат мебошад.

Ба устоди гиромиқадр Ҷононов Саидамир Ҷононович бо як ҷаҳон  самимияти хоса санаи фархундаву бобаракати 77- солагиро аз таҳти дил табрику муборакбод намуда, ба устоди гиромиқадр тансиҳативу хонаободӣ орзу менамоям.

**УДК:94**

**МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ЭСТОНИЯ: ФАТҲИ УФУҚҲОИ НАВИ ҲАМКОРӢ ДАР ПЕШ**

**Шарифзода Абдуфаттоҳ Абдуваҳҳоб** - Котиби матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2003-2024), доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Шарифзода Фирдавс Абдуфаттох** - котиби якуми раёсати кишварҳои Аврупо ва Америкаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих (Тоҷикистон, Душанбе)

**ВЗАИМООТНОШЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА И ЭСТОНИИ: ОТКРЫТИЕ НОВЫХ ГОРИЗОНТОВ СОТРУДНИЧЕСТВА ЕЩЕ ВПЕРЕДИ**

**Шарифзода Абдуфаттох Абдувахховб** - Пресс-секретарь Президента Республики Таджикистан (2003-2024 гг.), доктор исторических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии
наук Таджикистана
**Шарифзода Фирдавс Абдуфаттох** - первый секретарь Управления стран Европы и Америки Министерства иностранных дел Республики Таджикистан, кандидат исторических наук
(Таджикистан, Душанбе)

**RELATIONS OF TAJIKISTAN AND ESTONIA: OPENING UP OF NEW HORIZONS OF COOPERATION AHEAD**

**Sharifzoda Abdufattoh Abduvahhob** - Press-Secretary of the President of the Republic of Tajikistan (2003-2024), doctor of historical sciences, professor, corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
**Sharifzoda Firdavs Abdufattoh** - First Secretary of the Department of European and American countries of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan, candidate of historical sciences (Tajikistan, Dushanbe)

**E-MAIL:** abdufatoh@yahoo.co.uk, firdavs.sharifzoda@mfa.tj

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Эстония, муносибатҳои байнидавлатӣ, сиёсати хориҷӣ, таърих, Президент, робитаҳои иқтисодии беруна, ҳамкориҳои байнипарлумонӣ, табодули сафарҳо, машваратҳои сиёсӣ, санадҳои ҳамкорӣ.

**Аннотатсия:** Зимни таълифи мақола масъалаҳои мубрами роҳандозӣ ва рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи байнидавлатии Тоҷикистону Эстония дар зарфи 18 соли барқарории робитаҳои дипломатӣ тадқиқу таҳлил шудаанд. Муаллифон мазмуну муҳтавои равобити ҳасана ва рӯйдоду воқеаҳои муҳим дар ҷодаи ҳамкориҳои ду давлатро, хусусан аз нигоҳи ташрифу дидорҳои роҳбарияти олии Тоҷикистон ва Эстония, музокиротҳои ҳайатҳои сиёсӣ ва анҷуманҳои соҳибкорон, баррасӣ кардаанд. Дар мақола тавсияву пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати мукаммалгардонии сатҳу муҳтавои ҳамкориҳои ду кишвар дода шудаанд. Ҳангоми эҷоди мақола аз китобҳову рӯзномаҳо дар бобати фаъолияти дипломатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

нашрияҳои Вазорати корҳои хориҷӣ дар силсилаи “Сиёсати хориҷии Тоҷикистон”, инчунин дигар матолиби расмии электронии дохилию хориҷӣ ва маводи иттилоотию оморӣ истифода карда шудааст.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Эстония, межгосударственные отношения, внешняя политика, история, Президент, внешнеэкономические связи, межпарламентское сотрудничество, обмен визитами, политические консультации, документы о сотрудничестве.

**Аннотация:** В ходе написания статьи были исследованы и проанализированы актуальные вопросы установления и развития многоплановых межгосударственных отношений между Таджикистаном и Эстонией за предыдущие 18 лет установления дипломатических отношений. Авторы рассмотрели содержание прочных отношений и важные события в рамках сотрудничества двух стран, особенно в плане визитов и встреч высшего руководства Таджикистана и Эстонии, переговоров политических делегаций и бизнес-форумов. В статье даны практические рекомендации и предложения по повышению уровня и содержания сотрудничества между двумя странами. При написании статьи, авторы ссылались на материалы книг и газет касательно внешнеполитической деятельности Президента Республики Таджикистан и публикаций Министерства иностранных дел из серии «Внешняя политика Таджикистана», а также на другие официальные отечественные и зарубежные электронные издания, информационные и статистические материалы.

**Keywords:** Tajikistan, Estonia, interstate relations, foreign policy, history, President, foreign economic relations, interparliamentary cooperation, exchange of visits, political consultations, cooperation documents.

**Annotation:** In the course of writing the article, topical issues of establishing and developing multifaceted interstate relations between Tajikistan and Estonia over the previous 18 years of diplomatic relations were examined and analyzed. The authors reviewed the content of strong relations and important events within the framework of cooperation between the two countries, especially in terms of visits and meetings of the top leadership of Tajikistan and Estonia, negotiations of political delegations and business forums. The article provides practical recommendations and proposals for enhancing the level and substance of cooperation between the two countries. When composing the article, the authors referred to materials from books and newspapers regarding the foreign policy activities of the President of the Republic of Tajikistan and publications of the Ministry of Foreign Affairs from the series “Foreign Policy of Tajikistan,” as well as other official domestic and foreign electronic publications, information and statistical materials.

Барои завқмандону орифон донистан муфид хоҳад буд, ки Эстония дорои низоми таҳсилоти беҳтарин дар Аврупо ва сеюмин дар дунё аз рӯи ин нишондод (пас аз Сингапур ва Ҷопон) буда, эстониҳо бар илми технологияҳои муосир моҳир ҳастанд. Аз

соли 2000 инҷониб Ҳукумати Эстония ба ҷаласаҳои бекоғази девони вазирон бо истифода аз шабакаи электронии ҳуҷҷатнигорӣ дар интернет гузашт. Аз рӯи натиҷаҳои озмуни Комиссияи Аврупо лоиҳаи гузариши бахши давлатӣ ба ҳуҷҷатгузории электронӣ дар Эстония беҳтарин дар Аврупо эътироф гардид [7]. Шоистаи таҳсину тақлид аст, ки ба туфайли имзои рақамии соли 2002 ҷоригашта ҳар моҳ бастаи ҳангуфти коғази баробар ба баландии Манораи Эйфел сарфа мешавад. Бинобар ин, пеш аз нигориши таърихи муосири муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистону Эстония, шиносонидани хонанда бо вижагиҳои ин кишвари аврупоӣ аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

Ҷумҳурии Эстония (бо аҳолии 1,3 млн. нафар ва масоҳати 45,339 $км^2$) дар Аврупои Шимолӣ лаби соҳили шарқии Баҳри Балтика, ки бо обҳои халиҷҳои Фин ва Рига иҳота шудааст, мавқеъ гирифта, ба қаламрави он 2355 ҷазира бо масоҳати 4,2 ҳазор $км^2$ ва қариб 1200 кули дорои аслияти пиряхӣ дохил мешаванд. Аз нисф зиёди ҳудуди Эстонияро ҷангалзор ташкил дода, ҳамзамон қуллаи баландтарини он дар кӯҳи Суур-Мунамяги (яъне “Кӯҳи калони тухмӣ”) бо баландии 318 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст [7].

Эстония – давлати аз ҳама бештар тараққикардаи фазои пасокоммунистӣ – ҷумҳурии демократии парлумонӣ буда, дар ин кишвар мардум ҳамчун намояндаи ҳокимият онро тариқи интихобот ба Парлумон – Рийгикогу (парлумони якпалатагӣ) амалӣ мегардонад. Дар ташаккули Ҳукумат ҳизбҳои сиёсии дар интихобот пирӯзшуда иштирок мекунанд [6].

Сарвари давлат Президент муҳлати ваколаташ 5 сол буда, ӯро вакилони Рийгикогу ва коллегияи интихобкунандагон зимни овоздиҳии пинҳонӣ интихоб менамоянд. Ҳукумати Эстонияро Сарвазир роҳбарӣ мекунад, ки аз 26 январи соли 2021 ин мақомро аввалин бор зан – хонум Кая Каллас ишғол кардааст. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки то чанде қабл дар маснади олии президентӣ низ аз миёни бонувони сиёсатмадори эстонӣ Керсти Калюлайд ифои вазифа карда буд. Дар Парлумон ҳизбҳои ҳоким, тибқи интихоботи моҳи марти 2023, Ҳизби ислоҳот, Ҳизби консервативии мардумии Эстония, Ҳизби марказигаро, Эстония 200 ва ғайра фаъолият доранд [7].

Эстония узви комилҳуқуқи СММ, САҲА, Иттиҳоди Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, Шӯрои Аврупо, Хазинаи байналмилалии асъор, Созмони умумиҷаҳонии савдо, СААШ (НАТО) буда, ба минтақаҳои Шенген (аз соли 2007) ва Евро (2011) низ шомил аст. Пас аз эъломи истиқлолият Эстония сиёсати хориҷии ҳамкории густурда бо давлатҳои Аврупои Ғарбиро пеш мебурд. Унсури муҳими самтгирии нави сиёсати Эстония робитаҳои наздикаш бо кишварҳои Скандинавия, бахусус Финляндия ва Шветсия шуданд. Аслан, эстониҳо худро скандинавӣ ва на мардуми балтикӣ меҳисобанд, ки ин ба пайвандҳои таърихии онҳо бо Дания ва қисман Финляндия ва Шветсия алоқамандӣ дорад. Дар ин радиф, ҳанӯз моҳи декабри соли 1999 вазири корҳои хориҷии Эстония (ва аз соли 2006 Президенти Эстония) ҷаноби Тоомас Ҳендрик Илвес зимни ташриф ба Институти Шветсия оид ба умури хориҷӣ дар мавзуи “Эстония чун кишвари скандинавӣ” суханронӣ намуда буд [7].

Иқтисоди Эстония, бо маҷмуи маҳсулоти дохилии 42 млрд. долл. ШМА (ба ҳолати соли 2023) ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар ҳаҷми 32,460 долл. ШМА, пешрафта маҳсуб ёфта, ғолибан таҳти таъсири таҳаввулот дар иқтисодҳои Финляндия ва Шветсия қарор дорад. Бинобар рушди бесобиқаи иқтисодаш баъд аз бадастории истиқлолият дар солҳои 1990-ум, Эстонияро ба истилоҳ яке аз “Палангҳои Балтика” меноманд. Бахшҳои асосии саноати эстониро муҳандисӣ ва мошинсозӣ, электроника, чӯбгарӣ ва маснуоти чӯбӣ, саноатҳои хӯрока, сохтмон, кимиё, бофандагӣ, технологияҳои иттилоотӣ, телекоммуникатсияҳо ташкил медиҳанд [5].

Ба шарофати фазои мусоиди соҳибкорӣ, сатҳи баланди маърифатнокӣ, ислоҳоти созанда ва муҳити рақобатпазир барои интишори навовариҳо ва рушди бахши

хизматрасониҳои электронӣ, Эстония тавонист ба кишвари ҷаззоб барои ширкатҳои стартап табдил ёбад [7]. Ба ҳолати августи 2023, дар Эстония 1,530 стартап фаъол аст. Дар тӯли беш аз 30 соли истиқлолият дар Эстония 10 ширкат-стартапер бо арзиши сармоявии зиёда аз 1 млрд. долл. ШМА ҳар яке *(компании-единороги)* арзи вуҷуд кард: Skype (муошират савтӣ ва видеоии интернетӣ), Playtech (платформаи онлайнии таъмини барномаҳои бозиҳои электронӣ), (Transfer)Wise (интиқолҳои пулии байналмилалӣ), Bolt (хизматрасониҳои таксии ҳамсафарӣ), Pipedrive (хариду фурӯши рақамӣ), Zego (суғурта), ID.me (абзори онлайн-муайянсозии шахсият), Gelato (хизматрасонии ширкатҳои тиҷорати электронӣ), Veriff (санҷиши шахсият дар интернет) ва Glia (хадамоти рақамии дастгирии муштариён) [3].

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Эстония 3 феврали соли 2006 барқарор шуда, равобити байнидавлатӣ миёни ду кишвар давоми 15 соли охир ба марҳилаи сифатан нав ворид шуд. Ба ин раванд табодули сафарҳои сатҳи олӣ ва баланд, машваратҳои сиёсии байниидоравӣ, вохӯриҳои ҳайатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва ҳамоиши соҳибкорони ду давлат мусоидати амалӣ расониданд.

Пойдевори устувори бунёдӣ бар муносибатҳои мутақобилан судманди Тоҷикистону Эстония зимни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Эстония 13-14 феврали соли 2009 гузошта шуд. Дар шаҳри Таллинн Роҳбари давлати тоҷикон бо Президенти Эстония ҷаноби Тоомас Хендрик Илвес, Сарвазири Эстония ҷаноби Андрус Ансип ва Раиси Рийгикогу (парлумон) хонум Эне Эргма мулоқоту музокироти самаранок анҷом доданд [1, с. 146]. Мавзуҳои мубрами бароҳмонӣ ва тақвиятсозии ҳамкориҳо дар бахшҳои гуногуни тиҷоратӣ-иқтисодӣ, нақлиётӣ-коммуникатсионӣ, инчунин дар самти истихроҷ ва коркарди металлҳои ранга ва сангҳои қиматбаҳо, бунёди коргоҳҳои заргарӣ ва истеҳсоли ҷавоҳироту ороишот, иншооти гуногуни туристӣ ва ғайра дар меҳвари диққати ҷонибҳо қарор доштанд. Дар поёни гуфтушунидҳо сарони давлатҳо Эъломия дар бораи рушди муносибатҳои дӯстона ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Эстонияро ба имзо расониданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки самтҳои гуногуни ҳамкорӣ ва барқарор намудани робитаҳои мустақим миёни истеҳсолкунандагону тоҷирон дар ҷамъомади намояндагони доираҳои соҳибкории ду кишвар низ муҳокима карда шуд [22, с. 53].

Дар навбати худ, роҳбарияти олии Эстония ба таконбахшии ҷиддии равобити ду кишвар авлавият дода, 6-8 майи соли 2013 Сарвазири Ҷумҳурии Эстония ҷаноби Андрус Ансип бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Зимни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазир А. Ансип масоили рӯзмарраи ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, илмию техникӣ ва маданию фарҳангӣ матраҳ гардиданд. Ҳарду ҷониб ба густариши ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ, аз ҷумла бо назардошти имконоти нави воридшавӣ ба бозори кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, таваҷҷуҳи хос зоҳир карданд. Нақши транзитии Эстония, аз ҷумлаи истифода аз бандарҳои обии он низ муҳим хонда шуд. Тарафҳо ба ҷанбаҳои умедбахши рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои гидроэнергетика, саноати кӯҳӣ, сабук ва хӯрокворӣ ва ҳамчунин кишоварзӣ ва ҷаҳонгардӣ тамаркуз намуданд. Ҳамчунин, мусоҳибон перомуни таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, илму техника ва фарҳанг андешаронӣ карданд [9].

Сарвазири Ҷумҳурии Эстония ҷаноби Андрус Ансип ҳамчунин дар рафти сафараш ба Душанбе бо Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Оқил Оқилов ва Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Шукурҷон Зуҳуров вохӯриҳои судманду ҷолиб анҷом дод.

Тавре аз изҳороти матбуотии Сарвазир О. Оқилов аз натиҷаи гуфтушунид бо Сарвазир А. Ансип бармеояд, “Сафари расмии Сарвазири Ҷумҳурии Эстония ба Тоҷикистон – ин идомаи мантиқии муколамаи пайвастаи байни ду кишвари дӯст аст, ки дар солҳои охир ба таври бемайлон густариш меёбад”. Зимни нишасти матбуотӣ

ҷониби Тоҷикистон изҳори боварӣ кард, ки маҳз дар натиҷаи ин муколама робитаҳои дӯстонаи ба ҳар ду ҷониб судманди Тоҷикистону Эстония фазои нав касб карда, барои нафъи ду кишвар густариш хоҳанд ёфт. Ба қавли Сарвазири Тоҷикистон, ҳангоми баррасии ҳамкориҳои дуҷониба дарҷ гардидааст, ки бояд барои тавсеаи бештари ҳамкориҳои барои ҳарду ҷониб судманд аз имконот ва захираҳои мавҷуда дар соҳаҳои мухталиф истифода шавад. Аз ин рӯ, дар музокирот тавсеаи ҳамкориҳо дар бахшҳои энергетика, саноати сабук ва коркардшаванда, бахшҳои аграрӣ, сайёҳӣ ва нақлиёт муҳим маънидод гардидааст. Омодагии ҷонибҳо ҷиҳати афзоиш додани ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишвар таъйид шуда, ҷониби Тоҷикистон ҳавасмандиашро дар мавриди истифода аз таҷрибаи пешқадами Эстония дар бахши технологияҳои иттилоотӣ ва интернетӣ баён намуд [15].

Ҳамчунин, рӯзи 6 майи соли 2013 зимни пазироии Сарвазири Ҷумҳурии Эстония А. Ансип Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Зуҳуров ташрифи чунин ҳайати баландпояро ба Тоҷикистон аз нияти неку қадамҳои ҷиддии ҷониби Эстония барои ҳамкорӣ арзёбӣ кард. Бино ба суханҳои ҷониби Тоҷикистон, халқҳои ду кишвар, сарфи назар аз баъзе тафовутҳо, дар фарҳангу анъана, дар гузаштаи таърихӣ муносибати ба худ хос доштанд. “Мо мисли шумо аз гузаштагони худ ифтихор карда, дар ҳифзи забон, урфу одат, табиат ва ҷойҳои таърихиамон содиқу суботкорем. Вобаста ба ин, гумон мекунам, ки ҳамкории мо дар соҳаи туризм бояд мавқеи намоён дошта бошад, зеро табиати зебо, хусусиятҳои фарҳангии мо барои мардуми шумо ҷолиб хоҳанд буд”, - тазаккур дод Ш. Зуҳуров. Дар идомаи муколама қайд гардид, ки барои ҷониби Тоҷикистон таҷрибаи Эстония дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, махсусан дар соҳаи танзими электронии субъектҳои хоҷагидорӣ ва давлатӣ, низоми электронии мониторинги сарҳад ниҳоят муҳим мебошад. Ш. Зуҳуров масъалаи роҳандозии робитаҳои дӯстиву ҳамкории байнипарлумониро миёни парлумонҳои Тоҷикистону Эстония муҳим хонда, таъкид намуд, ки чунин иқдом барои мубодилаи таҷриба роҷеъ ба рушди парламентаризм ва қонунэҷодкунӣ, истодагарии муштарак дар муқобили ситезаҷӯйиҳои ҷаҳони имрӯза мусоидат хоҳад кард. Ба таври мисол, қонунгузории Эстония дар соҳаи тиҷорати хурд ва миёна, таҷриба дар самти ислоҳоти ҷамъиятӣ ва навсозии шакли демократӣ ҷолиб маънидод гардид. Дар навбати худ, Сарвазири Эстония А. Ансип бо арзи қаноатмандӣ иброз дошт, ки миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Эстония ҳама гуна заминаҳои густариши ҳамкориҳо вуҷуд доранд ва чунин имкониятро босамар бояд истифода кард. Ба қавли ӯ, сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Эстония соли 2009 воқеан ҳам марҳилаи нави муносибатҳои дуҷонибаро ба вуҷуд овард. А. Ансип афзуд, ки дар баробари ҳамаи ин ҷонибҳо бояд дар оянда самтҳои нави ҳамкориҳоро ҷустуҷӯ намоянд. Ӯ назари роҳбари ҳайати Тоҷикистонро дар бораи густариши равобити байнипарлумонӣ комилан ҷонибдорӣ кард [18].

Шоёни зикр аст, ки як сол аз ин қабл, 12 январи соли 2012 сафари расмии вазири корҳои хориҷии Эстония ҷаноби Урмас Паэт ба Тоҷикистон анҷом пазируфта, ӯро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул карданд. Дар рафти мулоқот зимни баррасии муносиботи сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию фарҳангии ду кишвар таваҷҷуҳи зиёд ба густариши робитаҳои мутақобилан муфид ва таҳкими заминаи қарордодию ҳуқуқии ҳамкорӣ равона гардид. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки Тоҷикистон рушди пайвастаи равобит бо кишварҳои аврупоии назди Балтика, аз ҷумла Эстонияро муҳим мешуморад. Тазаккур дода шуд, ки мавқеи ҳамсон ва ё наздики Тоҷикистону Эстония дар мавриди бисёр масоили умдаи сиёсати байналмилалӣ заминаи хуби ҳамгироии ду кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ аст. Урмас Паэт иброз дошт, ки Эстония аз воридшавии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо пуштибонӣ мекунад [20, с. 52].

Зимни мулоқоти вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон бо ҳамтои эстонияш ҳолат ва дурнамои рушди муносибатҳои мутақобилан судманди миёни ду кишвар муҳокима гардида, доир ба масоили мубрами рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла мушкилоти барқарорсозӣ ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистон мубодилаи афкор сурат гирифт [2, с. 29].

Ҳамин тариқ, дар давраи баррасишуда баҳри таҳким бахшидани ҳамкориҳо бо Эстония заминаи қавии сиёсӣ фароҳам омад ва рафтуомади ҳайатҳо, гуфтушунидҳо дар сатҳу зинаҳои гуногун, бастани шарномаҳо, таъйин кардани сафирон пайи ҳам дар пешбурди муассири ҳамкориҳо нақши бориз доштанд.

Дар тақвияти гуфтаҳои боло, ба хотири эҳёи шароити созгор барои рушди муколамаи созандаи сиёсӣ ва мушаххас кардани ҷузъиёти ҳамкориҳои фарогир дар солҳои баъдӣ қадамҳои устувор гузошта шуданд.

Чунончи, рӯзи 16 майи соли 2019 дар Душанбе нахустин даври машваратҳои сиёсӣ миёни вазоратҳои корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Эстония баргузор гардид. Дар рафти гуфтушунид перомуни вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ҳамкории ду кишвар дар чаҳорчӯби Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ ва созмонҳои байналмилалӣ муҳокимарониҳои судманд анҷом ёфтанд. Ҷонибҳо ҷиҳати суръат бахшидани ҳамкориҳои пурсамар дар ҳамаи самтҳо изҳори омодагӣ намуданд [16].

Ҳамчун идомаи мантиқии робитаҳои муттасили сиёсӣ, 18 октябри соли 2019 вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Сироҷиддин Муҳриддин сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Эстония дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қароргоҳаш дар шаҳри Остона) Ҳейти Мяемеэсро ба ҳузур пазируфт. Масъалаҳои ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла дар чорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ, дар меҳвари гуфтугӯ қарор доштанд. Дар хотимаи мулоқот “Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Эстония дар бораи бекор намудани талаботи раводид барои дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ” ба имзо расонида шуд [14].

Ахиран, суҳбати телефонии вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон бо вазири корҳои хориҷии Эстония ҷаноби Маргус Тсахкна 7 ноябри соли 2023 барои муҳокимаи масъалаҳои ҳамкории тарафайн ва дурнамои рушди он фурсати муносиб фароҳам овард, ки ин иқдом сатҳи муколамаи сиёсиро таҷдиду таҳким бахшид [17].

Ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону Эстония дар давраи баррасишаванда ба таври миёна роҳандозӣ гардида, нисбат ба солҳои пешин айни замон гардиши мол бамаротиб коҳиш ёфтааст (савдои дуҷониба дар соли 2023 ба ҳаҷми 821,4 ҳазор долл. ШМА баробар шуд, ки ҳамагӣ содироти молҳои Эстония ба Тоҷикистонро ташкил медиҳад) [4]. Инак, дар поён рӯйдоду иқдомҳои калидиро дар самти таҳкими робитаҳои тиҷоратию соҳибкории ду кишвар ба риштаи қалам оварда, ҳамчунин дар пайи ин мулоҳизаҳои худро ҷиҳати эҳёи шароити мусоид барои боз ҳам беҳтару амиқтар гардонидани ҳамгироии иқтисодии Тоҷикистону Эстония ироа хоҳем дошт.

Рӯзи 7 майи соли 2013 дар шаҳри Душанбе бо иштироки сарвазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Эстония ва соҳибкорони ду кишвар бизнес-форум доир гардид, ки дар кори он роҳбарони корхонаҳои истеҳсолии ҷонибҳо ширкат варзиданд. Зимни сухани ифтитоҳии хеш Сарвазир О. Оқилов таъкид дошт, ки ҷониби Тоҷикистон аз ҳар гуна пешниҳоду таклифҳои муассир дар бобати сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ ва воридоти технологияҳои муосир пуштибонӣ карда, тамоми шароити заруриро барои ин фароҳам меорад. Мизбони анҷуман ҳамаи самтҳои рушдёбандаи иқтисоди миллии кишвар – коммуникатсияҳои нақлиётӣ, коркарди маҳсулоти ниҳоӣ, саноати кӯҳӣ, кишоварзӣ, сайёҳӣ, дорусозӣ ва дигар бахшҳои мавриди таваҷҷуҳро муаррифӣ намуда, аз соҳибкорони эстонӣ ҷиҳати ҳамкории мутақобилан судманд ва сармоягузорӣ даъват ба амал овард. Вобаста ба нукоти

қайдгардида, Сарвазир А. Ансип манфиатдории кишварашро барои рушди ҳамкориҳо бо Тоҷикистон дар соҳаҳои афзалиятнок изҳор намуд [13].

Дар идомаи ҳамоиши тоҷирон ва роҳбарони ширкатҳои тоҷикистонию эстонӣ муовини раиси Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон Лариса Кислякова итминон дод, ки ҳамкориҳои ду кишвар дар рушди соҳибкорӣ ва вусъатдиҳии зарфиятҳои содироту воридот, яъне додугирифти молу маҳсулот дар муддати наздиктарин бештар ба воқеият мувофиқ аст. Тавре зикр гардид, дар соли 2007 ҳаҷми савдои ду кишвар ба 7,9 млн. евро, дар соли 2008 – 18,2 млн. евро ва соли 2009 – 1,6 млн. евро баробар шуда, дар солҳои баъдӣ аз ин ҳам пасттар шуд. Бинобар ин, густариш додани гардиши савдои хориҷӣ ақаллан дар сатҳи соли 2008 муҳим хонда шуд, чунки Эстония то ин дам барои Тоҷикистон ҳамчун нуқтаи боргузаронӣ барои содироти пахта ва алюминӣ ба Аврупо хизмат мекард. Дар навбати худ, намояндаи Агентии рушди соҳибкории Эстония Яан Хайнсоо ба зарурати таъминоти бозорҳои аврупоӣ бо хушкмеваи баландсифату болаззати тоҷикӣ ишора намуд. Роҳбари ҳайати эстонӣ, раиси Шӯрои “Таллиннский Порт” Нейсар Сели шарҳ дод, ки нишасти имрӯза фақат марҳалаи нахустин барои барқарорсозии ҳамкории Эстония бо Тоҷикистон мебошад. Тавре ӯ гуфт, эстониҳо ба Тоҷикистон мароқ зоҳир мекунанд, аз ҷумла ба маҷмаи саноати кӯҳии он, чунки дар ин кишвар унсурҳои тамоми ҷадвали Менделеев мавҷуд буда, ҳамзамон бахши кишоварзӣ низ дорои дурнамои хуб аст. Л. Кислякова дар ҷамъбасти чорабинӣ тазаккур дод, ки имрӯз соҳибкорони тоҷик ба ҳамтоёни хеш на ҳамчун ба сармоягузорон менигаранд, балки шарту шароити баробару одилонаро барои ҳамкорӣ пешниҳод мекунанд, ки ин бархурд аз беҳтару мусоидтар гардидани фазои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад [19].

Тамосу ҳамкориҳои Тоҷикистону Эстония дар арсаи илму маориф низ дар солҳои барқарории равобити ду кишвар ҳамвора ривоҷу равнақ меёфтанд. Чунончи, Президенти Академияи илмҳои Эстония Ричард Вилямс дар ҷамъомади тантанавии бахшида ба солгарди 60-уми Академияи илмҳои Тоҷикистон, ки 18 ноябри соли 2011 бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуд [21, с. 328-329]. Гузашта аз ин, 1 сентябри соли 2022 зимни маросими баҳрабардории бинои нави марказӣ ва таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ далели ҷой доштани ҳамкориҳои зичи донишгоҳ бо кишварҳои хориҷа, аз ҷумла бо Эстония, тавсиф карда шуд [10].

Ҳамчунин, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор Хушвахтзода Қобилҷон (ҳоло Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) 22 июни соли 2021 намояндагони Агентии аврупоӣ оид ба назорати сифати таълими Ҷумҳурии Эстонияро пазироӣ намуд. Дар рафти мулоқот бо директори агентии мазкур Ҳелли Матисен роҳбарият ва масъулони донишгоҳ дар доираи татбиқи барномаи лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ», имконият ва талаботи нави сифати таҳсилот дар замони муосир, беҳтар гардонидани мундариҷаи мақолаҳои илмӣ ва таъмини имтиёзҳо ба донишҷӯёни донандаи хуби забони англисӣ мубодилаи афкор карданд. Боиси зикр аст, ки ниҳоди мазкури Эстония яке аз ташкилотҳое мебошад, ки ба масъалаи аккредитатсия ва назорати сифати таълим таваҷҷуҳ намуда, бо Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории судманд ба роҳ мондааст [12].

Эстония ба ғайр аз соҳаи илму маориф ҳамзамон ба тақвияти ҳамкорӣ дар рушди самтҳои гуногуни сайёҳӣ ҳавасманд аст. Ҳамин тариқ, мавзуҳои вобаста ба густариши муносибатҳои дуҷониба дар соҳаи сайёҳӣ миёни Тоҷикистон ва Эстония дар мулоқоти раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷиддин

Ҷӯразода бо директори Академияи идоракунии электронии Эстония Ханнес Асток зимни сафараш дар Душанбе 18 майи соли 2022 матраҳ гардиданд. Ҷониби Тоҷикистон бо мароқ ба таҷрибаи пешрафтаи Эстония дар соҳаи сайёҳӣ имзои санадҳои дахлдори ҳамкориро муҳим арзёбӣ карда, ҷониби Эстония барои андешидани тадбирҳои муштарак дар ин самт изҳори омодагӣ намуд [11].

Мутаассифона, заминаи шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистон ва Эстония то имрӯз дар ҳоли ташаккул буда, танҳо 5 санади ҳамкориро дар бар мегирад [8]. Барои пешбурди муассиру рушди фарогири робитаҳо бояд, ки самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ мушаххас гардида, барои роҳандозии онҳо пояи қарордодию ҳуқуқӣ ғанӣ гардонида шавад. Дар марҳилаи кунунӣ ҷонноксозиву тақвиятбахшии ҳамкориҳо дар соҳаи маориф (бо инобати омодасозии кадрҳои мавриди ниёзи соҳаҳои барои Тоҷикистон муҳим), сайёҳӣ (ҷалби сайёҳони ҳарчи бештари эстонӣ бо назардошти завқи баланди онҳо ба мавзеҳои табииву кӯҳистони Тоҷикистон ва эълони низоми яктарафаи бераводид барои шаҳрвандони ин кишвар), технологияҳои муосири иттилоотӣ (тавре дар дебочаи кишваршиносӣ зикр гардид, Эстония аз лиҳози ҷорисозии ҳукумати электронӣ таҷрибаи пешқадам ва намунавӣ дорад), кишоварзӣ (таъмини бозорҳои Эстония бо меваву сабзавоти шаҳдбору лазиз ва хушкмеваи аз ҷиҳати экологӣ тозаи Тоҷикистон ба эстониҳо писанд хоҳад омад) аз манфиат холӣ нест. Нақлиёту коммуникатсия ва логистика, саноатҳои хӯрокворӣ, сабук ва кимиё, коркарди маъдан, тандурустӣ ва дорусозӣ, обу энергетика, илму техника, бахшҳои гуманитарӣ низ метавонанд ба радифи авлавиятҳо шомил бошанд. Ба ғайр аз ин, омӯхтани шарту шароити истифодабарии бандарҳои Эстония ва дигар кишварҳои назди Балтика барои дастрасӣ ба роҳҳои алтернативии ҳамлу нақли молу маҳсулоти Тоҷикистон ба кишварҳои дигари аврупоӣ, баррасии сохтмон ва ташкили терминал, маркази логистикӣ дар яке аз бандарҳои Эстония бо мақсади дастгирии соҳибкорони тоҷикистонӣ, ҷалби таваҷҷуҳи доираҳои соҳибкории бонуфузи манфиатдори ин кишвар ба ҳамкорӣ бо Тоҷикистон ва таъсиси корхонаҳои муштарак (масалан, оид ба коркарди пӯст ва пашм, тавлиди маҳсулоти саноатӣ, комбинати металлургӣ) ба ин раванд суръат хоҳанд бахшид. Ба афзоиши савдои дуҷониба ва тарғиби беҳтари молу маҳсулоти Тоҷикистон метавонад таъсиси хонаи тиҷоратӣ ё намояндагии тиҷоратии кишварамон дар Эстония мусоидат расонад.

Ба роҳ мондани абзори муҳими ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар шакли Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ ва баргузории мунтазами анҷуманҳои соҳибкорони ду кишвар фурсати хуберо барои муҳокима ва татбиқи таклифу тавсияҳои болозикр ва дигар ибтикорот фароҳам хоҳад овард. Ҳамзамон бо ин, пешбурди мудовими муколамаи сиёсӣ дар сатҳҳои оливу баланд ба ин нақшаву мароми созанда ҳусни амалӣ хоҳад бахшид, ки умедворем, дар солҳои наздик иқдомоти фаъолтаре дар ин самтҳо бо инояту ҳидоятҳои Пешвои миллату давлати мутамаддини тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гирифта хоҳад шуд.

## АДАБИЁТ


1. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1 / Зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе, 2009. – 296 с.
2. Қоимдодов Қ. Кишварҳои назди Балтика дар доираи муносибатҳои Тоҷикистон // Маҷаллаи “Сиёсати хориҷӣ”. – 2014. – №1. – 190 с.
3. Маълумот оид ба ширкат-стартапҳои бузургтарини эстонӣ дар сомонаи Агентии сармоягузории Эстония. [Манбаи электронӣ]. URL: https://investinestonia.com/the-full-list-of-estonian-unicorns/ (ба забони англисӣ)
4. Маълумотномаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омори савдои Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ барои соли 2023.
5. Маълумотнома дар бораи «Иқтисоди Эстония» аз Донишномаи Википедия. [Манбаи электронӣ]. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Economy_ of_Estonia (ба забони англисӣ)
6. Маълумотнома дар бораи Ҷумҳурии Эстония дар сомонаи расмии Эстония. [Манбаи

электронӣ]. URL: https://www.eesti.ee/ru/estonskaa-respublika/estonskaa-respublika/estonskaa-respublika (ба забони русӣ)

7. Маълумотнома дар бораи Эстония аз Донишномаи Википедия. [Манбаи электронӣ]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%AD%D1%81% D1%82% D0%BE%D0%BD%D0%B8%D1%8F (ба забони русӣ)

8. Маълумотномаи "Муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо Эстония" дар сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/1386/ munosibathoi-tojikiston-bo-estoniya

9. Мулоқот бо Сарвазири Ҷумҳурии Эстония Андрус Ансип // Садои мардум. – 2013. – 8 май. – №55.

10. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Синоро мавриди истифода қарор доданд // Садои мардум. – 2022. – 1 сентябр.

11. Пресс-релизи "Рушди ҳамкории Тоҷикистон ва Эстония дар соҳаи сайёҳӣ баррасӣ гардид" дар сомонаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://tajsohtmon.tj/tj/navidho/10808-rushdi-amkorii-toikiston-va-estoniya-dar-soai-saye-barras-gardid.html

12. Пресс-релизи «Ҳамкорӣ бо Оҷонсии Эстония» аз сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://tnu.tj/index.php/tj /amkor-bo-o-onsii-jestonija/

13. Хабари «В Душанбе прошел таджикско-эстонский бизнес-форум» [Манбаи электронӣ] // Сомонаи Агентии иттилоотии Avesta.tj. URL: https://avesta.tj/2013/05/07/v-dushanbe-proshel-tadzhiksko-estonskij-biznes-forum/

14. Хабари «Вохӯрӣ бо Сафири Эстония» дар сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/5119/vokhuri-bo-safiri-estoniya

15. Хабари "Изҳороти матбуотии Сарвазири ҶТ Оқил Оқилов дар нишасти матбуотӣ" [Манбаи электронӣ] // Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон "Ховар". URL: https://khovar.tj/2013/05/iz-1203-oroti-matbuotii-sarvaziri-1206-t-o-1179-il-o-1179-ilov-dar-nishasti-matbuot-1251/

16. Хабари «Нахустин машваратҳои сиёсӣ миёни вазоратҳои корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Эстония» дар сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view /4083/nakhustin-mashvarathoi-sijosi-mijoni-vazorathoi-korhoi-khorijii-tojikiston-va-estoniya

17. Хабари «Суҳбати телефонии вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Эстония» дар сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/ 13692/suhbati-telefonii-vazironi-korhoi-khorijii-jumhurii-tojikiston-va-jumhurii-estoniya

18. Хабари «Ҳамкориҳои байнипарламентӣ яке аз қисматҳои муҳими муносибатҳои байнидавлатӣ мебошад» [Манбаи электронӣ] // Сомонаи рӯзномаи «Садои мардум». URL: https://sadoimardum.tj/ma-lisi-ol/ma-lisi-namoyandagon/amkori-oi-bajniparlament-yake-az-ismat-oi-mu-imi-munosibat-oi-bajnidavlat-meboshad/

19. Хабари "Эстонские предприниматели ищут бизнес-партнёров в Таджикистане" аз сомонаи платформаи "Диалог: Таджикистан и мир". [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.dialog.tj/news/news168

20. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва Қасри Арбоб (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли соли 2012). – Китоби 12. / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 390 с.

21. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва 20-солагии истиқлол (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011). – Китоби 11. / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012 – 392 с.

22. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва соли Имоми Аъзам (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009). – Китоби 9. Нашри дуюм./ А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.

УДК:37.012

# НЕРӮИ ҲОФИЗА ВА ТАҚВИЯТИ ОН ДАР ТАФАККУРИ ШОГИРДОН

**Хоҷа Қурбон Тохирӣ** – профессори кафедраи фарҳанг ва забони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Доктори илмҳои педагогӣ.

# ЗНАЧЕНИЕ ПАМЯТ И ЕЁ ВОССТАНОВЛЕНИЕ В МЫШЛЕНИЕ МОЛОДЁЖИ

**Ходжа Курбон Тохири** - профессор кафедры культуры и языка Международного университета туризма и бизнеса Таджикистана. Доктор педагогических наук.

# THE SIGNIFICANCE OF MEMORY AND ITS RESTORATION IN THE THINKING OF YOUTH

**Khoja Kurbon Tohiri** - professor of the Department of Culture and Language of the International University of Tourism and Business of Tajikistan. Doctor of pedagogical sciences.

**E-MAIL:** nazarov-6888@mail.ru

**Аннотатсия:** Дар мақола сухан дар боби неруи ҳофиза ва тақвияти хотираи шогирдон меравад. Муаллиф дар асоси аснод ва далелҳои муътамади назарӣ ва амалӣ фикру андешаҳои хешро собит намудааст. Зарурият ва моҳияти ин нигошта дар он аст, ки солҳои ахир бо иллати зиёд гардидани маҷмуи ахбор ва дигар воситаҳои технологияи муосир неруи хотира ва ҳофизаи шогирдон заиф гардида, сатҳи дониш вафаҳмиши онон коста гардидааст. Дигар омиле, ки ба ин костагӣ зам гардидааст, зуҳуроти бедиққатӣ, фаромӯшхотирӣ ва сайқал надодани аркони бахотироварист. Муаллиф баъзе роҳҳои бартараф намудани ин ноқисиҳои ақлониву захираи зеҳнии шогирдонро то алоқадре дар паҳуҳиши илмии хеш роҳандозӣ намудааст, ки барои хонанда ва муҳаққиқони навомӯз кӯмаки амалӣ мерасонад.

**Калидвожаҳо:** хотир, тафаккур, замир, машқу тамрин, неру, нақш, ҳаёту мамот, панд ва андарз, шадид, оҷиз, лавҳача, мумӣ, фарзия.

**Аннотация:** Предлагаемая статья посвящена о проблеме особенности значение памяти и её сохранении и воспоминание в жизни человека в основном молодым поколением. Автор на основе теории и практические занятии приводят ряд примеров и цитат из наследия знаменитых мыслителей и доказывает, что при воспитании и учебы, подрастающие поколение особо надо отдать усилие на внимательным, наблюдение, сохранение и воспоминание памяти. Статья имеет огромные значение для читателей и начинающий педагогов.

**Ключевые слова:** мышление, повторение, сохранение, восстановление, воспоминание, забывание, значение, факты, события

**Key words:** thinking, repetition, preservation, restoration, recollection, forgetting, meaning, facts, events

**Annotation:** This article is devoted to the problem of the particular meaning of memory and its preservation and recollection in human life, mainly by the younger generation. The author, based on theory and practical exercises, provides a number of examples and quotes from the heritage of famous thinkers and proves that when educating and studying, the younger generation must especially devote effort to attentive observation, preservation and recollection of memory. The article is of great importance for readers and novice teachers.

Инсон ҳангоми тавлид дорои ягон неруи ақлонӣ: шуур, ҳофиза ва хотира нест. Ҳама унсурҳои донистан, дарку эҳсос ва маърифат намудани олами беруна дар замиру ботину басирати ӯ тадриҷан падид ояд ва ташаккул ёбад. Баҳри донистану ба қиёс гирифтану шинохтани олами ашёҳо дар инсон неруи ҳофиза нақши бориз дорад. Шахс ҳама чизе, ки тасаввур менамояду ба хотир меоварад, натиҷа ва самараи таҷрибаи ҳаётии ӯст, ки зимни дидану омӯхтан, ба мушоҳида гирифтан, пурсишу саъю кӯшишҳои ӯ ҳосил мегардад. Дар ҷомеа афроде ҳастанд, ки аёми кӯдакии худро басо хуб дар хотир доранд. Вале таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳо дар соҳаи таълиму тадрис дар боби равоншиносӣ собит намуд, ки на ҳама ашхос гузаштаи хеш: даврони кӯдакӣ, наврасӣ ва ҳатто ҷавонии худро ба ёд оварда метавонад. Чунин фаромӯшхотирӣ ба ақлу шууру хиради инсон таъсири манфӣ мерасонад. Зеро ҳофиза асоси хирад ва ҷавҳари шахсияти инсонро ташкил медиҳад. Ба неруи ҳофиза аёми гузашта дар шакли дониш, симоҳо, афкору андешаҳо, амалиётҳо, ҳаракату малакаю дилбастагиҳо эҳё мегардад ва дар тасаввури инсон акси аёну ноаёни хешро мегузорад. Бахусус, аз хотираи аёми кӯдакӣ он лаҳзаҳое боқӣ мемонанд ва нақши худро мегузоранд, ки ӯро бештар мутаассир карда буданд ва ё ба ҳаяҷон оварда анд. Бино бар ин, неруи ҳофизаро дар замири кӯдакон парваридан ва тавассути машқу тамрин, вирду зикр тақвият додан ва бар ҳукми одати ҳамешагӣ табдил додан вазифаи ҳар як оила ва парваришгарони дабиристонҳову мактабҳои умумии таҳсилоти ҳамагонист.

Ҳангоме ки дар бобати тақвияти неруи ҳофиза, сайқал додани он ва нақшу моҳияти он дар ҳаёту мамоти инсон ҳарф мезанем, пеши назар хотирот аз " Ёддоштҳо"– и устод Садриддин Айнӣ меояд, ки боре бар иллати фаромӯшхотирӣ " Шаҳд" – и танбеҳи шадиди падарро чашида, дар боқии умр ҳушёру зираку оқил ба воя расида, ба ҷомеа хизматҳои арзанда карда, асарҳои судмандеро ба хонанда ирсол намудааст. Устод ин лаҳзаро чунин ба хотир меоварад:

" Дар наздикии деҳаи мо Сари Пули Эшон ном бозорчае буд, ки аз хонаи мо ду километр дурӣ дошт. Рӯзе маро падар ба он ҷо фиристод, ки намак харида орам. Дар бозгаштам аз бозор аз шиносҳои падарам касе ба ман вохӯрда чанд гап таъин кард, ки ба падарам гӯям. Ман то ба хона омадан на танҳо суханони ӯро, ҳатто худи ӯро низ аз хотир баровардаам.

Вақте ки падарам аз шиносҳо дар бозор киҳоро диданамро пурсид, он одам ба ёдам омад ва ба ӯ хабар додам, ки фалониро дидам.

Чӣ гуфт?- гуфта пурсид падарам.

Чун ҳамаи гапҳои вай аз ёдам баромада буданд, дар ҷавоби ин пурсиш чанд даҳан гап аз худ сохтаву бофта гуфтам.

Магар он суханони ман бемантиқ ва дурӯғ буданашон зоҳир будааст, ки падар боз пурсид:

–Шояд гапҳои дигар гуфта бошад?

–Не, ҳамин тавр гуфт, - гӯён дурӯғи худро таъкид кардам.

Баъд аз чанд рӯзи дигар он одам ба хонаи мо омад. Падарам баъд аз ба меҳмонхона дароварда шинонидани ӯ маро ҷеғ зада, ба пеши ӯ шинонд ва аз вай

пурсид:

–Шумо ба воситаи ин ба ман чиҳо гуфта фиристода будед?

Ӯ гапҳои таъинкардаашро нақл кард, ки аз гапҳои ман гуфтагӣ тамоман дигар буданд. Ман аз хиҷолат дар зери обу арақ мондам. Падарам аз гӯши ман сахт дошта, тоб дода истода ба ман гуфт:

- Баъд аз ин ҳар чизро, ки бинӣ, бодиққат зеҳн монда нигоҳ кун, ҳар гапро, ки мешунавӣ, бо диққат гӯш андоз ва агар касе ба ту чизе гӯяд, ё коре фармояд, фаҳмида бошӣ ҳам, дубора пурсида ба ёд гир. Ва эҳтиёт кун, ки гап аз ёдат набарояд. Аммо ҳеҷ гоҳ дурӯғ нагӯй, ки ҳам шарманда мешавӣ ва ҳам бадном. Ҳоло ту ду гуноҳ дорӣ – якум он ки гапи таъинкардаро аз ёдат баровардӣ, дуюм он ки ба ҷойи он гапҳо аз худ дурӯғ бофта гуфтӣ. Агар ҳамон вақт ту " гапҳои таъинкардаашро фаромӯш кардам" мегуфтӣ, ман туро ба пеши ин кас шарманда намекардам. Рав, бозӣ кун!...( 4, с. 162).

Чунин сабақу панди тарбияи Шарқӣ гумон мекунам бояд дастуру маншури ҳар як волидайну аҳли парвариш бошад, ки кӯдаконро аз аёми хурдсолӣ ба хотир гирифтану дар хотир нигаҳ доштан ва минбаъд дар мавриди зарурат ба хотир оварданро ба ҳукми одат дароранду наврасонро аз кизбу дурӯғу туҳмату буҳтон, ки оқибати зиштеро ба бор орад, парҳезгорӣ биёмӯзанд. Бинед, ки устод Айнӣ баъд аз ин панди падар натиҷагирӣ ва хулосаи хешро чунин иброз медорад:

Ин танбеҳи падарам барои ман як таълими бисёр фоидаманд шуд, ки дар ҳаётам таъсири калон кард ва маро ба диққаткорӣ тарбия намуд, фаромӯш накардани гапҳо, ҳодисаҳо, чизҳои дида ва шунида ва шинохти одамонро ба ман ёд дод. Гапҳо, ҳодисаҳо ва хотираҳоеро, ки ба ман каму беш таъсир карда бошанд, аз ёд набаровардаам. Ҳарчанд дар 10 – 12 соли охирӣ қувваи ҳофизаам хеле суст шуда, гапҳо ва чизҳоро фаромӯш мекардагӣ шуда бошам ҳам, аммо хотираҳои пештара қариб ҳамагӣ дар ёдам нақш баста мондаанд. Ин натиҷаи ҳамон танбеҳи падар аст, ки ман дар паси вай ба идмони ( машқу тамрин) хотира ва ҳофиза машғулӣ намудам (4, с. 162).

Лаҳзаи дигари панди падар, ки устод Садриддин Айниро барои ба хотир гирифтан, дар хотир нигоҳ доштан ва минбаъд ба хотир овардан тӯли як умр водор намуд, ҳини сафар ба Бухорост:

Падарам як сол пеш аз вафоташ хост, ки маро Бухоро бурда, шаҳрро тамошо диҳад ва ман чанд рӯз дар пеши акаам монда ба истиқомати мадраса омӯхта шавам, то ки соли оянда барои хондан аз аввали таҳсил ба шаҳр равам. Бо ин ният ӯ дар яке аз рӯзҳои зимистон ба хар савор шуда, маро ба қафои худ савор карда ба роҳ даромад.

Чун мо аз Янгӣ ном манзил, ки дар байни Вобканд ва шаҳри Бухорост, гузаштем, хар ба канори роҳ баромада дар зери як дарахти бед истод. Падар харро бо ҷӯбзании бисёр аз он ҷо ҳаракат дода ба роҳ даровард ва ба ман гуфт:

–Соли гузашта баҳорон, вақте ки ба шаҳр мерафтам, ба сари бозори Янгӣ нафуромада, ба зери ҳамин дарахти бед фуромада худ нон хӯрда ва харро ҳам дам дода будам. Аз миёна қариб як сол гузашта бошад ҳам, ҳанӯз он воқеаро аз ёд набаровардааст ва мехоҳад, ки боз дар ҳамон ҷо вайро дам диҳам, бино бар ин, аз он ҷо гузаштан нахост.

Падар баъд аз дақиқае хомӯш мондан боз ба гап даромад:

Хар аз одаме, ки чизҳои дида ва шунидаашро аз ёд мебарорад, беҳтар аст. Диққат кун, ки ҳеҷ чизро аз ёд фаромӯш накунӣ!

Падарам бо ин таълими дар боло нақлкардашудаи худро бо як мисоли бисёр содаи авомона таъкид ва зернишин карда буд ( 4, с. 163).

Чунин мисолҳо дар таърихи афкори мардуми Аҷам бешуморанд. Вале муасаллам он аст, ки чунин равия ва савияи ҳифзу хотирнигориро аз айёми хурдӣ то ба камолот дар вуҷуду замири насли наврас бояд парварида шавад, вагарна ба рақобати сангини талаботи ҷомеа гирифтор хоҳем шуд, киояндагон ин гуноҳи азими моро нахоҳанд бахшид.

Мусалламан, тавассути бахоировариҳо инсон гузашта ва имрӯзаи хешро пайванд медиҳад, амалҳои худро дар асоси таҷрибаи андӯхта, захираи дониши қаблан ҳосилнамударо матраҳ месозад. Вагарна мо оқилони лаҳзаина ва оҷиз аз ҳама чизи омӯхташудаем, ки на андешаронӣ карда метавонем ва на хешро мешиносему на дигаронро. Гузашти айёми ҳар як фард ба шахсияти ӯ таъсири бузург мерасонад, ӯро водор менамояд, ки сухан андешида бояд гуфт ва ҳаракат писандида бояд кард. Ва агар филмасал инсон қобилияти дар хотир ҳифз намудани таҷрибаи ҳаётии гузаштаро намедошт ва захира карда, сониян, ба ба харҷ намедод, мавҷудияти он зери хатар мемонд.

Ҳанӯз дар айёми бостон моҳияту зарурати неруи ҳофизаро дар фаъолияти руҳии инсон дар натиҷаи муқоиса дарк карда буданд. Ҳарчанд ки тасаввурот ва андешаҳо дар бобати неруи ҳофиза дар ибтидо содалавҳона ва бе асноду далоил бошанд ҳам, аз баъзе самтҳо комилан дуруст буданд. Масалан, ба андешаи Афлотуни Юнонӣ, дар замири ҳар як инсон ( шояд майна ва хосияти онро дар назар дорад, Х.Қ.) лавҳачаи мумиёие мавҷуд аст, ки ба воситаи он сухани шахси дигар ҳифз карда мешавад. Ин лавҳачаҳо дар замири баъзеҳо калонтар, дар баъзеҳо хурдтар маъво гирифтаанд. Яке аз мумиёи тозаву дигаре аз мумиёи ифлос, савумӣ аз мумиёи нарму гарм. Ва шахсоне ҳастанд, ки лавҳаи мумиёияшон аз ҳама ҷиҳат мувофиқи матлаб аст. Ба ақидаи ӯ, мо ҳар чизеро, ки аз дидаву шунидаамон ё эҷод кардаамон дар хотир гирифтан хоҳем, ба он мум чун муҳр нақш мекунонем. Ва он чӣ дар ин мум нақш бандад, мо дар хотир дорем, медонем, то айёме, ки нақш рӯйи он лавҳа барқарор аст ва агар зудуда шавад, он вақт ба гӯшаи фаромӯшӣ супорем ва дигар надонем, ки чӣ буду чӣ монд.

Ҳофизаи шахсе хуб аст, ки – менависад боз Афлотун, – дар замирашон мум фаровон, нарм ва басо часпон аст... ин гуна одамон нишонаҳои эҳсосотро ба ҳам наёмезанд ва ҳамеша ақидаи ҳақиқӣ доранд.

Таълимоти сода ва ибтидоии Афлотун дар бобати лавҳачаҳои мухталифи мумӣ (“эйдос”) ва нақшҳои рӯйи он ( “ энгамм”) – нахустин фарзияест доир ба моҳияти неруи ҳофиза. Вожаҳои зикргардида асрҳо боз дар афкору андешаҳои олимони равоншинос ва устодони соҳаи парвариш роиҷ буда, дар саҳафоти осори илмию пажуҳишии онон роҳандозӣ мегардад. Ва дигар ин ки фарзияҳои Афлотун низ тамоман аз тахаюлоту андеша дур набуда, баъзе заминаҳои воқеиро доро мебошад, ки ҷалби таваҷҷуҳ аст:
Яум, ҳофиза нақш аст; дуюм, марбут ба хосиятҳои руҳии одамони гуногун қобилияти нақшкунонӣ низ мухталиф аст; сеюм, ҳофизаи манфӣ ба раванди тафаккур таъсири манфӣ мерасонад ва ашхосе, ки ҳофизаашон устувор нест, дар ҳаллу фасли мушкилоти ақлӣ сустӣ зоҳир намуда, андешаҳои муғлақ ва ғалат баён менамоянд (3, с. 76).

Маъмулан, ибораҳои “ нақш бар санг,” “ нақш бар гил,” “ нақш бар матоъ” ва амсоли он маъмул буда, мавриди истифодаи хосу ом аст. Табиист, ки чунин нақшро дар майнаи инсон низ мавриди истифода қарор додан бозгӯйи ҳамон андешаҳои ҳакими Юнонист.

Олими равоншиноси рус В. Б. Гречкин ҳанӯз соли 1979 чунин нигошта буд: “ Ҳофиза ин нақш аст. Нақшест, ки қобилияти бо рамзҳо маҳфуз доштани иттилоот аст, ки дар шароитҳои муайян метавон онро аз система бидуни таҳриф бурун овард; ҳофиза – нигоҳ доштани ахбор дар бораи сигналест, ки амали он қатъ ёфтааст, қобилияти андӯхтан, нигоҳ доштан ва дар шароитҳои муайян барқарор намудани тағйиротест, ки ангезаҳои пешин ба вуҷуд овардаанд”( 6,48).

Аз ин андеша чунин бармеояд, ки В.Б. Гречкин бо гузашти асрҳо бо Афлотун ҳамақида буда, дар хулосаи ӯ оид ба неруи ҳофиза ихтилофи казоие нест. Ин албатта, бар он маънӣ нест, ки аз давраи Афлотун то ба- дин айём пажуҳише дар боби неруи ҳофиза ба анҷом нарасида бошад. На хайр. Олимон ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардида истодаанд,вале бо вуҷуди ин, мушкилоти неруи ҳофиза барои ҳаллу фасл намудани фаъолияти мағзи сари инсон, хосиятҳои майна, физиологияи руҳ барои инкишафи биология ва тиб, педагогика ва психология, анропология ва кибернетика,

генетика ва ташкили самараноки меҳнати фикрӣ ва ҷисмонӣ басо муфид аст.

Роберт Шелдрик – олими бахши муҳит ва зист дар асари хеш " Илми ҷадиди ҳаёт"собит менамояд, ки тарзи тафаккури мо на танҳо бар авзоъ ва аҳволи худи мо, балки бар ҳамаи зеҳни башарият таъсир мерасонад. Шелдрик барои исботи назарияи хеш аз далоили илмӣ ва таҷрибаҳои зиёди амалӣ ба натиҷа ва хулосае омадааст, ки " Ҳофиза ва шуури инсон танҳо дар мағзи сар захира нашуда, балки чизе бо номи " шуури ҷамъӣ" низ вуҷуд дорад, ки инсонҳо ба василаи неруи хос бо ҳам дар иртиботанд (6, с. 87).

Таърих башорат медиҳад, ки дар зумраи мутафаккирони салаф хирадмандоне арзи вуҷуд карда будаанд, ки неруи ҳофизаи қавӣ ва фавқулодда доштаанд ва ҳамасрони онҳо бо некӣ аз онҳо ёд кардаанд. Масалан, Шаҳрварзӣ дар бораи неруи қавии ҳофиза доштани Умари Хайём чунин менигорад: " Хайём ҳофизаи бисёр қавӣ дошт ва ҳар китоберо, ки чанд бор мурур мекард, матолиби он ва гоҳе матни ибороти онро низ ҳифз мекард, чунонки дар замони иқоматаш дар Исфаҳон як китобро ҳафт маротиба мурур кард ва баъд аз муроҷиаташ ба Нишопур онро аз ҳифз хонд ва баъд аз муқобала маълум шуд, ки бо асли нусха ихтилофи чандоне надорад"(2, с.145).

Ё ин ки Мир Алишери Навоӣ дар тазкираи хеш " Маҷолис –ун – нафоис" дар хусуси неруи ҳофизаи қавӣ доштани Бадриддин Ҳилолӣ чунин баҳо медиҳад: " Мавлоно Ҳилолӣ аз авлоди турк аст. Қувваи ҳофизааш хеле хуб аст, табъаш ҳам монанди қувваи ҳофизааш мебошад. Хоҳиши хондан дорад, умед аст, ки тавфиқ меёбад" (1, с. 32). Ҳамзамони дигари Ҳилолӣ муаллифи " Бобурнома" – Заҳириддин Бобур чунин қазоват мекунад: " Қувваи ҳофизааш хеле қавӣ будааст. Мегӯянд, ки аксарияти абёти хамсатайнро ( " Хамса" – и Низомӣ ва "Хамса" –и Хусрави Деҳлавӣ) аз ёд медонад" (1,33). Чунин мисолҳо аз таърихи афкори педагогӣ ва психологии мардуми сарзамини Шарқ бешуморанд.

Омӯзиш ва пажуҳишҳо собит намуданд, ки танҳо як соҳаи илм ( педагогика, психология, улуми табиии, риёзиёт ва амсоли он) қодир нест, ки паҳлӯҳои мухталифи неруи ҳофизаи инсонро кашф ва ҳаллу фасл намояд. Танҳо метавон дар ҳамҷоягӣ ва ҳамбастагӣ ва озмоишу лабораторияҳои низоми фаъолияти руҳии инсон ин мушкилотро матраҳ намуд. Чунки ҳар як илм ба фаъолияти руҳу майнаи инсон аз дидгоҳи хеш наздик мешавад ва ҳол он ки ба ҳарфи Хайёми Нишопурӣ:

Асрори азалро на ту дониву на ман,
Ва ин ҳарфи муаммо, на ту хониву на ман.
Ҳаст аз паси парда гуфтугӯйи ману ту,
Чун парда барафтад, на ту мониву на ман (8, с.10).

## Адабиёт


1. Мирзоев А., Болдирев А.Н., Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 9 мактабҳои миёна. "Маориф," Душанбе, 1976. 299 с.
2. Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих (ҷилди панҷум). Душанбе: "Ирфон", 2011. 244 с.
3. Платон. Собр. Соч. М: Просвещение. Т. 5. 365 с.
4. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо. Қисми 1. Душанбе. 2017. 223с.
5. Психология. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ( тарҷумонҳо: Давлатов М. ва дигарон). Душанбе, "Собириён", 2010. 336 с.
6. Орлов Г.П. Свободное время – условия развития человека и мера общественного богатства. Свердловск, 1989. 346 с.
7. Пудинаев А. Равоншиносӣ. Дастури таълимӣ – методӣ барои низоми кредитии таҳсилот. Нашр. " Офсет"– Империя", 2011. 314 с.
8. Умари Хайём. 100 рубоӣ. Душанбе: Ирфон, 1984.

**УДК:101**

# ОМИЛҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ АНДЕШАҲОИ ТАНҚИДИИ АҲМАДИ ДОНИШ

**Ҳайдаров Абдусамад Алифбекович -** н.и.п., дотсент, мудири кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

# ФАКТОРЫ ФОРМИРОВАНИЯ КРИТИЧЕСКИХ ВЗГЛЯДОВ ДОНИША

**Хайдаров Абдусамад Алифбекович -** к.п.н., доцент, заведующий кафедрой обществоведения Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

# FACTORS IN THE FORMATION OF DONISH'S CRITICAL VIEWS

**Haidarov Abdusamad Alifbekovich** - Associate Professor, Head of the Department of Social Science International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

**E-MAIL:** avsamad@bk.ru

**Калидвожаҳо:** ақибмондагӣ, маорифпарварон, бесаводӣ, бефарҳангӣ, низоми таълиму тарбия, реформа, зиёиёни пешқадам, таҷдид, дастовардҳои илму техника, муносиботи феодалӣ, бесаводии амирон**.**

**Аннотатсия:** Дар мақолаи хеш муаллиф менигорад, ки мутафаккирон сабабҳои асоситарини ақибмондагии Аморати Бухороро, дар зулмот қарор доштани раоёи мамлакат ва бесаводии саросарии аҳолиро дар ҷоҳилӣ ва бефарҳангии сарони давлат медонистанд. Дар радифи намояндагони ин гурӯх, бемуҳобо, маорифпарварон бо сарварии Аҳмад Махдуми Дониш шомил мегардиданд. Муаллиф қайд мекунад, ки нахустин мутафаккире, ки орӣ аз тарсу бим барои дигаргун намудани низоми таълиму тарбия ва умуман, бакуллӣ тағйир додани сохти давлатдорӣ камар баста буд, Аҳмад Махдуми Дониш буд. Ӯ ба ҳаракати маорифпарварӣ асос гузошт, дар атрофи хеш пайравон ва ҳаммаслакони зиёдеро аз ҳисоби зиёиёни пешқадами замони хеш гирд овард. Онҳо сайъ менамуданд, роҳи пешрафти илму фарҳангро пайдо намоянд, низоми таълиму тарбияро таҷдид намоянд ва ба дастовардҳои илму техника шинос гардида, адолатро дар Аморати Бухоро барқарор созанд. Ба андешаи Аҳмади Дониш, сабабҳои асосии қафомондагии низоми маориф дар Аморати Бухоро сохти мавҷудаи давлатдории Манғитҳо, муносиботи феодалӣ, бесаводии худи амирон ва зимомдорони давлат ба ҳисоб мерафтанд.

**Ключевые слова:** просветители, отсталость, неграмотность, необразованность, бескультурье, система просвещения, реформа, передовая интеллигенция, обновление, достижение науки и техники, феодальные отношения, необразованность самих эмиров.

**Аннотация:** В статье пишется, что просветители объясняли основные причины отсталости Бухары и беспросветного существования подданных страны, безграмотностью народных масс, невежеством и бескультурьем верхушки государства. В число представителей этой группы, без всякого преувеличения, входили просветители во глав с их руководителем Ахмад Махдумом Донишем. Автор констатирует, что первым мыслителем, без страха и боязни, ратовавшим за преобразование системы образования и, в целом, за радикальные преобразования управления своей страны, был Ахмад Махдум Дониш. Он, заложив основу просветительского течения, сплотил вокруг себя значительное число единомышленников и последователей, из числа передовой интеллигенции своего времени. Они стремились найти пути развития науки и культуры, обновления системы образования, чтобы приобщиться к достижениям науки и техники, становить справедливость в эмирате Бухары. По убеждению Ахмада Дониша, основными причинами отсталости просвещения в эмирате Бухары были существующий строй правления Мангитов, феодальные отношения и необразованность самих эмиров и правящей верхушки государства.

**Key words:** thinkers, backwardness, illiteracy, ignorance and lack of culture, system of the enlightenment, reform, the leading intellectuals, renovation, achievement of the science and technology, feudal relations, lack of education emir themselves.

Глобализатсия ин кӯшиши таъмини яккутбият мебошад. Он чиро ки Хаас «бекутбӣ» мегуяд, махфидории ҳолати объективӣ, намунаи ягонаи универсалии ғарбиро дар назар дорад. Консепсияи бекутбии Хаас тасаввурот ва гузариш ба ҳолати амрикомарказӣ дар низоми ҷаҳонӣ мебошад ва фазои геополитикии умумиҷаҳонӣ дар тасаввуроти ӯ чунин тасвир шудааст, ки равандҳои калидии ҷаҳонӣ аз ҷониби ягона субъекте идора, назорат ва ба самтҳо равона карда мешаванд, ки он фаъолияти хориҷии худро мустақилона ва дар ҳолати ба худ муносибдида бо ёрии иттифоқчиён ва кишварҳои тобеъ ба Ғарб ба амал мебарорад. Олами яккутбаи пас аз барҳамёбии

Иттиҳоди Шӯравӣ бунёдкардаи Амрико бо назардошти он ки аз ҳисоби буҳрони иқтисодӣ-молиявии охир (2008) ноустувор гардид, дар гузашта намемонад. Амрико дар як вақт суверенитет ва системаи хоҷагидориҳои миллиро вайрон карда, глобализатсияи умумии хоҷагидории ҷаҳониро дар асоси арзишҳои ғарбии англосаксонӣ пеш мебарад.

Оиди эҳтиёҷоти Амрико ба шакли нави идоракунии олам ва «нафасросткунӣ» олимони амрикоӣ Чарлз Капчан ва Адам Маунт дар мақолаи худ «Идоракунии автономӣ»[5,6,8,11] менависанд. Ба андешаи онҳо Амрико нуфузи худро аз даст дода истодааст ва бояд бо назардошти тағйирёбии воқеият дар муносибатҳои худ тағйирот дароварда, ба сохтори давлатҳои гуногун, аз ҷумла ғайридемократӣ аҳамият надиҳад. Талаботи асосӣ – давлатҳо бояд «хубинтизом» ва «масъул» бошанд, ки ин ба шаҳрвандони худ ситамгарӣ накарданро талаб менамояд. Аз рӯйи муайяннамоии муаллифон меъёрҳои «хубинтизомӣ» инҳо мебошанд: давлатҳо бояд ба беҳбудбахшии ҳаёти шаҳрвандони худ тибқи талаботи онҳо кӯшиш намоянд; ба аҳолии худ ситам накунанд; аққалиятҳои миллиро дучори маҳрумият нагардонанд; ба терроризм мусоидат накунанд ва монанди инҳо. Давлатҳои ба ин нишондодҳо ҷавобгӯ набуда «дарранда», яъне ваҳшӣ эълон карда мешаванд ва дар ин ҳолат роҳандозии «ҳуҷуми профилактикӣ ва гуманитарӣ» ба амал омада, боиси эътироф мегардад. Муаллифон менависанд, ки агар давлат «идоракунии худро ба манфиати шаҳрвандони худ ба роҳ монад, ба чунин давлатҳо бояд кафолати истиқлолияти ҳудудӣ дода шавад». Капчан ва Маунт бо истифода аз талаботҳои возеҳ асоснокнакардашудаи «хубинтизомӣ» ва «беинтизомӣ» мафҳуми «давлат-дарранда» — ро фаъол мегардонанд, ки чунин давлатҳо дар қиёс бо давлатҳои «саркаш» ягон имконияти мавҷудияти шоиста надоранд. Яъне ки «дарранда» маҳкуми маҳв мегардад, дар ҳоле ки «саркаш» бошад бо муҳосира ва фишор раҳоӣ меёбад. Нисбат ба талаботи демократикунонӣ дида ин меъёрҳо барои бунёди заминаи дахолати беруна муосидат мекунанд. «Рафтори ваҳшиёнаро» бо ҳар роҳ метавон ба вуҷуд овард, ки амали ҷавобиро ба дунбол хоҳад овард. Дар ягон давлат тоифа ё гурӯҳе вуҷуд надорад, ки аз чизе шикоят нанамояд. Рафти даҳсолаҳои охир нишон дод, ки ба шумори «дӯстон» ва «даррандаҳо» ворид гардидан аз рӯйи сатҳи тобеият ва кушодагӣ дар муносибат бо Амрико ва омодагии ба он «туҳфа» кардани захираҳои табиӣ муайян мегардад. Давлатҳои нофармонбардор ва дорои захираҳои бой метавонанд сазовори тамғаи «дарранда» гарданд, ки ин метавонад аз пайи худ дахолати берунаро ба вуҷуд орад, давлат ё қисми ҳудуди он зери тобеият ва идоракунии беруна гузарад. Аз он ки ба давлатҳои «хубинтизом» суверенитетро лоиқ мебинанд, фақат ба онҳо боварӣ карда мешавад, ки давлатҳои «даррандаро» ҷазо диҳанд. Аз эътирофи муаллифон бармеояд, ки Ғарб дигар имконияти дар алоҳидагӣ идоракунии оламро надорад. Онҳо қайд мекунанд, ки қувваи Ғарб барои идоракунии бевоситаи олам (автономӣ ва бовосита лозим) намерасад.

Онҳо интиқоли ваколатҳоро ба берун аз Ғарб (ба ғайр аз ШМА – Аврупо – Ҷопон), бартариятан ба сохторҳои минтақавӣ зери роҳбарии кишварҳои «хубинтизом» ва «масъули» «ғайридемократӣ» дар шакли «идоракунии бисёрҷониба» эътироф мекунанд. Маҳз, ба субъектони минтақавӣ интиқол додани ваколатҳо дар ҳалли мушкилоти оламро муносиб мебинанд. Яке аз вазифаҳои интиқоли ваколатҳо ба сохторҳои минтақавӣ дар зери роҳбарии кишварҳои авторитарӣ ин ба сарфакорӣ маҷбурнамоии онҳо ва маҳдудкунии рушди иқтисодии рақибон мебошад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки аз ташкилотҳои минтақавии Авру-Осиё ёдовар намешаванд, дар ҳоле ки Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва Ташкилоти Шартнома оид ба амнияти дастаҷамъӣ (ТШАД) дар бартарафсозии буҳронҳои минтақавӣ пуриқтидор ва босамар мебошанд. Фикр мекунам, ки муаллифон бо такя ба бартарияти манфиатҳои ғарбӣ ва нодидагирии априории воқеияти муосир дар коркарди «идоракунии автономии» худ пешакӣ хостаанд, ки дар дохили ташкилотҳои мазкур кишварҳои «нохубинтизом» вуҷуд дошта бошанд.

Капчан ва Маунт талаб менамоянд, ки ташкилотҳои ғарбӣ (НАТО) бигзор берун аз ҳудудҳои минтақавии худ фаъолият накунанд ва ҳалли мушкилот дар дигар гӯшаҳои олам ба таври «идоракунии автономӣ» — ба кишварҳои ғайриғарбӣ ва авторитарӣ вобаста карда шавад. Чунин вонамуд мешавад, ки гуё институтҳои пештара ташкилкардашуда вуҷуд надоранд.

Муҳаққиқони амрикоӣ ошкоро қайд мекунанд, ки «Бо ба ҳисобгирии он далеле, ки амалиётҳои дар Ироқ ва Афғонистон идомаёфтаистода аз Ғарб хароҷоти зиёдро талаб мекунад, махсусан дар шароити бухрони иқтисодӣ ба ташкилотҳои минтақавӣ вогузор кардани ваколатҳои васеъ ба демократияҳои атлантикӣ имкон медиҳад, ки қисми бори гаронро бар души дигар иштирокчиёни раванди ҷаҳонӣ гузошт». Ба кишварҳои ғайриғарбӣ ва ғайрилибералӣ вогузор кардани вазнинӣ маънои онро надорад, ки Ғарб аз нақшаҳои моҳиятан тағйирнаёбандаи худ даст мекашад. Ин як танаффуси беш нест, ки Капчан ва Маунт ба Амрико эълон карданиянд: «Парвариши иштирокчиёни нави раванди ҷаҳонӣ, ба бозингарони минтақавӣ ваколатгузорӣ кардани масъулият аз болои муносибатҳои байналхалқӣ ва ҳамчунин гузариши иқтисоди ҷаҳонӣ ба таҳкурсии нисбатан устувор ба ШМА танаффуси лозимаро муҳайё мекунанд, то ки барои барқароркунии таҳкурсии пешрафти миллӣ худро ба даст гиранд».

Глобализатсия характери бухронии сармояандузии глобалӣ мебошад. Бо сармоякунонии Хитой ва кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки олам пурра капиталистӣ гардид, глобализатсия барои сармоя дигар ҳудудҳои нав пайдо кунонида наметавонад. Амрико низ дигар қувват ва воситаҳои бе ҷанг идоракунии оламро надорад. Қариб чоряк аср инҷониб ҳарчи қадар Амрико ҳарбӣ кунонида шуда истода мавқеи оламро «танг» карда истодааст, ҳамон қадар мавқеъ ва иқтидори худро низ маҳдуд ва аз даст дода истоддаст. Акнун Капчан ва Маунт шабеҳи «олами бекутбаи мувофиқакардашуда» — и Ричард Хаас бо каме тафовут ва шеваи дигар аздастравии қобилияти гегемонии Амрикоро дар тақсимнамоии уҳдадориҳо ба якчанд субъектони қавӣ – ҳамчун ақибнишинӣ дар шакли идоракунии автономии олам институтсионалӣ карданро тавсия менамояд. Ҳифзи манфиатҳои глобалии Амрико ба роҳбарияти давлатҳои бузурги ғайримузофотӣ вогузор карда мешавад, ки онҳо бо дарёфти ваколат ва ҳуқуқҳои муайян метавонанд дар муайяннамоиву муҷозоти «даррандаҳо», азхудкунии мустақилият ва захираҳои онҳо иштирок намоянд ва аз ҳиссаи маҳсулоти глобалии мусодирашуда баҳраманд гарданд. Ҳамин тавр як «плюрализми коллективӣ».

Ба ғайр аз ташкилотҳои минтақавии ТШАД ва ТҲШ, муаллифон Хитойро низ «надидаанд», ки он нақши тобеъро қабул намекунад. Капчан ва Маунт дар масъалаи чӣ тавр ба шакли автономии идоракунии олам (ШАИО) ҳамроҳ кардани Хитой ҷавоб дода наметавонанд.

Олимони амрикоӣ дар доираи геополитикаи заиф мулоҳиза меронанд, ки вазифаи он ба дигар тараф бурдани диққат аз болои сохти воқеии олам мебошад. Тибқи геополитикаи заиф, пас аз фурупошии девори Берлин, пас азбайнарвии динамикаи ҳифзи статус- квои фарҳангҳо фарҳанги ғарбӣ умумиҷаҳонӣ мегардад. Баҳр, ки хушкиро шуста вайрон мекунад, глобализатсия ҳам ҳаммонандиҳои миллӣ-маҳаллиро ҳамшакл мегардонад. Гӯё, дигар сарбанди ҷаҳонӣ вуҷуд надорад. Аммо, худи далелҳои авзои воқеияти муосир ба чунин муносибат ва нигоҳи амрикоӣ ба олам мухолифт мекунанд. Тасдиқ кардан мумкин аст, ки гузариш ба ШАИО интиқоли Ғарб ба олами нав мебошад, ки дар он мақоми бузургқудрати ягона вуҷуд дошта наметавонад. Идомаи пирӯзии хотимаёбандаи Ғарб (Амрико) аз чӣ гуна суратгирӣ ва паси саркунии «танаффус» ва ба дарозо кашидани раванди нигоҳдории «роҳбарии олами мувофиқакунонидашуда» вобаста аст.

Чи гунае, ки мо дар баҳодиҳии глобализатсия кӯшиш накунем, вай раванди олами яккутбаро мефаҳмонад. Кӯшишҳои ҳамаҷонибаи рӯйпӯшнамоии хусусияти яккутбии глобализатсия дар баёни «демократикунонии муносибатҳои байналхалқӣ»,

«идоракунии автономӣ», «мувофиқакунонӣ», «бисёрҷонибагӣ» ва ғайра инъикос мегарданд. «Бархурди тамаддунҳо», «Мубориза бар зидди терроризм» ва акнун «даррандаҳо» — ин шиорҳо барои ҳақбарории зуровариe мебошанд, ки Амрико бо ба худ муносиббинии легитимияти болоҳуқуқӣ ва кӯшиши табдили ҳуқуқи зурии худ ба ҳуқуқи универсалӣ дар тамоми гӯшаву канори олам ва дар ҳар лаҳза ба он даст мезанад. Яке аз воситаҳои чунин ҳақбарорӣ истеҳсолоти судии байналхалқӣ ва системаи ҳуқуқии наве мебошад, ки дар сатҳи глобалӣ бар ғояи «ҳифзи ҳуқуқи инсон» асос ёфтааст ва дар амалияи ҳуқуқии байналмиллалӣ ба аз байн бурдани истиқлолият ва системаи ҳуқуқии кишварҳо аз рӯйи принсипи «ғайриқонунӣ, вале легитимӣ» нигаронида шудааст. Хотимаи маҷмӯии асри бист ба таври боварибахш нишон медиҳад, ки ҳама гуна шаклҳо ва натиҷаи яккутбабинии олам харобиовар мебошад. Яке аз муҳимтарин таркиботи ҷаҳонсозии нави амрикоии имрӯза ин мубориза бар зидди терроризми байналхалқӣ мебошад, ки худи Амрико сабабгори пайдоиш ва эквиваленти маънавии он мебошад.

Бо назардошти кӯтоҳшавии вақт, ШМА ҳамчун кластери ширкатҳо ва сохторҳои фаромиллӣ ҳама вақт кӯшиш менамоянд, ки дар як вақт якчанд стратегияро пеш барад. Агарчи Хаас мегуяд, ки ҳокимият дар даст ва маконҳои гуногун қарор дорад, Капчан бошад мегуяд, ки онро бояд ба акторҳои «боэътимод» тақсим кард. Дар ҳарду ҳолат ҳам стратегияи «нафасросткунӣ» дида мешавад. Олами беқутбаи Хаас ин бесарусомонии идорашаванда мебошад, ки яке дигареро пурра менамояд. Ҳолати яккутба дигар имконнопазир аст, аммо бесарусомонӣ ногузир аст, ки системаи нави муносибатҳоро ба вуҷуд меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси Осиёи Марказӣ, ки имрӯз дар геоиқтисод (хатҳои коммуникатсионӣ, уран, газ, тилло, нефт) ва геополитикаи ҷаҳонӣ ҳамчун минтақаи гузаргоҳи нақлиётӣ, захираҳои обӣ, интиқоли мухаддирот ва майдон барои мушкилсозии Россия, Хитой ва Эрону Ҳиндустон марказияти навро касб карда истодааст, дар зери «микроскоп» ва дурбини қудратҳои бузург қарор дорад ва дар канори равандҳои глобализатсионӣ нест ва буда ҳам наметавонад. Бо назардошти он ки имрӯз аз нав ташкилдиҳии Шарқи Наздик ба ҳайси воситаи мубориза баҳри тасарруфи Авруосиё рафта истодааст, сохтор ва қувваҳои манфиатдор ҳаматарафа кӯшиш ва чораандешӣ мекунанд, ки нооромиро дар Осиёи Марказӣ паҳн кунанд, берун бароранд ва бо мушкилсозии Хитой алангаи нооромии минтақаи мазкурро бо алангаи Шарқи Наздикии он аз рӯйи принсипи бесарусомонии муташаккил пайваст намоянд. Аз ин рӯ, шинохти «афзалият» ва номусоидиҳо дар равандҳои таъсирасони глобализатсионӣ падидаҳои навташаккул дар олам хеле актуалист.

## АДАБИЁТ


1. А. Муҳаббатов, Р.Нуриддинов. Асосҳои сиёсатшиносӣ.-Душанбе. 2006.
2. А.О. Чубарян.Цивилизации.-М., 2002.
3. Г.Зокиров.Сиёсатшиносӣ.-Душанбе, 2011с.
4. Гизатуллин Х.Н., Троицкий В.А. Концепция устойчивого развития: новая социально-экономическая парадигма//Обществ наука и современность.-1998г. №5.
5. Глобальные проблемы и преспективы цивилизации. Философия отношений с природной средой: //Сб.// Отв.ред.А.В.Сагадеев.-М., 1994г.
6. Глобальные проблемы и цивилизационный сдвиг: //Сб.обзоров/ Отв.ред.В.Е.Ермолаева.-М., 1993г.
7. Глобальные проблемы как источник черезвычайных ситуаций: Международная конференция 22-23-апреля 1998 года.:Доклады и выступления. Под.ред.Ю.Л.Воробьева.-М.:УРСС, 1998г.
8. Глобальные эволюционализм. (Под.Ред.Э.А.Позднякова).-М.,1994г.
9. М.Г.Делягин. Практика глобализации:игры и правыло новой эпохи.-Москва, 2000г.
10. Права человека и процессы глобализции савременного мира, отв. ред. Е.А.

Лукашева-М.:АСТ
11. Стиглайтс Ч. Ҷаҳонисозӣ ва масоили он.- Теҳрон: Най, 2002. Саҳ.80
12. Холиќов А.Ѓ Ҷаҳонишавї ва манфиатҳои давлати миллї.- Душанбе: Ирфон, 2009.

**УДК:378**

# ВАЗИФАИ ХОНАГӢ ҲАМЧУН ҶУЗЪИ МУҲИМИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ИНФОРМАТИКА ДАР МАКТАБИ МИЁНА

**Сафаров Самандар Сафарбоевич** — муаллими калони кафедраи математика ва информатикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.
**Примов Мухсин Муслимчонович** — муаллими калони кафедраи математика ва информатикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.

# ДОМАШНЕЕ ЗАДАНИЕ КАК ВАЖНАЯ СОСТАВЛЯЮЩАЯ ПРЕПОДАВАНИЯ ИНФОРМАТИКИ В СРЕДНЕЙ ШКОЛЕ

**Сафаров Самандар Сафарбоевич** – старший преподаватель кафедры математики и информатики Таджикского педагогического института в Пенджикенте.
**Примов Мухсин Муслимджонович** – старший преподаватель кафедры математики и информатики Таджикского педагогического института в Пенджикенте.

# HOMEWORK AS VALUABLE COMPONENT OF TEACHING COMPUTER SCIENCE AND SECONDARY SCHOOL

**Safarov Samandar Safarboevich** - senior lecturer at the Department of Mathematics and Computer Science at the Tajik Pedagogical Institute in Penjikent
**Primov Mukhsin Muslimdzhonovich** - senior lecturer at the Department of Mathematics and Computer Science at the Tajik Pedagogical Institute in Penjikent.

**E-MAIL:** muhsin_89_89@mail.ru; Samandar_ss@mail.ru

**Калидвожаҳо:** вазифаи хонагӣ, қобилият, веб – сайт, маҳора, мустақилият, фаъолият..

**Аннотатсия:** Мақола бо мақсади пешниҳоди имкониятҳои вазифаи хонагӣ дар ташаккули дониш, малакаву маҳорат ва ҷаҳонбинии хонандагон пшниҳод гардидааст. Дар мақола муҳим будани вазифаи хонагӣ аз фанни информатика ва бедорнамудани шавқу завқи хонанбагон ба омӯзиши фан мадди назар гардидааст. Муаллифон вазифаи хонагиро дар шароити имрӯзаи таълим зарур ҳисобида пешниҳод менамоянд, ки вазифаи хонагӣ чун анъана барои хонандагон якхел пешниҳод нагардад, вобаста ба сатҳи қобият, дониш ва фаҳмиши хонандагон таҳияи ва пешниҳод гардад. Дар мақола шаклҳои пешниҳоди вазифаи хонагӣ дарҷ гардидааст, ки хусусият ва умумиятҳои он мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Ключевые слова:** домашнее задание, способности, сайт, умение, самостоятельность, активность.

**Аннотация:** Статья предложена с целью предоставления возможностей выполнения домашних заданий в формировании знаний, умений и мировоззрения учащихся. В статье акцентируется внимание на важности домашнего задания по информатике и пробуждении интереса учащихся к изучению предмета. Авторы предполагают, что домашнее задание в современных образовательных условиях необходимо, что домашнее задание не должно предлагаться учащимся в том же виде, как обычно, а должно готовиться и предъявляться в зависимости от уровня способностей, знаний и понимания учащихся. В статье приведены формы подачи домашних заданий, исследованы особенности и общие черты которых.

**Key words:** homework, ability, website, skill, independence, activity.

**Annotation:** The article is proposed with the aim of providing opportunities for completing homework in the formation of knowledge, skills and worldview of students. The article focuses on the importance of homework in computer science and awakening students' interest in studying the subject. The authors suggest that homework in modern educational settings is necessary, that homework should not be presented to students in the same form as usual, but should be prepared and presented depending on the level of ability, knowledge and understanding of the students. The article presents forms for submitting homework, the features and common features of which are explored.

Масъалаи аввалин дараҷаи таълим бо дониш, малака ва маҳорат мусаллаҳ намудани хонандагон дар ҳар давру замон хоҳад буд ва боқи мемонад. Илми педогогика дар ҷустуҷӯи роҳҳои оптималии бадоастории дониш, малака ва маҳорати хонандагон аз ибтидо то имрӯз машғуласт. Яке аз роҳҳои бештар ба фаъолияти хонанда нигаронидашуда, ки ба пайдоиши шавқу завқ ба омӯзиш, ташаккули дониш ва малакаву маҳорат замина мегузорад вазифаи хонигиро қайд намуданд, мумкин аст.

Чи тавре ки дар китоби дарсии педагогика [6] қайд шудааст, зарурати ба вазифаи хонагии хонандагон на бештар аз рӯи ҳалли масъалаҳои соф дидактикӣ (мустаҳкам намудани дониш, такмили маҳорату малака ва ғайра), балки аз рӯи вазифаҳои ташаккули малакаҳои кори мустақилона ва тайёр намудани онҳо барои худомӯзӣ муайян карда мешавад. Вазифаи хонагӣ ҳамчун унсури сохтории дарс барои фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон имкониятҳои васеъ дорад ва захираи то ҳол истифоданашудаи баланд бардоштани самаранокии омӯзиши информатика дар мактаб мебошад. Аммо дар адабиёти педагоги ва методӣ ба масъалаҳои ташкили вазифаи хонагӣ диққати даркорӣ дода намешавад.

Дар китобҳои дарсии педагогика [6, 7] вазифаи хонагӣ ҳамчун яке аз шаклҳои иловагии ташкилии таълим ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки таълими хонагии хонандагон қисми таркибии таълими анъанавӣ мебошад, В. Загвязинский онро ҳамчун шакли иловагии беруназсинфии ташкили таълим тасниф мекунад, ки бояд дарсро ба таври органикӣ пурра намуда, системаи кори дар нақшаҳои мавзӯӣ ва тақвимӣ пешбинишударо ташкил диҳад [5]. Баъзе коршиносон вазифаи хонагии хонандагонро як намуди кори мустақилона мешуморанд (С.А. Пуйман [8]).

Кори таълимии хонагии хонандагон аз дарс пеш аз ҳама бо он фарқ мекунад, ки он тибқи дастури муаллим, вале бе роҳбарии бевоситаи ӯ сурат мегирад. Худи хонанда вақти иҷрои супоришро муайян мекунад, вақт ва суръати корро барои худ мувофиқтарин интихоб мекунад.

**Намудҳои вазифаҳои хонагӣ.** Азбаски ҷанбаҳои назариявии корҳои хонагии хонандагон ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд, дар адабиёти педагогӣ ва методӣ барои таснифоти вазифаҳои хонагӣ асосҳои гуногун мавҷуданд.

Аз рӯи ҳадафҳои дидактикӣ намудҳои зерини корҳои хонагӣ ҷудо карда мешаванд [6, 7, 1]:

– омодагӣ ба дарки маводи нав, омӯзиши мавзӯи нав;

– мустаҳкам намудан ва ба кор бурдани донишҳои дар дарсҳо андӯхташуда, инкишоф додани малака ва қобилият нигаронида шуда;

– мусоидат ба васеъ ва амиқсозии маводи таълимии дар синф омӯхташуда;

– ба ташаккул ва инкишоф додани малакаҳои машқҳои мустақилона нигаронида шуда;

– мусоидат намудан ба инкишофи тафаккури мустақилона тавассути иҷрои супоришҳои инфиродӣ дар ҳаҷме, ки аз доираи маводи барномавӣ берун аст, вале ба имкониятҳои хонандагон мувофиқат мекунад.

Навъи махсус вазифаҳои дорои хусусияти эҷодӣ (навиштани конспект, иншо, кашидани расмҳо, сохтани барномаҳо, таъмири компютер ва ғ.) мебошанд.

Аз рӯи намуди фаъолияти таълимии хонандагон намудҳои зерини вазифаҳои хонагӣ ҷудо карда мешаванд [8, 2]: кор бо матни китоби дарсӣ ва манбаъҳои гуногуни иловагии иттилоот (луғатҳо, матбуоти даврӣ, интернет ва ғ.); иҷрои машқҳо ва навиштани барноҳои компютерӣ; иҷрои корҳои хаттӣ; навиштани реферат ва гузоришҳо ва ғайра. Таҷрибаи муаллимони пешқадам низ мутолиа ва таҳлили маъхазҳои иловагии илмӣ; кори мустақилона бо нашрияҳои даврӣ ва ғайра.

Дар мақола намудҳои зерини вазифаҳои хонагии хонандагон баррасӣ мешавад: инфиродӣ, гурӯҳӣ, эҷодӣ, тартиб додани вазифаи хонагӣ ах тарафи худи хонандагон ва ғ.

Вазифаи хонагии инфиродӣ одатан ба хонандагони алоҳидаи синф дода мешавад. Муаллим метавонад савияи дониши хонандаи мушаххасро тафтиш кунад. Мақсади он метавонадислоҳи донишҳои мавҷуда дар мавзӯи мушаххас, пур кардани камбудиҳои мавҷуда ва ғайра бошад. Инҳо инчунин метавонанд вазифаҳои ихтиёрӣ бошанд, масалан, барои корҳои беруназсинфӣ.

Ҳангоми омӯзиши гурӯҳӣ, як гурӯҳи хонандагон супоришеро иҷро мекунанд, ки як қисми супориши умумии синф аст. Чунин вазифахоро пешакӣ гузоштан бехтар аст.

Кори эҷодӣ ҳамчун як намуди алоҳидаи вазифаи хонагӣ муайян карда нашудааст, вале он бояд ҳамаи намудҳои кори хонагиро муттаҳид созад.

Бояд қайд намуд, ки дар амалияи воқеӣ зиёда аз 80% муаллимон барои тамоми синф як вазифаи хонагӣ медиҳанд ва танҳо баъзан супоришҳои гуногун медиҳанд.

**Се сатҳи корҳои хонагӣ.** Дар [3, 6, 7] истифодаи якчанд сатҳи вазифаи хонагӣ пешниҳод шудааст.

Сатҳи якум ҳадди ақали ҳатмист. Вазифа бояд барои ҳама хонандагон фаҳмо ва иҷрошаванда бошад.

Сатҳи дуюми вазифаи хонагӣ омӯзиш аст. Онро талабагоне иҷро мекунанд, ки мехоҳанд мавзӯъро нағз донанд ва барномаи таълимиро бе душворӣ азхуд кунанд. Дар баробари ин, онҳо метавонанд аз вазифаи дараҷаи якум озод карда шаванд.

Дараҷаи сеюм – вазифаи эҷодӣ – вобаста ба мавзӯи дарс, омодагии синф ва ғайра истифода мешавад. Онро хонандагон, чун қоида, ихтиёрӣ иҷро мекунанд ва бо баҳои баланд ва таъриф ҳавасманд карда мешаванд.

Усулҳои ташкили вазифаи хонагӣ. Аксар вақт супоришҳои хонагӣ ҳамчун марҳилаи мустақилонаи дарс умуман муайян карда намешаванд. Дар айни замон, он

бояд хонандагонро барои мустақилона ва бошуурона иҷро кардани супориш омода созад.

То 80% муаллимон дар охири дарс вазифаи хонагӣ медиҳанд, гарчанде вариантҳои дигар имконпазиранд: дар аввали дарс, дар мобайн, дар давоми дарс.

Бо назардошти хусусияти мавзӯъ (корҳои интерактивии компютерӣ), вазифаи хонагӣ бояд бо назардошти мавҷудияти хонандагон дода шавад. Вазифаҳое, ки компютерро талаб намекунанд, тавсия дода мешавад.

Вазифаи хонагӣ бе роҳбарии бевоситаи муаллим сурат мегирад ва бинобар ин барои бомуваффақият иҷро намудани он шароити зарурӣ фароҳам оварданро талаб мекунад. Яке аз ин шартҳо мавҷудияти он мебошад.

С.А. Пюйман қоидаҳои асосии супоришҳои хонагиро ба таври зерин пешниҳод мекунад [8]:

- барои вазифаи хонагӣ бояд вақти махсус ҷудо карда шавад;
- супоришҳо бояд бо диққати томи тамоми синф дода шаванд;
- вазифаи хонагиро бояд ҳама бидуни истисно фаҳманд;
- талабагон бояд на фақат чӣ кор кардан, балки чӣ тавр кор карданро ҳам донанд: китоби дарсиро чӣ тавр хондан, ба ҳалли масъала чӣ тавр шурӯъ кардан лозим аст ва ғайра.

Дар амалияи мактабӣ ҳангоми додани вазифаи хонагӣ намудҳои зерини таълим инкишоф ёфтаанд: пешниҳод оид ба иҷро кардани коре, ки дар синфхона ҳамин гуна корҳо гузаронида мешуданд; шарҳи тарзи иҷро кардани супориш бо истифода аз ду ё се мисол; таҳлили душвортарин вазифаҳои хонагӣ.

Ташкили мунтазами вазифаҳо хонагӣ. Тартиб додани системаи вазифаи хонагӣ, ки усулҳои таълими фаъолияти мустақилона ва инкишоф додани фаъолияти маърифатиро дар бар мегирад, маъно дорад.

Вазифаҳои хонагии хонандагон вазифаҳои муҳими таълим, тарбия ва инкишофро доранд. Аммо, мутаассифона, дар амал ин вазифаҳо на ҳама вақт иҷро мешаванд, зеро муаллим диққати асосии худро ба масъалаҳои дарс равона мекунад. Аксар вақт, супоришҳои хонагӣ тасодуфӣ, нодуруст баррасӣ карда мешаванд, омодагӣ ба иҷрои онҳо суст анҷом дода мешавад ва санҷиш ба таври расмӣ сохта шудааст. Оқибати ин камбудиҳо дар банақшагирӣ, тайёр кардан ва ташкили корҳои хонагӣ бо супоришҳои хонагӣ аз ҳад зиёд сарборӣ шудани талабагон мебошад, ки ба фаъолият ва шавқу ҳавас ба таълим таъсири манфӣ мерасонад.

Тавре ки амалия ва тадқиқотҳои сершумор нишон медиҳанд, аксарияти хонандагони сатҳи донишашон паст ва ҳатто миёна дар иҷрои вазифаи хонагӣ душвори мекашанд. Яке аз сабабҳои ба амал омадани ин вазъият дар набудани гуногунии вазифаҳо мебошад (аксар вақт ин барои ҳамаи хонандагони синф маъмул аст). Вазъияте ба миён меояд, ки ба талаба нусхабардории кори хонагиро аз рафиқонаш осонтар мекунад ва ин кор аксар вақт шитобкорона, бидуни дарки моҳияти супориш ва чӣ гуна иҷро кардани он анҷом дода мешавад.

Аз ин рӯ, муносибати тафриқавӣ лозим аст [4], ки якҷоя кардани кори инфиродӣ, гурӯҳӣ ва фронталиро дар бар мегирад. Он дар ҳама марҳилаҳои омӯзиш, на танҳо дар синф, балки ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ зарур аст.

Вазифаи хонагии тафриқавӣ махсусан дар марҳилаи муттаҳидсозии маводи таълимӣ муҳим аст. Агар хонандагони аз ҷиҳати дониш қавӣ дар ин марҳила маводи омӯхташавандаро ба таври васеъ дарк ва азхуд карда бошанд, пас хонандагони сустхон ҳамчунон худро ноустувор ҳис мекунанд, бинобар ин, вазифаи хонагӣ бо истифода аз супоришҳои дифференсиалӣ барои мустаҳкам намудани маводи дар дарс гузаронидашуда тавре сохта шудааст, ки ҳар як хонанда имкони мустақилона иҷро кардани супоришро дошта бошад.

**Ҳангоми пешниҳоди вазифаи хонагӣ, мо бояд ба назар гиред:**

– қобилияти хонанда барои машғул шудан ба фаъолияти таълимӣ (зуд аз худ кардани маводи таълимӣ, амиқи фаҳмиш);
– қобилияти баён кардани фикрҳои худ:
– фаъолияти маърифатӣ (нишон додани шавқ ба омӯзиш);
– муташаккилӣ дар кор (қобилияти анҷом додани кор).

Дар асоси хусусиятҳои фардии хонандагон, вазифаҳо тавре интихоб карда мешаванд, ки ҳангоми тобеъ кардани як ҳадафи маърифатӣ ва як мавзӯъ, онҳо аз рӯи дараҷаи душворӣ фарқ мекунанд. Гузашта аз ин, дар баробари кортҳои вазифаҳои инфиродӣ, одатан дар се вариант (хонандагон вариантро худашон интихоб мекунанд ё муаллим ҳар як вариантро пешакӣ ба як гурӯҳи мушаххаси хонандагон таъин мекунад) мумкин аст, корҳое омода карда шаванд, ки дорои супоришҳои якчанд сатҳ мебошанд; ҳангоми анҷом додани ин вазифа, хонандагон субъекти фаъолияти маърифатӣ мегарданд, ки ташаббус (дар ин маврид интихоби сатҳ), мустақилият дар азхудкунии дониш, малака ва маҳорат, инкишофи тафаккур, хотира ва тахайюли эҷодӣ мусоидат менамояд.

Супоришҳои хонагии ғайрианъанавӣ метавонанд пешниҳод карда шаванд: 1) мустақилона тартиб додани луғати истилоҳот, аз рӯи мавзӯъ тартиб додани онҳо; 2) аниқ кардани мафҳумҳои китобҳои дарсии мактабӣ; 3) омӯзиши матни китоби дарсӣ; 4) мустақилона тайёр кардани супоришҳо; 5) таҳияи картатека ва ғ.

Бо чунин ташкили кори хонагӣ маҳорати мустақилона истифода бурдани луғатҳо, адабиёти иловагӣ ва маълумотнок ташаккул меёбад.

Омӯзиш бо роҳҳои ғайристандартии ҳалли масъалаҳо, ҷустуҷӯ ва истифодаи иттилооти гумшуда, ташаккул додани шавқ на танҳо ба натиҷа, балки ба раванди фаъолияти таълимӣ низ сурат мегирад. Вазифаҳои зеринро истифода бурдан мумкин аст: 1) таҳияи асбобҳои аёнӣ, ҷадвалҳо, диаграммаҳо, алгоритмҳо; 2) таҳияи вариантҳои нави қоидаҳо, ибораҳо ва ғайра; 3) тайёр кардани тестҳо, супоришҳо, карточкаҳо барои назорат ва худбаҳодиҳӣ; 4) таҳрири матнҳои таълимӣ ва илмӣ; 5) ислоҳи хатогиҳо; 6) омодагӣ ба дарсҳои мавзӯӣ: ҷустуҷӯи маълумот, иқтибосҳо, варақаҳои луғат.

Дар ин марҳила шакли гурӯҳии кор мувофиқи мақсад аст (дар асоси принсипи муттаҳид намудани хонандагон, тақрибан як сатҳи тайёрӣ), ки барои муносибати дифференсиалӣ имконият медиҳад.

Муаллими фанни информатика (бо ёрии хонандагон) метавонад Веб-сайтеро таҳия кунад, ки ҳам ҳамчун манбае, ки дар он маводи зарурӣ барои омӯзгор ва хонандагон нигоҳ дошта мешавад ва ҳам ҳамчун портали захираҳои интернетӣ хизмат мекунад. Дар баробари ин, он метавонад барои осонтар ташкил кардани кори хонагии хонандагон истифода шавад. Ба муаллим танҳо лозим аст, ки ҷои кори хонагӣ ва маводи иловагиро нишон диҳад.

Веб-сайти таълимӣ метавонад ҳамчун воситаи рушди салоҳияти коммуникатсионӣ хизмат кунад. Талаба ва омӯзгор ҳамчун иштирокчиёни дурдаст дар раванди муошırати педагогӣ баромад мекунанд. Аз ҷиҳати техникӣ, ин ҳамкорӣ метавонад тавассути почтаи электронӣ ё чат ташкил карда шавад.

Веб-сайт метавонад ҷузъҳоро дар бар гирад: қисми назариявӣ (лексияҳо), амалӣ (вазифаҳо ва машқҳо) ва методологӣ (тавсияҳо барои истифода), инчунин маводи маълумотӣ, истинод ба маводи ВАО. Вақти интернет метавонад аз ҷониби лабораторияи компютерӣ таъмин карда шавад.

**Роҳҳои тафтиши вазифаи хонагӣ.** Санҷиши вазифаи хонагии мо ба сифати кори хонагӣ таъсири калон мерасонад. Дар баробари ин, самаранокии кори мустақилонаи хонандагон дар хона на танҳо ба талаботе, ки муаллим барои иҷрои вазифаи хонагӣ мегузорад, балки ба усулҳои санҷиши он вобаста аст, ки на танҳо аз рӯи шакл, балки аз рӯи мазмун низ бояд гуногун бошанд. Агар супориши хонагӣ доимо тафтиш карда шавад ва чун қоида бо мазмуни кори дарс алоқаманд бошад, пас

талабагон барои иҷрои он бештар масъул буда, кӯшиш мекунанд, ки дар хона мустақилона кор кунанд, то ба дарси дар пешистода тайёр бошанд.

**Адабиёт**

1. Алексеева О.В., Литвинова Е.А. Домашняя работа как одна из форм занятий с учащимися по предмету // Начальная школа плюс До и После. 2004. № 12. http://www.school2100.ru/arch_mag_stat/magst_12-04_18.pdf

2. Всё о домашнем задании.
http://school.iatp.by/uthitel/salagam/domzadanie.htm

3. Гин А.А. Приемы педагогической техники: свобода выбора. Открытость. Деятельность. Обратная связь. Идеальность: Пособие для учителя. – 3-е изд. – М.: Вита-Пресс, 2001. – 88 с.

4. Дергачева Л.М. Необходимость дифференцируемого подхода при подготовке домашнего задания по информатике // Вестник Московского городского педагогического университета. – 2004. – № 1 (2). – http://mf.mgpu.ru/main/Content/Vestnik/Vestnik2/11.doc

5. Загвязинский В.И. Теория обучения: Современная интерпретация. М.: Академия, 2001. 192 с.

6. Педагогика / В.А. Сластенин и др. М.: Школа-Пресс, 1998. 512 с.

7. Педагогика: педагогические теории, системы, технологии / Под ред. С.А. Смирнова. – М.: Академия, 1998. – 512 с.

8. Пуйман С.А. Педагогика. Основные положения курса. Минск: ТетраСистемс, 2002. 256 с.

**УДК:801**

| | |
|---|---|
| **ХУСУСИЯТҲОИ ФАРҚУНАНДАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ҒАЙРИИДИОМАТИКӢ ДАР АСАРҲОИ НАСРИИ С. АЙНӢ** | **Зоғакова Гурдофарид Исроиловна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. |
| **РАЗЛИЧНЫЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ НЕДИОМАТИЧЕСКИХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ПРОЗОВЫЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ С. АЙНИ** | **Зогакова Гурдофарид Исроиловна** – кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы Таджикского национального университета. |
| **VARIOUS CHARACTERISTICS OF NON-DIOMATIC PHRASEOLOGICAL UNITS IN S. AINI'S PROSE WORKS** | **Zogakova Gurdofarid Isroilovna** - Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Tajik Language and Methods of Teaching Tajik Language and Literature, Tajik National University. **TEL.** 93 – 420 – 39 –39 |
| **Калидвожаҳо:** фарзеология, ибора, маъно, ифодаҳои устувор, фразеологизмҳои ғайриидиоматикӣ, ифодаҳои таркибӣ | **Аннотатсия:** Дар воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ нишонаҳои сохтори таркибӣ, аз ду ва зиёда калимаҳои мустақил иборат будан, ифодаи маънои яклухт, устувории сохту таркиби лексикӣ, набудани муносибатҳои синтаксисӣ дар байни ҷузъҳо, масолеҳи тайёри забон будан мушоҳида мешавад, аммо воҳидҳои ғайриидиоматикӣ дар баробари ин хусусиятҳо, ба пуррагӣ аз нишонаҳои идиоматикӣ маҳруманд. Махсусан, дар ин гурӯҳ маҷозият, ифодаи маънои аслии этимологӣ, духӯрагии маъно, васеъгии доираи истеъмол мушоҳида намешавад. Онҳо ифодаҳои таркибии мафҳумҳои ҳаётӣ, илмӣ ва соҳавӣ буда, дар асарҳои нависандаи машҳури мо С. Айнӣ зиёд мавриди истифода қарор гирифтаанд. |
| **Ключевые слова:** домашнее задание, способности, сайт, умение, самостоятельность, активность. | **Аннотация:** В неидиоматических фразеологических единицах наблюдаются признаки сложной структуры, состоящей из двух и более самостоятельных слов, выражения общего значения, устойчивости лексической структуры и состава, отсутствия синтаксических связей между частями, являющихся готовым языковым материалом, но этими характеристиками обладают неидиоматические единицы, совершенно лишены идиоматических знаков. В частности, в этой группе не наблюдаются образность, выражение исходного этимологического значения, двойственность значения, широкий диапазон употребления. Они являются композиционным выражением жизненных, научных и полевых концепций, и в произведениях нашего известного писателя С. Айни их много использовали. |

| | |
|---|---|
| **Key words:** Phraseology, phrases, meaning, set expressions, non-idiomatic phraseology, complex expressions. | **Annotation:** Thus, in non-idiomatic phraseological units there are signs of a complex structure consisting of two or more independent words, an expression of general meaning, stability of the lexical structure and composition, the absence of syntactic connections between parts, which are ready-made language material, but non-idiomatic units have these characteristics and are completely devoid of idiomatic signs. In particular, imagery, expression of the original etymological meaning, duality of meaning, and a wide range of use are not observed in this group. They are a compositional expression of life, scientific and field concepts, and in the works of our famous writer S. They were used a lot. |

Қисмати саввуми таснифоти маъноиро воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ ташкил мекунад, ки бо хусусияти ба худ хосашон, аз дигар қисматҳои маъноӣ фарқ карда меистанд. Ифодаҳои устуворе, ки маънои яклухти онҳо дар асоси маъноҳои луғавии калимаҳои таркибиашон ба вуҷуд меоянд, фразеологизмҳои ғайриидиоматикиро ташкил медиҳанд [1, 35]. Масалан, **рӯ ба рӯ** «муқобил», **шабу рӯз** «мудати 24 соат», **гавак кашидан** «бо шикам роҳ рафтан», **сиҳат, саломат** «тандурустӣ», **ҷор андохтан** «хабар расонидан», **душманони синфӣ** «душманони меҳнаткашон» ба монанди инҳо ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд:

Соро аз ҷояш хеста ба ояндаи аз дар даромада истодагӣ **рӯ ба рӯ** шуд… (С. Айнӣ. Ятим, 220). ... дар зери дасти Семён Семёнович **шабу рӯз** нахобида, аз найзор ба найзор ва аз лойдон ба лойдон медавиданд… (С. Айнӣ. Ятим. 324). Баъди аз рафтани ӯ «ин чӣ будааст?» гӯён ба тарафи дар **гавак кашида** рафта даст-даст карда дидам, ки ҳамон пули дар халта андохта дар зери сарам мондагӣ будааст (С. Айнӣ. Ҷаллодони Бухоро, 238). Қозикалон барои беобрӯй накардани худ ба бародарзодааш чизе нагӯяд, ҳам моро **сиҳат, саломат** нахоҳад гузошт (С. Айнӣ. Ҷаллодони Бухоро, 266). … амир фармон бароварда **ҷор андохт**, ки дар кӯчаҳо одам кушта нашавад (С. Айнӣ. Одина, 196). Ба ин гунаҳкориҳои аксулинқилобии **душманони синфӣ** танҳо ҳушёрии синфи меҳнаткашон муқобила карда метавонад (С. Айнӣ. Дохунда, 29).

Ин гурӯҳи маъноии фразеологӣ аз ҷиҳати сохт мисли фразема ва идиомаҳо рехтаву устуворанд, аз бобати маъно низ ба қисматҳои маъноӣ ҷудо намешаванд, аммо дар онҳо маҷоз, пуробурангӣ, ифодаи баҳодиҳӣ, майлҳои иродавӣ, образнокӣ дида намешаванд, аз тароват ва ҷилваҳои маъноӣ холӣ буда, танҳо ифодагри мафҳумҳои ҷудогона мебошанду бас. Масалан, **қатли ом** «куштори одамон», **моли хом** «ашё», **хати настаълиқ** «як навъи хатти форсӣ», **партияи болшевикӣ** «гурӯҳи озодихоҳ» дорои чунин хусуиятҳо мебошанд ва рехтагии онҳо дар матан бештар зоҳир мегардад:

... то расидани аскар аз Душанбе Ғармро **қатли ом** хоҳад кард (С. Айнӣ. Дохунда, 32). Аз мамлакати шумо **моли хом** бисёр мебароянд, қувваи корӣ–мардуми камбағал ҳам дар ин ҷо бисёр аст (С. Айнӣ. Ғуломон, 125). Ба дарҳои ин ҳуҷраҳо лавҳаҳои хурд-хурдро бо **хати настаълиқи** ҷалӣ навишта овехтаанд (С. Айнӣ. Дохунда, 301). Доҳӣ ва роҳбари ғамхори меҳнаткашони дунё рафиқ Ленин дар атрофи **партияи большевикӣ** фикрҳоро аз нуқтаи назари манфиати синфи меҳнаткашон ғун кард… (С. Айнӣ. Одина, 371).

Азбаски устувории сохт ва ифодаи маънои яклухт дар ин қабил воҳидҳои фразеологӣ низ дида мешавад, бо чунин нишонаҳо воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикиро низ ба ҷумлаи воҳидҳои фразеолгии забон шомил намудан мумкин аст: «Ин қабил воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ ҳодисаҳои реалии ҳаёт,

предмет, аломату хусусият, амалу ҳолат ва монанди инҳоро дар шакли ифодҳои таркибӣ тасвир карда ва мафҳумро бо ду ва зиёда калимаҳои ба ҳам сахт марбут ифода кардаанд. Ин гуна мафҳумҳо дар баъзе ҳолатҳо ифодаи яккалимагии худро дошта наметавонанд» [1, 35]. Масалан, барои ифодаи биноҳои боҳашамат калимаҳои қаср, кох, бино, ки мафҳуми реалиро ифода мекунанд, истеъмол меёбад. Дар баробари ин калимаҳо ибораи устувори **қасри сафед** мавҷуд аст, ки барои ифодаи хели махсуси бино истеъмол меёбад. Ифодаи **қасри сафед** номи таркибии ин мафҳум буда, ба предмет равона карда шудааст. Дар натиҷа рехтаву устувор гашта ба воҳиди фразеологии ғайриидиоматикӣ табдил ёфтааст.

Дар онҳо алоқаҳои синтаксисӣ то андозае равшан зоҳир шаванд ҳам, ин муносибатҳо дар зери таъсири маънои яклухти тамоми фразеологизм, то андозае хира ва номаълум шудааст, яъне зоҳиран алоқаи синтаксисӣ дар онҳо боқӣ мондааст, аммо он аз таъсири пайвастаи маънои яклухт хира ва номаълум аст. Ин нишона бештар дар вақти таҳлили синтаксисии ҷузъҳои воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ равшан мегардад. Масалан, дар ифодаҳои **занбӯри асал**, **сари сина, зоғи ало**, **ситораи ҳафтдодарон** ҳиссаи дуюми онҳоро ҳамчун муайянкунандаи ҳиссаи аввал ба ҳисоб гирифтан, мумкин нест, зеро ки ин муносибати байни ҷузъҳои онҳо даркнашаванда аст:

… **сари синаи** худро ба остонаи даҳлез ниҳода, ин ҳолро аз назараш мегузаронид (С. Айнӣ. Ғуломон, 253). Дар саҳро ҳеҷ ҷонзоде наменамуд, танҳо **зоғҳои ало** гурӯҳ-гурӯҳ шуда барфбозӣ карда мегаштанд… (С. Айнӣ. Марги судхӯр, 71). Монанди **ситораи ҳафтдодарони** осмон – гуфта он бандии нав (С. Айнӣ. Ғуломон, 317).

Ҳарчанд ки дар воҳидҳои идиоматикӣ образнокӣ, баҳодиҳӣ, муассирӣ ифода нашудаанд, онҳо таркибан устувору рехта мебошанд. Масалан, ба ҷои **ҳамшираи шафқат** ифодаи одии **хоҳари шафқатро** ба кор бурдан мумкин нест**.** Гарчанде ки калимаҳои **ҳамшира** ва **хоҳар** бо якдигар синониманд, онҳо дар ин маврид ҷои ҳамдигарро иваз кардан наметавонанд:

Аз занон ва духтарон **ҳамширагони шафқат** тайёр кард… (С. Айнӣ. Ғуломон, 269).

Дигар аз хусусияти муҳимми воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ ҳамин аст, ки онҳо хоси ин ё он давру замон мебошанд, яъне онҳо дар як давраи муайян ба вуҷуд меоянд ва ба кор бурда мешаванд, бо дигар шудани давру замон онҳо низ аз истеъмол мебароянд ва ҷойи онҳоро дигар воҳидҳои ғайриидиоматикӣ мегиранд. Чунончи, ҳангоми мутолиаи асарҳои устод С. Айнӣ бо ду гурӯҳ воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикие вомехӯрдем, ки имрӯз онҳо аз истеъмол баромадаанд:

Гурӯҳи аввали ин гуна воҳидҳоро воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикие ташкил медиҳанд, ки дар даврони амирӣ мавриди истеъмоли омма қарор гирифта буданд ва бо омадани Инқилоб ҷойи худро ба дигар воҳидҳои ғайриидиоматикӣ доданд. Масалан, фразеологизмҳои ғайриидиоматикии **дастаки молият** «рӯйхати молиёт», **хати ибро** «санади замин», **хати иршод** «санаде, ки бо он иҷозати таълим доданро мегиранд» аз қабили чунин воҳидҳое мебошанд, ки имрӯз аз истеъмол дур монда, ба архаизми фразеологӣ табдил ёфтаанд:

... аз подшоҳӣ чӣ қадар қарздор буданатро пас аз ҷеғ задани нарх ва баромадани **дастаки молият** дар вақти доданат мефаҳмӣ (С. Айнӣ. Ғуломон, 169). Агар якдигаратонро ёфта оштӣ шаветон, **хати ибро** мекунем... (С. Айнӣ. Марги судхӯр, 88). ... ин кас ба Ибодулло Махдуми авлоди Халифа Ҳусайн, халифаанд ва ба дасташон **хати иршод** ҳам доранд (С. Айнӣ. Марги судхӯр, 347).

Гурӯҳи дуввуми фразеологизмҳои ғайриидиоматикии архаизмиро чунин воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикие ташкил медиҳанд, ки баъди инқилоби Октябр, яъне 50-60 сол аз ин пеш ба забони тоҷикӣ ворид шуда, аз ҷумлаи ифодаҳои серистеъмоли забонамон ба шумор мерафтанд, аммо имрӯз қариб ки аз истеъмол баромадаанд ва ба гурӯҳи архаизмҳои фразеологӣ дохил шудаанд. Масалан, фразеологизмҳои ғайриидиоматикии **озодии занон, рӯзи меҳнат, муборизаи синфӣ**, **котиби ячейка,**

**эмигрантҳои сафед, импаератори муаззам, чойхонаи сурх** ва монанди инҳо аз қабили чунин фразеологизмҳои ғайриидиоматикӣ мебошанд:

Дар деҳа **муборизаи синфӣ** сар шуда буд (С. Айнӣ. Ғуломон, 444). **Котиби ячйека** ба сухани худ давом карда гуфт … (С. Айнӣ. Дохунда, 399). ... дар он ҷойҳое, ки **эмиграндҳои сафед** ҷой гирифта буданд, ягон-ягон дид... (С. Айнӣ. Ятим, 234). Ӯ донист, ки дуоҳои ӯ дар ҳаққи **императори муаззам** беасар рафтаанд (С. Айнӣ. Марги судхӯр, 170). **Чойхонаҳои сурх** аз нағмаҳои рубобу танбӯр, дутору думбак меҷӯшиданд ... (С. Айнӣ. Дохунда, 15).

Яке аз хусусиятҳои назарраси воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ дар ҳамин зоҳир мегардад, ки онҳо ба забонҳои дигар ба осонӣ тарҷума мешаванд: «Қисмати бузурги воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ бо усули тарҷума аз забонҳои дигар пайдо шудаанд» [2, 37]. Сабаби озодона тарҷума шудани фразеологизмҳои ғайриидиоматикӣ дар он аст, ки аз маҷозият, образнокӣ, муассирият маҳрум мебошанд: «Ибораҳои тасвирии фразеологӣ бараъкси ду гурӯҳи аввал аз обуранги бадеӣ ва образнокӣ маҳруманд, баъзан ин ибораҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ аз забони русӣ ба тариқи калка гузаштаанд» [4, 35]. Чунончи, дар асарҳои устод С. Айнӣ бисёр воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикӣ ба чашм мерасад, ки аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд ва аз забони тоҷикӣ озод ба забони ӯзбекӣ тарҷума шудаанд. Масалан, воҳидҳои фразеологии ғайриидиоматикии **революцияи Бухоро**, **партизанҳои сурх**, **роҳи оҳан, инқилоби октябр**, **ташкилоти партиявӣ, аппарати ҳукумат, идораи шӯроӣ** ва монанди инҳо аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд:

Баъд аз **револютсияи Бухоро** ва гурехтани амир, ӯ дар қаравулхонае, ки шавҳараш қаравулӣ мекард, посбон шуд (С. Айнӣ. Ятим, 433). Ӯ рӯ ба рӯи аскарони сурх ва **партизанҳои сурх** рӯйрост баромада натавонад ҳам, деҳқонони камбағали танҳо ба дасташ афтодаро мекушт… (С. Айнӣ. Ятим, 437). Рӯзимурод дар вақти сохтани **роҳи оҳани** Бухоро-Тирмиз аз яккамардикорӣ даст кашида, дар қатори коргарони роҳи оҳан даромад (С. Айнӣ. Ятим, 408). Ҷавонони инқилобчии Бухоро аз **инқилоби Октябр** рӯҳ гирифта, хостанд, ки ҳисоби худро бо амир баробар кунанд... (С. Айнӣ. Ғуломон, 267). Мо ба тоза кардани **ташкилоти партиявӣ**, **аппарати ҳукуматӣ** ва **идораҳои шуроӣ** даромадем (С. Айнӣ. Ғуломон, 381)

## АДАБИЁТ


1. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик.– Душанбе, 1982. – 103 с.
2. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
3. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ. –Душанбе: Деваштич, 2007. – 242 с.
4. Турсунова Ҳ. Оид ба параллелҳо дар фразеология ва зарбулмасалҳои тоҷикӣ-ӯзбекӣ (Дар асоси «Қуллар» ва Ғуломон»-и С. Айнӣ) //Армуғон. – Ҷилди 2. – Душанбе, 1971. – С.138- 150.
5. Тоҷиев Д. Т. Осори мунтахаб. – Душанбе, 2005. – 483с.


## АДАБИЁТИ БАДЕӢ


1. Айнӣ С. Куллиёт. – Ҷ.1. Одина. – Душанбе: Нашрдавтоҷ., 1958. – 346с.
2. Айнӣ С. Куллиёт. – Ҷ.3. Ғуломон. – Душанбе: НДТ, 1960. –620с.
3. Айнӣ С. Куллиёт. – Ҷ. 7. – Ятим. – Душанбе: Ирфон, 1962. – 618 с.
4. Айнӣ С. Марги судхӯр. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 160с.

**УДК:316(575.3)**

# АРЗИШҲОИ ИҶТИМОӢ АСОСИ УСТУВОРИИ ҶОМЕА: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ

**Шарипов Абдулваҳоб Маҳдиевич** – омӯзгори калони кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

# СОЦИАЛЬНЫЕ ЦЕННОСТИ – ОСНОВА УСТОЙЧИВОСТИ ОБЩЕСТВА: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

**Шарипов Абдулвахоб Махдиевич** – старший преподаватель кафедры социологии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

# SOCIAL VALUES – THE BASIS OF SOCIETY SUSTAINABILITY: THEORETICAL ASPECTS

**Sharipov Abdulvahob Mahdievich** - senior lecturer of the Department of Sociology of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.

**E-MAIL:** vahob.mahdy@mail.ru

**Калидвожаҳо:** арзиш, арзишҳои иҷтимоӣ, ҷомеа, давлат, рушд, мусбат, манфӣ, зарар, устувор, бегона, ғайр, беруна, дохилӣ, итисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маънавӣ, инсон.

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур муаллиф ҷиҳатҳои гуногуни масъалаи мубрам ва воқеӣ – арзишҳои иҷтимоӣ дар рушду устувории ҷомеаи ҳозираро зери таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Муаллиф такя ба адабиётҳои гуногуни сиёсӣ, равоншиносӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ паҳлуҳои муҳими ин мушкилотро баррасӣ намуда, муфассал ва возеҳ ба хонанда пешниҳод кардааст. Муаллиф қайд мекунад, ки арзишҳои иҷтимоӣ барои ҷомеа аҳамияти калон дошта, бидуни онҳо ҷомеаи навин, давлатҳо ва миллатҳо вуҷуд дошта наметавонанд. Арзишҳои иҷтимоӣ гуногун буда, аз ҷониби олимону тадқиқотчиён ба якчанд гурӯҳ ва категорияҳо тасниф шудаанд. Ба андешаи муаллиф, дар рушди давлатҳо арзишҳои иҷтимоии ғайр, бегона ва манфӣ вуҷуд доранд, арзишҳои зарарноки иҷтимоӣ ва бегона барои тамоми ҷомеа хатар доранд.

**Ключевые слова:** ценность, социальные ценности, общество, государство, развитие, положительное, отрицательное, ущерб, стабильное, чужое, иное, внешнее, внутреннее, экономическое, социальное, политическое, духовное, человек.

**Аннотация:** В статье рассматривается воспитательная ценность традиционного искусства устной культуры, а также важные аспекты воспитания людей. Говорят, что воспитание людей и форме диалога о духовном наследии наших предков с древних времен способствовало повышению чувства самопознания и самосознания подростков и молодежи. Таким образом, образование сегодняшнего и будущих поколений имеет важное значение. Даётся научное подтверждение важности просвещения людей. Принимая это во внимание, авторы поставили перед воспитанником и педагогами задачу народного воспитания. Рассматривается взаимосвязь национальной и человеческой ценности в народном творчестве.

**Key words:** value, social values, society, state, development, positive, negative, damage, stable, alien, other, external, internal, economic, social, political, spiritual, person.

**Annotation:** In this article, the author analyzed and studied various aspects of an urgent and real problem - social values in the development and sustainability of modern society. Based on various political, psychological, social and economic literature, the author examined important aspects of this problem and presented it to the reader in detail and clearly. The author notes that social values are of great importance for society, and without them a new society, states and nations cannot exist. Social values are different and classified by scientists and researchers into several groups and categories. According to the author, in the development of states there are alien and negative social values; harmful and alien social values pose a danger to the entire society. They are capable of destroying the foundations of the social structure, creating conflicts and increasing inequality between its members. Social values play an important role in the sustainable development of the state.

Арзишҳои иҷтимоӣ дар илми ҷамъиятшиносӣ ҳамчун заминаи маънавии рушди ҷамъияти муосир, таҳкурсӣ барои мавҷудияти устувори ҷамъияту давлатҳо фаҳмида мешавад. Агар арзишҳои иҷтимоӣ тағйир ёбанд ва ё пурра аз байн бурда шаванд, ин сабаби вайроншавии асосҳои мавҷудияти ҷомеаи иҷтимоӣ ё миллати муайян мегардад. Дар луғати фалсафӣ мафҳуми "арзиш" чунин оварда шудааст "ҳамчун ифодакунандаи аҳамияти инсонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии зухуротҳои муайяни воқеият. Дилхоҳ объект ва ё раванди табиӣ, ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва ғ. метавонад ба шакли арзиш зоҳир ва ё фаҳмида шавад, яъне аз мавқеи дурустӣ, ҳақиқат, ғайриҳақиқат, зебоӣ, зиштӣ, имконпазирӣ, адолат ва ё беадолат ва ғ." [14, с. 32].

Ҳар як инсон арзишҳои махсуси худро дорад ва онҳо ба он вобастаанд, ки одам дар кадом низоми ҷамъиятӣ зиндагӣ мекунаду кадом ашёю ҳодисаҳо ӯро иҳота кардаанд. Арзишҳои иҷтимоӣ ниёзҳои ҳаётии фардро қонеъ мекунанд, яъне имрӯз онҳо қисман ва ё комилан мавҷудияти ӯро дар ҷомеа инъикос мекунанд. Касе ба ҷойи аввал оила ва таваллуди кӯдаконро мегузорад, барои нафари дигар арзиши асосӣ бошад, мустақилият мебошад, яъне барои нафаре як арзиш аҳамияти калон дошта, барои дигар одам ин арзиш умуман ягон маъно, аҳамияте надорад.

Мафҳуми арзишҳо, аз ҷумла арзишҳои иҷтимоӣ дар осори файласуфон, равоншиносон, педагогон, ҷомеашиносон, табибон ва дигар олимон борҳо такрор ва баррасӣ шудааст. Инсон мавҷудоти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Инсон бо сабаби он, ки дар ҷомеа зиндагӣ мекунад ва дар робита бо одамони дигар қобилиятҳое, ки ба табиати биологии ӯ хосанд, ташаккул медиҳад, ба шахсият мубаддал мегардад [4, с. 320]. Берун аз ҷомеа ин имкониятҳоро амалӣ кардан ғайриимкон аст, яъне инсон вориди ҷомеа гашта, меъёрҳо, арзишҳо ва намунаҳои рафторро фаъолона меомӯзад ва дигаргун месозад [5, с. 22]. Дар рафти иҷтимоишавӣ низоми беназири арзишҳои шахсӣ ташаккул меёбад [9, с. 98–102]. Арзишҳо низоми тамоюли арзиширо ташаккул медиҳанд, ки асоси шуур ва рафтори шахсро ташкил медиҳанд ва ба рушди он бевосита таъсир мерасонанд [12, с. 286–289]. Ҳар як инсон дар низоми муайяни арзишҳо қарор гирифтааст, яъне метавон гуфт, ки арзиш тарзи будубоши шахсиятро ифода мекунад ва арзишҳои гуногун барои вай аҳамияти гуногун доранд [11, с. 55–57].

Арзишҳои иҷтимоӣ аз рӯи табиати худ маҳсули иҷтимоикунонии инсон, азхуд кардани усулҳои пешбинишуда, меъёрӣ ва ё матлуби фаъолияти худ дар ҷамъияти муайян мебошанд. Онҳо бо шароити иҷтимоию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҳаёти инсон алоқаи зич доранд. Арзишҳои иҷтимоӣ қодиранд, ки принсипу манфиатҳоеро, ки муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунанд, инъикос намоянд. Ва муносибатҳои иҷтимоӣ чизест, ки шахс дар дохили он кушода мешавад, таҷрибаи нави иҷтимоӣ мегирад ва мунтазам дониш ва иттилооти нав мегирад.

Арзиши иҷтимоӣ метавонад бо роҳҳои гуногун ифода карда шавад. Он метавонад як падидаи алоҳидаи иҷтимоӣ ё объект, таъсири мутақобила, далели иҷтимоӣ ва ғ. бошад. Доираи арзишҳои иҷтимоӣ нисбат ба ҷомеа хеле васеъ аст ва ба он вобаста аст, ки инсон ҳам объект ва ҳам субъекти муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва соҳаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ чор соҳаи асосӣ мебошанд, ки инсон дар тамоми умри худ дохили онҳо қарор дорад.

Арзишҳои иҷтимоӣ ин арзишҳои ҷомеае мебошанд, ки фард ба он тааллуқ дорад. Агар ин гурӯҳи арзишҳоро муфассал дида бароем, пас ба арзишҳои асосии иҷтимоӣ меъёрҳои ахлоқӣ ва рафтори фарҳангӣ дохил мешаванд, ки зухуроти олии онҳо эҳтиёҷоти худшиносӣ, тасдиқ ва баёни худ мебошад. Арзишҳои иҷтимоӣ ин арзишҳои моддӣ, иҷтимоию сиёсӣ, маънавӣ ва дигар арзишҳое мебошанд, ки барои ҳаёти инсон дар ҷомеа аҳамияти калон доранд. Арзишҳои иҷтимоӣ аз рӯи асосҳои гуногун тасниф мешаванд: аз рӯи субъектҳо (барандагони арзишҳо), соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, нақш ва аҳамияти арзишҳо дар ҷомеа.

Қабули арзишҳои иҷтимоӣ аз ҷониби шахс аз бисёр омилҳо вобаста аст, масалан, аз сатҳи рушди иҷтимоии фарҳангӣ, принсипҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ, таҷрибаи ҳаёти шахсӣ ва сатҳи тарбияи оилавӣ. Ба маънои муайян, шуури шахс дар доираи як кулли фарҳангӣ инкишоф меёбад, ки дар он таҷрибаи фаъолият, муошират ва ҷаҳонбинӣ мутамарказ шудааст ва бояд бо он розӣ шуд, ки «ҳар як арзиши умумибашарӣ танҳо дар заминаи инфиродӣ воқеан аҳамиятнок мегардад» [8, с. 109].

Арзишҳо унсурҳои калидии маданияти маънавӣ ба ҳисоб рафта, дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ мақеи хосаеро ишғол мекунанд. Арзишҳои иҷтимоӣ дар таърихи инсоният мисли пуштибони маънавиёт пайдо шуда, баҳри фаъолияти бошууронаи одам мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, нақши илму фарҳанг, анъанаву оийнҳои миллӣ, рафтору мазҳаб, забону адабиёт, иқтисодиёту иҷтимоиёт, марзу бум, ваҳдату якдигарфаҳмӣ ва дигар муқаддасот, ки ба арзишҳои иҷтимоӣ хосанд, заминаи пойдор ва бақои устувори дилхоҳ давлату миллатҳо эътироф шудаанд. Вобаста ба ин дилхоҳ миллат тавассути маҳз ҳамин гуна арзишҳо ба таъриху тамаддуни умумибашаҳрӣ ворид мегарданд [1, с. 1].

Арзишҳои иҷтимоӣ хеле гуногунанд, бинобар ин, барои омӯзиши онҳо ҷомеашиносон онҳоро ба гурӯҳҳои алоҳида тасниф мекунанд: а) вобаста ба мазмун – маънавӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ; б) вобаста ба субъект – синфӣ, шахсӣ, гурӯҳӣ,

диннӣ, миллӣ, умумибашарӣ ва ғ. Масалан, арзишҳои иқтисодӣ ҳолати иқтисодиёти кишвар, беҳбудии гурӯҳи алоҳидаи ичтимоӣ ё ягон халқро инъикос менамоянд. Арзишҳои сиёсӣ – ин муносибати одам ба давлати худ ба маҳалли аҳолинишин мебошад. Он бештар бо ватандӯстӣ ва садоқат зоҳир меёбад.

Арзишҳо ногузир ба се гурӯҳи гуногуни падидаҳо дахл доранд. Се шакли мавҷудияти арзишҳо вуҷуд доранд:

1) идеалҳои иҷтимоӣ – аз ҷониби шуури ҷамъиятӣ таҳия шудаанд ва дар он ақидаҳои умумӣ дар бораи камолот дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ мавҷуданд;

2) таҷассуми предметии ин идеалҳо дар кирдорҳо ва ё эчодиёти одамони мушаххас;

3) сохторҳои ҳавасмандии шахсият, ки ӯро водор месозад, ки дар фаъолияти худ идеалҳои арзишҳои иҷтимоиро ба таври назаррас таҷассум кунанд.

Ин се шакли мавҷудият аз як ба дигаре пайдарпай мегузаранд. Ба таври содда ин гузаришҳоро ба таври зайл тасаввур кардан мумкин аст: идеалҳои иҷтимоӣ аз тарафи фард азхуд карда мешаванд ва ҳамчун «модели зарурӣ» ӯро ба фаъолият водор мекунанд, ки дар рафти он таҷассуми моддии онҳо ба амал меояд; арзишҳои предметӣ таҷассумёфта дар навбати худ асоси ташаккули идеалҳои ҷамъиятӣ, ҳамин тавр то ба беохирӣ мегарданд [10, с. 452].

Ҳама гуна таснифоти арзишҳо аз рӯи намуд ва сатҳ аз сабаби ворид шудани маънои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар он ҳамеша шартӣ аст. Илова бар ин, ба сутуни мушаххас дохил кардани ин ё он арзише, ки гуногунии худро дорад (масалан, оила) душвор аст. Бо вуҷуди ин, мо метавонем таснифоти зерини шартан тартибёфтаи арзишҳоро диҳем.

Муҳим: ҳаёт, саломатӣ, ҷисмонӣ, бехатарӣ, некӯаҳволӣ, ҳолати инсон (серӣ, оромӣ, ҳушёрӣ), қувват, устуворӣ, сифати зиндагӣ, муҳити табиӣ (арзишҳои экологӣ), амалӣ, истеъмол ва ғайра.

Иҷтимоӣ: вазъи иҷтимоӣ, меҳнатдӯстӣ, сарват, кор, оила, ваҳдат, ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, интизом, соҳибкорӣ, таваккал, баробарии иҷтимоӣ, баробарии гендерӣ, қобилияти ноил шудан, истиқлолияти шахсӣ, касбият, иштироки фаъол дар ҷомеа, таваҷҷӯҳ ба гузашта ё оянда, майли экстралокалӣ ё ба кишвар, дараҷаи истеъмол.

Сиёсӣ: озодии баён, озодиҳои шаҳрвандӣ, ҳукумати хуб, қонун, тартибот, конститутсия, сулҳи шаҳрвандӣ.

Ахлоқӣ: некӣ, неъмат, муҳаббат, дӯстӣ, вазифа, номус, поквиҷдонӣ, фидокорӣ, одоб, вафодорӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, адолат, эҳтироми калонсолон ва муҳаббат ба кӯдакон.

Динӣ: Худо, қонуни илоҳӣ, имон, наҷот, файз, маросимҳо, навиштаҳо.

Эстетикӣ: зебоӣ (ё, баръакс, эстетикаи зишт), услуб, ҳамоҳангӣ, пайравӣ ба анъана ё навоварӣ, асолати фарҳангӣ ё тақлид.

Арзишҳо сатҳи тағйирпазири танзими ҷомеаро ба вуҷуд оварда, фаъолияти урфу одатҳо, меъёрҳо ва арзишҳоеро, ки барои ҷомеа махсусан муҳиманд, ба худ тобеъ мекунанд. Дар баробари меъёрҳои муқаррарие, ки бо қувваи одат ва воситаҳои муқаррарӣ, масалан, барои оила ё ҷомеаи алоҳида муқаррар карда мешаванд, инчунин меъёрҳои махсусе мавҷуданд, ки тавассути механизми муқаддасгардонии динӣ ё талаботи қонун ҷазои олӣ мегиранд. Меъёрҳои «накуш», «дуздӣ накун», «дурӯғ нагӯ» мамнӯъиятҳои муқаддасе буданд, ки вайрон кардани онҳо инсонро ба ҷазои сахт, дур мондан аз ҷомеа ва ё азоби виҷдон гирифтор мекард. Тавсияҳои «падару модаратро иззат намо», «Худои якторо парастиш кун», «бо арақи ҷабин меҳнат кун» ба ҳамон аҳкоми мусбӣ табдил ёфтанд, ки риояи онҳо обрӯи инсонро дар назди дигарон ва худаш афзун мекунад.

Арзишҳо на танҳо механизми меъёриро тағир медиҳанд. Онҳо низомҳои маъноеро, ки ба воситаи онҳо инсон ҷаҳони атрофро аз сар мегузаронад, ба таври куллӣ аз нав месозанд. Дар сатҳи ҳамарӯза, дугонагӣ ҳамчун хусусияти муҳими тамоми гуногунии ҷаҳон зоҳир мешавад [13, с. 45].

Ҳамин тариқ, низоми арзишҳои иҷтимоӣ ин: одамон, ҳаёти инсон дар ягонагии қувваҳои ҳаётӣ ва қобилиятҳо, фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок; олами объективӣ ва идеалие, ки ҳамаи наслҳои одамон офаридаанд — маданияти моддӣ ва маънавӣ; алоқаи иҷтимоии одамон, ҳамаи шаклҳои муносибатҳои иҷтимоӣ, низоми худидоракунии одамон ба як низоми ҷудонашавандаи иҷтимоӣ ва институтҳои иҷтимоие, ки ин низомро ташкил медиҳанд ва танзими иҷтимоиро таъмин менамоянд (дар даврони тамаддунҳо – давлат ва дигар институтҳои иҷтимоӣ); ҷамъиятхои иҷтимоӣ (иттиҳодияҳо), ҷамъиятҳои миллӣ-этникӣ мебошад.

Арзишҳо метавонанд дар сатҳи қабули умумӣ ва абстрактии онҳо фарқ кунанд. Мо метавонем арзишҳои мушаххасеро, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо пайдо мешаванд ва арзишҳои абстрактӣ, ки маънои амиқтари мавҷудияти инсонро ошкор мекунанд, фарқ кунем. Арзишҳои мушаххасро метавон аз ду ҷиҳат баррасӣ кард: ҳамчун арзишҳои «ҳаррӯза» ё соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти инсон, масалан, кор, ҳаёти оилавӣ, таҳсилоти минбаъда, тарзи гузаронидани вақти фароғат, корҳои хона ва ғайра, ва унсурҳои алоҳидаи ҳар як соҳаи ҳаёт, аз қабили хусусияти фаъолият, тақсимоти он дар тӯли вақт, муҳити ҷисмонӣ, муносибат бо одамони дигар, дурнамо ва ғайра.

Арзишҳои абстрактӣ, дар навбати худ, метавонанд шахсӣ бошанд, ки бо хоҳишҳо ва ҳадафҳои фард алоқаманданд, масалан, татбиқи имкониятҳо, эътибор, эҳтиром, қудрат, таъсир, ахлоқ ва арзишҳои умумии иҷтимоӣ, ки бо гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ғояҳои онҳо алоқаманданд, ки фард қабул мекунад (масалан, неъматҳои иҷтимоӣ, тараққиёт, сулҳ ва ҷанг, баробарҳуқуқии иҷтимоии фард ва вазъияти умумии меҳнатии ӯ, ки аз шароити берунии меҳнат, муҳити иҷтимоӣ, маош, кафолатҳои иҷтимоӣ, имкониятҳои касбӣ ва ғайра иборат аст). Меҳнате, ки бо ин тарз дарк карда мешавад, бо дигар соҳаҳои ҳаёти инсон, масалан, ҳаёти оилавӣ, таҳсили минбаъда, фаъолияти иҷтимоӣ ё сиёсӣ, фароғат ва ғайра муқоиса кардан мумкин аст.

Миёни ҳама арзишҳои иҷтимоӣ нақши бузургро **арзишҳои миллӣ ва ё арзишҳои иҷтимоии миллӣ** мебозанд. Арзишҳои иҷтимоии миллӣ маҷмӯи принсипҳои қабулшуда ва арзишманд мебошанд, ки риояи онҳо хоси миллат ё ҷомеаи мушаххас аст. Онҳо эътиқодҳо, ҳадафҳо ва идеалҳои асосиро инъикос мекунанд, ки барои ҷомеа муҳиманд ва кӯшиш мекунад, ки онҳоро дастгирӣ ва тарғиб кунад. Арзишҳои ҷамъиятии миллӣ метавонанд ҷанбаҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро дар бар гиранд. Ин арзишҳо бо муҳаббат ва садоқат ба миллат, кишвар ва анъанаҳои фарҳангии худ алоқаманданд. Онҳо эҳтиром ва ҳимояи шаъну шараф ва манфиатҳои миллӣ, ҳисси ифтихор аз кишвари худ ва мансубияти онро дар назар доранд. Ворид намудани арзишҳои бегона такони бузург ба арзишҳои миллӣ метавонад расонад.

Бояд қайд кард, ки дар рушди давлатҳо ***арзишҳои иҷтимоии ғайр, бегона ва манфӣ*** вуҷуд доранд. Мехоҳам таъкид намоям, ки арзишҳои зарарноки иҷтимоӣ ва бегона барои тамоми ҷомеа хатар доранд. Онҳо қодиранд, ки асосҳои сохти ҷамъиятиро вайрон карда, ихтилофотро ба вуҷуд оваранд ва нобаробарии байни аъзоёни онро зиёд кунанд.

Чунин арзишҳо рафтори бадахлоқона, зӯроварӣ, таҳаммулнопазирӣ, табъиз ва беэътиноӣ ба ҳуқуқ ва озодиҳои дигаронро тарғиб мекунанд. Онҳо метавонанд ба паҳншавии патологияҳо ва падидаҳои харобиовар дар ҷомеа, аз қабили нашъамандӣ, майзадагӣ, танфурӯшӣ, ҷинояткорӣ ва ғайра мусоидат кунанд.

Арзишҳои зарарнок ва бегонаи иҷтимоӣ дар роҳи рушду шукуфоӣ монеа эҷод намуда, қобилияти одамонро барои амалӣ намудани имкониятҳои худ, гирифтани маълумот, меҳнати шоиста ва ҳифзи саломатӣ маҳдуд мекунанд. Онҳо оилаҳоро вайрон карда, фарзандонро аз падару модар ҷудо карда, ба солимии руҳӣ ва ҷисмонии ҷамъият

зарари ислоҳнашаванда меоранд.

Аз ин рӯ, барои он ки ҷомеа ба манфиати тамоми аъзои он рушд кунад, бояд фаъолона бар зидди арзишҳои иҷтимоии зарарнок ва бегона мубориза ва муқовимат кард. Ин тавассути ташаккул ва дастгирии арзишҳои мусбат дар асоси эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, адолат, таҳаммулпазирӣ, ҳамбастагӣ, масъулият ва ғамхорӣ нисбати дигарон имконпазир аст. Танҳо бо ҳамин роҳ мо метавонем ҷамъияти мутаносиб ва пешрафтаеро ба вуҷуд оварем, ки дар он ҳар як инсон имконият дошта бошад, ки бахту саодат ва некуаҳволиро ҳис кунад.

Арзишҳои иҷтимоӣ дар рушди устувори давлат нақши муҳим доранд. Онҳо рафтор ва муносибатҳои байни одамонро дар ҷомеа муайян мекунанд, асоси фарҳанг ва меъёрҳои ахлоқии онро ташаккул медиҳанд.

Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки арзишҳои иҷтимоӣ метавонанд **ба рушди устувори давлат** дар ҷанбаҳои зерин таъсир расонанд:

1. Рушди иқтисодӣ: Арзишҳои иҷтимоӣ, ки ба масъулияти инфиродӣ ва дастаҷамъӣ, ростқавлӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқи моликият мансубанд, ба соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Онҳо инчунин метавонанд ба тақсимоти сарват ва адолати иҷтимоӣ таъсир расонанд, ки ба коҳиш додани нобаробарӣ мусоидат мекунанд.

2. Суботи сиёсӣ: Арзишҳои иҷтимоие, ки дар асоси принсипҳои демократӣ, аз ҷумла эҳтироми ҳуқуқ ба озодии баён, афкор ва интихоботи одилона таҳия шудаанд, ба таҳкими суботи сиёсии давлат мусоидат мекунанд. Ин ба рушди боварии байни шаҳрвандон ва ҳукумат, пешгирии низоъҳо ва ба ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти умумӣ мусоидат мекунад.

3. Ҳамбастагии иҷтимоӣ ва фарогирӣ (инклузия): Арзишҳои иҷтимоӣ, ки бар эҳтиром ба фарқият, баробарӣ ва адолат асос ёфтаанд, ба ташаккули ҷомеаҳои солим мусоидат мекунанд. Онҳо ба барпо намудани муносибатҳои мутаносиби байни одамони гуруҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, этникӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекунанд, онҳо фарогирии тамоми шаҳрвандонро ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт, аз қабили маориф, нигаҳдории тандурустӣ, шуғл ва равандҳои сиёсӣ таъмин мекунанд.

4. Устувории экологӣ: Арзишҳои иҷтимоии марбут ба масъулият дар назди табиат ва наслҳои оянда барои рушди устувор муҳим арзёбӣ мешаванд. Онҳо ба нигоҳ доштани захираҳои табиӣ, аз қабили об, ҳаво, хок ва гуногунии биологӣ кӯмак мекунанд ва ба истифодаи самараноки энергия ва захираҳо мусоидат мекунанд.

Дар маҷмӯъ, арзишҳои иҷтимоӣ ба рушди устувори давлат таъсири қавӣ гузошта, барои ба вуҷуд овардани ҷомеаҳои устувор, адолатнок ва мутаносиб, ки қодиранд ба мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ мубориза баранд, мусоидат мекунанд.

Ва баръакс, вайрон ё барҳам додани арзишҳои иҷтимоӣ метавонад барои ҷомеа **оқибатҳои ҷиддии манфӣ** дошта бошад. Масалан, баъзе аз онҳо:

1. Барҳам додани ҳамбастагии иҷтимоӣ: Арзишҳои иҷтимоӣ барои нигоҳ доштани ҳамоҳангӣ ва субот дар ҷомеа замина фароҳам меоранд. Агар онҳо вайрон ё бекор карда шаванд, низоъ ва парокандагӣ ба вуҷуд меояд, ки метавонад боиси ихтилофоти иҷтимоӣ гардад.

2. Таҳдид ба ҳуқуқ ва озодиҳо: Арзишҳои иҷтимоӣ аксар вақт бо ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои одамон алоқаманданд. Бекор кардан ё поймол кардани ин арзишҳо метавонад боиси маҳдуд шудани озодии баён, озодии эътиқод, ҳуқуқ ба мурофиаи судии одилона ва дигар ҳуқуқҳо гардад, ки дар навбати худ метавонад ба принсипҳои демократӣ таҳдид кунад.

3. Вайрон кардани меъёрҳои ахлоқӣ: Арзишҳои иҷтимоӣ аксар вақт ба принсипҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ асос меёбанд. Вайрон кардани онҳо метавонад боиси

таназзули ахлоқии ҷомеа, рафтори бадахлоқона, фасод, беадолатӣ ва дигар мушкилоти ахлоқӣ гардад.

4. Афзоиши нобаробарӣ: Барҳам додан ё вайрон кардани арзишҳои иҷтимоӣ метавонад боиси афзоиши нобаробарӣ дар ҷомеа гардад. Баъзе арзишҳо, аз қабили баробарӣ, адолат, эҳтироми мутақобила ва ҳамбастагӣ, ба коҳиш додани нобаробарӣ ва мусоидат ба тақсимоти одилонаи захираҳо ва имкониятҳо мусоидат мекунанд.

5. Аз даст додани ҳувият ва мансубияти иҷтимоӣ: Арзишҳои иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи муҳими ҳувият ва мансубияти иҷтимоӣ хидмат мекунанд. Агар онҳо вайрон ё бекор карда шаванд, одамон метавонанд самт ва ҳисси узви ҷомеа буданро аз даст диҳанд, ки метавонад ба бепарвоӣ, танҳоӣ ва ҷудошавии иҷтимоӣ оварда расонад.

Низомҳои иҷтимоӣ ва давлатҳое, ки арзишҳои иҷтимоиро нодида мегиранд ё поймол мекунанд, хавфи аз даст додани эътимод ва дастгирии аҳолиро доранд, ки дар ниҳоят метавонад ба оқибатҳои номуносиби иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ оварда расонад.

**Хулоса,** арзишҳои иҷтимоӣ дар эҷоди ҷомеаи устувору созгор нақши муҳим мебозанд. Онҳо он чизеро, ки дар ҷомеа муҳим ва арзишманд мешуморанд, роҳнамоӣ ва инъикос мекунанд. Арзишҳои иҷтимоӣ ба адолат, эҳтиром, ҳамкорӣ ва масъулият дар байни одамон, инчунин ташаккули муносибатҳои солим ва рушди устувор мусоидат мекунанд. Онҳо ҳамчун асос барои эҷоди меъёрҳо ва қоидаҳои ахлоқӣ хизмат мекунанд, ки ба мо кӯмак мекунанд, ки дар ҳамоҳангӣ ва ваҳдат бо ҷаҳони атрофамон зиндагӣ кунем. Бо таҳкими арзишҳои иҷтимоӣ, мо ба рушди фарҳанги таҳаммулпазирӣ, баробарӣ, адолат ва эҳтиром ба фарқиятҳо мусоидат мекунем. Ҳамаи ин ба бунёди ҷомеаи одилона ва ахлоқӣ мусоидат хоҳад кард, ки дар он ҳар як узви он метавонад пешрафт кунад ва ба манфиати бештари ҷомеа саҳм гузорад. Бояд дар хотир дошт, ки арзишҳои иҷтимоӣ доимӣ нестанд ва метавонанд бо мурури замон тағйир ёбанд, аммо принсипҳои асосии адолат, эҳтиром ва масъулият барои ҷомеаи мо ҳамеша муҳим боқӣ хоҳанд монд.

## АДАБИЁТ


1. Абилзода Г. Истиқлолияти давлатӣ – эҳёи арзишҳои миллӣ./Г. Абилзода. 15.08.2023. Маводи электронӣ. Мурочиат: 02.02.2024 Сарчашма: Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон https://apa.tj)/истиқлоли-давлатӣ-эҳёи-арзишҳои-миллӣ/.

2. Абрамов Р.Н. Современный работник: концептуализация и эмпирическая проверка понятия / Р.Н. Абрамов, С.Г. Климова // Мир России. - 2010. № 2. С. 98-117.

3. Белякова, Н.В. Реализация национальных приоритетных проектов как способ построения социального российского государства / Н.В. Белякова // Юридическая мысль. - 2019. - № 6. - С. 35-42

4. Бердяев Н. О назначении человека. Париж: Современные записки, 1931. С. 320.

5. Богданова В.В. Траектории социализации современного студенчества. Феномены сообразной и неадаптивной социализации // В.В. Богданова. Знание. Понимание. умение. 2009. № 3. Социология. С. 22.

6. Ганченко Д.Н., Бодров А.А., Симченко Н.А. [и др.]. Трансформация сферы социально значимых услуг в экономике России / под общ. ред. Д.Н. Ганченко. Симферополь: Полипринт, 2019. 167 с.

7. Замараева З.П. Ресурсный потенциал человека при реализации проблемы нуждаемости в социальной защите. Вестник Пермского национального исследовательского политехнического университета. Социально-экономические науки. - 2016. - № 3. - С. 8-14.

8. Кравченко А.И. Общая социология: учеб. пособие для вузов. М., 2001. С. 109.

9. Кукубаева А.Х. Система ценности как результат социализации личности // Вестник университета «Кайнар». 2005. № 3/1. С. 98–102.

10. Леонтьев Д.А. «Ценностные представления в индивидуальном и групповом сознании: виды, детерминанты и изменения во времени». -М.,1993. -452с.

11. Мирза Н.И. Аксиологический аспект и перевоспитание молодежи // Транспортное дело России. 2012. № 65. С. 55–57.

12. Нагоева Л.Х. Ценностные ориентации: понятие и феномен // Новые технологии. 2011. № 4. С. 286–289.

13. Филатова, О.Г. Социология культуры: Конспект лекций. - СПб.: Михайлов, 2000. -46 с.

14. Философский энциклопедический словарь. – М., 1989.

УДК:37.01

# ТАЪСИРИ ТАРБИЯВИИ ЭҶОДИЁТИ ДАҲОНӢ ДАР ҲАЁТИ МАЪНАВИИ ИНСОН

**Назаров Холназар Давлатшоевич** – мудири кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Номзади илмҳои педагогӣ.

# ВОСПИТАТЕЛЬНЫЙ ЭФФЕКТ УСТНОГО ТВОРЧЕСТВА В ДУХОВНОЙ ЖИЗНИ ЧЕЛОВЕКА

**Назаров Холназар Давлатшоевич** – заведующий кафедрой языка и культуры Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Кандидат педагогических наук.

# EDUCATIONAL EFFECT OF ORAL CREATIVITY IN THE SPIRITUAL LIFE OF A PERSON

**Kholnazar Davlatshoevich Nazarov** – Head of the Department of Language and Culture at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Candidate of Pedagogical Sciences.

**E-MAIL:**nazarov-6888@mail.ru.

**Калидвожаҳо:** “Шоҳнома”, “Гӯруғлӣ”, достон, фарҳанг, тарбия, забон, дониш, суннат, педагогика, афсона, инсон, халқ, ахлоқ.

**Аннотатсия:** Дар мақола арзиши тарбиявии эҷодиёти шифоҳӣ ҳамчун фарҳанги суннатии тарбия мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷанбаҳои муҳимми тарбияи халқӣ дида баромада шудаанд. Гуфта мешавад, ки тарбияи халқӣ мероси маънавии гузаштагони моро аз замонҳои қадим дар бар мегирад ва дар баланд бардоштани ҳисси худшиносиву худогоҳии наврасону ҷавонон нақши муассир дорад. Аз ин рӯ, ба ин восита тарбия додани наслҳои имрӯзаву оянда аз аҳамият холӣ нест. Вобаста ба муҳиммияти тарбияи халқӣ далелҳои илмӣ оварда шудаанд. Муаллифон ҳамин нуктаро ба назар гирифта, муҳиммияти тарбияи халқиро дар самти тарбия барои тарбиятгирандагону тарбиядиҳандагон мақсади асосӣ шуморидаанд. Алоқаи мутақобилаи арзиши миллӣ ва инсонӣ дар эҷодиёти шифоҳии халқ дида баромада шудааст. Бо дарназардошти аҳамияти бузурги маънавӣ, эҷодиёти шифоҳии халқро бояд дар мактабҳо мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Чунки он аз чашмаи софу беолоиш фарҳанги маънавии тоҷикон баҳра мегирад.

**Ключевые слова:** Шахнаме, Гуругли, эпос, культура, воспитание, язык, знание, традиция, педагогика,сказка, человек**,** народ, поведение.

**Аннотация:** В статье рассматривается воспитательная ценность традиционного искусства устной культуры, а также важные аспекты воспитания людей. Говорят, что воспитание людей и форме диалога о духовном наследии наших предков с древних времен способствовало повышению чувства самопознания и самосознания подростков и молодежи. Таким образом, образование сегодняшнего и будущих поколений имеет важное значение. Даётся научное подтверждение важности просвещения людей. Принимая это во внимание, авторы поставили перед воспитанником и педагогами задачу народного воспитания. Рассматривается взаимосвязь национальной и человеческой ценности в народном творчестве. Исходя из огромного эстетического, героического, патриотического значения народного творчества, следует его изучать в школах. Народное творчество является тем творением могучего народного гения, от которого, как от полноводного чистого родника, веками питается духовная культура таджиков.

**Key words:** Shahnameh, Gurugli, epic, culture, education, language, knowledge, tradition, pedagogy, fairy tale, person, people, behavior.

**Annotation:** The article discusses the educational value of oral creativity as a traditional culture of upbringing and considers important aspects of public education. It is said that upbringing of the people in the form of a dialogue of the spiritual heritage of our ancestors from ancient times has played a useful role in enhancing the sense of self-consciousness and self-awareness of teenagers and youth. Therefore, it is very important to educate current and future generations through this tool. Scientific evidence is given on the importance of upbringing. Considering this, the authors consider the importance of public education as the primary goal of educators and educators.

Эҷодиёти шифоҳии ҳар як халқу миллат пеш аз адабиёти хаттӣ пайдо шуда, таърихи тӯлонитар дорад ва дар ҳаёти маънавии инсоният нақши муҳими худро гузоштааст. Инсон бошад, аз рӯзи ба дунё омаданаш кӯшидааст, ки дар ташаккул ва рушди ҳаёти маънавии худ дигаргуниҳои нав ба навро рӯйи кор оварад. Аз ин рӯ, осори шифоҳӣ нахустин падидаест, ки пеш аз адабиёти хаттӣ дунёи маънавии инсонро тариқи мусбат дигаргун намудааст. Имрӯзҳо низ, яке аз вазифаҳои муҳими илми педагогика – ин эҳёи маънавии миллат ва дар ин замина барқарор намудани анъанаҳои беҳтарини педагогӣ-ахлоқии он аст. Махсусан, педагогикаи халқӣ яке аз арзишмандтарин ва пуртаъсиртарин соҳаи илми педагогика буда, дар ташаккули сифатҳои неки ахлоқии насли наврас ва ҷавонон мақоми ниҳоят калонро мебозад [1, 32].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як Паём ва суханронии худ ибрози ақида менамояд, ки агар таълиму тарбия дар асоси осори шифоҳӣ сурат гирад, аз манфиат холӣ намемонад. Ва ҳамин тавр, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баргузор намудани озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” номинаи адабиёти муосир дар якҷоягӣ бо адабиёти шифоҳӣ ташкил карда шуд. Яъне, андешаҳои этнопедагогии халқи тоҷик шахсияти ватандӯстро бо ҳисси баланди ифтихори миллӣ ташаккул медиҳад. Дар ин маврид, олими машҳури рус К.Д. Ушинский қайд менамояд, ки “агар тарбия хоҳад, ки оҷиз набошад, бояд халқӣ бошад. Тарбия бояд мағз андар мағз халқӣ бошад” [10, с.78].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир оид ба эҳёи афкори педагогӣ-ахлоқии ниёгон чораҳои зарурӣ андешида шудааст. Аммо дар барқарорсозии низоми миллии таҳсилот истифодаи ин афкори педагогӣ-ахлоқӣ, ки яке аз мақсадҳои асосии он рушди худогоҳии этникӣ мебошад, натиҷаи дилхоҳро надодааст. Ин дар навбати худ дарк кардани мазмун, методу воситаҳои анъанаҳои миллии ахлоқ ва тарбияро аз нуқтаи назари илмӣ мувофиқи воқеияти замони муосир талаб мекунад, зеро «ғояҳои тарбиявии ҳар як халқ ҳуввияти бештари миллӣ доранд» [3, 247].

Афкори педагогӣ-ахлоқӣ мероси арзишноки фарҳанги халқи тоҷик аст, ки ба ошкор сохтани арзишҳои ҷовидонаи умумиинсонӣ ва миллӣ, ки дар тули асрҳо санҷида шудаанд, имкон медиҳад. Афзалияти арзишҳои умумибашарӣ, маҳз он чизест, ки асоси педагогикаи халқи тоҷикро ташкил медиҳад ва дар педагогикаи ҳалқӣ қувваи бузурги мувофиқгардонии муносибатҳои байни миллатҳо муттамарказонида шудааст.

Муҳиммияти эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик дар он аст, ки асоси онро педагогикаи халқӣ ташкил медиҳад ва дар баланд бардоштани ҳисси худшиносию худогохии миллӣ аҳамияти муфид дорад. Эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик, ки дар тули асрҳо таҷрибаи бой ва рангини ҳаёти мардумро дар бар гирифтааст, метавонад ҳамчун сарчашмаи барқароршавии ҳуввияти миллӣ дар тарбияи насли наврас хизмат намояд. Яке аз намунаҳои осори этникии халқи тоҷик, ҳамосаи “Гурғулӣ” ҳаст, ки дар байни мардум хеле васеъ паҳн гардидааст ва воситаи тарбияи ахлоқӣ мебошад. Маҳз, ҳамосаи “Гурғулӣ” он сарчашмаи пурғановати педагогӣ-ахлоқӣ мебошад, ки дар он маълумоти миллии муосир, яъне мақсадҳо, усулҳо, воситаҳои мардумии тарбияи халқӣ ва тарбия намудан дар равияи анъанаҳои халқӣ вуҷуд дорад.

Имрӯз дар шароити Истиқлолияти давлатӣ имкониятҳои зиёде вуҷуд доранд, ки вазъ ва хусусиятҳои афкори педагогӣ-ахлоқии халқӣ, аз ҷумла фолклори тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Ин имкон медиҳад, ки наврасон ва ҷавонон худро дар донистани эҷодиёти шифоҳии миллати хеш, пос нигоҳ доштани он масъулият дошта бошанд.

Дар афкори педагогӣ-ахлоқии халқи тоҷик осори даҳонакии мардум, ки саропо тарбиявист ва мавзуъҳои ватандӯстӣ, инсонпарварӣ, мардонагӣ, хоксорӣ, фурутанӣ, донишандӯзӣ, маърифатпарварӣ ва ҳуввияти миллиро дар бар мегирад, зуҳуроти арзандаи тарбиявидошта мебошанд[3, 47].

Бояд қайд кард, ки достонҳои «Шоҳнома»-и мутафаккири забардаст устод Абулқосим Фирдавсӣ дар шакли ҳамоса суруда шуда, асари педагогӣ ва ахлоқии тоҷик аст, ки дар он қаҳрамонӣ, қиссаву ривоятҳои халқӣ ва панду ахлоқ муҳтавои муҳим ба ҳисоб мераванд ва Фирдавсии бузургвор дар асоси қиссаву ривоятҳо онро дар 60000 байт ба шакли китобат даровардааст.

Ҳамосаи мардумии «Гурғулӣ» низ бо достонҳои «Шоҳнома»-и устод Абулқосим Фирдавсӣ шабоҳати наздик дошта, аҳамияти бузурги педагогӣ-ахлоқӣ дорад, зеро аз ҷиҳати маънавӣ олами ботинии ватандӯстиро қавӣ гардонида, муҳаббат ба ватан ва нафрат ба душманони онро меафзояд. Ҳамосаи «Гурғулӣ» низ мавзуъҳои гуногуни педагогӣ-ахлоқиро дорад, ки дар он тасвири олами ботинии инсон тавассути шеърҳои халқӣ хеле сода ва бо муоширати халқӣ баён гардидааст.

Панду ҳикмат яке аз паҳлуҳои муҳими паҳншудаи педагогӣ-ахлоқии ҳамосаи «Гурғулӣ» аст, ки тибқи талаботи сиёсию иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии замон ҷараёни тарбия ва ахлоқро таҷассум кардааст. Панду ҳикмат, дар ҳамоса дар мавзуи ҳунару меҳнатдӯстӣ ва насиҳатҳои халқӣ буда, ҳаётан бардавом аст. Дар шеърҳои ҳикматомӯзи ҳамосаи «Гурғулӣ» силсилаи панду ҳикматҳое мавҷуданд, ки чун дурдонаҳои устувор дар гуфтор, қавл, ваъда, вафо ва амсоли инҳо сайқал ёфтаанд.

Дар баробари дигар осори шифоҳии мардуми тоҷик ҳамосаи «Гурғулӣ» ҳамчун намунаи беҳтарини эҷодиёти шифоҳии тоҷик, ки дар тули асрҳо таҷрибаи бой ва рангини ҳаёти мардумро дар бар гирифтааст, метавонад ҳамчун сарчашмаи такомули худшиносӣ барои худсозии миллӣ дар тарбияи наврасон ва ҷавонон истифода карда шавад. Яъне, ин асар он шоҳкории тарбиявии ғаниест, ки дар он тарбия дар равияи урфу одатҳои мардумист ва таҳқиқи паҳлуҳои тарбиявии ин ёдгории педагогӣ аҳамияти илмӣ дорад. Меъёрҳо ва принсипҳои баланди маънавӣ ва ахлоқӣ, ғояҳои умумиинсонӣ, аз ҷумлаи – некӣ ва адолат, инсондӯстӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ, ки дар ин асари халқӣ таҷассум ёфтааст, таъсирбахш мебошад[2, 123].

Ҳамосаи «Гурғулӣ» аҳамияти ниҳоят гаронарзиш дорад, зеро дар саҳифаҳои он таърихи

бошукӯҳи мардуми тоҷик дар шакли андарзномаҳо ва насиҳатҳои ахлоқӣ таъкид карда мешавад. Асари бадеии мазкур аз таърихи педагогикаи тоҷик шаҳодат медиҳад, ки дар образҳои бадеӣ талошҳо ва муборизаҳои мардум баҳри нигоҳдории забони модарӣ, таърих, урфу одат, анъанаҳои тарбия таҷассум ёфтааст. Образи қаҳрамонҳои ҳамоса на танҳо хусусиятҳои маънавӣ дорад, балки аҳамияти муҳими тарбиявӣ доранд. Дар образҳои қаҳрамонони асар эҳтироми инсон, шавқи дигаргунсозии ҳаёти инсон, муҳаббат ба фидокории инсон, дар шакли бадеӣ-тарбиявӣ инъикос карда мешавад. Пирӯзӣ дар рушду нумуи иҷтимоии кишвар ин на танҳо роҳи таърихии мардуми тоҷик аст, балки давраест, ки саодат ва эҳтиромро дар ҳаёти иҷтимоӣ тараннум менамояд. Ҳамосаи «Гурғулӣ», ки аз таърихи иҷтимоии як гӯшаи ватан шаҳодат медиҳад, имрӯз ҳам пурҳарорат ва барои тарбия муҳим аст, зеро нуқтаи назари рӯҳбаландиву ҷуръат ва ғайрати муосир мебошад.

Таҳқиқи равишҳои педагогӣ-ахлоқии ҳамосаи «Гурғулӣ» имкон медиҳанд, ки мавқеи фолклори тоҷик дар тарбия, дар партави таърихи қаҳрамонҳои мардумӣ муқаррар карда шавад. Аҳамияти арзандаи ин асари тарбиявӣ-ахлоқии бадеӣ дар дар он аст, ки мавқеи тарбия ва ахлоқро дар марҳалаҳои гуногуни ҳаёти инсон ба ӯ таъмин месозад. Аз ин рӯ, дар замони муосир омӯзиши ҳаматарафаи он дар таълиму тарбия зарур аст. Ин асари бузургҳаҷми назмӣ, хусусиятҳо, равандҳои ғоявӣ ва мардумии тарбияро муайян менамояд. Алалхусус, симои ахлоқии қаҳрамонони асар аз маънавиёт, хусусиятҳои психологӣ ва фарҳангии мардуми тоҷик шаҳодат медиҳад ва дар ҳалли мушкилотҳои тарбияи муосир ва такомули муносибатҳои иҷтимоӣ мавқеи арзанда дорад [4, 26].

Махсусан, тарбия ва ахлоқ, ки асоси эҷодиёти шифоҳии халқ мебошад, дар асарҳои олимони тоҷик Р.Амонов, Л.Бузургзода, М.Лутфуллоев, Қ.Қодиров, Қ.Б.Қодиров, Ф.Муродов, С.Фатҳуллоев, Ҷ.Асрориён, А.Нуров, Р.Дилшод ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст ва аҳамияти он барои педагогикаи муосири тоҷик таъкид гардидааст.

Ҳамин тариқ, дар таҳқиқотҳои олимони зикршуда, ки ба ин мавзуи гаронарзиши тарбияи халқӣ бахшида шудаанд, паҳлуҳои назариявии этнопедагогикаи халқи тоҷик баррасӣ шудааст.

Бояд гуфт, ки мақолу зарбулмасалҳо ҳамчун падидаи забонӣ, ҷанбаи баланди тарбиявӣ доранд, зеро онҳо аз рӯйи қонуни ҳаёт шакл мегиранд. Ин падидаи фикр аст, чунки он мулоҳиза ё хулосабарориро дар бар мегирад ва дар дохили ин падида халқи тоҷик аст, ки шакли одии ахлоқӣ – этикӣ дорад [9, с.118]. Мутаассифона, ин хусусиятҳои пандуахлоқии зарбулмасалҳо зимни омӯзиши эҷодиёти педагогии халқи тоҷик на ҳамеша мавриди баррасӣ қарор мегирад. «Мақсадҳои гуфтор»–ӣ гуногун буда, метавонанд тасвири ҳикоягӣ, саволӣ ва водоркунӣ дошта бошанд. Чистон низ жанри арзишнок ва махсуси эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик аст. Чистон аз рӯйи шакл аз ашё ва формулае, ки аломати ашё (яъне аломатҳои этникӣ ва этикӣ)–ро дар бар мегирад, таркиб меёбад. Ахлоқ дар эҷодиёти шифоҳии халқ бевосита бо он мувофиқат мекунад, ки накукорӣ, хушахлоқӣ ва росткорӣ ном дорад.

Жанрҳои гуногуни эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик ҷанбаи тарбиявӣ, панду андарзҳои ахлоқиро дороянд. Шаклҳои ифодаи мақсади тарбиявӣ гунонгунанд, вале арзиши умумии педагогӣ доранд. Аз ин бармеояд, ки эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик яке аз асоситарин шаклҳои тарбияи ахлоқӣ мебошад.

А. Блок бо ифтихор навиштааст: "…ҳар қадар ки дар ман дарки худ чун як қисми ватан, чун «шаҳрванди ватани худ» бедор мешавад, ҳамон қадар бештар хуни ман ба ҷӯш меояд…" [3, с.21].

Тарбияи инсон ва рушди ҳаматарафаи шахсият дар ҳаёти муосир бо педагогикаи халқӣ узван алоқаманданд.

Ақидаҳои халқии тарбия дар тӯли ҳазорсолаҳо ташаккул ва тасдиқ ёфтаанд, ки асоси педагогикаи халқиро ташкил медиҳанд. Зери ин истилоҳ, одатан маҷмӯи донишҳои андухтаи эмпирикӣ, маълумотҳо, маҳоратҳо, малакаҳо фаҳмида мешавад, ки асосан ба шакли шифоҳӣ аз насл ба насл мегузаранд. Эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик ҳамеша ғояҳои тарбиявиро ҳифзу тарғиб менамуд. Эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик, системаи арзишҳои ҳаётии он, ҷаҳонбинӣ, эътиқодот ва маданият, оину маросимҳо ва инкишофи онҳоро имкон медиҳад. Афкори педагогӣ– ахлоқии халқи тоҷик – ин педагогикаи рушди миллӣ, педагогикаи худтарбияи этикӣ мебошад, ки шахсияти ватандӯстро бо ҳисси баланди ифтихори миллӣ ташаккул медиҳад.

Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мегардад, ки «тарбияи хислати миллӣ аз тарафи ҷавонон азхудкунии анъанаҳои мадании халқи худ, инчунин таъсири воситаҳои асосии педагогикаи халқӣ (панду ҳикмат, андарзҳо ва ғайра)-ро ба идеалҳои ахлоқӣ

дар назар дорад….» [3, с.4].Ҳамин тариқ, афкори педагогии халқи тоҷик дар шакли эҷодиёти шифоҳӣ аниқу равшан ифода меёбад. Дар он меҳнати одамон, таҷрибаи ҳаётӣ, панду насиҳат, мақсаду эътиқодоти ҳаётӣ ба таври воқеӣ инъикос меёбанд. Зарбулмасалу ҳикматҳои халқи тоҷик чун ифодакунандаи ин ё он ғояи тарбиявӣ сайқал дода шудаанд ва вазифаи муайяни тарбиявӣ, мақсадҳои пандомӯзи дидактикӣ доранд. П. Лафарг хело хуб баён кардааст: «Ифодаву зарбулмасалҳо, назар ба калимаҳои алоҳида, он риштаҳоеро, ки забонро бо ҳодисоти ҳаёти атроф алоқаманд месозанд, фаҳмотар нишон медиҳанд» [5, с.12].

Ҳамин тариқ, дар худи сохти мақолу зарбулмасалҳо афоризмҳо мақсаднокии педагогии онҳо намоён аст. Онҳо на танҳо ба азхудкунии ҳақиқат, балки барои қонунҳои нонавиштаи ҳаёт, барои расонидани таъсири бевосита ба тарбия ва ташаккули шахсият равона шудаанд.

Бо мақсади пурзӯр сохтани таъсири тарбиявии мақолҳои мардумӣ, халқи тоҷик кӯшиш ба харҷ додааст, ки эҷодиёти худро бо истифода аз воситаҳои гуногуни образнокӣ ба таври бадеӣ баён намояд.

Бо мақсади таъсиррасонии эмотсионалӣ ба насли ҷавон, халқи тоҷик ба хушоҳангии афоризмҳо диққат дода, бо корбурди муқоиса, муқобилгузорӣ, муболиға, истиора, истеҳзо, киноя ва ҳ. к. аз бойгарии шакли овозӣ оқилона истифода мебаранд.

Халқи тоҷик бо истифода аз эпитетҳои гуногун ғояҳои худро ифода менамояд. Илова бар ин, тавсифҳои баланд корбурд мегардад: «Инсон аз гул нозуку аз санг сахттар аст» ва ё «Тиллоро бо оташ месанҷанду одамро бо меҳнат» ва ҳ.к.

Аз ин нутқаи назар, қайд кардан мумкин аст, ки эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик дар умум хусусияти пандуахлоқӣ дорад ва ба ҳар роҳе, ки бошад таъсири тарбиявии худро дар замири насли наврас ва ҷавон мебозад.

## АДАБИЁТ


1. Амонов Р. «Аз паи ҳикмати халқ» – Душанбе, 1963. – 104с.
2. Асрориён Ҷ. Гӯрғулӣ (Гузориш ва нигориш) – Душанбе, 2010. – 180 с.
3. Блок А. Соч., в 2 томах. Т. 2 / А. Блок. – М.: Госполитиздат, 1955. – 286 с.
4. Гӯрғулӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. -314с.
5. Консепсияи миллии тарбия 03.03.2006. № 94 ш. –Душанбе, – 4 с.
6. Лафарг П. Язык и революция / П. Лафарг. – М., 1930. – 26 с.;
7. Лутфуллоев М. Осор: Инсон ва тарбия, – Душанбе: Собириён, 2013., – 462 с.
8. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи аҷам / М. Лутфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 262 с.
9. Раҳимов Баён. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик. -2008.- 224с.
10. Ушинский К.Д. Педагогические сочинения в 6 т. Т. 5 / К.Д. Ушинский. – М., 1988. – 151 с.

**УДК:37.01**

# ТАРБИЯИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ ДАР ОИЛАҲОИ ТОҶИК

**Тошева Моҳира Атовуллоевна** — муаллими калони кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Точикистон дар шаҳри Панҷакент.

# ВОСПИТАНИЕ НРАВСТВЕННЫХ ЦЕННОСТЕЙ В ТАДЖИКСКИХ СЕМЬЯХ

**Тошева Мохира Атовуллоевна** - старший преподаватель кафедры педагогики и психологии таджикского педагогического института в городе Пенджикент.

# EDUCATION OF MORAL VALUES IN TAJIK FAMILIES

**Tosheva Mohira Atovulloevna** - senior lecturer at the Department of Pedagogy and Psychology at the Tajik Pedagogical Institute in the city of Penjikent.

**E-MAIL:** toshevamohira@gmail.com Phone: +992926130031

**Калидвожаҳо:** инсон, халқ, ахлоқ, дониш, ҷамъият

**Аннотатсия:** Масъалаи тарбияи ахлоқии кӯдакон дар оилаи тоҷик яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ-педагогии замони ҳозираро дар бар мегирад. Оиди ин масъала дар педагогика ва психологияи иҷтимоӣ бисёр таҳқиқотҳо гузаронида шудааст. Ҳоло зарур аст, ки ин масъала дар асоси псринсипи инсондӯстиву инсонгароӣ ба роҳ монда шавад. Аҳамияти иҷтимоии тарбияи оилавӣ аз он иборат аст, ки ҷои онро ҳеҷ вақт тарбияи ҷамъиятӣ гирифта наметавонад. Фаъолнокӣ ва ҷаҳонбинии кӯдак нахуст дар оила шакл мегирад.

**Ключевые слова:** человек, нация, этика, знание, общество

**Аннотация:** Проблема нравственного воспитания детей в таджикской семье включает в себя один из важных социально-педагогических вопросов современности. По этому вопросу было проведено много исследований в области педагогики и социальной психологии. Сейчас необходимо установить этот вопрос на основе псринсипа гуманизма и гуманизма.Социальная значимость семейного воспитания состоит в том, что его место никогда не может занять общественное воспитание. Активизм и мировоззрение ребенка формируются в первую очередь в семье.

**Key words:** human, nation, ethics, knowledge, society

**Annotation:** The problem of moral education of children in a Tajik family includes one of the important socio-pedagogical issues of our time. A lot of research has been done on this issue in the field of pedagogy and social psychology. Now it is necessary to establish this issue on the basis of the principle of humanism and humanism.The social significance of family education lies in the fact that social education can never take its place. Activism and a child's worldview are formed primarily in the family.

Масъалаи тарбияи ахлоқии кӯдакон дар оилаи тоҷик яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ-педагогии замони ҳозираро дар бар мегирад. Оиди ин масъала дар педагогика ва психологияи иҷтимоӣ бисёр таҳқиқотҳо гузаронида шудааст. Ҳоло зарур аст, ки ин масъала дар асоси пспринсипи инсондӯстиву инсонгароӣ ба роҳ монда шавад.

Аҳамияти иҷтимоии тарбияи оилавӣ аз он иборат аст, ки ҷои онро ҳеҷ вақт тарбияи ҷамъиятӣ гирифта наметавонад. Фаъолнокӣ ва ҷаҳонбинии кӯдак нахуст дар оила шакл мегирад.

Хело бомаврид аст, ки 2-юми августи соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд"[1] қабул карда шуд. Қабул намудани қонуни мазкур боис гардид, ки ҷавобгариро нисбати кӯдакон, тарбияи онҳо дар рӯҳияи инсондӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумиинсонӣ ва маданӣ бештар гардид.

Маданияти волидайн асоси кори тарбиявӣ мебошад, инчунин дараҷаи маълумотнокӣ, нақшаҳои ҳаётии онҳо, таҷрибаи муносибати иҷтимоӣ дар ташаккули тарбияи ҷисмонӣ ва тарбияи ахлоқӣ, инкишофи организми наврас, аҳамияти махсус дорад.

Бояд қайд кард, ки аксарияти волидайн мақсад ва вазифаи худро дар кори тарбия хуб дарк мекунанд, лекин дар баробари ин падару модароне низ ҳастанд, ки вазифаи ҷонии худро дуруст иҷро намекунанд, нисбати тарбия ва тақдири фарзандон бепарво ҳастанд.

Чунин падару модарон дар тарбияи дурусти фарзанд ба кӯмаки мактабу муаллим ниёз доранд. Душворӣ дар кори тарбия дар он аст, ки ҳар як оила хусусиятҳои ба худ хос, дунёи нотакрори шахсии худро доранд ва дохил шудан ба ин дунёи оилавӣ одоби махсуси педагогӣ, муносибати нозуки психологӣ ва маҳорати касбиро талаб мекунад.

Кӯдакони мо меросбарони датовардҳои мо, меваи умри мо мебошанд. Шакли муҳими инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон ин оилаи пурра ва солим аст. Танҳо дар оилаи солим кӯдак устуворӣ ва таҳаммулпазириро меомӯзад.

Мураббӣ аз муносибати байниҳамӣ дар оилаи кӯдак бохабар бошад, то ки дар ислоҳу бартараф намудани камбудию мушкилиҳо ба онҳо кӯмак расонида тавонад.

Маҳз оила барои кӯдак такягоҳи ахлоқӣ мебошад. Ҳамзамон кӯдакон дар оила таҷрибаҳоеро азхуд мекунанд, ки дар ҳаёти ояндаи онҳо арзишҳои волои ахлоқии онҳо гардида ба онҳо барои зиндагӣ кардан мусоидат мекунад.

Муҳимияти ин масъала хеле воқеӣ буда, дар он мақсаднокии тарбия, ба воя расонидани фарзанд аз ҷони падару модар, ба зиндагии мустақилона бо арзишҳои ахлоқӣ роҳнамоӣ намудани онҳо, ҳал намудани вазифаҳои оилавӣ дар назди ҷомеа, таҳлилу таҳқиқи одобу анъанаҳои миллӣ дар тарбияи ахлоқии фарзандон, ташаккули ягонагии эътиқоди ахлоқӣ ва рафторҳои ахлоқӣ дар тарзи рафтори тарбиягирандагон мебошад.

Кори тарбия хеле нозук ва душвор мебошад. Нозукии ин мавзӯи епедагогӣ дар он мебошад, ки тарбия аз рӯзи ба дунё омадани кӯдак оғоз мегардад, душвории кори тарбия дар он мебошад, ки натиҷаи он дер аён мешавад, яъне тарбия барномаи муайян, чун кори таълим надорад.

Сарчашмаи асосии тарбия ин оила мебошад. Ба наврасону ҷавонон талқин намудани анъанаи миллӣ, эҳтироми гуфтаҳои калонсолон, панду насиҳати бузургон, падару модар ва омӯзгорон ҳамеша ва мунтазам лозим аст.

Вақтҳои охир байни наврасону ҷавонон ин нофаҳми хеле зиёд дида мешавад, ки ба кори тарбия монеаҳо ба вуҷуд меоварад. Барои он тоза нигоҳ доштани маданияти ахлоқӣ, барои ҳимоя намудани он аз камбуди ва нуқсонҳо кӯшиши зиёд бояд кард. Волидайне, ки ба тарбияи нахли умри худ беэътибори мекунанд маҳсули бадахлоқӣ, бадрафторӣ, бераҳмӣ, худбинӣ ва маҳрум мондан аз арзишҳои ахлоқиро дар фарзандон пеш аз ҳама худашон мебинанд.

Чун бадахлоқиро кӯдак пеш аз ҳама дар оила дар назди падару модари худ иҷро

мекунанд. Мутаасифона оилаҳое ҳастанд, км ба ин камбудиҳои фарзандон чашм мепӯшанд ва ин боис мегардад, ки насли наврас аз арзишҳои волои ахлоқӣ бенасиб мемонанд.

Оила мкҳимтарин воситаи тарбияи шоистаи насли наврас буда, фарзандонро ба ҳаёт тайёр мекунанд. Оила бояд дар доираи кору бори хона ташкили оқилонаи ҳаёти кӯдакро таъмин созад, ёрӣ расонад, ки кӯдак таҷрибаи мусбат ва меҳнати калонсолонро азхуд карда, дар фаъолият, одатҳои анъанавӣ, муносибатҳои оилавӣ ба таҷрибаҳои фардӣ мушарраф гардад.

Кӯдакон аз рӯи марому мақсади худ пеш аз ҳама, хислатҳои падару модарашонро такрор мекунанд. Ахлоқу одоб ва рафтори шоистаю ҳамидаи калонсолон ба рушди арзишҳои ахлоқии кӯдакон ёрӣ мерасонад. Оила муҳимтарин манбаи ҳиссиёт, баҳодиҳӣ ва муҳокимаҳои амиқу нозукӣ маънавию эстетикӣ мебошад, ки дар асоси он муносибатҳои хуби инсонӣ ташаккул меёбад: муҳаббат, дӯстӣ, ҳамкорӣ, ҳурмат кардани калонсолон, ҳурмати байниҳамдигарии фарзандон, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ки ҳамаи ин арзишҳои баланди ахлоқӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, дар ҳар оила бояд фазои эҳтиром ба ҳамдигар, таваҷҷуҳ ба одоби ҳамида, иштиёқ ба китобу дониш ҳукмфармо бошад.

Бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи тарбияи фарзанд” ба тасвиб расид.[1]

Барои волидон зарур аст бидонанд, ки дар тарбияи фарзандон ба кадом арзишҳои ахлоқӣ такя кунанд.

Мутаасифона дар замони муосир дар аксари кишварҳо бӯҳрони раванди таълим ва тарбия баръало эҳсос мешавад. Яке аз роҳҳои ҳалли ин муаммо дарк карда тавонистани таҷрибаи таърихии тарбия мебошад, ки дар асоси фарҳанги анъанавӣ вуҷуд дорад. Барои устувории оила ба модели фарҳангие, ки оиларо аз вайроншавӣ нигоҳ медорад бояд такя намоем.

Арзиш мафҳуми фалсафӣ, адабӣ ва педагогӣ буда, ба маънои баҳо, қиммат, қадр меояд. Арзишҳо аз рӯи аҳамият ва миқёс ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

а) арзишҳои миллӣ;

б) арзишҳои умумибашарӣ.

Арзишҳои миллӣ хоси халқҳо ва миллатҳои алоҳидаанд, ки дар тарзи зиндагӣ, анъана, расму оин ва муносибатҳои онҳо нисбат ба воқеият ифода меёбад.

Арзишҳои умумибашарӣ ба тамоми башарият тааллуқ дорад ва хазинаи бузурге мебошад, ки худи миллатҳо ҷамъ овардаанд.

Мо мардуми тоҷик фахр дорем аз он, ки дар хазинаи бузурги арзишҳои умумибашарӣ ҷои муайяни худро дорем. Миллати куҳанбунёди тоҷик ба ин гулдастаи умумӣ як гули бисёр пурҷило ва ба ҳаври ҳамеша тару тоза ҳамроҳ кардаас. Халқи тоҷик меҳр ба замин, меҳнатдӯстӣ, муносибати оиладорӣ, донишдӯстиву илмомӯзӣ, ҳурмату эҳтиром, зебоиписандӣ, хоксорию фурӯтанӣ, дастархони боз, меҳмоннавозию меҳмондӯстӣ, инсондӯстию инсонгароӣ барин арзишҳои волои ахлоқиро доро мебошад, ки ин арзишҳо аз насл ба насл мегузарад.

Педагоги барҷаста А. С. Макаренко ба падару модарон муроҷиат карда, гуфта буд “Гумон набаред, ки Шумо танҳо ҳангоми бо бача гап задан, насиҳат кардан ё фармоиш додан ӯро тарбия мекарда бошед. Шумо ӯро дар ҳар лаҳзаи ҳаётатон, ҳатто вақте, ки дар хона нестед, тарбия хоҳед кард... Тарзи либоспӯшии шумо, оҳанги гапзании шумо, шодию ғами шумо, сухан кардан, китобу рӯзномахонии шумо барои кӯдак аҳамияти калон дорад. Кӯдак хурдтарин тағиротро, оҳанги муносибатро ҳис мекунад, тамоми паҳлуҳои фикри шумо бо роҳҳои ноаён ба кӯдак маълум мешавад ва шумо инро дарк намекунед”.

Дар ҳақиқат то ки наврасон далер, ростгӯ, бовиҷдон ба камол расанд волидайн бояд худаш дорои чунин хислатҳо бошад. Агар аъзоёни оила волидайн дорои арзишҳои ахлоқӣ набошанд, дар тарбия ба натиҷаи дилхоҳ муваффақнахоҳанд шуд. Агар шахси калонсоли оила дӯсти ғамхору хайрхоҳ бошад ахлоқи ӯ наврасро ба рафтори неку шоиста ҳидоят мекунад. Муносибаити бетафовути падару модар хунукназаронаю назарбаландона рафтор намудан онҳоро аз калонсолон дур меозад.

Волидайн бо ибрати шахсии худ муносибати саими байни ҳамдигари борварии волидон ба ҳамдигар, дар вақтҳои холигӣ ба хонадин рӯзномаю маҷалла китобхоӣ машғул шудан ҷараёни ташаккули арзишҳои ахалоқиро мусоидат менамояд. Хусусан мутолиаи китоб ба инсон ба фарзанд маншаи дигар эътимоду эътиқоди мустаҳкам мебахшад.

Мир Саидалии Ҳамадонӣ дар масъалаи тарбияи арзишҳои волои ахлоқӣ чунин менависад: “Фарзандонро аз хурди ҳусни ахлоқ таълим кунанд ва аз зинати дуунё нафиребанд. Чун тифлро аз аввал ба ин тартиб тарбия кунанд вақте ба қади балоғат расид баракати он бо зоҳиру ботини онзоҳир кунад.

Педагоги машҳур В.А. Сухомлинский меҳру муҳаббатро асоси муносибати волидон ва кӯдак дониста гуфтааст:”танҳо навозиш қувваи маънавии мӯъҷизаофар буда қодир аст дили одамиро аз дуруштию бадхашмӣ, бераҳмию бепарвои ва фориғболӣ эмин дорад” (00) Ҳикочте ҳаст, ки назди Сино маруд зане бо тифли ҳафтрӯзаи хеш меоянд ва аз ӯ суол мекунанд. “Мо ба тарабияи тифли хеш кай оғоз кунем?

Шайхурраис мепурсад:-

-Тифл чанд рӯза аст?

-Ҳафтрӯза

-Шумо дар тарбияи тифли хеш аллакай дер кардед.

Инкишофи ҳисси ахлоқии кӯдак ба нақши модар дар оила вобаста аст. Модар дар оила муҳити пур аз меҳру муҳаббат фароҳам овардааст ва тарбиятгари асоси кӯдакк ба ҳисоб меравад. Модар ба фарзанди худ пос доштани фарҳангу суннати гузаштагон, рафтору кирдор дар ҷомеа, эҳтиром ба калонсолон , аҳли хонавода муносибат бо дӯстону рафиқон, одоби муошират ва ғайрарро ёд мегирад.

